ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ
ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 315.332.21(473)
ТКБ: 65.05
С-89

Бо ҳуқуқи дастнавис

СУБҲОНЗОДА ИКРОМ СУБҲОН

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ИҚТИСОДИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Мушовири илмӣ:
д.и.и., профессор, узви вобастаи АМИТ
Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ..... 4

МУҚАДДИМА..... 5

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР НИЗОМИ БОЗОРИИ ХОҶАГИДОРӢ..... 24

1.1. Соҳибкорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми муносибатҳои бозорӣ..... **24**

1.2. Таснифоти намудҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир..... **46**

1.3. Равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... **74**

БОБИ 2. СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ҲАМЧУН «ҚУТБҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШД»-И ИҚТИСОДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..... 95

2.1. Асосҳои назариявии паст кардани сатҳи рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ..... **95**

2.2. Методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ..... **111**

2.3. Афзалиятҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... **125**

БОБИ 3. АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ АФЗАЛИЯТНОКИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР СОҲАИ САНОАТ..... 145

3.1. Таҳлили рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноати кишвар дар доираи саноатикунонии босуръат..... **145**

3.2. Афзалиятҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... **172**

3.3. Афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи сиёсати ҳамгироии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда (дар мисоли саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)..... **184**

БОБИ 4. ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА МУШКИЛОТИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..... 204

4.1. Махсусиятҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ..... **204**

4.2. Дигаргунсозиҳои бозории муносибатҳои аграрӣ – омили рушди соҳибкорӣ дар КАС- и Тоҷикистон..... **228**

БОБИ 5. АФЗАЛИЯТҲОИ СТРАТЕГИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 251

5.1. Кластеризатсия ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ..... **251**

5.2. Рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ..... **266**

5.3. Сармоягузорӣ ба иқтисоди «сабз» ҳамчун афзалияти стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... **282**

ХУЛОСА..... 295

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо..... 303

РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА..... 310

Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ..... 344

Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

АИСК – Арзиши иловашудаи саноати коркард

АМИТ - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
АМХДФ - Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ
Б.ф - банди фоизӣ

ВМКБ - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил
ИМА - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
ИС - Иқтисоди сабз
КАС - Комплекси агросаноат
ММД - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
МММ - Маҷмуи маҳсулоти миллӣ
МН МО ҶТ - Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
МОИ - Минтақаи озоди иқтисодӣ
МОТ - Минтақаи озоди тиҷоратӣ
НТҶ - Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ
СИ - Соҳибкории инфиродӣ
СМР - Стратегияи миллии рушд
СҲИР - Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд
ХМК - Хоҷагиҳои манзилию коммуналӣ
ХШЁ - Хоҷагиҳои шахсии ёрирасон
ҲҶТ - Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҲГҲСБР - Ҳамкориҳои глобалӣ оид ба ҳамкории самарабахш барои рушд
ҶДММ - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд
ҶДММ КМ - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд дар шакли корхонаи муштарак
ҶСК - Ҷамъияти саҳомии кушода
ҶСП - Ҷамъияти саҳомии пӯшида
ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон
ММ – Муассисаҳои миллӣ

МТТ – Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти комил ва муҳаё сохтани имкониятҳои нави рушд дар заминаи иқтидорҳои дохилӣ ва додани имтиёз ба сохторҳои воқеии иқтисодӣ, зарурияти гузаронидани ислоҳотро дар бахши соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ, ки он ҳамчун механизми рушд маҳсуб меёбад, ба миён овард. Ин боиси рушди шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, афзудани ҳиссаи бахши хусусӣ ҳамчун пояи муносибатҳои бозорӣ ва нақши он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат гардид.

Пайгирии доимии тамоюлҳои ба рушд нигаронидашуда тавассути иқтидори бахши соҳибкории истеҳсолии кишвар ҳамчун ҳадафи олӣ ба таври доимӣ дар маркази диққати Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, дастгирии онро асоси пешрафт меҳисобид ва онро имрӯз низ идома дода истодааст. Ҳамчунин, гуфтан мумкин аст, ки ин иқдоми роҳбари давлат як даҳа пеш мавриди назар қарор гирифта буд, ки он вақт дар Паёми худ роҳбари давлат чунин иброз дошта буданд, ки «...хусусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад» [41].

Тавре, ки аз таҳлилҳо бармеояд, суръати рушди ин масъала доимӣ буда, тибқи нишондиҳандаҳои мавҷуда тӯли 15 соли охир шумораи субъектҳои соҳибкории шаклҳои гуногундошта дар кишвар ба ҳисоби миёна ду баробар афзоиш ёфта, шумораи мутлақи онҳо аз 186534 адад дар соли 2010 то ба 340315 адад дар соли 2024 баробар гардидааст, ки нишондиҳандаи мазкур сабаб ва омили дастгирии соҳаи мазкур дар Тоҷикистони пешрафта мебошад.

Дар ин замина гуфтан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои асосии чунин тамоил, албатта, дастгирии молиявию сохтории ин бахш мебошад, ки тибқи маълумоти мавҷуда соли 2024 ҳаҷми умумии қарзҳои ба иқтисоди миллӣ додашуда аз ҳамаи сарчашмаҳо 24,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки аз ин ҳисса 7,6 млрд. сомонии он ё 31,1 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба бахши соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки таваҷҷӯҳ дар самти маблағгузорӣ ба ин бахши муҳими иқтисодӣ мебошад.

Ҳамчунин, дар ин замина роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар қайд карданд, ки: «...Ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти саноатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Тақвияти корҳо доир ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва рушди иқтидори истеҳсолии кишвар, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногуннавъии истеҳсолоти саноатӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард, афзоиш додани арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ дар асоси рушди маҷмааҳои соҳавӣ зарур мебошад» [42].

Илова бар ин «...қайд кардан бамаврид аст, ки дар давраи солҳои 1995-2024 ҳиссаи бахши хусусӣ дар саноат аз 3,3 фоиз то 44,7 фоиз, дар кишоварзӣ аз 22,4 фоиз то 90,2 фоиз, дар нақлиёт аз 10,6 фоиз то 55,7 фоиз, дар хизматрасонӣ аз 6,7 фоиз то 75,4 фоизро ташкил додааст. Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат (ММД) дар ин давра аз 11,3 млрд. сомонӣ то беш аз 153,4 млрд. сомонӣ, яъне 13,5 маротиба афзуда, суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд. Дар раванди ташаккули ММД-и кишвар саҳми соҳибкорӣ ба ҳисоби миёна 61,7 фоизро ташкил медиҳад. Агар дар соли 2013 даромади бахши хусусии соҳибкорӣ аз фурӯши маҳсулот зиёда аз 22 миллиард сомониро ташкил

дода бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда беш аз 80 миллиард сомониро ташкил додааст» [8].

Вобаста ба заруриятҳои умумииқтисодӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодёти Тоҷикистон ва дигар самтҳои имконпазир, пеш аз ҳама дар самти аз нав кор карда баровардани маҳсулот, истеҳсоли молҳои содиротӣ ва ивазкунандаи воридот ба талаботи кунунӣ пурра ҷавобгӯй нест. Зарурати дигаргун сохтани таносуби содирот ва воридоти молҳои истеъмолӣ, ҳарчи бештар афзоиш додани истеҳсолоти молҳои содиротиву молҳои воридотивазкунанда ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат тақозо менамояд, ки масъалаи ба таври афзалиятнок инкишоф додани соҳибкории истеҳсолӣ дар мадди аввал гузошта шавад.

Дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ вобаста ба имконияту иқтидори бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар тағйир додани вазъи мусбати иқтисодиёти мамлакат мушаххас кардани механизмҳои воқеан таъсиррасони институтсионалӣ зарур аст, ки таҳқиқоти илмӣ оид ба вазъи соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои мухталифи саноати истихроҷ ва коркард ва комплекси агросаноатӣ бо назардошти муайянкунии самтҳои рушди он гузаронида шаванд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар адабиёти муосири иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ таҳлили самаранокии шаклҳои мушаххаси ташкилию ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ ва вазъи инкишофи онҳо дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, усулҳои таҳияи стратегия ва тактикаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳо ва ноҳияҳои гуногуни мамлакат бо назардошти хусусиятҳои хоси онҳо ва мавқеи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар танзим ва дастгирии ин раванди фаъолияти иқтисодӣ ҳануз ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд.

Дар баррасӣ ва арзёбии амиқи масъала ва мушаххасоти зарурияти он ҳамчун муҳаррики асосии пешбарандаи иқтисодӣ, мо ба таҳқиқи назариёти мактабҳои бузурги иқтисодӣ: намояндагони назарияи

классикии иқтисодӣ, марксизм, назарияи иқтисодии неоклассикӣ, кейсианӣ, институтсионализм ва мактаби иқтисодии австриягӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар баррасии илмии худ методологияи баҳодиҳии онҳоро ҳамчун замина мавриди таваҷҷӯҳ қарор додем.

Намояндагони назарияи муосири рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла, соҳибкории истеҳсолӣ, институт (ниҳод)-и мазкури хоҷагии бозорро тавассути призмаи ҷаҳонишавӣ ва пешрафти технологӣ баррасӣ намуда, онро омили асосии рушди иқтисодиёти муосир мешуморанд.

Ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ корҳои илмию таҳқиқотии иқтисодчиёни зерини ватанӣ: Аминов И. [68, 69, 67175], Абдуллоев З. [73], Абдусамадов С. [74], Акобиров. Ш. [64], Азимов Я.Н. [62], Амиров Н.И. [159], Бойназарова М.М. [161], Пиризода Ҷ.С. [126], Аминҷанова М.М. [66], Аминов Х.И. [77], Аминов Р.Ҷ. [70, 71, 158], Аслонов С.М. [72, 73, 74182], Ашуров К.Р. [129, 105], Баҳодурова С.А. [76184, 2960], Забиров Н.Х. [84, 96], Игамназаров Н.И. [87, 86], Қобилов Д.М. [162], Қодиров Ф.А. [95, 96, 97], Лолаев З.Х. [2215, 106, 107], Мирзобеков Х.Д. [111, 63], Муқаддасзода Ф.М. [113], Эгамқулов М.М. [145, 146], Наҷмиддинов А.М. [110], Толибов К.К. [163, 124, 135, 131, 132], Ҳусеинов У.С. [138, 139], Қодирова М.Д. [214, 100, 98], Ғаниев Т.Б. [191], Ғафуров Х.Г. [79], Қурбонов А.К. [102, 101, 104], Мадаминов А.А. [110, 111], Бобокалонов Ғ.М., Мирзоев П.З., Мирбобоева Р.В., Ризоева С.К., Кабутов Э.Д., Боев М.Ф., Мавлоназаров О.А. [46], Усманов Х.М. [62], Юсупов А.К. [74] ва дигарон равона карда шудааст.

Ба таҳқиқи ҷанбаҳои алоҳидаи рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла, соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мутобиқгардонии соҳибкории истеҳсолӣ ба шароити хоси кишвар академикҳо Раҳимов Р.К. [245, 135], Қаюмов Н.К. [90, 91, 92], Назаров Т.Н. [118, 119], инчунин, олимони иқтисоддон, ба монанди Саидмуродзода Л.Ҳ. [140, 2487, 128], Раҳимзода Ҳ.Р. (Исайнов Ҳ.Р.) [88], Комилов С.Ҷ. [96, 99, 100, 102], Забиров Н.Х. [84], Муминова Ф.М. [232],

Солеҳзода А.А. [252], Довгялло Я.П. [207], Раҳимов М.А. [171], Бойназарова М.М. [297], Ҳакимов А.Ҳ. [262, 263, 302], Ҳусейнов У.С. [26538, 139, 303], Шамсиев К.Б. [267, 268, 304], Имомёрбеков Ф.М. [252], Мадаминов А.А. [111], Маликов М.Н. [226], Маҳкамов Б.Б. [112], Пирова М.А. [240, 241, 242], Музаффаров С. [242], Нурмаҳмадов Н. [102], Одинаев А.И. [118, 119, 238], Мақсудов Д.А. [119], Шоҳназари Х.Г. [270, 269, 271], Ҷайлоев З.М. [81, 82, 83], Файзулло М.Қ. [147], Рауфӣ А. [133, 134], Раҳимбердӣ Ф. [136], Фақеров Ҳ.Н. [261], Ҳабибов С.Х. [149], Эшов Д.К. [149], Ашуров И.С. [183], Каримова М.Т. [204], Қодирзода Д.Б. [209], Обидов Ф.С. [233, 116, 117], Умаров Х.У. [256], Шамсиев К.Б. [267] ва дигарон машғул буданд.

Ҳамзамон, бояд эътироф намуд, ки ташаккул ва рушди назарияи соҳибкорӣ ба туфайли таҳқиқоти олимони маъруфи ҷаҳонӣ дар садаи ХХ, ба мисли Шумпетер Й. [54] ва Самуэлсон П. [143], Долан Э.Ҷ. [89], Портер М. [128], Хайек Ф. [150], Ҳопкин А. [282], Минсберг Г. [165], Карлоф Б. [96], Линсей Д.Е. [285, 284] муяссар гардидааст. Дар баробари онҳо, олимони муосир, аз қабили Касл Э. [57], Барри П.Ҷ. [158], Бекер М. [276, 277], Ҳопкин Ҷ.А. [283], Ҳиппэл Э. [151], Андерсон Б. [147], Эплин Р. [275], Нелсон А. [157], Бердин М.Ю. [77], Бердин А.Э. [77], Усков В.С. [260], Иванова В.О. [199], Левшин О.Н. [106, 107, 219, 2204], Подобай Н.В. [127], Тимошенко Н.А. [127], Ковалева С.В. [208], Степанов С.А. [93], Митюхин В.С. [229], Бузулутская М.В. [229], Голованов К.В. [193], Мишаков В.Ю. [193], Филатов В.В. [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**], Ковалева С.В. [93] ва дигарон дар рушди ин назария саҳми назаррас гузоштаанд.

Вобаста ба баррасӣ ва омӯзиши асарҳои олимони дохилию хориҷӣ чунин ба назар мерасад, ки то ҳол дар бахши соҳибкории истеҳсолӣ, вобаста ба талабот ва тамоюлҳои замони муосир ва дигар тағйирёбандагиҳои институтсионалӣ ин масъала дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва пешниҳод нашудааст. Имрӯзҳо рушди соҳибкории истеҳсолӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо набудани коркардҳои иловагии комплексии илмӣ дар ин соҳа, донишҳои ба пуррагӣ мукаммали бо дарназардошти қонуниятҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, тамоюлҳои технологӣ ва афзалиятҳои рушди кишвар, ба пуррагӣ амалӣ нашуда, коркардҳои иловагиро талаб мекунад.

Бинобар ин, зарурияти тақвияти рушди шаклҳои соҳибкории истеҳлолӣ аз нуқтаи назари имкониятҳои минтақавӣ вобаста ба шароитҳои онҳо дар Тоҷистони муосир барои суботи ҷомеа ва зиндагии шоисати аҳолӣ муҳим ва зарурӣ мебошад.

Омӯзиш ва таҳқиқи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки самаранокии он таъмин ва иқлими мусоид дар манотиқи кишвар барои рушд ва сармоягузории он фароҳам оварда шавад. Чунки танҳо дар асоси рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ мо метавонем рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллиро ба роҳ монем. Таваҷҷӯҳ ба бахши соҳибкории истеҳсолӣ ва ба таври доимӣ дар сатҳи институтсионалӣ дастгирии пайвастаи он яке аз механизмҳои калидие мебошад, ки дар заминаи он аз як тараф рушди устувор таъмин мегардад ва аз тарафи дигар сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ ва шуғли пурмаҳсул ба таври баробар таъмин мегардад.

Ҳамаи нуқтаҳои зикршуда интихоби мавзуи кори илмиро муайян намуда, ҳадафи таҳқиқоти он гардиданд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мақсаду вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ба муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Нақшаи миллии чорабиниҳо бахшида ба солҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025, Барномаҳои миёнамӯҳлати рушди

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва солҳои 2021-2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020, Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи саноат барои солҳои 2021-2023, Қарори ҲҶТ “Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” такя менамояд.

Рисолаи илмӣ ба самти корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон “Ташаккули механизми молиявӣ ва иқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” ва кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисодии минтақаҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нигаронида шуда, самтҳои алоҳидаи он дар ҷаласаҳои Шурои олимони донишгоҳ ва факулта, симпозиум ва конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ муҳокима гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина нишон додани нақши он дар татбиқи ҳадафи чоруми миллии рушди кишвар – саноатикунонии босуръат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади дар боло зикршуда зарурати ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба соҳибкории истеҳсолиро таъмин намуд:

- аз нуқтаи назари ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ ба таври оммафаҳм бо роҳи коркарди маводҳои таҳқиқшуда асоснок намудани зарурият ва мавқеи ҳаматарафаи соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди доимии иқтисодиёти миллӣ бо дарназардошти таҳияи консепсияи амиқ санҷидашудаи муаллифӣ;

- вобаста ба мавқеияти ҷорӣ, тибқи амалкардҳо ва мавҷудияти имкониятҳои ҷорӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ дар самти дастгирии бахши соҳибкории истеҳсолӣ, мутобиқгардонии рафтори девиантии субъектҳо дар мушаххасоти манфӣ ва мусбии амали он, коркарду дарёфти роҳҳои мукаммалгардонии назарияи мазкур;

- асоснок ва пешниҳод кардани методикаи таҳияи низоми афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ;

- муайян намудани манфиатҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои имконпазири татбиқи онҳо;

- вобаста ба имконият ва меъёрҳои ҷоринамудаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд дар самти арзёбиҳои технологии корхонаҳои саноати коркард ва бо ёрии он тақвияти мунтазами дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ошкор кардани моҳият, таснифоти намуд, шакл ва вижагиҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисоди миллӣ;

- нишон додани ҳамвобастагии татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръат (ҳадафи чоруми миллӣ) ва тавсеаю густариши соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар;

- асоснок кардани самтҳои такмили ҳуҷҷатҳои барномавии рушди соҳаи саноати кишвар дар заминаи баланд бардоштани нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот шаклҳои мавҷуда ва ташкили дигар шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст.

Мавзуи таҳқиқот хусусияти муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро дар шароити муосир инъикос мекунанд.

Фарзияи таҳқиқот ҳамчун меъёри калидӣ ва инъикоскунандаи натиҷаҳои интизорӣ ба он асос меёбад, ки тибқи натиҷаҳо ва таҳлилҳои назариявию амалии дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкориро дар бар мегирад. Аммо, равишҳои анъанавӣ ба асоснок кардани ҳадафҳои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир наметавонанд масъалаҳои рафтори девиантии субъектҳои соҳибкориро дар шароити иқтисоди бозорӣ ошкор кунанд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти илмӣ ба ҳалли масъалаҳои зерини ба ҳам алоқаманд равона карда шудааст: асоснок ва пешниҳод кардани методикаи таҳияи низоми афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ; ошкор кардани хусусиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ ва дар ниҳоят, гузаронидани таҳлил ва арзёбии сатҳи технологии корхонаҳое, ки фаъолияти истеҳсолии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд; таҳия ва асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти амалии ҳадафи чоруми миллии рушд - саноатикунонии босуръат муқаррар гардидаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Ҷанбаҳои таҳқиқи равишҳои илман асоснокшудаи таҳқиқоти илмиро асарҳои гуногунмазмуни олимону коршиносони дохилию хориҷӣ дар самти дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳамчунин дастгирии доимии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, ки мушаххасоти қисми зиёди ин натиҷаҳоро дар шакли фишурда маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ ташкил медиҳад. Ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ, медодологӣ ва дигар равишҳои таҳқиқоти илмӣ бевосита ба равандҳои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шакл ва сохторҳои гуногун акс ёфтааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот ба принсипҳо ва консепсияҳои илмии рушди соҳибкории истеҳсолӣ такя менамояд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои таҳияшуда маҷмуи равишҳои методологӣ, аз ҷумла таҳлили ҳамаҷониба барои омӯзиши мушкилот, арзёбӣ вобаста ба нишондиҳандаҳо, хулосаҳои омилӣ, асосҳои баҳодиҳии сохторӣ, таҳлили муқоисавӣ баҳри муқоисаи маълумот ва равишҳои гуногун, таҳлили функсионалӣ, инчунин, усулҳои таҳлил ва синтез барои декомпозитсия ва ҷамъбасти иттилоот ва усулҳои индуксия ва дедуксия барои ташаккули хулосаҳо дар асоси қонуниятҳои хусусӣ ва умумӣ истифода гардидаанд.

Сарчашмаи маълумот. Сарчашмаи иттилоотии рисолаи илмиро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳои Президенти кишвар оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, гузоришҳои таҳлилии Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди Авруосиё ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ташкил намудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Махзани таҳқиқот маводи маҷмуаҳои оморӣ, ҳисоботҳои илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ)-ро дар бар мегирад. Ба пойгоҳи ташкилӣ ва иттилоотии таҳқиқот бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳои Тоҷикистон, инчунин, маводҳои оперативии Ассотсиатсияи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Барои коркарди маълумоти эмпирикӣ усулҳои ҳисоббаробаркунӣ-конструктивӣ ва меъёрӣ-тавозунии таҳлил, инчунин, баҳогузории экспертии мутахассисони миллӣ ва хориҷӣ истифода шуданд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Вобаста ба баррасӣ ва арзёбии равишҳои гуногуни зарурият ва мавҷудияти бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, як қатор масъалаҳои мубрам мавриди баррасӣ қарор гирифта, як қатор равишҳои нав ва имкониятҳои монанд ба он муайян карда шуд.

Дар робита ба ин, дастоварду муваффақиятҳое, ки дар раванди таҳқиқи мавзӯъ ба даст оварда шудаанд, ҳамчун навгонии илмӣ чунин бандҳоро дар бар мегиранд:

- моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ ошкор карда шуда, таснифоти намудҳо ва шаклҳои соҳибкории муосир ҳамчун омезиши самараноки омилҳои инноватсионии истеҳсолот бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ба даст овардани рақобатпазирии корхона гузаронида шуда, нақши соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди муносибатҳои бозорӣ ва амалигардонии мақсадҳои миллии рушди кишвар асоснок карда шудааст;

- муқаррароти алоҳидаи назарияи иқтисодии соҳибкорӣ дар заминаи ошкоркунии рафтори девиантӣ ё ба таври дигар рафтори имконпазири дуршавии субъектҳои соҳибкорӣ аз масири бозории рушд

ва принсипҳои рушди стратегии кишвар дар шароити сатҳи баланди на танҳо хароҷоти транзаксионӣ, балки хароҷоти ба истилоҳ фидусиарӣ, ё ба таври дигар, хароҷоти мутобиқшавӣ ба низоми бозор рушд карда, таҳия шудаанд. Дар рафти баррасӣ ва арзёбӣ исбот шудааст, ки тавсеаи амалияи банақшагирии индикативӣ яке аз механизмҳои асосӣ дар сатҳи рушди иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, пайгирии доимии ҳадафҳои ба рушд нигаронидашудаи марбут ба соҳибкории истеҳсолӣ, ки таъсири он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зиёд аст, боназардошти имкониятҳои ҷорӣ ва мавҷуда шароит фароҳам месозад;

- методологияи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва самтҳои афзалиятноки он дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое, ки рушди сифатӣ ва миқдории фаъолияти соҳибкориро дар иқтисодиёти миллӣ тавсиф мекунанд, асоснок ва пешниҳод карда шуд. Равиши мазкур имкон медиҳад, ки субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси меъёрҳои пешниҳодшуда гурӯҳбандӣ карда шаванд ва самтҳои афзалиятноки рушди он ҳамчун “қутбҳои институтсионалии рушд”-и иқтисодиёти миллӣ ошкор карда шаванд;

- вобаста ба арзёбиҳои масъалаи баррасишаванда ҳамчун зарурият дар алоқамандӣ бо равишҳои институтсионалӣ, дарки равандҳои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ аз нуқтаи назари омилӣ муайян карда шуд, ки барои қоҳиши вобастагӣ ба муҳити беруна дар самти воридот ва ҳамзамон, баланд бардоштани нерӯи содиротӣ, истифодаи як қатор имкониятҳоро дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт - саноат ва кишоварзӣ тақозо намуда, дар ин замина, зарурияти рушди имконияту иқтидорҳои дохилӣ дар коркарди ашёи хом, ба маҳсулоти тайёр мубаддал намудани он ва як қатор масъалаҳои дигар ба монанди коҳиши вобастагӣ аз воридот, афзоиши ҳаҷми содирот, дар маҳалҳо рушд додани истеҳсолоти илмталаб, бартараф намудани маҳдудиятҳои ба соҳаи кишоварзии ватанӣ хосбуда, қонеъ гардонидани талаботи зиёд ба як қатор захираҳои

минералии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хом ва сохтани истеҳсолоти пурраи содиротӣ дар асоси кластерҳои истеҳсолӣ асоснок ва исбот карда шуд;

- бо такя ба методологияи таснифи соҳаи саноати коркард вобаста ба сатҳи рушди технология (таҳияи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд - СҲИР) таҳлил гузаронида шуда, муайян карда шуд, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, дар соҳаҳои пасти технологӣ (36,4%) мутамарказ гардида, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд дар фаъолияти онҳо 2,6 фоиз, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст бошад 21,9 фоизро ташкил медиҳанд, ки ин зарурати тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ барои мутамарказонидании фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои миёнаи технологиро ба миён меорад, то онҳо аввал дар соҳаи мазкур ва сипас дар содироти кишвар бартарӣ дошта бошанд;

- вижагиҳои соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ ошкор ва асоснок карда шуданд; дар сатҳи нокифоя қарор доштани имкониятҳои истеҳсолӣ вобаста ба қитъаи замин, дар ҳамин замина баъзе мавҷудияти маҳдудиятҳо вобаста ба норасогиҳои ҷойдошта, сатҳи нокифояи дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявию қарзӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо, тағйирёбандагиҳои иқлимӣ ва сатҳи таъсирасонии онҳо, баланд будани шиддати хавф дар истеҳсолот, ки дастгирии давлатӣ ва суғуртакуниро тақозо менамояд, гуногунии хоҷагиҳо вобаста ба шакли ҳуқуқии он ва як қатор масъалаҳои дигар, ки ба шароити хок ва иқлим вобаста аст;

- афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобаста ба амалисозии ҳадафи миллӣ, алалхусус, саноатикунонии босуръат асоснок карда шуд, ки рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар ҳам бо афзоиши иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда ва ҳам зарурати диверсификатсияи соҳавию бахшии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар сатҳи он муҳити рақобатпазирӣ авлавият дорад, алоқаманд аст;

- вобаста ба баназаргирӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи институтсионалӣ бодарназардошти таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои соҳавӣ, ки бевосита ба рушди доимии соҳаи саноати кишвар бо истифода аз омилҳои соҳибкорӣ бо роҳи баланд бардоштани мавқеъ ва нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ равона карда шудааст, самтҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ, асоснок карда шуданд. Дар робита ба ин, масъалаҳои мубрами дастгирии бахши соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба он, яке аз масъалаи калидие мебошад, ки пайгирии он бояд раванди доимӣ ва доманадор бошад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- исбот карда шудааст, ки вобаста ба сарчашмаҳои илмӣ ва мавҷудияти заминаҳои бунёдии дохилию хориҷӣ зарурияти дастгирии рушди соҳибкорӣ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон метавонад ба татбиқи як қатор масъалаҳои муҳим аз қабили: рушди кластерикунонӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи равандҳои рақамикунонӣ, тақвияти бетанаффуси иқтисодиёти «сабз», рушди ҳосилнокии меҳнат ва тезонидани ҷараёни такрористеҳсол, ташкили муҳити ҳамгироӣ ва ҳамоҳангӣ байни омилҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии дохилӣ ва берунии соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат кунад;

- исбот гардидааст, ки дар бахши соҳибкории истеҳсолӣ банақшагирии индикативӣ, ҳамчун механизми бездоранда ва пешгирикунанда аз як тараф барои батанзимдарории рафтори девиантии субъектҳо мусоидат кунад, аз тарафи дигар татбиқи ҳадафҳои миллии рушдро дар саросари кишвар имконпазир мегардонад. Нишон дода шудааст, ки тавассути банақшагирии индикативӣ имконияти ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолӣ барои истифодаи воситаҳои идоракунии лоиҳавӣ, дастрасӣ ба сармоягузориҳои дарозмуддат, таъмини худкифоӣ ба захираҳо бо гузашти вақт, ва ҳамчунин ба сатҳи

лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва баҳогузории захираҳои зарурӣ дар асоси бенчмаркинги лоиҳаҳо таъмин карда мешавад;

- асоснок карда шудааст, ки дар доираи талаботҳои мавҷуда ва равишҳои муосир ва навсозишудаи инноватсионӣ субъектҳои соҳибкории муосири истеҳсолӣ ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд»-и иқтисоди миллӣ баромад мекунанд, ки потенсиали онҳоро дар асоси гурӯҳи нишондиҳандаҳо ҳисоб кардан мумкин аст, ки ин, аз як тараф, аҳаммияти субъектҳои соҳибкориро барои иқтисоди миллӣ муайян мекунад, аз тарафи дигар, нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки мақоми институтсионалии соҳибкоронро муайян ва сатҳи дарки онҳоро дар бораи тағйироти технологӣ нишон медиҳанд;

- таъйид шудааст, ки ҳимояи манфиатҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва таваҷҷӯҳи доимӣ ба онҳо дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон тавассути истифодаи механизмҳои мавҷуда ва таъсиррасони ҳавасмандгардонии ҳиссаи воридоти таҷҳизоти зарурӣ барои манбаъҳои барқароршавандаи энергия, инчунин, тавассути рушди иқтисодиёти «сабз» ба даст оварда мешавад; васлкунии калонҳаҷми воситаҳои нақлиёти барқӣ, аз ҷумла, нақлиёти сабуки барқӣ; ташкили шабакаҳои барқии ҳушманд ва технологияҳои нави истеҳсолоти фармасевтӣ ва озуқаворӣ дар асоси технологияҳои ферментатсияи дақиқ ва кишоварзии ҳуҷайраю маҳсулоти тиббӣ; коркарди маъданҳои дорои мис, нуқра, инчунин, кремнийи кристаллӣ, ашёи хоми фосфат, графит ва баъзе дигар маъданҳои фоиданок; ташкили кластерҳои истеҳсолӣ, ки метавонанд дар худ истеҳсолоти ресандагӣ, бофандагӣ, трикотаж ва дӯзандагиро дохил кунанд;

- муқаррар карда шудааст, ки таҳқиқотҳо дар асоси методологияи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд оид ба таснифоти саноати коркард аз рӯйи дараҷаи технологӣ нишон медиҳанд, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои баланди технологӣ ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд

надорад. Соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд 2,6 фоиз, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст 21,9 фоиз ва соҳаҳои пасти технологӣ 36,4 фоизро ташкил медиҳанд. Нишон дода шудааст, ки дар асоси таснифоти пешниҳодшуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш аз саноатикунонии барвақтӣ ба саноатикунонии баркамол қарор дорад;

- исбот шудааст, ки вобаста ба таваҷҷӯҳ ва ҳадафҳои стратегии кишвар дар заминаи ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳамчун омили марказии ислоҳоти соҳаи аграрӣ тағйироти куллиро ба вуҷуд оварда, ин тамоюл дар ду даҳсолаи охир раванди гуногуншаклии фаъолияти хоҷагидориро ба миён оварда, ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар деҳот мусоидат кард;

- асоснок карда шудааст, ки дурнамои татбиқи иқтидори рушди иқтисодии кишвар дар заминаи рушди саноат ва кишоварзӣ бо ба кор андохтани имконият ва иқтидорҳои соҳибкории истеҳсолӣ имконпазир гардида, бо ин роҳ баланд бардоштани нерӯи содиротии кишвар таъмин гардида, дар натиҷа сатҳи ҳосилнокии меҳнат дар фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ боназардошти як қатор имкониятҳои дигар ва нави ба рушд нигаронидашуда фароҳам оварда мешавад;

- муайян карда шуд, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ташаккули низоми мукаммали институтсионалӣ ба хотири таъмини субот ва дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ тавассути сармоягузорӣ, маблағгузорӣ, қарздиҳии имтиёзнок, дастгирии сохторӣ ва имтиёзӣ ва татбиқи механизмҳои фарққунандаи минтақавиро дар бар мегирад, шарти асосии баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкории истеҳсолӣ, рушди устувори соҳаҳои афзалиятнок ва суръатбахшии рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Истифодабарии натиҷаҳои илмии диссертатсияи мазкур барои тавсеаи самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани иқлими мусоид дар иқтисоди миллӣ ва манотиқи мухталифи кишвар барои рушди соҳибкории

истеҳсолӣ ва сармоягузорони он имконпазир мебошад. Истифодаи амалии пешниҳодот оид ба такмили шаклҳо ва усулҳои дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ ба таҳкими устувории молиявии шаклҳои нави соҳибкорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти мамлакат, риояи интизоми молиявӣ аз тарафи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ ва таҳкими вазъи молиявии онҳо мусоидат менамояд.

Маводи таҳқиқот дар таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ», «Микроиқтисод», «Иқтисоди минтақавӣ» ва инчунин, курсҳои такмили ихтисоси устодони факултаҳои иқтисодии кишвар, метавонад истифода шавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Рисолаи илмӣ ба банндҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат мекунад:

- банди 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ;
- банди 3. Қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир;
- банди 4. Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;
- банди 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.);
- банди 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ;
- банди 9. Ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак;
- банди 12. Методология ва назарияи таъмини рақобатнокии сохторҳои соҳибкорӣ;

- банди 17. Принсипҳои назариявӣ, методологӣ ва методии ташаккул ва рушди фарҳанги соҳибкорӣ, меъёрҳои ахлоқии соҳибкорӣ;

- банди 21. Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисод;

- банди 22. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ; самтҳои асосии ташаккули низоми идоракунии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Интишорот аз рӯйи мавзуи ҳимояшаванда ва таҳлили системавии он саҳми шахсии муаллифро дар ноил шудан ба натиҷаҳои таҳқиқот муайян мекунад. Муаллиф бори нахуст рушди соҳибкории истеҳсолиро дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ягонагии татбиқи ҳадафҳои рушди миллӣ ва манфиатҳои субъектони соҳибкорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, методология ва принсипҳои консептуалии интихоби самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар иқтисоди муосири кишвар муайян намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷа ва муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияву семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: «Проблемаҳои идоракунии рушди инсонӣ ва ҷавонон» (Душанбе, 2012), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои рушди устувори соҳикборӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ” (Душанбе 2024), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Танзими молиявии рушди босуботи инноватсиониву индустриалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе 2024) дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардида, аз ҷониби ҷомеаи илмӣ хуб пазируфта шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 41 корҳои илмӣ, аз ҷумла, 3 монография, 23 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии (нашрияҳои) тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 58,35 ҷ.ч. нашр шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 14 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ мураттаб шудааст, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқ асос ёфтаанд. Рисолаи илмӣ дар 350 саҳифа, 36 ҷадвал, 8 расм ва 9 диаграмма мураттаб гардидааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 304 номгӯй иборат мебошад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР НИЗОМИ БОЗОРИИ ХОҶАГИДОРӢ

1.1. Соҳибкорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми муносибатҳои бозорӣ

Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ махсусан соҳибкории истеҳсолӣ дар тамоми давлатҳои тараққикардаи дунё ва давлатҳои рӯ ба тараққӣ яке аз масъалаи асосие мебошад, ки ба он таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба таври доимӣ сурат мегирад. Зеро таваҷҷӯҳ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ яке аз меъёрҳои асосӣ ва ниҳоят муҳими гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

Дар таҷриба ва мушаххасоти илмӣ-иқтисодӣ соҳибкорӣ фаъолияти мақсаднок ва мушаххасест, ки дар он озодии пешбурди ҷараёнҳои иқтисодӣ, мустақилият ва фаъолияти ошкоронаи масъулиятпазирӣ дар самти тиҷорати мушаххас ва азнавсозии шохаҳои гуногуни иқтисодӣ тавассути барномаю стратегияҳои мушаххаси илмӣ-амалӣ, сармоягузорӣ ва тезонидани гирдгардиши сармоя, муайянсозӣ ва қонеъгардонии талаботу тағйирдиҳии таркиби бозор ва ғанигардонии он дар натиҷаи фаъолиятҳои соҳибкорӣ дар назар дошта мешавад.

Дар муҳити созанда ва хосатан, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ соҳибкор ё фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ин механизмест, ки барои таъмини суботи иқтисодии ҷомеа ва фароҳамсозии зиндагии шоиста ба аҳолӣ пайваста таваккал менамояд. Соҳибкорӣ фаъолияти бошуурона ва мақсадноки ашхоси дорои қобилиятҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва идоракунӣ буда, ҳадафи он гирифтани фоида ва фоидабахшӣ ба дигарон, ҷиҳати зиндагии шоиста ва устуворгардонии иқтисодиёт мебошад. Дар табиати худ ҳар як роҳбари корхона кӯшиш менамояд, ки дар баробари тағйирдиҳии муҳити иқтисодӣ ва гирифтани фоидаи худ, манфиати

тобеон ва одамони алоҳидаро ба назар гирифта, ҳамвора бо ин ба суръати ҷараёни такроистеҳсол ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат намояд.

Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон вобаста ба бартарӣ ва имкониятҳои фароҳамовардаи давлат барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ он ба сифати як муҳаррики пешбарандае эътироф шудааст, ки ба таври мустақилона ба манфиатҳои худ ва ҷомеа қарор қабул намуда, барои дигаргунсозии иқтисодӣ амалкардҳои озод дорад ва дорои чунин афзалиятҳо низ мебошад:

- воситаҳои гуногуни истеҳсолот;
- маҳорати баланди идоракунӣ ва корчалонӣ;
- қобилияти дарки арзиши меҳнат;
- захираҳои молиявӣ ва худкифоии захираҳо ва монанди инҳоро доро бошад.

Вобаста ба доштани масъулият дар масири пешрафтҳои фаъолияти соҳибкорӣ пайваста амалҳои ташаббускорона дар назар дошта шуда, ба воситаи он равишҳои нав бо падидаҳои нави марбут ба истеҳсолот, тиҷорат ва хизматрасонӣ ба роҳ монда мешавад ва дар доираи онҳо фоидаи муайян ба даст оварда мешавад. Дар сатҳи мушаххасотҳои амалӣ агар чанде ки ҳадафи асосии бахши соҳибкорӣ гирифтани фоида бошад, ҳам он талош менамояд то дар доираи фаъолияти он ва кӯмак ба дигарон фоида тақсим карда шавад. Дар табиати худ фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо ба гирифтани даромад, балки он дар тағйирдиҳии таркиби иқтисодӣ ба вуҷуд овардани муҳит ва шароити рақобат, беҳтаргардонии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, пешрафтҳои қобили бозсозӣ ва таъмини рушди устувор ва монанди инҳоро метавонад дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд. Ҳамин аст, ки дар адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои марбута тафсири соҳибкорӣ вобаста ба ҷанбаҳои фарогирӣ ва замони зуҳури он ба таври гуногун баён шудааст.

Тафсир ва мушаххасоти фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун масъалаи асосӣ ва муҳаррики пешбаранда ба василаи як омили меҳварӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои гузошташуда маҳсуб ёфта, он дар муҳити институтсионалӣ равишҳои гуногунро оид ба таҳқиқи моҳият ва мазмуни дохилии он тавсиф мекунанд. Бинобар ин, зарурият ва мушаххасоти сатҳи фарогир наметавон ин масоилро аз рӯйи мутаҳаррикии бандубасти мафҳумии он, ки зуҳуроти гуногуни онро дар шароити мухталиф дарҷ мекунад, муайян кард. Зеро, робитаи соҳибкорӣ ин на як унсури алоҳида балки, омехташуда ва пайвандгардида бо дигар шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайри инҳо дар муҳити васеи иқтисодӣ мебошад.

Назариёти гуногун дар бораи тафсири фаъолияти соҳибкорӣ ҳанӯз аз давраи шаклгирии муносибатҳои тиҷоратӣ ба худ аҳаммияти хоса пайдо намуда, ифодаи онро ҳамчун қувваи истеҳсолкунанда дар муносибатҳои истеҳсолӣ, муносибат бо моликият, тақвият ва рушди номудҳои гуногуни истеҳсолот вобаста ба шакл ва таркиб, тезонидани прогресҳои илмӣ-техникӣ, ғанигардонии бозор ва диверсификатсияи таркиби бозор, шиддатбахшии рақобатро дар арсаҳои гуногун инъикос менамояд, фаҳмида мешавад.

Вобаста ба муҳити рақобат олимон ва иқтисодшиносон шарҳи мухтасари фаъолияти соҳибкориро пешниҳод намудаанд. Нахустин шуда, мафҳуми «соҳибкорӣ»-ро дар илм Кантилон Р. ворид кардааст, ки «...онро ҳамчун «шакли махсуси фаъолияти бо таваккал алоқаманд» баррасӣ намуда, соҳибкорро бошад, ҳамчун «одаме, ки бо нархи муайян воситаҳои истеҳсолотро мехарад, то ин ки маҳсулоти муайяне истеҳсол намуда, онро бо мақсади таъмини фоида фурӯшад ва касест, ки уҳдадориҳоро оид ба хароҷот ба худ қабул карда, дар айни замон, намедонад онро бо кадом нарх мефурӯшад» [95, С. 23-27], тасвир кардааст.

Яке аз олимони барҷастаи соҳаи иқтисодӣ, асосгузори назарияи иқтисоди классикӣ Смит А. дар асарҳои илмии худ «...соҳибкорро ҳамчун молике тасвир мекунад, ки он дар гирифтани фоида саъй дорад ва ин тамоюл ӯро ба таваккал водор месозад» [251, С. 87]. Назарияи таваккал идомаи худро дар таҳқиқоти илмӣ ва осори Найт Ф. инъикос ёфтааст, ки «...ӯ мафҳумҳои «таваккал» ва «номуайянӣ»-ро маҳдуд карда, таҳти мафҳуми даромади соҳибкор фарқияти байни фоидаи воқеии пулӣ ва фоидаи пешгӯишавандаро мефаҳмид» [120, с. 260].

Бобаста ба баррасии масъалаҳои методологии фаъолияти соҳибкорӣ дар муҳити маркетингӣ асарҳои иқтисодчии машҳури фаронсавӣ Жан Батист Сей, ки он муаллифи асосии «қонуни Сей» мебошад, ба таърихи афкори иқтисодӣ ворид шудааст, нақши муҳимеро бозидаанд. Ӯ низ соҳибкорро ҳамчун шахсе баррасӣ менамояд, «ки аз ҳисоби худ бо таваккали худ ва барои гирифтани фоидаи худ ба истеҳсоли ягон намуди маҳсулот даст мезанад» [144, с. 148-149].

Иқтисодчии фаронсавӣ Андре Маршал аввалин шуда ба се омили классикии истеҳсолот (замин, сармоя, меҳнат) омили чорум – ташкилро ҳамроҳ кард. Аз ҳамин лаҳза мафҳуми соҳибкорӣ васеътар шуда, мақоми илмиро пайдо кард. Вобаста ба андешаҳои иқтисоддони амрикоӣ Кларк Ҷ.Б. «...дар ҷараёни истеҳсолот ҳамеша чор омил иштирок мекунад;

1) сармоя;

2) воситаҳои истеҳсолот ва замин;

3) қобилияти соҳибкорӣ;

4) меҳнати коргар.

Бо вуҷуди ин, ба ҳар як омил бояд ҳиссаи махсуси даромади истеҳсолӣ ҳисоб карда шавад, сармоя ба сармоядор фоиз меорад; неъматҳои сармоявӣ – рента; фаъолияти соҳибкории сармоядор фоида меорад; меҳнати коргар бошад, ба ӯ музди меҳнатро таъмин мекунад» [49].

Пайгирии тамоюлҳои баҳодиҳӣ ва тафсири соҳибкорӣ дар мактабҳои иқтисодӣ гуногун мебошанд. Намояндагони мактаби иқтисодии австро-немисӣ Брентано Л., Вебер М. ва Зомбарт В. дар баёнияти тафсири соҳибкорӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Макс Вебер моили он буд, ки «...фаъолияти соҳибкориро ҳамчун таҷассуми ратсионализм (ифротикунонии бездеҳ аз маблағҳои сармоягузоришуда, дарёфти роҳи кӯтоҳтарини расидан ба ҳадафи гузошташуда, самараи баландтарини имконпазир аз фаъолияти хоҷагидорӣ ва амсоли он) баррасӣ намояд» [73, С. 84].

Олими дигари немис - иқтисодшинос Зомбарт В. ҳадафҳои соҳибкорро таҳқиқ карда, мақсади асосии ӯро махсус ҷудо мекунад, ки мусоидат намудан ба рушду равнақи кори худ аст. «...Афзоиши даромад – дуюмдараҷа буда, ба мақсади асосӣ тобеъ карда шудааст; вай ҳамчун омили шукуфоии тамоми ширкат, корхона зарур аст. Дар натиҷаи таҳқиқот намояндагони мактаби иқтисодии австро-немисӣ категорияҳои махсуси «рӯҳи соҳибкор», ирода, ҳадафмандӣ, матонат, қобилиятҳои ташкилотчигӣ, боигарии ғоявӣ, қобилияти ба дигар одамон таъсир расонидан, ба таваккал омода будан ва ғайраро ҷудо намуданд» [91, с. 148-149].

Илова бар ин, дар таҳқиқи моҳият ва мазмуни соҳибкорӣ саҳми олимони хориҷӣ, аз ҷумла М. Кэссон [68], С. Шейн [291, 290], С. Венкатараман [289], У. Гартнер [72], Г. Стивенсон [64], Ҷ. Тиммонс [164], Р. Хизрич [166], М. Питерс [166], С. Сарасвати [287], Х. Лейбенстайн [280], Т. Шултс [288], Э. Пенроуз [62], Д. Макклелланд [163], А. Шаперо [57], Д. Стори [161], Д. Одретч [162], З.Ҷ. Акс [293] ва П. Давидссон [69] муҳим мебошад. Дар таҳқиқоти онҳо соҳибкорӣ ҳамчун раванди дарёфти имкониятҳо, ташкили корхона, истифодаи самараноки захираҳо, рушди истеҳсолот ва ҷорӣ намудани навовариҳо шарҳ дода шудааст.

Тавре, ки ҳамчун зарурият ва замина аён аст «...дар солҳои сиюми асри XX афзалият дар сиёсати соҳибкорӣ аз истеҳсолоти оммавӣ тадриҷан ба фурӯши маҳсулот дода шуд, ки сабабаш афзоиши рӯзафзуни анвои маҳсулот ва хизматрасонӣ дар асоси муборизаи шиддатёбанда барои истеъмолгар мебошад. Истифодабарии захираҳои нави бозор хеле душвор буда, фаъолияти соҳибкорӣ акнун ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва муътадилгардии бозорҳои миллӣ дониста мешуд. Усулҳои таҳқиқи равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории корхона хеле тағйир ёфтанд – усули ҷустуҷӯйии динамикаи таҳқиқот дар аксар соҳаҳои дониш таҳлили омории вазъи мувозинатро танг карда бароварда» [154]. Масалан, Шумпетер Й. қонуниятҳои пешрафти ҷамъиятиро таҳқиқ намуда, ба ақидае меояд, ки «...қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодии ҷомеа соҳибкор мебошад, ки фаъолияти ӯ дар сохтан ва дар амал ҷорӣ кардани комбинатсияи нав ифода меёбад» [154, с. 154-175].

Комбинатсияҳои ошкоркардашуда ва таҳиягардидаи мактабҳои иқтисодӣ дар арзёбии дурусти низомҳои иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи сифатан нав пешниҳод шудааст, ки ҳамзамон натиҷаҳои бадастоварда ва мушаххаси онҳо метавонанд коркард гардида, ҳамчунин, шикастани рақобати носолим ва дорои хавф, дар асоси имконият ва иқтидорҳои мавҷуда ташкили рақобати солим ва дигар равишҳои марбут ба бозор ва ягонагии истеҳсолоти марбутаро дар сатҳи зарурӣ инъикос гардад.

Ақидаи Шумпетер Й. оид ба соҳибкор ва фаъолияти хоҷагидории он дар бораи мавҷудияти омилҳои ҷиддие, ки барои дар тӯли замони мутамаддин боқӣ мондани соҳибкор дар чунин сифат монеа мешаванд, шаҳодат медиҳанд. «...Аз ибтидои ба таври оммавӣ ҷорӣ кардани комбинатсияи нав дар истеҳсолот субъекте, ки нахустин шуда, навигарии мазкурро дар амалия ҷорӣ кардааст, имконияти ҳамчун соҳибкор

номгузорӣ шуданро гум мекунад, ки ин ғайримустақиман ба имконнопазирии мавҷудияти синфи махсуси соҳибкорон далолат мекунад» [154, с. 154-175].

Ба ғайр аз ин, дар ангораҳои назариявии Шумпетер Й. «...соҳибкор молики иқтидорҳои истеҳсолӣ ва неъматҳои истеҳсолшаванда намебошад» [154, с. 154-175]. Омӯзиши соҳибкор ҳамчун зуҳурот, ки аз тарафи Шумпетер Й. пешниҳод шуда буд, асоси бунёдии таҳияи назарияи соҳибкорӣ гардид.

Пайравони Шумпетер Й. аз он ҷумла, намояндагони мактаби ҷадидавстриягӣ, Мизес Л. ва Хайек Ф. дар таҳия ва асоснок намудани методологияи назарияи соҳибкорӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Консепсияҳои онҳо ба омӯзиши бозор такя карда, вазифаҳои соҳибкор ҳамчун амалиёти ҳадафмандона барои ба ҳолати зарурӣ овардани бозори маҳсулоти мазкур (гурӯҳи онҳо) баррасӣ мешуданд. Тибқи осори илмии Мизес субъекти хоҷагидор дар шароити номуайянӣ амал мекунад, донишҳои ӯ дар бораи вазъи бозор аз иттилои воқеӣ дуранд, аммо асоси даромаднокии сохтори мазкурро, асосан, дар амал ҷорӣ кардани талошҳои ҷаллобӣ ташкил медиҳанд. Дар миқёси макроиқтисод фоиданокӣ ва зарарнокии субъектҳои муносибатҳои бозорӣ тарозу карда шуда, мувозинати нисбӣ барқарор мегардад.

Аз тарафи барандаи Ҷоизаи Нобелӣ Ф.А. фон Хайек як қатор ғояҳое пешниҳод карда шудаанд, ки минбаъд барои таҳқиқоти махсуси ҷанбаҳои мухталифи назарияи соҳибкорӣ асоси консептуалӣ гардидаанд. «...Ба иттилооти таҷрибавии бозорӣ такя карда, соҳибкор уҳдадор аст, ки қарорҳои мувофиқи амалӣ, аз он ҷумла, қарорҳои ба истифодабарии захираҳои маҳдуди истеҳсолӣ дар низоми сарбастаи истеҳсолӣ-тиҷоратии он дахлдорро қабул намояд. Хайек мақсади асосии соҳибкориро дар гирифтани фоидаи соҳибкорӣ, яъне дар тафриқаи байни арзиши маҳсулот ва нишондиҳандаҳои ҳамсони миёнасоҳавӣ

мебинад. Дар натиҷа, соҳибкор имконияти ба даст овардани бартариҳои муайяни рақобатиро нисбат ба рақибонаш меҷӯяд» [130, с. 250].

Аз оғози солҳои панҷоҳуми асри XX сар карда, вобаста ба таҳқиқи масъалаи мазкур дар сатҳи илмӣ олимон бар он назар буданд, ки давлат бар василаи як ниҳоди махсуси салоҳиятдор муваззаф аст, ки бевосита ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногун шароит фароҳам оварда, ташкилкунандагони муҳити рақобатро дастгирӣ намуда, ба воситаи ин ташкилкунандагони афзорҳои инноватсиониро ҳавасманд гардонад. Дар интиҳои солҳои 50-уми қарни гузашта аксар давлатҳои дорои иқтисодиёти пешрафта барои фароҳамсозии фаъолияти соҳибкорӣ ва додани имконият ба онҳо ба давраи баъдисаноатикунӣ шомил гардиданд. Дар давраи таҳаввулоти бузурги илмӣ-техникӣ ва тамоюлҳою равишҳои печидаи иқтисодӣ соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики ба талаботи замон ҷавобгӯ таркиби иқтисодиёт ва фазои зиндагии аҳолиро дигаргун намуд. Ин шакли фаъолият асосан ба тезонидани ҷараёнҳои истеҳсолот ва дар заминаи ин таъмини шуғли пурмаҳсулро дар сатҳи давлат ба вуҷуд меоварад.

Шаклгирӣ ва шиддати рушди фаъолияти соҳибкорӣ боиси ба миён омадани марҳалаҳои ҷадиди рушд, ки он бо талаботи замон мувофиқ ва ҳамоҳанг аст ва як қатор амсилаҳои меъёриро, ки он аз маҳорати интихоби воситаҳои техникӣ, истифодаи васеи технологияҳо ва тавлиди онҳо, ашёи хому монанди инҳоро, ки он ба омӯзиши дурусти бозори беруна ва амсоли инҳо алоқаманд мебошад.

Одатан дар аксар маврид ширкату корхонаҳое, ки вобаста ба дастрасӣ ва мавҷудияти ҳолати воқеӣ ба чунин меъёрҳо дастрасии кам доранд, метавонанд барои инъикоси афзалияти худ ба майдони рақобат ворид гарданд.

Арзёбиҳои сатҳи гуногун аз давраи ташкили давлати мустақили Тоҷикистон баъд аз соли 1991 зарурияти ташаккул ва густариши

бефосилаи соҳибкорӣ ҳамчун механизм ва омили асосии таъминкунандаи ҳадафҳои стратегии давлат асос ва бунёди равишҳои нав ҳисобида шуд. Дар пиёда сохтани ҳадафҳои стратегии давлат, ки барои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давлат зиёд ва зарурӣ мебошад, тавассути бахши соҳибкорӣ татбиқи амалӣ ва доманадори моделҳои агросаноатӣ ва саноатӣ-аграрӣ тавассути бахши соҳибкории истеҳсолӣ имконпазир мегардад.

Дар таҷриба ҷой доранд вазифаҳое, ки ба монанди: қабули қарор ва ҷавобгарӣ соҳибкориро бо фаъолияти идоракунӣ алоқаманд мекунанд. Аксаран мо мушоҳида менамоем, ки дар баррасӣ ва тафсироти мушаххас соҳибкориро ба фаъолият ва салоҳиятҳои менеҷерӣ шабоҳат медиҳанд, ки ин аз нуқтаи назари амалкардҳои иқтисодӣ хато мебошад. Зеро фаъолияти соҳибкорӣ ҳам ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад ва ҳам фаъолияти муташаккилонаи идоракуниро. Вобаста ба ин хотирнишон намудан зарур аст, ки дар сатҳи корхонаҳо соҳибкори навовар ва дорои донишу касбияти баланд метавонад менеҷерро дар ҳама зина иваз намояд. Вобаста ба тафсири мафҳумҳо ва арзёбии мушаххасоти соҳибкорӣ ва менеҷер аксаран «соҳибкор» ва «менеҷер» дар доираи як ҳадаф як вазифаро дар ҷараёни идоракунӣ бо як равиш пеш мебарад.

Дар шароити имрӯзаи худкифоии захираҳо ва худидоракунии корхонаҳо вазифаи менеҷерон идоракунандаи корхона аз сабаби молики корхона буданашон мебошад.

Соҳибкор ё фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун қисми ҷудонопазири фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташаббускорӣ маҳсуб ёфта, дар корхона ба сифати роҳбар, мутахассис ва истеҳсолкунандаю идоракунанда баромад менамояд. Ва он метавонад ҳам ҷараёнҳо ва захираҳои молиявиро назорат намояд, ҳам фаъолияти истеҳсолии корхонаро.

Вобаста ба тафсири ибораҳои соҳибкор ва соҳибкорӣ дар асарҳои илмии худ олимон Горфинкел В.Я., Поляк Г.Б., Швандор В.А. истилоҳи

«соҳибкор» ва «соҳибкорӣ»-ро дар таърихи афкори иқтисод тавсеа дода, бори аввал ба низоми хронологӣ даровардаанд, ки чунинанд:

Ҷадвали 1.1. - Таснифи таърифоти вожаи «соҳибкорӣ» аз мавқеи хронологӣ

Сол	Муаллиф	Таъриф
Соли 1725	Ричард Кантилон	«Соҳибкор – ин шахсест, ки дар шароити таваккал амал мекунад» [95]
Соли 1771	Бодо	«Соҳибкор шахсест, ки барои кори пешгирифта ҷавобгар аст; соҳибкор шахсест, ки ба нақша мегирад, назорат мебарад, ташкил ва идора мекунад»[159]
Соли 1876	Френсис Уокер	«Онҳоеро, ки сармоя пешниҳод мекунанд ва барои ин фоиз мегиранд ва онҳоеро, ки ба туфайли (воситаи) қобилиятҳои ташкилотчигии худ фоида мегиранд, аз ҳам фарқ кардан лозим аст»[167]
Соли 1934	Йозеф Шумпетер	«Соҳибкор – ин навовар мебошад» [154]
Соли 1961	Дэвид Маклелланд	«Соҳибкор – ин шахси боғайрат мебошад, ки дар шароити таваккали муътадил амал мекунад»[163]
Соли 1964	Питер Друкер	«Соҳибкор – ин шахсе мебошад, ки ҳар як имкониятро бо манфиати калон истифода мебарад» [90]
Соли 1975	Алберт Шапиро	«Соҳибкор – ин шахсе мебошад, ки ташаббус нишон медиҳад, механизмҳои иҷтимой-иқтисодиро ташкил мекунад. Дар шароити таваккал амал карда, барои натиҷаҳои кор ҷавобгар аст» [57]
Соли 1985	Роберт Хизрич	«Соҳибкорӣ - ҷараёни ба вуҷуд овардани ягон чизи нав мебошад, ки дорои арзиш аст, соҳибкор - бошад, ин шахсе мебошад, ки барои ҳамаи ин тамоми вақт ва қувваи худро сарф мекунад, тамоми эҳтимоли зарари молиявӣ, психологӣ ва иҷтимоиро ба уҳда гирифта, ба ивази он фоида мегирад ва бо он қаноатманд мешавад»[166]
Соли 2004	Комилов С.Ҷ., Забиров Н.Х.	«Соҳибкорӣ – ин шакли махсуси инноватсионии истеҳсолот буда, дар шароити мувофиқи таърихӣ ва иҷтимой-иқтисодӣ афзалиятнок шуда, ба ин восита пӯёии кофии такрористеҳоли ҷамъиятиро таъмин мекунад. Чун қоида, асоси фаъолияти соҳибкориро навовариҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулот ё хизматрасонӣ, ташкили меҳнат ва идоракунӣ ташкил мекунанд, ки имкон медиҳад, бозори нав бунёд карда, талаботи нав қонеъ гардонида шаванд» [96]

Идомаи ҷадвали 1.1.

Соли 2024	Субҳонзода И.С.	Соҳибкорӣ – фаъолияти бошуурона ва мақсадноки шахсони дорои қобилияти идоракунӣ, қобилияти бунёдкорӣ ва эҷодкорӣ, имконияти ҷисмонӣ ва зеҳнидоштаест, ки дар фаъолияти инноватсионӣ, тавлиди молу маҳсулотҳои нав ва замонавикунонии сифатҳои маҳсулот (хизматрасониҳо), ҳамчунин ба ҳадди ниҳоӣ боло бурдани фоидаи бадастоянда ва таъмини рақобатпазирии корхона амал мекунад

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳлили осори муҳаққиқон

Аз таҳлили андешапардозиҳои олимону коршиносон ва ҳамвора таҳаввулоти истилоҳи «соҳибкор» ва «соҳибкорӣ» вобаста ба баррасиҳои олимон ва коршиносон мавриди пайгирии афкори васеъ қарор гирифта, ҷузъиёт ва хусусияти хоси имконпазири онро ба таври мушаххас баён менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки вобаста ба баҳодиҳии зарурияти фаъолияти соҳибкорӣ арзёбиҳои муқобил ва танқидиро низ вохӯрдан мумкин аст. Ба андешаи мо, баъзан ҳолат хусусияти танқидӣ доштани фаъолияти соҳибкорӣ метавонад боиси рушди ин ё он соҳа ва навовариҳои ҷузъӣ ва куллӣ гардад. Бинобар ин, андешаҳои хосияти танқидидоштаи мафҳуми «соҳибкорӣ» моро ба он раҳнамун месозад, ки мо соҳибкориро ҳамчун омили махсуси дар алоқамандӣ бо воситаҳои истеҳсолот (нисбат ба замин, сармоя, меҳнат) мавриди баррасии амиқ қарор диҳем. Вобаста ба андешҳои ҳадафманди олимони ватанӣ, «...соҳибкорӣ ҳамчун раванд мустақиман ба сифатҳои шахсии соҳибкор ҳамчун субъекти асосии ин раванд алоқаманд аст» [96,с.15].. Муаллифони китоби «Соҳибкорӣ, масъалаҳои рушд ва танзими давлатӣ» Комилов С.Д., Забиров Н.Х. «...ба хислатҳои шахсии соҳибкор инҳоро шомил мекунанд:

1) қобилияти қабул кардани қарорҳои навоваронаи ғайристандартӣ на танҳо дар ҳолатҳои маъмулӣ, инчунин, дар вазъияти номаълум;

2) ба вуҷуд овардани ғояҳои нави истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, арзёбии ояндадории онҳо аз нигоҳи гирифтани даромади иловагӣ;

3) баҳогузории фаврии инноватсияҳо аз мавқеи самаранокии ниҳоии онҳо;

4) арзёбии вазъи бозор аз мавқеи гирифтани фоидаи иловагӣ;

5) таваккал кардан;

6) таҳлили иттилоот ва баровардани хулосаҳои дуруст аз мавқеи вазъи бозор» [96, с. 15].

Вобаста ба заруриятҳои замони муосир мо бар он назарем, ки соҳибкорӣ ин як ниҳоди мустақилест, ки дар он истифодаи қобилиятҳои нав ва иқтидорҳои бозофаринӣ ба хотири таъмини талаботи рӯзафзуни ҷомеа ва гирифтани фоидаи максималӣ нигаронида шудааст. Мусаллам аст, ки дар табиати худ соҳибкор тавлидкунандаи ғояҳои нав ва татбиққунандаи ин ғояҳо дар амал мебошад ва он дар амалӣ сохтану азхудкунии истеҳсолоти нав, яъне амалисозӣ ва татбиққунии ғояҳо барои натиҷаи мушаххас (маҳсулот, мол, технология ва ғ.), ки ба соҳибкор фоида меоранд, шомил мебошад.

Бояд қайд кард, ки соҳибкорӣ яке аз навъҳои фаъолияти бозорӣ мебошад. Аммо дар фарқ аз дигар навъҳои фаъолияти бозорӣ, соҳибкорӣ комбинатсияи оқилонаи омилҳои истеҳсолот, муносибати инноватсиониро ба ҳалли мушкилот тақозо намуда, ба сифатҳои шахсии соҳибкор такя менамояд ва ҳадафи гирифтани даромади (бар замми даромади миёна) иловагиро дорад. Дар ин робита, ҳақ ба ҷониби олимони ватанӣ - Комилов С.Ҷ. ва Забиров Н.Х. мебошад, ки навиштаанд, «...соҳибкорӣ – ин шакли махсуси инноватсионии истеҳсолот буда, дар шароити мувофиқи таърихӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ афзалиятнок шуда, ба ин восита пӯёии кофии такрористеҳоли ҷамъиятиро таъмин мекунад.

Чун қоида асоси фаъолияти соҳибкориро навовариҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулот ё хизматрасонӣ, ташкили меҳнат ва идоракунӣ

ташкил мекунанд, ки имкон медиҳад, бозори нав бунёд карда, талаботи нав қонеъ гардонида шавад. Инноватсияҳо ҳамчун олоти махсуси соҳибкорӣ хизмат мекунанд, зимнан инноватсияҳо ба сари худ не, балки ҷустуҷӯйи муташаккили равонакардашудаи навовариҳо» [96, с. 15].

“...Моҳияти соҳибкориро баррасӣ намуда, бояд ба он диққат дод, ки дар адабиёти иқтисодӣ аз тарафи иқтисодчиёни алоҳида он ҳамчун навъи фаъолнокии иқтисодӣ” [78, с. 7], ҳамчун бахши иқтисод [92, с. 82, 134] ва ҳамчун раванди инноватсионӣ тафсир карда мешавад [216, С. 24].

Тамоми ин тавсифоти соҳибкориро ҳамчун зуҳуроти мураккаб ва бисёрҷанбаи иқтисодӣ ҷамъбаст намуда, дар асоси мулоҳизаи танқидии таърифи моҳияти дар адабиёти иқтисодии мавҷудаи соҳибкорӣ мо ба хулосае омадем, ки соҳибкорӣ фаъолияти инноватсиониест, ки ҳамеша бо равишҳои навсозишуда пеш рафта, дар бунёди аҳроми иқтисодиёти пешрафта ва барои ба ҳадди ниҳоӣ боло бурдани фоидаи бадастоянда ва таъмини рақобатпазирии корхона нигаронида шудааст.

Иловатан, тибқи муқаррарот ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ва шинохти соҳибкор ба ӯ баъди таъсиси қонунии корхона унвон ё мақоми «соҳибкор» дода мешавад. Вобаста ба ин, иброз доштан зарур аст, ки муайяннамоии фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳибкор дар шароити имрӯза мушкил ва душвор мебошад. Зеро, ҳама гуна фаъолиятҳое, ки (хоҳ дар сатҳи хурд, миёна ва калон) ба тавлиди ягон намуди молу маҳсулот ё хизматрасонӣ машғуланд, онҳоро соҳибкор ё фаъолияти соҳибкорӣ гуфтан мумкин аст. Дар сатҳи микроиқтисод вазифаи асосии соҳибкорӣ бозсозӣ, бозофарӣ ва беҳтарсозии фазои иқтисодию иҷтимоӣ мебошад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ дар ҳама давлатҳои алоҳида тибқи маълумоти тахминӣ зиёда аз 90 фоизи истеҳсолот ба фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтидорҳои истеҳсолӣ дар муҳити соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд. Ҳамвора ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва тезонидани ҷараёнҳои

истеҳсолӣ дар ҳама самту зинаҳои гуногун нақши соҳибкорони инфиродӣ, ки ба фаъолияти хурди хоҷагидорӣ вобаста ба истеҳсоли маҳдуди молу маҳсулот машғуланд, назаррас мебошад.

Дар тезонидани ҷараёнҳои истеҳсолӣ тавассути фаъолияти соҳибкорӣ қонуниятҳои тақозо ва арза ҳамчун қонунҳои машҳури иқтисодӣ нақши калидӣ дошта, дар заминаи ин ҳавасмандгардониҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меоянд, ки хосиятҳои зоҳиршавии омилҳои объективиро ба миён меоваранд. Таъсири бозофаринӣ ва меҳварияти таъсиррасонии соҳибкорӣ аз рӯйи умумиятҳои иқтисодӣ дар ғанигардонии буҷети оилаҳо, буҷети давлат ва ҳамвора рушди ММД ва маҷмуи маҳсулоти миллӣ (МММ) нақши муассир ва калидӣ дорад.

Дар ҳолати тағйирёбанда будани иқтисодиёт ва доимӣ будани талабот вазифаи асосии соҳибкор ин захиракунии дуруст ва сафарбарсозии он захираҳо ба хотири нигоҳ доштани мувозинатҳои бозорӣ аз ҳисоби таъминоти моддӣ ва захираҳои меҳнатӣ мебошад.

Дар фароҳам сохтани фазои созгори фаъолият ба муҳити соҳибкорӣ нақши давлат ва дигар ниҳодҳои тобеи он зарурӣ буда, он ба бозтоби қувваҳои нави истеҳсолӣ мусоидат менамояд. Агар муҳити озод фаъолияти соҳибкориро домангир бошад, он ба ҳамон натиҷаҳое ноил мегардад, ки дар фазои амиқ санҷидашуда тақозо ва арза бо ёрии равандҳои илмӣ-техникӣ ба миён омадааст. Ба андешаи мо, дар фаъолияти соҳибкорӣ як принсип ё шарти асосӣ - дар доираи манфиатҳои дутарафа ё бисёртарафа амал намудан бояд шиор бошад. Зеро соҳибкор ба таври яктарафа агар танҳо ба фоидаи худ фикр намояд, он шояд дар кадом самте набошад, муваффақ шуда натавонад.

Тавре маълум аст, дар марҳилаи аввал давлат ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ба монанди муҳаррике амал менамояд, ки он бевосита метавонад имкониятҳои рушди ин ниҳодро дар марҳилаҳои дигари фаъолият вобаста ба соҳаҳои гуногун таъмин намояд. Аммо, аз нуқтаи назари институтсионалӣ давлат ба сифати танзимкунанда

тавассути меъёрҳои қонунӣ ба таври доимӣ пайгири ин масъалаи ниҳоят муҳим бошад.

Хусусиятҳо ва дигар ҷузъиёти фаъолияти соҳибкорӣ ё соҳибкор бамаротиб зиёд ва мураккаб буда, мушаххасоти он паҳлуҳо ва самтҳои гуногунро дар бар мегирад. Вобаста ба таҳлилҳои анҷомгардида, мо бар он назарем, ки дар муҳити нисбатан васеъ ва аз нуқтаи назари равишҳо ва таҳаввулоти нав таърихи «инқилоби» соҳибкорӣ дар муҳити арзёбиҳои илмӣ ё равишҳои таҳқиқотӣ бештар ба ҷараёнҳои илмӣ-техникӣ хос буда, дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба василаи як муҳаррик ва механизми таъсиррасон баромад менамояд.

Дар фаъолияти соҳибкорӣ тарзҳои нави бюрократизм, ки маншаи он таъсири амсилаҳои иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ба он водор месозад, ки шаклҳои нави фаъолият ва дигаргунсозии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар муҳити инноватсионӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Вазифаи муташаккили бунёдӣ ва эҷодии соҳибкор тавлиди ғояҳои нав ва дар амал татбиқ намудани онҳо ва қабули қарорҳои ҳадафманду таъсиррасон мебошад.

Дар шароити зиёд гардидани нуфузу эътибори фаъолияти соҳибкорӣ, ки он вазифаҳои гуногуни равияи иқтисодидоштаро ба уҳда дорад, иловатан, вазифаи иҷтимоии он низ муҳим ва зарурӣ мебошад. Илова бар ин, хусусиятҳои фардӣ ва объективӣ доштани соҳибкор ӯро бо масъулияти баланди қабули қарорҳои ба оянда нигаронидашуда мувоҷеҳ менамояд.

Аз баъзе сарчашмаҳо аён аст, ки «...чи қадаре ки ташкилотҳои соҳибкорӣ фаъолияти самаранок дошта бошанд, ҳамон андоза воридоти маблағҳои онҳо ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун бештар мешавад. Дар айни замон, рушди соҳибкорӣ афзоиши ҷойҳои корӣ, пастравии сатҳи бекорӣ, болоравии дараҷаи некӯаҳволии аҳолиро таъмин менамояд» [199, с. 341-356].

Илова бар вазифаҳои сершумори соҳибкорӣ, ки он паҳлу ва

ҷараёнҳои гуногунро дар бар мегирад, ин вазифаи ташкилотчигӣ ва корчалонӣ мебошад, ки исботи онро натиҷаҳои гузашта ва ояндаи илмии дар диссертатсия овардашуда инъикос менамоянд. Дар доираи ин вазифа амалкардҳои мустақилона ва қабули қарорҳои мустақилонаи ба рушд нигаронидашуда дар бар мегиранд. Вазифаи ташкилотчигии соҳибкор хусусияти фароҳамсозии муҳити хурду миёна барои табақаҳои гуногуни шахсони қобили меҳнат дар сатҳи хурд ва миёна мебошад ва он метавонад ба таври баёнона маҳоратҳои навро ошкор ва онҳоро ба мақсади рушди соҳаҳои мухталиф истифода намояд. Дар раванди баррасӣ ва арзёбӣ баинобатгирии ҷараёнҳои ба ҳам омезишёфта аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ аз як тараф ҳамчун масъалаи меҳварӣ ё марказӣ аст ва аз дигар тараф дар меҳварияти худ метавонад дар пешрафти давлат нақш бозида, давлат бо зарурияти нақшофаринии он ин соҳаро дастгирӣ намояд.

Ба андешаи мо, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани мушаххасоти дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон бояд дар сатҳи зарурӣ ба таври аввалия дар муҳити институтсионалӣ ҷанбаҳои қонунӣ ва инфрасохторӣ фароҳам оварда шаванд.

Тибқи ақидаҳои олимони ватанӣ «...Муҳити соҳибкорӣ - ин як низоми муайяни ягона ва яклухти ба таркиби шароитҳои рушди соҳибкорӣ мутобиққунанда мебошад» [100, с. 290]. Соҳибкор дар фазои васеи иқтисодӣ бо фишангҳои ба истеҳсолот ва рушд нигаронидашуда амал менамояд. Илова бар ин, дар фаъолияти соҳибкорӣ таваккал ҳамчун ҳодисаи маъмулӣ буда, бидуни таъсироти гуногун фаъолияташро пеш мебарад. Ҳамин аст, ки дар аксар маврид олимон, махсусан, олими тоҷик Ф. Раҳимбердӣ «...муҳити соҳибкориро ҳамчун низоми мураккаб ба муҳити берунӣ, ки ба худи соҳибкорон вобаста нест ва муҳити дохилӣ, ки вобаста аз тарафи худи соҳибкорон ташаккул меёбад, тақсим мешавад, мешуморад» [136, с. 117].

Ба муҳити дохилии соҳибкорӣ бар асилаи як омил метавонад як

қатор механизмҳои таъсиррасон ҳамчун афзор дар доираи мавҷудияти сармоя ё захираҳои худӣ, захираҳои меҳнатӣ ва дорои имкониятҳои васеъ, диверсификатсияи фаъолияти истеҳсолӣ дар корхонаҳо, дарёфти роҳҳои сердаромад, истифодаи усулҳои дурусти маркетингӣ, интихоби кадрҳо ва идоракунии ҳайати кадрӣ вобаста ба имконият ва маҳорат, ҳифзи сирри соҳибкорӣ дар бозори рақобат ва ғ. баромад кунанд. Дар таҷриба ҳамеша имконияту иқтидор ва донишу малака, сатҳи касбият ва дараҷаи корчалонӣ аз ташаккули дурусти муҳити дохилии соҳибкорӣ вобаста буда, он ба рушди фирмаҳои махсуси маслиҳатдиҳӣ (консултативӣ), ҷоннок кардани ассосиатсияҳои соҳибкорон ва беҳтар намудани иттилооти иқтисодию тиҷоратӣ барои соҳибкоронро тақозо мекунад.

Олимони тоҷик Сангинов Д.Ш., Нодиров Ф.М., Бобокалонов Ғ.М., Мирзоев П.З., Мирбобоева Р.В., Ризоева С.К., Кабутов Э.Д., Боев М.Ф., Мавлоназаров О.А. чунин ақида доранд, ки “...муҳити берунии соҳибкорӣ аз чунин омил ва унсурҳои объективӣ, ки аз фаъолияти соҳибкорон вобаста намебошанд ба монанди озодии иқтисодӣ, мустақилияти пурраи хоҷагидорӣ, гуногуншаклии моликият ва баробарҳуқуқии онҳо, тартиботи иқтисодӣ, бозор, рақобат, вазъи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, муҳити ҳуқуқӣ, муҳити маданӣ, муҳити илмӣ-техникӣ, технологӣ, муҳити институтсионалӣ-ташкилӣ, танзим ва дастгирии соҳибкорӣ аз тарафи давлат, сиёсати фаъолияти берунаи иқтисодӣ ва ғайраҳо иборат мебошад”[46].

Унсурҳои муҳити берунии соҳибкорӣ танҳо дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ, ки дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, ташаккул меёбад. Дар радифи муҳити соҳибкорӣ фаъолиятҳои нав ва бо технологияҳои ҳозиразамон асосёфтаро баррасӣ намудан мумкин мебошад, ки метавонад шакли навсозишудаи онро низ нишон диҳад. Бояд қайд кард, ки иқтисоди бозорӣ ва соҳибкорӣ робитаи зичи

мутақобила доранд. Иқтисоди бозорӣ - ин муҳити нумӯдиҳандаи соҳибкории озод, яъне тавсиабахшандаи бизнес мебошад.

Дар ҳама давлатҳои пешрафта аз он ҷумла, дар Тоҷикистон соҳибкорӣ метавонад ба сифати як василаи рушд дар таъмини устувории иқтисодӣ ва таъмини рушди устувор дар даврaҳои дарозмуддат мусоидат намуда, тавассути имконият ва иқтидорҳои худ дар навсозии истеҳсолот, таъмини зиндагии шоиста, таъмини шуғли пурмаҳсул, нигоҳдории мувозинати нархҳо ва як қатор масъалаҳои муҳими дигар мусоидати ҳаматрафа намояд. Аз ин рӯ, дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ иқтисоди бозориро ҳамчун иқтисоди соҳибкори озод маънидод мекунанд.

Чи тавре ки мо қаблан дар мақолаи худ иброз намуда будем, вазифаи муҳимтарини иқтисоди давраи гузариш ташаккули субъектҳои иқтисоди бозорӣ мебошад. Дар ҳалли ин масъала бояд тарафҳои мазмунӣ ва шаклиро аз ҳам фарқ кард. Мазмун – ин ҳалли масъала аз рӯйи моҳият, яъне ташаккули миқдори зарурии субъектҳои иқтисоди бозорӣ, шакл - чӣ гуна ин корро бояд анҷом дод. Дар бисёр маврид роҳҳои ташаккули субъектҳои иқтисоди бозориро танҳо бо хусусигардонӣ марбут медонанд, ки он қадар дуруст нест.

Дар сатҳи таҳқиқотҳои илмӣ аксар олимон бар он назаранд, ки дар муҳити васеъ ҷиҳати ташаккули субъектҳои дурусти бозорӣ ба хусусигардонии оммавӣ ва фаврӣ зарурат нест. Аммо, мо бар он назарем, ки чунин равиш дар баъзе давлатҳо нодуруст буда, метавонад ба пешрафти иқтисодиёт таъсири манфӣ расонад. Таҷриба нишон дод, ки дар сурати маҳдудиятҳои муваққатии давлат дар самти таъмини рушди иқтисодӣ, додани имконият ба бахши хусусӣ ё фаъолияти соҳибкорӣ, ин василаи муҳимест, ки давлатро тавассути воситаҳои ғайримустақим ба ҳадафҳои стратегии худ мерасонад. Махсусан, ҳамин равиши пешниҳоди барои Тоҷикистон қобили қабул ва истифода нест. Ин буд, ки дар Тоҷикистон хусусигардонӣ ба василаи як модели рушд

дар пешрафти иқтисодиёти Тоҷикистон мубаддал гардид.

Ба ин ишора карда, иқтисодчии ғарбӣ Мюрелл П. қайд мекунад, ки «...хусусигардонӣ мақоми аз ҳад муҳимро дар байни ҳадафҳои иқтисодӣ ишғол кардааст. Гузашта аз ин, ҳадафи комилан мувофиқтар бунёди бахши нави хусусӣ мебошад. Хусусигардонӣ – танҳо яке аз роҳҳои имконпазири дастёбӣ ба ин ҳадаф, зимнан роҳи гаронқимат асту бас. Ба амалигардонии хусусигардонӣ истифодабарии маблағҳои барои бунёди бахши хусусӣ, яъне маҳз барои рушди корхонаҳои нави хусусӣ ҷудошуда монеа мешавад» [145, с. 80].

Дар самти таҳқиқи соҳибкории истеҳсолӣ олимони хориҷӣ, аз ҷумла Р. Кантилон [59], Ж.Б. Сэй [66], А. Маршалл [58], Й. Шумпетер [67], Ф. Найт [63], П. Друкер [70], И. Кирснер [65], М. Портер [71], Д. Берч [60] ва У. Баумол [292] назаррас мебошад. Дар корҳои онҳо масъалаҳои ташкили истеҳсолот, навоварӣ, истифодаи омилҳои истеҳсолӣ, рақобатпазирӣ ва нақши соҳибкор дар рушди иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар байни олимони рус, ки рушди асосҳои назариявию методологии соҳибкории истеҳсолӣ саҳми арзанда гузоштаанд, метавон А.В. Бусигин [79], В.Я, Горфинкел [131], Г.Б. Поляк [131], В.Д. Грибов [84], В.П. Грузинов [84], О.С, Виханский [83], В.В. Радаев [132] ва А.Ю. Чепуренкоро [152] номбар намуд. Дар корҳои илмии онҳо масъалаҳои ташкили фаъолияти истеҳсолӣ, истифодаи самараноки захираҳо, идоракунии корхона, рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Яке аз афзалиятҳои асосии ташкили иқтисодиёти воқеан пешрафта имконият ва рушди бахши хусусӣ мебошад, ки он дар додани имкониятҳои баробари ҳамарзиш бо равишҳои ҳавасмандгардонӣ имконпазир буда, давлатро муваззаф мегардонад, ки тақвияти ҳамкориҳоро бо ин бахш дар қолаби як равиши таъсиррасон муваззаф гардонад, ки ҳамкории доимиро дар меҳвари ҳадафҳои доимии худ

қарор диҳад. Мо шоҳиди он ҳастем, ки ин тамоюл ҳам аз тарафи давлат мавриди пайгирӣ қарор гирифт ва ҳам аз тарафи таҳқиқотчиён, ки асосан ба солҳои 1986-1995 рост меомад.

Дар танзими фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи давлат ҳассосият ба ташаккул ва муҳити соҳибкорӣ бештар буда, иловатан, ба бозсозии иқтидорҳои нави соҳибкорӣ низ нигаронида шудааст. Дарстигирии давлатӣ ба бахши соҳибкорӣ метавонад як василаи муҳими иҷрои вазифаҳои давлатӣ, махсусан, дар фароҳам овардани шароити корӣ ва ҷойи корӣ барои аҳолии Тоҷикистон гардад. Иловатан, бо мавҷудияти дастгирии мувофиқи давлатӣ, соҳибкорӣ метавонад равандҳои инноватсиониро аниқ дарёбад, ҷойҳои нави корӣ фароҳам орад, табақаи моликон ва соҳибкорони фаъолро ба вуҷуд оварад.

«...Рушди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама ба таъмини риояи принсипҳои ташкили он вобаста мебошад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ бо назардошти таҷрибаи чандинсолаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон ва моҳияти мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ принсипҳои зерини ташкили он муайян карда шудааст» [116, с. 64]:

1. Интихоби озоди ихтиёронаи намудҳои фаъолият ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии он;

2. Интихоби озоди шарикон ва дигар субъектҳои бозор;

3. Мустақилона таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои фаъолият ва муайянкунии нархҳо мувофиқи хароҷоти истеҳсолӣ бо риояи қонунгузории амалкунанда;

4. Озодона кироя кардани кормандон дар асоси озмун;

5. Озодона, бе дахолати мақомоти давлатӣ тақсимоти фоидаи холис;

6. Мустақилона пеш бурдани фаъолияти берунаи иқтисодӣ ва истифодабарии даромади асъор мувофиқи нақшаи худи соҳибкор;

7. Таъмини ҳимояи судии манфиатҳои соҳибкор;

8. Танзими давлатӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ;

9. Таъмини нигоҳдории сири соҳибкорӣ.

Дар таҷриба фаъолияти соҳибкорӣ нозук ва мураккаб буда, ҳар гуна дахолатҳои беасос метавонад боиси рукуди иқтисодии он гардида, онро аз иҷрои рисолати худ дар иҷрои вазифаҳои саривақтӣ боз дорад. Инро мо дар инкишофи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 1992-2008 мушоҳида карда метавонем. Дар ин давра хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳалли бисёр масъалаҳои пеш бурдани фаъолияти худашон озод ва мустақил набуданд, махсусан, дар соҳаи пахтакорӣ ва бинобар ҳамин онҳоро ҳамчун шакли соҳибкории кишоварзӣ ҳисобидан ғайриимкон буд. Масалан, яке аз сабабҳои афзоиши ҳаҷми қарздории соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 1995-2008 маҳз, ба ақидаи мо, дар вайрон намудани принсипҳои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар кишоварзӣ мебошад.

Интихоби шакли фаъолияти соҳибкорӣ кори басо мушкил мебошад. Бинобар он, ба соҳибкор муҳити хоҷагидорӣ ва ҳуқуқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва як қатор имкониятҳои дигар барои рушди доимӣ бояд фароҳам оварда шаванд то ин бахш дар сатҳи зарурӣ рушд намояд. Шароитҳое, ки ба ташаккулёбии соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, чунинанд: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраҳо.

Ҷанбаҳои муҳими хосияти институтсионалидошта дар фароҳамсозии механизм ва омилҳои ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ мусоидаткунанда имкон медиҳад то ин ниҳод ба сифати як муҳаррики пешбаранда баромад намуда, ба як қатор дастовардҳо давлатро расонад. Дар меҳвари рушди фаъолияти соҳибкорӣ такмилдиҳии усулҳои баҳисобгирӣ ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ нақши ниҳоят зарурӣ доранд.

Зарурати танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро асоснок намуда, Котлер Ф. «...се сабаби асосиро нишон медиҳад, ки бинобар он санадҳои қонунгузории мувофиқ қабул карда шуданд» [103, с. 733]:

- зарурати аз ҳамдигар ҳимоя намудани фирмаҳо (соҳибкорон);

- зарурати ҳимоя намудани истеъмолкунандагон аз таҷрибаи кории бевиҷдонона;

- зарурати ҳимоя намудани манфиатҳои болоии ҷамъият аз бадахлоқии соҳибкорон.

Соҳибкории муосир дар тамоми соҳаҳои хоҷагидорӣ ва намудҳои фаъолият амалӣ карда мешавад. Зуҳуроти он аз эҷоди маҳсулоти нав, истифодаи технологияи нав, ворид шудан ба бозорҳои нав, ҷалби категорияҳои нави истеъмолкунандагон, азхудкунии навовариҳои ташкилию идоракунӣ, инчунин, ташаккули шабакаҳои байналмилалӣ ва ғ., дида мешавад. Дар замони муосир соҳибкорӣ аҳаммияти инноватсионии худро суст накарда, бахшҳои нави иқтисодро генератсия карда, табақаҳои нав ба нави истеъмолкунандагонро фаро мегирад.

Вобаста ба талабот ва равишҳои гуногуни иқтисодӣ дар ташаккули муносибатҳои хоҷагидорӣ ниҳодҳои соҳибкорӣ бар василаи муҳаррикҳои вобаста баромад намуда, тобеияти равишҳои гуногуни иқтисодро ба ҳаракат медароранд. Новобаста аз оне, ки баъзе номушаххасиҳо дар фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун як мушкилот ҷой доранд, бахши соҳибкорӣ дар доираи уҳдадориҳо ва дигар вазифаҳои бауҳдагирифтаи худ ин масирро ба пеш мебаранд. Дар ин ҳолат, номуайянии омилҳои муҳити беруна барои субъектҳои хоҷагидор аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, асоси методологияи таҳлили иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти миллии навъи гузариш бояд дар ибтидо ба динамикаи нобаробари рушди субъектҳои хоҷагидор равона карда мешуд. Бояд дарк кард, ки соҳибкории муосир, пеш аз ҳама, вобаста ба вазифа ва уҳдадориҳои худ барои фароҳам овардани имкониятҳои мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ дар як муҳити воқеан созанда дар заминаи рушди кооператсия, шарикӣ, схемаҳои франчайзинг, аутсорсинг, схемаҳои шабакавии тиҷорат ва ғайра нигаронида шудааст.

1.2. Таснифоти намудҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир

Ҷаҳони пешрафта ва муосир бори дигар собит намуд, ки фаъолияти соҳибкорӣ бар василаи муҳимтарин масъалаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, он вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи худ ҳамчун уҳдадорӣ як қатор имкониятҳои навро фароҳам меоварад. Зеро, дар айни замон, соҳибкорӣ ҳамчун механизми бемаҳдуд ва пуриқтидор метавонад дар пешрафти тамоми соҳаҳо нақши калидӣ бозида, сатҳи даромаднокӣ ва рушди иқтисодиёти миллиро таъмин намояд. Ҳамчунин, фаъолияти соҳибкорӣ ин фаъолияти васеест, ки дар он тамоми масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ инъикос карда мешаванд. Ин заруриятҳо ва қобилиятҳои созандаи фаъолияти соҳибкорӣ ба он боис гардидааст, ки дар масъалаи ташаккул ва рушди он пайваста чораҳои зарурӣ андешида шуда, ба он диққати махсус зоҳир карда мешавад.

Вобаста ба мушаххасот ва адабиёти мавҷуда ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки дар самти мушаххасот ва таснифи соҳибкорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ нуқтаи назари олимони дохилию хориҷӣ зиёд аст, ки онҳо ба ошкорнамоии «намуд» ва «шакл» ва сохтори фаъолияти соҳибкорӣ баёнияҳои гуногун манзур намудаанд.

Намуд мафҳумест, ки бо хосиятҳои дохилӣ ва унсурҳои доимӣ чизҳоро дар худ таҷассум намуда, мазмуни онҳоро ифода мекунад. Шакл ин зоҳиршавии мазмун вобаста ба омилҳои беруна мебошад ва аз ин рӯ як намуд дар шаклҳои гуногун баромад карда метавонад.

Ба ақидаи мо, мафҳуми «намуд» нисбат ба фаъолияти соҳибкорӣ мазмуни дохилии онро ифода мекунад, ки вай аз омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ҷуғрофӣ ва дигар омилҳо вобаста намебошад. Аз ин лиҳоз, намудҳои зерини фаъолияти соҳибкориро ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Соҳибкории истеҳсолӣ;
2. Соҳибкории тиҷоратӣ;

3. Соҳибкории молиявӣ;

4. Соҳибкории миёнаравӣ;

5. Соҳибкории хизматрасонӣ.

Намудҳои номбурдаи соҳибкорӣ аз рӯйи объект, шаклу тарзи ташкил ва пешбурди фаъолият барои ноил шудан ба мақсади ниҳоӣ аз ҳамдигар ба таври куллӣ фарқ мекунанд ва аз ин рӯ барои машғул шудан ба ин ё он намудҳои зикршудаи фаъолияти соҳибкорӣ қобилияти ҳархелаи соҳибкорӣ талаб карда мешавад. Барои он, ки фарқияти намудҳои мухталифи фаъолияти соҳибкориро ба дараҷаи кофӣ дарк намоем, моҳияти онҳоро ба таври мухталиф дида мебароем.

Табиатан, дар шароити имрӯза, агар фаъолияти соҳибкорӣ паҳлуҳои конкретии зиёдро дар бар гирад ҳам, он метавонад шаклҳои асосӣ ва ёрирасон дошта бошад. Аз ҳамин хотир, гуфтан зарур аст, ки дар маҷмуи фаъолияти соҳибкориҳо соҳибкории истеҳсолӣ бартарии бештари иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Бояд гуфт, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар ташкили муносибатҳои гуногунҷанба нақши меҳварӣ дошта, одатан, он ба рушди истеҳсолот дар таркиби ММД, ҷустуҷӯйи шаклҳои нави молу маҳсулот ва ҳамзамон хизматрасонӣ нақши калидӣ дорад.

Сарфи назар аз оне, ки соҳибкор дар доираи уҳдадориҳои худ ба як қатор аҳдҳо ва уҳдадориҳо ҷавоб диҳад ҳам, он як механизми таъсиррасон дар сохторҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад. Ба ин хотир, тибқи назариёти классикон фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аз се марҳалаи асосӣ иборат мебошад.

Дар дараҷаи аввали фаъолият соҳибкор барои амалкардҳои бунёдии фаъолият барои хариди ашёи хом ва таъмини воситаҳои истеҳсолот, ташкили иқтидорҳои кадрӣ ва кормандони таҷрибадор машғул мегардад. Барои тезонидани ҷараёни фаъолият он ба механизмҳои бунёдии марҳилаи аввали ташкили фондҳои асосӣ, фондҳои гардон, иқтидор ва қувваи қобили корӣ ва дигар воситаҳои

ёрирасон машғул мегардад.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ барои бунёди як фаъолияти мукаммали соҳибкорӣ бояд ба масъалаи захираҳои кадрӣ ва навовариҳои нав, ки ҳамчун сармояи боэътимод маҳсуб меёбанд, таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Вобаста ба таҷрибаи гузашта ва ҷорӣ соҳибкориро ба сифати як механизми бунёдӣ ва воқеан ба вазъи иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсиррасонанда низ мегӯянд, ки барои фаъолияти он вобаста ба заминаҳои қонунгузорӣ заруранд, фароҳам оварда, тибқи он фаъолияти минбаъдаи худро вобаста ба сатҳ ва ҳаҷми истеҳсол тибқи стратегия дар давраҳои минбаъда муайян менамояд.

Дар таҷриба ва илми иқтисодиёт марҳилаи дуюми фаъолияти соҳибкориро марҳилаи истеҳсолӣ меноманд, ки дар асоси қарорҳои қабулшуда вобаста ба навъи фаъолияти иқтисодӣ ва истеҳсоли молу маҳсулот хулосаи ниҳоӣ бароварда мешавад. Илова бар ин, дар ин марҳила ҳамаи заминаҳо ва воситаҳое, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ заруранд, санҷида шуда, баъдан ба воситаи онҳо ҷараёни истеҳсолот оғоз карда мешавад. Дар ин марҳилаи истеҳсолот тамоми неъматҳои моддие, ки барои истеҳсолот заруранд, ба сифати маҳсулот ба корхона ворид гардида, онҳо баъди ба мол табдил гардидан бо арзиши изофӣ ба бозор пешниҳод карда мешаванд, ки ин масъала ҳадафи ниҳоии соҳибкорро мушаххас менамояд.

Марҳилаи сеюми фаъолияти соҳибкориро дар муносибатҳои иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои ниҳоии гузошташуда, марҳалаи ниҳоӣ ном мебаранд, ки дар ин муддат соҳибкор молҳои истеҳсолкардаашро вобаста ба нархи муқаррарӣ бо арзиши номиналӣ ба харидорон пешниҳод намуда, барои тезонидани ҷараёнҳои истеҳсолии худ дар марҳилаҳои минбаъда онҳоро аз ҳисоби фурӯш ба сармояи пулӣ мубаддал менамояд.

Чи тавре ки ҳаракати мол барои арзиши истеъмолӣ пайдо намудан се марҳилаи асосиро аз сар мегузаронад, фаъолияти соҳибкорӣ низ

барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ дар самти истеҳсолот се марҳилаи асосиро аз сар мегузаронад, ки он аз ташкили муҳити истеҳсолӣ ва ашёи хом, коркард ва ба қобили талабот мубаддал кардани ашёи хом ва ниҳоятан ба сармояи пулӣ мубаддал кардани онро дар бар мегирад.

Тибқи мушаххасоти дар боло овардашуда, вобаста ба заруриятҳои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, иловатан чунин намудҳои соҳибкорӣ муайян гардидаанд:

- соҳибкории истеҳсолӣ – ин як шакл ё қисми фаъолияти бошууронаи соҳибкориест, ки он дар заминаи талабот ба тавлиди неъматҳои гуногуни ниёзҳои дар бозор ҷойдошта истеҳсол мегардад;

- соҳибкории тиҷоратӣ - ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ хосияти миёнаравӣ дошта, ҳамчун ҳаваскор дар заминаи манфиатҳои бисёртарафа бо шабакаҳои гуногун фаъолият менамояд;

Маҷмуан, соҳибкории истеҳсолӣ аҳаммияти зиёди макро ва микроиқтисодиро доро буда, он ба истифодаи омилҳои гуногуни истеҳсолот барои ниҳояти истеҳсоли неъматҳои гуногун машғул мегардад ва барои расидан ба ҳадафҳои худ аз стратегияҳои илман асоснок ба воситаи технологияҳои муосир васеъ истифода мебарад. Бинобар ин, дар табиати намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ инкишоф ва ташаккули воситаҳои ёрирасони соҳибкорӣ низ ба вуҷуд меоянд;

- «...яке аз хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳибкорӣ дар ташаккули сармоя ва гардиши воситаҳои истеҳсолот ва ба пул табдил ёфтани онҳо зоҳир мегардад, ки онро аз дигар шаклҳои фаъолият ба куллӣ фарқ мекунанд» [129, с. 687],;

- «...дигар хусусияти хоси соҳибкории истеҳсолӣ дар он зоҳир мегардад, ки вай арзиши иловагиро дар раванди истеҳсоли неъматҳо аз ҳисоби тағйир додани шакл ва сохти маҳсулот бо арзиши изофӣ ба вуҷуд меоварад» [129, с. 687],.

Вобаста ба баъзе сарчашмаҳои илмии дохилию хориҷӣ иброз

доштан, аксарияти таҳқиқотчиён ба соҳибкории истеҳсолӣ хизматрасониро дар таҳти истеҳсоли хадамот (хизмат) низ дохил мекунанд [129, с. 687], [156, с. 282-290], [137, с. 38-47].

Аз он хотире, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити имрӯза бемаҳдуд ва беохир аст, онро дар шакл ва сохтҳои гуногун шарҳ додаанд, ки он хосиятҳои хизматрасонӣ ва дигар имкониятҳои соҳибкориро дар сатҳи зарурӣ дар бар мегирад.

Дар фаъолияти мунназами соҳибкории истеҳсолӣ равишҳои гуногуне ҷой доранд, ки дар он нақши ниҳоди соҳибкории истеҳсолӣ ба сифати як муҳаррики асосии пешбаранда баромад намуда, он таъмини аҳолиро бо сарчашма ва захираҳои иловагӣ имконпазир мегардонад. Маъмулан тибқи иҷрои вазифаҳо ва мушаххасоти ҷойдошта соҳибкории тиҷоратӣ дар байни шаклҳои дигари фаъолияти соҳибкорӣ ба василаи фаъолиятҳои тиҷоратӣ аз рӯйи равишҳои ҳаваскорӣ фаҳмида шуда, он ба равобитҳои тиҷоратӣ ҳангоми харид ва фурӯш байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон фаҳмида мешавад. Вазифаи асосии соҳибкории тиҷоратӣ - ин таъмини робитаи устувор дар байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон буда, он танҳо дар бозор амал мекунад.

Иқтисодиёт худ як низоми мураккабест, ки дар он ҳама омилҳо ва шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ метавонанд ширкат варзида, мавқеи худро дар иҷрои вазифа ва ҳадафҳои муайян роҳандозӣ намоянд. Гуфтан мумкин аст, ки ҷузъиётҳои воқеан ташаккулёфтаи фаъолияти соҳибкорӣ оғоз аз ҷамоаи ибтидоӣ то замони ҳозира дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ, соҳибкорӣ яке аз муассиртарин фаъолияти иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Илова бар ин, гуфтан мумкин аст, ки дар пешбурди фаъолияти иқтисодӣ соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики асосии пешбаранда маҳсуб ёфта, дар гурӯҳҳои манфиатдор метавонад дар доираи манфиатҳои умумӣ ба фаъолиятҳои гуногун машғул бошад. Бинобар ин, дар баробари гуногунии сохторҳои иқтисодӣ, фаъолияти

соҳибкорӣ низ бояд дар шаклҳои гуногун сурат гирифта, ба дигаргунии таркиби иқтисодӣ мусоидати ҳаматарафа намояд. Гуфтан мумкин аст, ки агар чанде, ки фаъолияти соҳибкорӣ як фаъолияти бемаҳдуд ва беохир вобаста ба шакл ва намудҳои он эътироф мегардад, бо мурури замон дар натиҷаи тағйиротҳои таркибӣ дар муҳити иҷтимоию иқтисодӣ бо шаклҳои ҷадиди он вохӯрдан мумкин аст, ки инҳо бевосита ба равишҳои навсозишуда вобаста ба талаботи замон арзёбӣ мегарданд. Бинобар ин, дар таҳқиқоти худ вобаста ба шаклҳои мавҷудаи фаъолияти соҳибкорӣ боз шаклҳои ҷадиди хосияти институтсионалӣ доштани онро мо дар таҳқиқоти илмии худ чунин инъикос намудем.



Расми 1.1. - Сохтори соҳавии шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир

Сарчашма. Таҳияи муаллиф

Пешрафтҳои доимии иқтисодӣ бо ёрии истифодаи механизмҳои соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории истеҳсолӣ шакли маъмултарин ва босамари фаъолияти иқтисодӣ буда, он дар ҳама шароит метавонад ба сифати муҳаррики асосии пешбаранда маҳсуб ёбад. Дар ҷомеаи иқтисодӣ босамартарин фаъолияти соҳибкорӣ ин соҳибкории истеҳсолӣ мебошад ва тамоми бартарӣ ва афзалиятҳои иқтисодӣ ба воситаи ин ниҳод ташаккул меёбад. Агарчанде ки дар навбати аввал ин намуди фаъолият бо як қатор муаммоҳо рӯ ба рӯ аст, дастгирии доимии он метавонад барои ноил шудан ба як қатор имкониятҳои стратегӣ оварда расонад. Ин аст, ки барои мукаммалсозии фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории тиҷоратӣ ва соҳавиро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд ва дар доираи он имкониятҳои дигар ташаккул меёбанд. Дар соҳибкории истеҳсолӣ соҳибкории тиҷоратӣ метавонад вазифаи муҳаррикро иҷро намояд, ки он ҳавасмандии истеҳсолкунандагонро баланд мебардорад. Дар таҷриба вобаста ба механизмҳои дурусти ташаккули фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, соҳибкории тиҷоратӣ метавонад ба василаи як механизми таъсиррасон ва рушддиҳанда баромад намояд.

Имрӯз дар сатҳи соҳибкории соҳавӣ ҳиссаи бахши саноат ва кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳо назаррас буда, ба сифати унсурҳои калидии таъмини устувории иқтисодиёти мамлакат баромад мекунанд. Натиҷаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ бароварда кардани ниёзҳои истеъмолии аҳолӣ, гирифтани фоидаи назаррас ва рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

Дар татбиқ ва рушди хизматрасониҳои сатҳи гуногун дар сатҳи хизматрасониҳои маишӣ, пулӣ ва дигар хизматрасониҳои зарурӣ, нақши соҳибкории ғайриистеҳсолӣ назаррас буда, метавонад ба сифати омили баҳодиҳӣ дар сатҳи иқтисодиёт мусоидати ҳаматарафа намояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таваҷҷӯҳ ба соҳибкории ғайриистеҳсолӣ зиёдтар ба назар мерасад ва ин шаҳодати он аст, ки

сатҳи фоидагирии ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ аз нуқтаи назари гирифтани фоидаи зуд ва боэътимод, хавфи паст ва дигар имконияту бартариятҳо зиёд мебошад. Бинобар ин, таваҷҷӯҳ ба чунин шаклҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон тамоюли болоравӣ дорад ва ин метавонад бо мурури замон ва талаботи ҷорӣ шакли худро тағйир дода, шаклҳои навро ба вуҷуд оварад.

Бинобар ин, дар тақвияти рушди ҳамоҳангшудаи бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун зарурият масъалаҳои зерин мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода шаванд:

1. Фароҳамсозии имкониятҳои бунёдӣ ва сохтории шаклҳои алоҳида ва муҳими соҳибкорӣ;

2. Афзалиятдиҳӣ ба бахши соҳибкории истеҳсолӣ ва имтиёздиҳӣ ба фаъолият ва истеҳсолоти молҳои алоҳидаи он;

3. Ташкили дурусти муҳити ҳамгироӣ байни сохторҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар имкониятҳои ба он вобастабуда ва ғ.

Дар ҷомеаи иқтисодӣ вобаста ба бо суръати баланд ҷараён гирифтани муносибатҳои бозорӣ дар раванди хариду фурӯш масъалаи аз ҳам ҷудо шудани фарқ байни мол ва маҳсулот ба вуҷуд омад. Зеро, муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ худ боиси он гардиданд, ки ин масъалаҳо аз ҳам ҷудо гардида, фарқияти онҳо аз нуқтаи назари илмӣ ва истеъмолӣ мушаххас карда шаванд.

Фаъолияти соҳибкории тиҷоратӣ дар биржаҳои молӣ, бозори молҳои истеъмолӣ ва дар бозорҳои омилҳои истеҳсолот аз тарафи ташкилоту корхонаҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба амал бароварда мешавад. Рушди соҳибкории тиҷоратӣ аз рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо давлатҳои дигар вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳаракати сармоя дар соҳибкории тиҷоратӣ аз ду марҳила ва ду шакл: шакли пулӣ ва шакли молӣ иборат мебошад.

Бе дарки амиқи моҳияти баҳси илмии дар адабиёти иқтисодӣ

мавҷудбуда дар бораи намудҳо ва шаклҳои соҳибкорӣ хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст.

Соҳибкорӣ дар самти хизматрасонӣ дар сатҳи илмҳои иқтисодӣ аз унсурҳои пулӣ ва сода намудани дастрасӣ ба неъматҳои истеҳсолиро ифода менамоянд. Соҳибкории хизматрасонӣ хусусияти маҷмуӣ дошта, онро ҳам дар самтҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ҳам дар самти фаъолиятҳои ғайрииқтисодӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Чунин хусусияти хоси соҳибкории хизматрасонӣ аз хусусиятҳои хизмат ҳамчун моли махсус бармеояд:

1. Арзиши истеъмолии хизмат шакли муайяни шайъӣ (моддӣ) надорад;

2. Арзиши истеъмолии хизмат – манфиатбахш ё фоиданокии фаъолияти меҳнати зинда мебошад;

3. Хизматро ҷамъ ё захира намудан имконнопазир аст, зеро он дар вақти истеҳсол истеъмол мешавад [155, с. 144].

Дар баррасии масъала мо бар он назарем, ки тамоми шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ғайр аз мақсадҳои гузошташуда бо дигар ҷузъиётҳои худ ба куллӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд..

«...Соҳибкории молиявӣ ҳамон амудии соҳибкорие мебошад, ки ба хариду фурӯши молҳои махсус – пул, асъор, қоғазҳои қиматнок машғул мебошад. Моҳиятан, соҳибкории молиявӣ ба соҳибкории тиҷоратӣ наздик мебошад, ки инро ба назар гирифта, дар адабиёти муосири иқтисодӣ онро ҳамчун як намуди соҳибкории тиҷоратӣ меҳисобанд ва фарқияти онҳоро дар он мебинанд, ки моли соҳибкории молиявӣ активҳои (дороиҳои) молиявӣ мебошад» [85, с. 28], [137, с. 39].

Ба соҳибкории молиявӣ ҳамчун намуди соҳибкорӣ, ба андешаи мо, хусусиятҳои зерин хос мебошад:

1) Дорӣ ба сифати сармоя дар фаъолияти соҳибкории молиявӣ бар василаи як механизми ҳадафманд баромад менамояд;

2) Он барои сармояивазкунӣ ва табдилдиҳии он аз як шакл ба

шакли дигар баромад менамояд;

3) Он ба сифати як иштирокчии фаъол дар бозори пул, асъор ва қоғазҳои қиматнок ба амал бароварда мешавад ва аз ин рӯ ба он эҳтимоли баланди зарар (таваккал) хос мебошад.

Бинобар ҳамин, соҳибкории молиявӣ нисбатан фаъолияти мураккаб буда, аз субъектҳои он донишу малакаи баландро талаб менамояд. Раҳимбердӣ Ф. дар ин хусус дуруст қайд кардааст, ки «...Соҳибкории асъорию молиявӣ метавонад даромадҳои аз соҳибкории тиҷоратӣ камтар надошта бошад, вале он талаботи нисбатан бештари аз худ кардани донишу малакаро барои соҳибкорон, фурӯшандагон ва харидорони маблағҳои пулӣ пеш мегузорад. Соҳибкории молиявӣ назар ба дигар намудҳои соҳибкорӣ бо ахбороти аниқ, таъмини техникаи ҳисоббарор ва ташкилӣ эҳтиёҷоти калон дорад» [137, с. 38-47].

Соҳибкории миёнаравӣ намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар раванди баамалбарории он истеҳсолкунандагон (фурӯшандагон) ва истеъмолкунандагон (харидорон), ки ба якдигар ниёз доранд, бо ҳам пайваст карда мешаванд. Аз ин рӯ, соҳибкории миёнаравӣ дар ташаккул ва инкишофи муносибатҳои бозорӣ нақши муҳим мебозад. Миёнаравӣ ҳамчун намуди соҳибкорӣ аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар он бо маҳсулот, молҳо, пулу асъори хориҷӣ сару кор нагирифта, танҳо бо одамоне муомила карда мешавад, ки ин дороиҳоро бевосита дар ихтиёр доранд ё бо онҳо сару кор мегиранд.

Соҳибкории хизматрасонӣ ҳамон намуди соҳибкорӣ мебошад, ки он ба истеҳсоли моли махсус – хизматҳо нигаронида шуда, дар он истеҳсол, фурӯш ва истеъмоли натиҷаи фаъолият (хизмат) дар як вақту фазо амалӣ мешаванд. Хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳибкории хизматрасонӣ дар он ифода меёбад, ки он бо таваккали нисбатан паст ва фоидаи аз пеш таъиншуда дар муҳити нисбатан аниқтар ва васеъ амал менамояд. Аз ин рӯ, фаъолияти соҳибкории хазматрасонӣ танҳо бо

хоҳиш ва фармоиши истеъмолкунандаи бевосита, мувофиқи шартномаҳои тарафайн оғоз мегардад.

Инак, ба таври мухтасар бо моҳияти намудҳои соҳибкорӣ ва хусусиятҳои онҳо шинос шуда, метавон хулоса кард, ки ҳар яки онҳо дар таъмини рушди устувори иқтисоди бозорӣ нақш ва мавқеи хоса доранд. Дар баробари дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, дар шароити имрӯза яке аз намуди маъмули он соҳибкории инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир ташаккул ва рушди соҳибкории инноватсионӣ яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки мо ба таври доимӣ бояд барои дар амал фаъол намудани ин бахши соҳибкорӣ пайваста талош варзем. Зеро, чунин шакли фаъолияти соҳибкорӣ моро ба ҳадафҳои стратегии дар пеш гузоштаи худ мерасонад. Бинобар ин, мо як қатор мушаххасоти муҳими соҳибкории инноватсиониро таҳлил ва пешниҳод намудем (ҷадвали 1.2).

Ҷадвали 1.2. - SWOT–таҳлили афзалият, имконият ва дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ-инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир

АФЗАЛИЯТ	ИМКОНИЯТ	ДУРНАМО
Самаранокии баланд ва имконияти васеъ	Ташкили манбаҳои даромади нав ғайр аз фаъолиятҳои муқаррарӣ	Ҷалби тамоми аҳолии қобили меҳнат ва синну соли болиғ ва ғайриқобили меҳнат
Хавфи нисбатан паст ва қобили идора	Роҳҳои осон идора намудани хавф ва таҳдид	Ба таври фосилавӣ ва пеш аз хатар пешгирӣ кардани ҳолатҳои ногувор
Ташкили фаъолияти нав ва имкониятҳои нав	Дар муҳити хонаводагӣ ва берун аз он ташкили фаъолият	Риояи таносуби тақсимоти дурусти ҷамъиятии меҳнат дар оила

Идомаи ҷадвали 1.2.

Сарфаи вақт, хароҷоти паст ва имконияти зиёд	Имконпазирии идорашавандагии истеҳсолот	Дар муҳити васеи хонаводагӣ ташкили фаъолияти соҳибкорӣ
Диверсификатсияи истеҳсолот	Тезонидани ҷараёни истеҳсолот ва бефосилагии он	Пайдо шудани мол ва маҳсулоти электронӣ
Истифодаи васеи техника ва технологияи муосир	Коҳиши шиддати хавфҳои мавсимӣ	Вусъатгирӣ ва истифодабарии технологияҳои рақамӣ
Имконияти васеъ ва фарогирии оммавӣ	Дарстрасии содда ва имкониятҳои бештар ба фаъолияти нав	Пешбурди самтҳои асосии фаъолият тавассути технологияҳои рақамӣ
МУШКИЛОТ	**РОҲИ ҲАЛ**	**ИНТИЗОРИҲО**
Ивази одатҳои доимии муқарраргашта дар самти фаъолият	Ташкили муҳити ҳамгироӣ дар тамоми соҳаҳо	Сатҳи баланди фарогирии молиявии аҳолӣ
Мавҷудияти хавфҳои эҳтимолӣ дар марҳилаи ибтидоӣ	Зиёд намудани шарикӣ ва таъсири давлатӣ тар чунин шакли фаъолият	Риояи таносуби тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар ҳама оилаҳо, ҳатто шахсиятҳои дорои имконияти маҳдуд
Норасоӣ ва нофаҳмоӣ дар истифодаи технологияҳои истеҳсолӣ	Дарёфти манбаъҳои арзони сармоягузорӣ ва қарзӣ дар самти мазкур	Татбиқи босуръати иқтисодиёти рақамӣ ва пардохтҳои комили электронӣ
Риояи ҳатмии стандартҳо ва талаботи байналмилалӣ	Роҳҳои баромадан ба бозори берунӣ ва таъмини бефосилаи молҳои гуногуни истеҳсолӣ	Ҳамасола дар сатҳи то 2-3 фоиз афзоиш додани рушди иқтисоди миллӣ аз ҳисоби соҳибкории инноватсионӣ
Норасоии мавҷҳои истеҳсолӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ дар баъзе шаклҳои фаъолият	Ташкили курсҳои махсуси омӯзишӣ дар самти афзалиятҳо ва роҳҳои истифодаи соҳибкории инноватсионӣ	Татбиқи иқтисодиёти сабз ва фаъолияти соҳибкории ҳамагир

Сарчашма. Аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст.

Дар айни замон, ба хотири оне, ки ҷаҳони муосир ба таври доимӣ дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дорад, дар роҳи расидан ба иқтисодиёти пешрафта ташкили соҳибкории инноватсионӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Имрӯз дар сатҳи соҳибкории инноватсионӣ мо як қатор бартарияту афзалиятҳои дорои аҳаммияти умумимиллиро мебинем ва ин моро ба он водор менамояд, ки ба чунин шакли фаъолият талош варзем. Дар робита ба ин, дар сатҳи соҳибкории инноватсионӣ дар ҷадвали овардашуда як қатор мушаххасот мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар айни замон, афзалиятҳои соҳибкории инноватсионӣ метавонад таваҷҷӯҳи ташаббускорон ва ҳукумати кишварро барои тақвияти он афзоиш дода, заминаҳои ташаккули онро ба таври доимӣ пайгирӣ намояд. Бинобар ин, яке аз афзалиятҳои асосие, ки он дар заминаи татбиқи соҳибкории инноватсионӣ ба даст оварда мешавад, ин албатта самараи баланд ва хавфи пасти идорашаванда дар ин шакли фаъолият мебошад.

Дар баробари афзалиятҳои мавҷуда, яке аз механизмҳои асосие, ки он мавриди таваҷҷӯҳ мебошад, ин меҳварият ва сатҳи фарогирии соҳибкории инноватсионӣ мебошад. Тавре аз маълумоти ҷадвали болозикр бармеояд, соҳибкории инноватсионӣ натанҳо шахсони ташаббускор ва қобили баланди меҳнатиро дар худ фаро мегирад, балки дар он тамоми шахсон, махсусан, шахсони имконияти маъюбидошта низ метавонанд соҳиби даромади пулӣ гарданд. Айни замон, тиҷорати электронӣ дар форматҳои Amazon (Amazon.com, Inc.), Taobao.com (интернет-мағоза), Pinduoduo Inc. ё PDD, AliExpress фаъол буда, тавассути ин форматҳои электронӣ рӯзе дар Тоҷикистон зиёда аз 10 ҳазор дархости тиҷоратӣ аз тарафи шахсони гуногун қабул карда мешавад. Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонаҳои махсуси пешниҳодкунандаи хизматрасонии молу маҳсулот аз қабили Somon.tj, Savdo.tj, laklakmarket.tj ва монади инҳо фаъол буда, дар шароити имрӯза

чунин фаъолият як қисми соҳибкории инноватсионӣ маҳсуб ёфта, дар шароити рушди технологияи иттилотию коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ тақвияти онҳо шарти муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз муассиртарин шаклҳои фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ, ки он имрӯз дар ҳоли густариши доимӣ қарор дорад, ин тиҷорати электронӣ мебошад, ки дар ин шакли фаъолият имрӯз тамоми шахсон, новобаста аз макон ва мавқеи ҷойгиршавӣ дар ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ муташаккилона иштирок меварзанд. Аз ин хотир, тақвияти ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ бояд дар заминаи имкониятҳои зерин тақвият дода шаванд:

1. Дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили курсҳои бозомӯзӣ дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ташкили соҳибкории инноватсионии гуногунсамт ва дастгирии молиявию сохторӣ дар ин самт;

2. Дарёфти фаъолияти гуногуни соҳибкории минтақавӣ дар тавлиди молу маҳсулоти афзалиятдоштаи минтақавӣ ва сатҳи дастрасгардонии он ба бозорҳои дохилӣ бемаҳдуд ва ба бозорҳои хориҷӣ;

3. Ташкили муҳити ҳамгироӣ дар заминаи мукаммалгардонии соҳибкории инноватсионӣ ва ба ин муҳит ворид кардани хоҷагиҳои хонаводагӣ;

4. Тақвияти тиҷорати электронӣ дар сатҳи оилаҳо ва дигар шахсони имконияти фаъолияти зеҳнидошта ва ғ.

«...Таснифоти шаклҳои соҳибкорӣ дар адабиёти муосири иқтисодии хориҷию ватанӣ ва қонунгузории давлатҳо, аз он ҷумла, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи чунин меъёрҳо (аломатҳо) гузаронида мешавад, таъиноти функсионалию соҳавӣ, шакли моликият, субъектҳои соҳибкорӣ, ҳаҷми фаъолият, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, технологияи пешбурди фаъолият,

муносибат ба қонун ва ғайра» [138, С. 392], [94, С. 16-45], [115, С. 29-58], [137, С. 38-47], [96, С. 42-44].

Мувофиқ ба талаботи актуалӣ будани мавзуи диссертатсияи илмӣ ва мавзую объекти таҳқиқот, баррасии соҳибории истеҳсолиро аз нуқтаи назари функсионалӣ ё маҷмуӣ таҳқиқ намудан мувофиқи мақсад мебошад. «...Вобаста ба баҳодиҳии вазъи соҳибкорӣ ва таъсири мушаххаси он ба сатҳи рушди иқтисодӣ ва ММД-и кишвар, мо метавонем соҳибкориро дар сатҳи истеҳсолот ба шаклҳои зерин ҷудо намоем: саноатӣ, аграрӣ, сохтмонӣ, илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ, ки ин шакли соҳибкорӣ қаблан дар асарҳои олимони тоҷик низ дар чунин шакл пешниҳод шудааст» [77, с. 15-23]. Олими тоҷик Раҳимбердӣ Ф. дар асари худ «...ба шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ инчунин, навоварӣ, истеъмолии истеҳсоли молҳо ва хизматҳоро низ дохил мекунанд» [137, с. 38-47].

Ба андешаи мо, дар мукаммалсозии ин ҷараён, пеш аз ҳама, ба назар гирифтани инноватсияи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Иловатан, қайд кардан зарур аст, ки натиҷаи пешрафти илмӣ-техникӣ асоси фаъолияти соҳибкорӣ буда, он бо навигариҳои мутобиқ ба талаботи замон асос ёфтааст.

Дар таҷрибаи имрӯза вобаста ба равишҳои нави рушди технологияҳои рақамӣ вусъати соҳибкории илмӣ-техникӣ дар ҳоли шаклгирӣ буда, зарурият ба мавҷудияти он дар иқтисодиёти имрӯза ба худ равиши нав гирифтааст.

Шакли дигари фаъолияти соҳибкорӣ, ин соҳибкории иттилоотию интелектуалӣ мебошад ва он дар тақвияти доимии фаъолияти соҳибкорӣ ва баҳадафрасонии он мусоидат намуда, пеш аз ҳама, ба коркард ва пешниҳоди маълумоти нав мусоидат намуда, пайгирии равишҳои нави воситаҳои иттилоотӣ аз қабили китобҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, расму лавҳаҳо, маводҳои таблиғотӣ, иттилоот дар васоитҳои ахбори оммаро афзал мешуморад.

Соҳибкории саноатӣ шакли маъмул ва паҳнгаштаи фаъолияти иқтисодӣ буда, он аҳаммияти стратегӣ ва тағйирдиҳиро доро мебошад. Дар фаъолияти соҳибкории саноатӣ молу маҳсулоти аҳаммияти маишӣ ва стратегидошта тавлид карда мешавад. Илова бар ин, истеҳсолоти чунин шакли фаъолияти соҳибкорӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мавқеи асосӣ дорад.

Дар таъмини амнияти озуқавории ҳар як кишвари алоҳида, соҳибкории аграрӣ мавқеи калидӣ дошта, он дар истеҳсоли маҳсулоти гуногуни ғизоӣ ва ғайриғизоии давлат мавқеи ҳалкунанда дорад. Бинобар ин, дар ташкил ва пешбурди ҷараёнҳои соҳибкории истеҳсолӣ, соҳибкории кишоварзӣ аз дигар шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба таври куллӣ фарқ мекунад. Зеро соҳибкории кишоварзӣ дар асоси қувва ва нерӯи халқ, ки онҳо қобили меҳнат мебошанд, бармеояд. Як хусусияти хоси фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин шакли соҳибкорӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои он осебпазир мебошад ва ба дастгирии бештаре ниёз дорад.

Бояд қайд намоем, ки аз давраи аввали соҳибистиқлолӣ ҳифзи амнияти озуқавории кишвар зери таваҷҷӯҳи бевоситаи муҳтарам Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ва барои пешгирӣ кардани хатари гуруснагӣ ва минбаъд ҳарчи бештар бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ таъмин намудани бозори истеъмолӣ дар давоми солҳои 1995-1997-ум ба аҳолӣ 75 ҳазор гектар замин тақсим карда шуд, ки ин яке аз иқдомҳои беназир ва дурандешона ба ҳисоб меравад. Инчунин, бо назардошти вазъи бамиёномада вобаста ба паҳншавии штаммҳои нави коронавируси КОВИД-19, инчунин, тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ дар ҷаҳон, бо мақсади роҳ надодан ба танқисии маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар бо ташаббуси навбатии муҳтарам Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон кишоварзони мамлакат аз пардохти андози ягона дар соли 2021 пурра озод карда шуданд.

Гуфтан зарур аст, ки соҳибкории сохтмонӣ низ як шакли дигари бунёдии фаъолияти соҳибкорӣ буда, он, одатан, ба бунёд ва азнавсозии объектҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ машғул мебошад.

Натиҷаи таснифоти шаклҳою намудҳои дигари соҳибкорӣ, яъне тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва хизматрасониро аз рӯйи меъёри таъиноти функсионалию доираи фаъолият, бе шарҳи моҳияти онҳо дар поён овардем (расми 1.2).

Вобаста ба имкониятҳои ҷойдошта ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ новобаста аз оне, ки ғайр аз соҳибкории истеҳсолӣ дигар шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ хосиятҳои гуногуни фоидаоварӣ дар таносуб ба ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ доранд, аммо дар муҳити имрӯзаи фаъолияти иқтисодии давлат, аз нуқтаи назари самараи иҷтимоию иқтисодӣ фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дорои афзалият ва бартарияти зиёд мебошад. Ба ҳамин хотир тафсири гуногуншаклии онро дар расми 1.2. чунин ишора намудем.

Аз нуқтаи назари илми назарияи иқтисодӣ, таснифоти шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ аз рӯйи шаклҳои моликият ва ҳаҷми фаъолияти соҳибкорӣ масъалаи муҳим мебошад. Тасодуф нест, ки иқтисодчиён Эргашев А. ва Мухадбердиев Ҳ. менависанд, ки «...дар китобҳои дарсӣ ва масоилҳои таълимию методӣ соҳибкориро бештар аз нуқтаи назари моликият ва ҳаҷми он, яъне тамаркузи истеҳсолот тавсиф медиҳанд. Дар асоси моликият фаъолияти соҳибкорӣ ба соҳибкории инфиродӣ (хусусӣ), рафиқона (шарикона), корпоратсияҳо (ширкатҳои саҳҳомӣ) ва дар мояи тамаркузи истеҳсолот бошад, онро дар доираи корхонаҳои хурд, миёна, калон таҳлил менамоянд» [156, с. 282-290, 341-342].



Расми 1.2. - Таснифоти шаклҳою намудҳои соҳибкорӣ аз рӯйи меъёри таъиноти функсионалию доираи фаъолият

Сарчашма: Таснифоти муаллиф

«...Муҳимияти иҷтимоию иқтисодии фаъолияти соҳибкориро ба инобат гирифта, барои фарогирии қонунӣ ва озодии амал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар масоили фаъолияти соҳибкорӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ», «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ» мавҷуданд, ки тавассути ин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкорӣ танзим ва ба рушди он мусоидат карда мешавад» [27], [29].

Аз рӯйи шакли моликият иқтисодчии ҷумҳурӣ, профессор Рауфӣ А. намудҳои зерини соҳибкориро ҷудо намудааст: «...соҳибкории давлатӣ, соҳибкории хусусӣ, соҳибкории гурӯҳӣ ё коллективӣ соҳибкории омехта, соҳибкории хориҷӣ» [133, с. 161-162], [134, с. 214]. Ба ақидаи таҳқиқотчии соҳаи соҳибкорӣ Раҳимбердӣ Ф. вобаста ба моликият ва шумораи моликиятдорон фаъолияти соҳибкорӣ метавонад инфиродӣ ва коллективӣ бошад. «Дар соҳибкории инфиродӣ моликият ба як шахси воқеӣ тааллуқ дорад. «...Дар соҳибкории коллективӣ моликият якбора ба якчанд субъект, бо муайянкунии ҳиссаи ҳар яки онҳо (моликияти ҳиссагӣ) ва ё бо муайянкунии ҳисса (моликияти муштарак) тааллуқ дорад. Соҳибият, истифодабарӣ ва ихтиёрдории амвол, ки дар моликияти коллективӣ аст, аз рӯйи созишномаи байни ҳамаи моликиятдорон ба амал бароварда мешавад» [137, с. 38-47]. Олими намоёни рус Журавлева Г.П. низ менависад, ки «аз рӯйи шакли моликият соҳибкории давлатӣ, хусусӣ ва коллективиро ҷудо намудан ҷоиз аст» [155, с. 193]. Баъзе иқтисодчиён аз рӯйи шакли моликият танҳо ду шакли

соҳибкорӣ, яъне соҳибкории хусусӣ ва соҳибкории давлатиро эътироф менамоянд.

Бояд қайд кард, ки соҳибкорӣ дар доираи шаклҳои гуногуни моликият, аз он ҷумла, дар шакли омехтаи он фаъолият карда метавонанд, аммо барои ҳаллу фасли муносибатҳои иштирокчиёни раванди фаъолияти соҳибкорӣ ба назар гирифтани шакли моликияти амволи корхона муҳим аст.

Таҳлили фикру ақидаҳои дар боло овардашуда ва нақши моликият дар низоми иқтисодӣ ба хулосае меоварад, ки таснифоти шаклҳои соҳибкорӣ аз рӯйи шаклҳои моликият бояд ҷой дошта бошад. Ба фикри мо, фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи моликият чунин шаклҳо дошта метавонад, давлатӣ, хусусӣ, коллективӣ, омехта ва муштарак. Дар айни замон, дар адабиёти муосири иқтисодӣ эътироф шудааст, ки аз рӯйи ҳаҷми фаъолият, яъне дараҷаи тамаркузи истеҳсолот се шакли соҳибкорӣ: хурд, миёна ва калон фаъолият мекунад. Чунин таснифот дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон қабул шудааст, вале дар давлатҳои гуногун мафҳумҳои хурд, миёна ва калон вобаста ба рушди иқтисодҳои миллӣ фаҳмида мешаванд. Иловатан, барои дастгирии бевоситаи фаъолияти соҳибкорӣ ва танзими он, давлат тавассути қонунгузории миллӣ як қатор меъёрҳоро муқаррар кардааст, ки аз рӯйи он ба ин шакли фаъолият баҳо дода мешавад.

«...Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба субъектҳои «соҳибкории хурд, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол то 1000000 (як миллион) сомонӣ аст. Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои зерин машғуланд, мансуб нестанд» [28]:

- “...истеҳсоли молҳои зераксизӣ” [28];

- “...таҳвили алюминийи аввалия” [28];

- “...фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ” [28];

- “...фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ” [28];

- “...фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок” [28].

«...Ба субъектҳои соҳибкории миёна шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади онҳо дар як сол аз 1000000 (як миллион) сомонӣ то 25000000 (бисту панҷ миллион) сомонӣ аст. Ба субъектҳои соҳибкории калон шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол аз 25000000 (бисту панҷ миллион) сомонӣ зиёд аст» [28].

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои аввалаи зерини ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро муқаррар намудааст:

1. Соҳибкории инфиродӣ;

2. Хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва оилавӣ;

3. Корхонаҳои хурд (хусусӣ, давлатӣ);

4. Хоҷагиҳои рафиқона (комил ва командитӣ);

5. Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ);

6. Ҷамъиятҳои саҳҳомӣ (кушода ва пӯшида);

7. Кооперативҳои истеҳсолӣ;

8. Корхонаҳои воҳиди давлатӣ;

9. Корхонаҳои муштарак.

Соҳибкорӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолнокии иқтисодӣ метавонад ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар бахши хусусии иқтисодӣ амалӣ гардад.

Албатта, ҳар кадоми инҳо – соҳибкории давлатӣ ва хусусӣ – нишонаҳои фарқкунандаи худро доранд, аммо принсипҳои асосии амалигардонии онҳо дар бисёр маврид бо ҳам мувофиқат мекунанд. Дуруст аст, ки дар ҳар шароит фаъолият ташаббускорӣ, масъулиятнокӣ, муносибати инноватсионӣ, кӯшиши ҳадалимкон афзун кардани дороиро

тақозо мекунад.

Типологияи ҳарду намуди соҳибкорӣ низ ҳамсон мебошад. Соҳибкорӣ ба сифати як ташаббускори самарабахш дар арсаи иқтисодӣ, ки дар навбати аввал вобаста ба равишҳои манфиатовар ба худ ва баъд ба дигарон амал мекунад, чунин амалкрдҳоро тақозо дорад:

1) пеш бурдани фаъолияти мақсаднок дар самт ва соҳаҳои гуногуне, ки воқеан барои пешрафти иқтисодиёт муҳим ва зарурӣ мебошанд;

2) иҷрои вазифаҳои бавоситаи миёнаравиро, яъне хизматрасонии ба ҳаракати мол дар бозор ва интиқоли он дар шакли мувофиқ (қобили қабули ҷамъият) аз истеҳсолкунандаи мустақими ин гуна мол ба истеъмолкунандаи он вобаста.

Вобаста ба ҳадафҳои дарпешгузошта, ки тавассути вазифаҳои бахши соҳибкорӣ дар амал татбиқ карда мешаванд, заруриятеро ба миён меорад, ки дар он баробарии амал, ҳифз ва равишҳои дастгирӣ ба таври доманадор таъмин карда шаванд. Чунин идроки ҷамъиятии фаъолияти соҳибкорӣ сабаби ягонаву асосӣ нест ва он метавонад механизм ва омилҳои дигарро низ дар бар гирад. Сабаби асосӣ дар дигар аст – фаъолияти миёнаравии соҳибкорӣ, мавҷудияти он ва мураккабкунии он то ҳадди аққал, боиси афзоиши ҳосилнокии меҳнати истеҳсолкунандагони бевоситаи молҳо дар асоси амиқшавии тахассусӣ; боиси шиддатёбии суръати гирдгардишии сармоя; боиси пуршавии бозорҳои молӣ то андозаҳои объективӣ ва фаъолияти истеҳсолкунандагони бевосита тибқи манфиатҳои истеъмолкунандагони ниҳоӣ мегардад (зеро миёнарав асосан ба омӯзиши талаботи истеъмолӣ ва он талаботе, ки метавонад манфиати чандтарафа дошта бошад, амал намуда, равишҳои гуногуни фоидаовариро таъмин карда тавонанд).

Вобаста ба мазмуни фаъолияти соҳибкорӣ ва алоқаи он ба зинаҳои асосии раванди такристеҳсол намудҳои гуногуни соҳибкориро аз ҳам фарқ мекунанд, соҳибкории истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ,

маслиҳатдиҳӣ.

«...Бо андешаи мо, соҳибкории истеҳсолӣ ҳамон шакли соҳибкорӣ номида мешавад, ки агар худи соҳибкор мустақиман, ба сифати омил, олот ва предмет меҳнатро истифода карда, маҳсулот, мол, хизматрасонӣ, кор, иттилоот, арзишҳои маънавиро барои фурӯши минбаъда ба истеъмолкунандагон, харидорон, ташкилотҳои савдо истеҳсол кунад. Ҳамин тавр, вазифаи истеҳсолот дар ин намуди соҳибкорӣ – асосӣ буда, муайянкунандаи тафаккури ҷавонони имрӯза мебошад» [229, с. 242-248].

Соҳибкоре, ки бо истеҳсоли бевоситаи молҳо алоқаманд аст, чунин тавсиф дошта метавонад:

1) тавсифи анъанавӣ (соҳибкории анъанавӣ);

2) тавсифи инноватсионӣ (фаъолияти инноватсионии соҳибкорӣ, соҳибкории инноватсионӣ).

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, соҳибкории истеҳсолӣ ин фаъолиятест, ки дар доираи он истеҳсоли молу маҳсулоти гуногун ба роҳ монда мешавад. Ин масъала низ, аз нуқтаи назари манофеи иҷтимоию иқтисодӣ хусусияти ҳасон дошта, масъалаҳои истеҳсол, ташкили тиҷорат ва ҳаракати сармояро низ ба ин восита дар бар мегирад. Илова бар ин, соҳибкории истеҳсолӣ як шакли фаъолиятест, ки пайваст бо хатарҳо, таҳдидҳо ва таваккалҳои таркибӣ ва маҷмуӣ мувоҷеҳ мебошад ва дар ҳамин масъала таъсири институтсионалии давлат бояд муҳим ва зарурӣ бошад.

Ба соҳибкории истеҳсолӣ фаъолияти навоварӣ, илмӣ-техникӣ, бевосита истеҳсоли молу хизматҳо, истеъмоли истеҳсолии он, инчунин, фаъолияти ахборӣ дар ин соҳаҳо мансуб мешаванд.

Аз баррасиҳои ақидаҳои олимони классик ва муосир ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки назарияҳои пешниҳодгардида ба он ишора менамоянд, ки муҳити соҳибкорӣ озодии иқтисодиро тақозо намуда, фароҳам овардани чунин шароит шарти асосӣ мебошад. Онҳо бар он

назаранд, ки мухолифат ё мудохилаи давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ меъёрӣ буда, онҳо танҳо масоили танзимро назорат баранду бас. Тавре таҷриба нишон медиҳад, дар аксар давлатҳои пешрафта ба рушди фаъолияти соҳибкории озод бартарӣ дода шудааст. Зеро, озодии амал равишҳои гуногуни истеҳсолот ва хизматрасониро ба таври фарогир ба миён меорад. Ва танҳо равишҳо ва самтҳои манфиатовар бамаротиб рушд карда мешаванд.

Новобаста аз оне, ки дар айни замон ба соҳибкории истеҳсолӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад, ҳамоно як қатор мушкилот дар самти рушди он ҷой дорад, ки ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд. Вобаста ба ин, бояд иброз дошт, ки агар пеши роҳи барҳамхурии бармаҳали фаъолияти соҳибкорӣ гирифта шавад, муҳити таъсиррасонии он низ беҳтару бештар мегардад. Ин муамморо асосан дар солҳои 2000-ум вобаста ба зиёд будани шумораи мақомоти назоратӣ баръало мушоҳида намудан мумкин буд.

Ин масъалаи ниҳоят муҳим дар маркази таваҷҷӯҳи Роҳбари маҳбуби кишварамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, пайваста баҳри рушди ин соҳа имтиёзҳои гуногун пешниҳод карда мешавад. Дар ҳошияи ин гуфтаҳо, бо дастури бевоситаи роҳбари кишвар дар соли 2013 ислоҳоти андозӣ гузаронида шуд, ки дар ин масъала шумораи андозҳо аз 21 то 10 адад кам карда шуд. Иловатан, дар соли 2021 Кодекси андоз дар таҳрири нав қабул гардида, шумораи андозҳо то 7 адад кам карда шуд.

Инчунин, Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарогирии 11 мақомот ҷорӣ гардид, ки таҷрибаи нахустин дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар ҳамон давра шумораи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ аз 650 то 56 адад коҳиш дода шуда, пешниҳоди 30 фоизи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ тариқи

низоми электронӣ ба роҳ монда шуд ва шумораи мақомоти санҷишӣ аз 31 то 25 адад кам карда шуд.

Тибқи дастури роҳбари хирадманди давлатамон, ба хотири дастгирии бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ моратория ба ҳама намуди санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ то 1 январи соли 2021 эълон карда шуд, ки 1948 субъекти хоҷагидорро дар 24 соҳаҳои истеҳсолӣ фаро мегирад.

Тадбирҳои мазкур имкон дод, ки Тоҷикистон тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ дар даҳ соли охир чор маротиба ба даҳгонаи кишварҳои пешсафи ислоҳотгари ҷаҳон дар пешбурди соҳибкориву сармоягузорӣ дохил гардида, саҳми бахши хусусӣ дар ММД ба зиёда аз 70 фоиз расонида шавад.

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки: «Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯйӣ карда истодааст. Татбиқи ислоҳот дар самти санҷиши субъектҳои хоҷагидор имкон дод, ки то имрӯз шумораи мақомоти санҷиш аз 31 то ба 23 ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз 300 ҳазори соли 2016-ум то 42 ҳазор дар соли 2024-ум кам гардад. Аз ҷумла муқаррароти дар Кодекси андоз доир ба роҳандозии санҷишҳои андоз тибқи низоми идоракунии хавфҳо имкон дода истодаанд, ки шумора ва муҳлати гузаронидани онҳо маҳдуд ва сифатнокӣ таъмин карда шавад. Тибқи маълумот соли 2023 нисбат ба соли 2014 шумораи санҷишҳои андоз дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ду баробар кам гардидааст… Бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва даврияти гузаронидани онҳо (ба истиснои хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шавад. Пешниҳод менамоям, ки дар даврaи

такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад» [42]. Гуфтан зарур аст, ки мустақилияти иқтисодӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт маҳсуб ёфта, ин мустақилият наметавонад фаъолияти соҳибкоронро аз доираи қонун берун монад. Илова бар ин, дар сурати риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷазо пешбинӣ гардидааст, ки тибқи қонунгузорӣ ин масъаларо танзим менамояд. Бояд гуфт, ки ҳангоми ошкорнамоии чунин параметрҳо як қатор шартҳо ё принсипҳо бояд ба хотири таъмини суботи соҳибкорӣ ва як қатор мувозинатҳои дигар таъмин карда шаванд.

Дар табиати соҳибкории муҳити беруна сатҳи рушди минтақаҳои алоҳидаи кишвар таъмин гардида, имконият ва иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар минтақаҳо ташаккул меёбанд.

Ба андешаи мо, айни замон, аз сатҳи иқтисодиёт вобаста, муҳити берунаи соҳибкорӣ аз як қатор зерсистемаҳои тобеи давлат вобастагӣ дорад:

- ҳолат ва вазъияти рушди иқтисодӣ дар сатҳи давлат ва минтақаҳо;

- вазъи сиёсӣ ва иқтисодии кишвар, ки бо омилҳои рушди устувори иқтисодӣ ҳамоҳанг мебошанд;

- фароҳам будани шароит ва муҳити ҳуқуқӣ ва сатҳи ҷавобгарии субъектҳои соҳибкорӣ;

- усулҳои амиқ санҷидашудаи танзими давлатӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳибкорони сатҳи гуногун;

- вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дараҷаи таъмин будани истеъмолкунандагон ва дараҷаи бекорӣ;

- муҳити маданӣ, вобаста ба сатҳи саводнокӣ ва дараҷаи корчалонӣ дар ин муҳит;

- сатҳи илмӣ-техникӣ ва ҷараёни технологӣ ва ғ.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ рушди устувори иқтисодӣ тавассути ниҳодҳои соҳибкорӣ аз муҳит ва шароити фароҳамовардаи давлат вобаста буда, ин ниҳоди иқтисодиро дар доираи тобеиятҳои қонун муттаҳид менамояд. Як хусусияти хоси фаъолияти соҳибкорӣ дар он мебошад, ки машғул шудан ба он хосияти озодӣ дошта, ҳар як фарди дорои қувваи қобили меҳнат ё маҳорати эҷодӣ метавонад ба он машғул гардад. Ҳамвора ба ин, фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳити таваккал ва хавфҳо зиёд алоқаманд буда, таҳдидҳо дар ин самт бесобиқа мебошанд.

Агарчанде ки таваккалҳои соҳибкорӣ зиёд мебошанд, дар адабиёти иқтисодӣ оид ба соҳибкорӣ шаклҳои зерини таваккалро вохӯрдан мумкин аст:

- таваккали истеҳсолӣ;
- таваккали тиҷоратӣ;
- таваккали молиявӣ;
- таваккали бозорӣ;
- таваккалҳои нуфузу эътибор;
- таваккалҳои форсмажорӣ.

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, ки асоси онро даромади максималӣ ташкил медиҳад, соҳибкор бояд барои ноил гардидан ба ин ҳадафи муҳим дорои малакаи хуби касбӣ дар соҳаи иқтисодиёт буда, аз малакаи касбӣ ва зеҳни манфиатпазири худ истифода намуда, ҳодиса ва равишҳои бавуҷудомадаро дарк карда тавонад. Илова бар ин, соҳибкор бояд, ки дар табиати худ қобилияти хуби бозоршиносӣ дошта, вобаста ба тағйирёбии таркиби талабот дар бозор истеҳсолоти молу маҳсулоти гуногунро роҳандозӣ намояд. Дар масъалаи фаъолияти соҳибкорӣ бехатарӣ яке аз омилҳое мебошад, ки дар баробари гирифтани фоидаи

максималӣ риояи таносуби меъёри хавф аз нуқтаи назари сатҳи таъсиррасонии паст мебошад. Роҳҳои паст кардани сатҳи хавфҳои соҳибкории истеҳсолӣ, ба андешаи мо, усулҳои зеринро дар бар мегирад:

- пешгӯйӣ намудани хавфҳои эҳтимолие, ки метавонанд дар заминаи таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ таъсир расонанд;

- такя намудан ба механизм ва омилҳое, ки ба идораи дурусти соҳибкорӣ мусоидат менамоянд;

- дар доираи талабот ва ҳолати ҷории иқтисодиёт баҳодиҳии дурусти вазъи бозор дар асоси талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳои муайян;

- дар ҳолатҳои форсмажорӣ тақсими зарарҳои эҳтимолӣ байни сармоядорон ва иштирокдорон;

- суғуртанамоии фаъолиятҳои эҳтимолӣ ва хавфнок;

- вобаста ба ҳиссаҷудокуниҳои фоида, ташкил намудани фонди махсус барои рӯйпӯш намудани хароҷоти пешбинишуда;

- таҳияи дурусти бизнес-нақшаи амиқ санҷидашуда.

Баназаргирии хавфҳои эҳтимолӣ дар давраи ҳаёти истеҳсолӣ муносибати ҷиддии соҳибкорро бо муҳити хавфҳо тақозо намуда, аз тарафи дигар ҳассосият ва ҷиддиятро тақозо менамояд. Зеро, бемасъулиятӣ нисбат ба идоракунии хавфҳо ва такя намудан ба таваккалҳои фоидаовар ва хатарафзо мумкин аст ба як қатор мушкилот мувоҷеҳ намояд.

Таъкид дар таснифи намудҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ин самтҳо фаҳмиши беҳтарро фароҳам меорад, ки чӣ гуна, масалан, кластерҳо ба муттаҳид кардани захираҳо ва кӯшишҳо кӯмак мерасонанд, рақамисозӣ барои навоварӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад ва иқтисоди сабз ба муҳити устувортар ва масъулиятноки тиҷорат мусоидат мекунад. Ҳамаи ин ҷанбаҳо барои ташаккули соҳибкории рақобатпазир ва устувор дар шароити муосир муҳиманд.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ба яке аз масъалаҳои муҳиме, ки олимону коршиносон таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд, ин албатта, масъалаи баланд бардоштани самараи иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили муҳити дурусти ҳамгироӣ дар доираи меъёрҳои мавҷуда ва воқеан таъсиррасон мебошад, ки ҳамаи бевосита равишҳои нави идоракунӣ, аз он ҷумла, рафтори девиантии (аз ҳадафҳои стратегии рушди кишвар дуршуда) ин намуди соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозориро дар бар мегирад. Ин, ба назари мо, аз нуқтаи назари мавзуи кори диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки афзалиятҳои рушди он дар иқтисодиёти муосири ҷумҳурӣ илман асоснок гардида, ба ин васила таъмини суботи иқтисодӣ ва рушди он дар ҳама самту соҳаҳо таъмин карда шавад.

1.3. Равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вобаста ба таҳаввулоти бузурги соҳибистиқлолӣ ва ислоҳоти ҷиддӣ ва таркибӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар шуд, ки таназзули давраи гузариш ба рушди мунтазами иқтисодӣ табдил дода шавад ва марҳилаи аввали дигаргунсозиҳои сохторию институтсионалии давраи гузариш ба анҷом расонида шавад.

«...Ҳукумати кишвар ду стратегияи миллии рушди дарозмуҳлат ва барномаҳои соҳавию минтақавиро бо маром татбиқ намуд. Айни замон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мавриди татбиқ қарор гирифта, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 амалӣ гардид»[30],[31].

Дар доираи ҳуҷҷатҳои стратегӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар ҳамчун ҳадафи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст.

«...Бо мақсади ноил гардидан ба ин ҳадафи олӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4 ҳадафи стратегии зерин муайян ва эълон гардид, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ; раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ; таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат; саноатикунонии босуръат ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул»[30],[31].

Дар доираи нақшаи чорабиниҳои ҳуҷҷатҳои стратегии номбурда ислоҳоти зиёди самаранок дар самти барқарор ва мукаммал гардонидани низоми идоракунии давлат, дигаргунсозиҳои сохторӣ, таъмини гуногуншаклии моликият, рушду бозсозии низоми пулию бонкӣ, ки дар натиҷа устувории макроиқтисодии кишвар таъмин гардид.

Вобаста ба гузаштани соҳибкории истеҳсолӣ ба муносибати иқтисоди бозаргонӣ сохтори ташкилии соҳаи саноат дар кишвар ба куллӣ тағйир ёфта, аксари корхонаҳо ба тарзи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, корхонаҳои муштарак ва ғайра фаъолият доранд. Дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ масъалаи ҷойгиркунии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар минтақаҳо, мутобиқи кофӣ будани захираи ашёи хоми табиӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ афзалиятҳои сиёсати кишвар дар фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ муқаррар карда шудааст. Дар иртибот ба ин, бо мақсади бештар ба кор фаро гирифтани аҳолии ноҳияҳо ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш гардонидани фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ иқтидорҳои нав, хусусан, дар соҳаи коркарди маъданҳои кӯҳӣ, пӯсту пашми чорво ва нахи пахта, коркарди масолеҳи сохтмон ва коркарди меваю сабзавот дар минтақаҳои мухталифи мамлакат таъсис ёфтаанд. Дар тӯли истиқлолияти мамлакат бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аз ҷониби соҳибкорони истеҳсолӣ бисёр корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ бунёд ва ҷойҳои корӣ ташкил карда шуданд.

Дар мамлакатамон имрӯз барои таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, тавассути қабули барномаҳо, аз ҷумла, дар самти коркарди ниҳоии алюминий, маъдан, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, саноати сабук ва хӯрокворӣ пешрафти ҳамаҷонибаи иқтисоди миллӣ таъмин гардида истодааст. Дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар марҳалаи аввал рушди саноати сабук барои фароҳам овардани имкониятҳои нав яке аз омилҳои асосие мебошад, ки тавассути он дигар шаклҳои истеҳсолот дар заминаи иқтидорҳои соҳибкорӣ ҷоннок карда мешаванд.

Таҳлилҳо собит мекунанд, ки соли 1991 дар кишвар танҳо 3 корхона дар саноати бофандагӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар (Қӯрғонтеппа) ва Конибодом фаъолият карда, иқтидори умумии солонаи онҳо танҳо коркарди 28 ҳазор тонна нахи пахтаро ташкил медод. Маҳз, дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат чандин корхонаҳои нав бунёд гардиданд, ки дар як сол имконияти коркарди беш аз сад ҳазор тонна нахи пахтаро доранд.

Тавре ки дар боло нишон дода шуда буд, дар илми иқтисодӣ баҳсҳо оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегиранд, аз муайян кардани худи мафҳуми «соҳибкории истеҳсолӣ» то мушкилоти методологии дар ҷараёни таҳқиқи он бамиёномада.

Таҳлили амалияи татбиқи соҳибкории истеҳсолӣ нишон медиҳад, ки он бо дигар шаклҳои соҳибкорӣ зич алоқаманд аст ва ин ҳолат баъзан ба нофаҳмиҳо ва мушкилот дар муайян кардани ҳудуди мафҳум оварда мерасонад. Ҳудуди байни соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ метавонад норавшан бошад, алалхусус, дар заминаи шаклҳои муосири гибридии тиҷорат (масалан, ширкатҳое, ки мол истеҳсол мекунанд ва ҳамзамон, хизмат мерасонанд).

Таҳлили назариявии низоми муносибатҳои иқтисодӣ, ки намудҳои гуногуни соҳибкории истеҳсолиро дар бар мегирад, дар навбати худ

нишон медиҳад, ки бисёр мактабҳои иқтисодӣ равишҳои худро ба таҳлили ин категория пешниҳод мекунанд, ки боиси ихтилофоти назарраси методологӣ мегардад. Дар ин самт як қатор мактабҳои бузурги иқтисодӣ ба таври худ ва дар шароити худ баррасии масъаларо ба тарзҳои гуногун роҳандозӣ намудаанд. Дар адабиёти мавҷуда ва таҳқиқоти олимони дохилию хориҷӣ ва ҳамчунин, назарияи институтсионалӣ соҳибкориро ба василаи як интситути мустақил ва махсус ҳисоб намуда, онро дар бозор ҳамчун омили асосии иҷрои вазифаҳои бозсозӣ ном мебаранд.

Таҳқиқоти соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои гуногун ба назар гирифтани хусусиятҳои институтҳо, хусусиятҳои фарҳангӣ ва сатҳи рушди иқтисодро талаб мекунад. Ҳамин тавр, равишҳои самаранок дар як кишвар метавонанд дар кишвари дигар натиҷа надода, кор накунанд. Бинобар ин зарурияте дар миён аст, ки ошкорбаёнии маълумот дар рӯзномаву маҷаллаҳо вобаста ба имкониятҳо ва иқтидорҳои истеҳсолӣ як имконияти навро, ки он бо як қатор маҳдудиятҳо мувоҷеҳ аст, ба даст оварда шавад.

Дар ин ҳолат савол ба миён меояд, ки ихтилофҳо ва мушкилоти методологиро чӣ гуна ҳал кардан мумкин аст?

Пеш аз ҳама, барои пешгирӣ кардани нофаҳмиҳо дар истилоҳот таърифҳои возеҳ ва универсалии мафҳумҳои марбут ба соҳибкории истеҳсолиро таҳия кардан лозим аст. Ин тақсимоти соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолиро дар бар гирифта, меъёрҳои возеҳро барои фарқ кардани онҳо муқаррар мекунад.

Дуюм, барои фаҳмиши чуқуртару амиқи соҳибкории истеҳсолӣ зарурати синтези мактабҳои гуногуни назариявӣ ба миён меояд. Дар ҳошияи таҳқиқи мавзуи кори диссертатсионии мо, зарур аст ки ғояҳои муносибати неоклассикиро бо унсурҳои назарияи институтсионализм ва равишҳои мактаби австриягӣ синтез кард, ки ин имкон медиҳад ҳам

механизмҳои бозор ва ҳам омилҳои институтсионалии рушди соҳибкорӣ ба назар гирифта шаванд.

Дар доираи назарияи иқтисодии неоклассикӣ эътироф шудааст, ки хизматрасониҳо метавонанд арзиши иқтисодӣ ва аҳаммиятӣ дошта бошанд, аммо истеҳсоли неъматҳои моддӣ ба ҳар ҳол, ҳамчун қисми асосии иқтисод баррасӣ карда мешаванд. Равишҳои асосии назариявии институтсионализм таҳлили таъсири муҳити институтсионалӣ ба ҳавасмандӣ, рафтор ва самаранокии соҳибкорон, инчунин, омӯзиши нақши институтҳо дар ташаккули фарҳанги соҳибкорӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти иқтисодиро дар бар мегиранд. Неоинститутсионализм, ки дар асри XX рушд кардааст, ғояҳои институтсионализмро бо истифода аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ барои омӯзиши тағйироти институтсионалӣ, хароҷоти амалиётӣ ва нақши иттилоот дар фаъолияти иқтисодӣ васеъ мекунад. Дар навбати худ, мактаби иқтисодии австриягӣ, ки дар охири асри XIX ба вуҷуд омадааст, ба омӯзиши амалҳо ва равандҳои инфиродӣ дар қабули қарорҳо, инчунин, ба нақши соҳибкорӣ дар ташаккули равандҳои бозорӣ тамаркуз мекунад. Равишҳои асосии назариявии мактаби австриягӣ ба таҳқиқи рушди соҳибкории истеҳсолӣ, таъкид ба бозори озодро ҳамчун омили асосии рушди иқтисод ва ҷорӣ кардани инноватсия ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, зери мафҳуми соҳибкории истеҳсолӣ амалкардҳои муташаккилонае дар назар дошта мешавад, ки бидуни шубҳа дар он ҳадафҳои муҳим дар тавлиди ягон шакли мол ё маҳсулот нигаронида шудааст ва ҳадаф тағйир додани муҳит ва афзоиши даромад мебошад. Ин равиш ба анъанаҳои таърихӣ ва назариявӣ дар иқтисод асос ёфта, аз мактаби классикии тафаккури иқтисодӣ бармеояд, ки истеҳсолоти моддиро асоси рушди иқтисодӣ таъкид мекард.

Тафовути навбатӣ дар он аст, ки соҳибкории истеҳсолӣ, одатан, сармоягузории назаррасро ба сармояи асосии таъиноти истеҳсолӣ талаб

мекунад. Ин сармоягузорӣ қобилияти тиҷоратро барои эҷоди маҳсулоти моддӣ муайян мекунад. Соҳибкории ғайриистеҳсолӣ, инчунин, сармоягузорӣ ба сармояи асосиро талаб мекунад, аммо аксар вақт ин сармояи таъиноти ғайриистеҳсолӣ буда, барои фароҳам овардани шароит ва воситаҳо барои пешниҳоди хизматрасониҳо истифода мешавад.

Дар марҳилаи дастёбӣ ба равандҳои ба рушд нигаронидашуда тавассути ниҳодҳои соҳибкорӣ дар ҳама ҳолат равишҳои назариявӣ ва методиро барои дастёбӣ ба механизмҳои ба рушд нигаронидашуда дарёфт кардан мумкин аст. Зеро, дар баробари дарёфти механизмҳо бартарӣ ва афзалият дар истеҳсолот яке аз қисматҳои дигари равишҳои офариниш дар муҳити васеи иқтисодӣ мебошад. Ба ҳамин хотир, мо бояд, ки равишҳои гуногуни истеҳсолотро дар муҳити соҳибкорӣ вобаста ба равишҳои нав ва шаклҳои мутобиқшуда дарёфт намуда, бо ҳар роҳу восита онро тақвият диҳем. Дар баробари дарёфти равишҳои рушди соҳибкорӣ ҳамеша масъалаи мутобиқшавии истеҳсолот ҳамчун масъалаи асосӣ боқӣ мемонад. Зеро, имкониятҳои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аз имтиёздиҳӣ ва дигар равишҳои ба он баробар вобаста мебошад. Бинобар ин, дар таҳқиқоти илмӣ мо равишҳои дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолиро аз нуқтаи назари институтсионалӣ дар чунин сатҳ таҳқиқ намудем, ки ин мушаххасотро дар расми 1.3. чунин ишора намудем.

Расми 1.3. Омӯзиши равишҳои дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҶТ

Сарчашма. Аз тарафи муаллиф коркард шудааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолнокии як механизм наметавонад як сохтори бузургро дар рисолати иҷрои саривақтии вазифаҳои он муваффақ гардонад. Аз ин лиҳоз, омезиши равишҳои навсозишуда дар муҳити инноватсионӣ ва афзояндагии талаботи ҷойдошта имкон медиҳад, ки дар сатҳи зарурӣ ҷараёнҳои муҳим пеш бурда шуда, рушди соҳаҳои муайян таъмин карда шавад. Дар робита ба ин, бахши соҳибкории истеҳсолӣ хосияти ҷаҳонӣ дошта, он ҳамчун муваффақиятҳои ҳар як давлати алоҳида маҳсуб меёбад ва дар ташаккули як давлати пешрафта ва воқеан мутамаддин нақши калидӣ дорад. Бо ҳамин мақсад, дастгирии рушди соҳибкорӣ ва мавҷудияти он дар ҳар як давлат муҳим ва зарурӣ мебошад. Бинобар ин, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дастгирии ин бахши иқтисодӣ давлатҳоро ҳамеша ба муваффақиятҳо водор намудааст. Аз ин лиҳоз, мо дар таҳқиқоти илмии

худ равишҳои гуногуни дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолиро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ба чор омили асосӣ марбут донистем, ки дар воқеъ мавҷудияти онҳо ё ташаккули онҳо ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат менамояд.

Бояд имброз намуд, ки рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ба равишҳои сохторӣ алоқаманд буда, тавассути он имкониятҳо ва дигар механизмҳои ба рушд нигаронидашуда дар ин замина фароҳам оварда мешаванд. Тавре, ки маълум аст дар муҳити истеҳсолот сохтор мавқеи калидӣ дошта, дар он тамоми имкониятҳои аввалияи рушд фароҳам мегарданд.

Равиши молиявии рушди соҳибкории истеҳсолӣ низ аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон мавқеи калидӣ дошта, он ҳар лаҳза аҳамияти худро бештар мегардонад. Бинобар ин, дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ равишҳои молиявӣ аз чанд нуқтаи назар бояд мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гиранд, то дар сатҳи зарурӣ рушди доимии соҳа таъмин карда шавад. Бо ҳамин мақсад, таҳқиқи масъалаҳои молиявӣ вобаста ба сатҳи дастрасӣ ва дигар ҳолатҳои ҷойдошта яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки ба он аҳаммияти доимӣ дода мешавад. Ҳамчунин, дар ин равиш масъалаи захираҳо, қарзҳо, маблағгузориҳо ва сармоягузориҳо нақши калидӣ доранд.

Дар сатҳи рушди соҳибкории истеҳсолӣ равишҳои имтиёзӣ яке аз қисматҳои дигари дар ихтиёрбудаи давлат буда, дар он нақши ниҳодҳои давлатии тобеи он муҳим ва зарурӣ мебошанд. Зеро, имтиёздиҳӣ ба таври маҷмӯӣ барои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ метавонад имконпазир гардад. Ба ин хотир, давлат дар ташаббуси додани имтиёз ба ин бахши муҳими иқтисод ба таври бетанаффус бояд иқдоми доимӣ дошта бошад. Ба ҳамин хотир, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самт дар роҳи пешрафт қарор дошта, имтиёздиҳӣ ба бахши соҳибкорӣ муҳимтарин васила ва омили рушд маҳсуб ёфта, дар он ҷараёнҳои ниҳодӣ бояд фаъол бошанд. Илова бар ин, назорат ва роҳҳои татбиқи ин

масъала дар маркази таваҷҷуҳи Роҳбарияти Олии кишвар ба таври доимӣ қарор дорад.

Мо дар роҳи рушди дарозмуддат бо назардошти омӯзиши ҷараёнҳои талабот қарор дорем ва пайваста онро дар сатҳи зарурӣ пайгирӣ менамоем. Дар робита ба ин, баъзе равишҳои нави илмӣ ва барои амал зарӯрӣ метавонанд рушди фаъолияти соҳибкориро бо назардошти таъсири ками омилӣ таъмин намоянд. Яке аз ин масъалаҳои муҳим дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ - ин фаъолияти маркетингӣ мебошад, ки он бо амсилаҳои таркибӣ ва омӯзиши ҷараёнҳои талаботӣ асос ёфтааст. Дар Тоҷикистони муосир дар давоми ду даҳсолаи охир нақши маретинг дар бахши соҳибкории истеҳсолӣ ва молиявӣ нақши калидиро бозида, дар рушди доимии ин соҳаҳо ба таври чашмрас мусоидат намудааст ва дар ин самт боз ҳам тақвияти он муҳим ва зарурӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки сарҳади байни соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар иқтисоди муосир камтар равшантар мешавад, аммо бо вуҷуди ин аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Дар иқтисодиёти муосир хизматрасониҳо ва истеҳсолот бо ҳам алоқамандии зич доранд, ки бо масъалаҳои хизматрасоникунонии истеҳсолот, равандҳои рақамикунонии протсесҳои истеҳсолӣ ва аутсорсинги хизматрасониҳо алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, масалан, бисёр ширкатҳои истеҳсолӣ ба маҳсулоти худ хизматрасониҳоро, аз қабили хидматрасонӣ, логистика ва технологияҳои иттилоотӣ илова мекунанд. Ширкатҳои IT таъминоти барномавӣ ва хизматрасониҳоеро эҷод мекунанд, ки бевосита ба равандҳои истеҳсолӣ таъсир расонида, самаранокии онҳоро баланд мебардоранд. Масалан, саноати 4.0 корхонаҳои интеллектуалиро дар бар мегирад, ки дар онҳо равандҳои истеҳсолӣ тавассути платформаҳои рақамӣ идора ва оптимизатсия карда мешаванд. Ва ниҳоят, имрӯзҳо бисёр ширкатҳои истеҳсолӣ аксар вақт вазифаҳои ғайриистеҳсолиро (мисол, муҳосиботро, дастгирии IT, HR) ба аутсорсинг месупоранд. Ин

ба онҳо имкон медиҳад, ки диққати худро ба вазифаҳои асосии истеҳсолии худ равона кунанд ва якбора ба хизматрасонӣ вобастагӣ дошта бошанд.

Имрӯзҳо соҳаи хизматрасонӣ дар иқтисоди постиндустриалӣ ҳукмрон буда, бартарӣ дорад, аммо фаҳмидан муҳим аст, ки сарфи назар аз коҳиши ҳиссаи истеҳсолоти моддӣ дар сохтори ММД ва шуғл, соҳибкории истеҳсолӣ бениҳоят муҳим боқӣ мемонад. Соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ имрӯз бо ҳам зич алоқаманд буда, синергияи онҳо дар рушди иқтисоди муосир нақши калидӣ дорад. Ба назар гирифтан муҳим аст, ки ҳарду соҳа якдигарро такмил дода, пурра мекунанд ва барои рушди устувори иқтисодӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меоранд.

Назарияи муосири рушди соҳибкории истеҳсолӣ аксар вақт соҳибкории истеҳсолиро тавассути призмаи ҷаҳонишавӣ ва пешрафти технологӣ баррасӣ мекунад. Масалан, Майкл Портер дар асарҳои илмии худ вобаста ба бартариятҳои стратегӣ дар муҳити рақобат дар самти истеҳсолот диққати зарурӣ дода, зарурати навоварӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокиро таъкид мекунад. Дуглас Норт, ки равиши институтсионалиро муаррифӣ мекунад, таъсири институтҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дида баромадааст.

«...Инчунин, назарияи муосири рушди соҳибкории истеҳсолӣ субъектҳои соҳибкории истеҳсолиро ҳамчун омили асосии рушди иқтисоди муосир меҳисобад. Махсусан, ин ба тиҷорати хурду миёна ҳамчун муҳаррики рақобат ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дахл дорад. Масалан, дар кишварҳои пешрафта ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳои хурд дар ММД ба 50-60 фоиз мерасад» [260, с. 163], ки саҳми назарраси онҳоро дар рушди иқтисодӣ тасдиқ мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории хурди истеҳсолӣ ҳоло иқтидори пурраро амалӣ намекунад, ки дастгирии мақсадноки давлатиро талаб мекунад.

Барои баланд бардоштани иқтидори фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ таҳияи стратегия, барнома ва консепсияҳои соҳавӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Бинобар ин, консепсия ба тафсири васеи «истеҳсолот» дар низоми ҳисобдории миллӣ (НҲМ) ба пуррагӣ мувофиқат намекунад.

Соҳибкории истеҳсолӣ ва иқтидори онро дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ аз ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дидан мумкин аст, ки ин метавонад як равиши нави баҳодиҳӣ бошад.

«...Аммо, ин таснифот такмил ва васеъомӯзиро талаб мекунад. Масалан, фаъолияти истеҳсолӣ на ҳамеша бо фурӯши маҳсулот танҳо ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ маҳдуд аст. Он аксар вақт як қисми мураккабтари занҷираи истеҳсолии арзиши иловашуда мебошад, ки дар он маҳсулот аз ҷониби дигар корхонаҳо тавассути равиши кластерӣ ба ташкили истеҳсолот истифода мешавад» [35], [40], [39], [204, С. 51-56], [244, с. 62-71]. Ғайр аз он, ҷанбаҳои инноватсионии истеҳсолот бояд ба назар гирифта шаванд, вақте ки соҳибкорон молҳои нав эҷод мекунанд, ки ҳанӯз талаботи оммавӣ надоранд. Инчунин, ба назар гирифтани ҷанбаҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ, ки на ҳамеша дар ин таснифот инъикос меёбанд, муҳим аст.

Барои таҳлили амиқу чуқури соҳибкории истеҳсолӣ зарур аст, ки на танҳо шакли он, балки ҷойгоҳи он дар низоми умумии соҳибкорӣ, робитаи он бо дигар соҳаҳои иқтисод, инчунин, саҳми он дар рушди иқтисод ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба назар гирифта шавад.

Имрӯз, соҳибкории истеҳсолӣ бо навоварӣ, технологияҳои рақамӣ ва рушди устувор зич алоқаманд аст. «...Дар шароити шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ дар самти техника ва технологияҳои муосир, фаъолияти соҳибкорӣ бояд бо ин тамоюл ҳамоҳанг бошанд. Иловатан, қайд кардан зарур аст, ки ҳамчун воситаҳои ёрирасони фаъолияти соҳибкорӣ тавассути технологияҳои рақамӣ пеш аз ҳама форматҳои 3D, зеҳни сунъӣ ва хотираи локалӣ, дастгоҳҳои ҳушманд ва дигар воситаҳое,

ки имрӯз аҳаммияти асосӣ дорад, бояд тавсеа дода шаванд. Дар сатҳи дуюм, бо истеҳсоли устувор (соҳибкорон ҳарчи бештар ба маводи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва истифодаи сарфакоронаи захираҳо тамаркуз мекунанд), сеюм, бо платформаҳои рақамӣ (платформаҳои онлайнӣ имкон медиҳанд, ки моделҳои нави истеҳсолот эҷод карда шуда, ташкили самараноки истеҳсолот ва дастрасӣ ба бозори ҷаҳон таъмин карда шавад) алоқаманд мебошанд» [244, с. 62-71]. Аз ин ҷиҳат, бояд қайд кард, ки дар илми иқтисодӣ муносибати наве ба тафсири категорияи соҳибкории истеҳсолӣ ташаккул ёфтааст, яъне равише, ки проблемаи муҳимро инъикос мекунад – «...ақибмонии соҳибкории истеҳсолӣ аз соҳибкории тиҷоратӣ дар шароити муосир, ки ба вобастагӣ аз воридот оварда мерасонад, ба истиқлолияти иқтисодии кишвар ва рақобатпазирии он таъсири манфӣ мерасонад ва зарурати татбиқи сиёсати ивазкунии воридотро нишон медиҳад» [208, С. 88-89], [3], [4]. Бо иловаи дигар «...Ҳамин тариқ, зарурати сармоягузорӣ ба иқтидорҳои истеҳсолӣ, хариди таҷҳизот, ҷалби кормандон ин намуди соҳибкориро нисбат ба масалан, соҳибкории тиҷоратӣ хатарноктар мекунад» [186, с. 11-18].

Дар сатҳи хулосабарориҳо вобаста ба фаъолияти соҳибкории саноатӣ бояд қайд намуд, ки дар айни замон, саноати коркардро ҳамчун омили асосии истеҳсолот ва такрористеҳсол эътироф намуд. «...Равиши мазкур нишон медиҳад, ки маҳз корхонаҳои коркард асосу пойдевори иқтисоди миллӣ буда, истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои ниҳоиро таъмин мекунанд. Соҳаҳои боқимонда (кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика ва ғайра) ҳамчун воситаҳои зарурӣ барои таъмини фаъолияти саноати коркард ва соҳибкории истеҳсолӣ дар маҷмӯъ баррасӣ карда мешаванд» [148, с. 182].

Равишҳои муосири олимони ватанӣ ба масъалаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ба назари мо, дар ду самти асосӣ рушд мекунанд.

Як гурӯҳи олимон ба мушкилоти мутобиқсозии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон тамаркуз мекунанд. Онҳо масъалаҳои дастгирии давлатӣ, аҳаммияти ҳамгироии усулҳои анъанавӣ ва равишҳои инноватсионӣ, инчунин, рушди инфрасохтори истеҳсолиро баррасӣ мекунанд. Дар шароити имрӯза, вобаста ба ошкорнамоии иқтидорҳои соҳибкорӣ баҳсу мунозираҳо дар самти моделҳои рушди ин ниҳоди муҳими иқтисодию иҷтимоӣ вобаста ба имконоту дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад.

Гурӯҳи дуюми олимон таҳқиқоти худро ба ҷустуҷӯйи тамоюлҳои инноватсионӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси истифодаи самараноки захираҳои миллӣ равона мекунанд.

Академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳимов Р.К. дуруст қайд мекунад, ки «...рушди муосири инноватсионӣ аз доираи тасаввуроти анъанавии пешрафти техникӣ, ки бо соҳаи истеҳсолот маҳдуд аст, берун меравад. Инноватсия имрӯз тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодиро, аз ҷумла, истеҳсолот, маориф, тандурустӣ, инфрасохтор ва ғайраро фаро мегирад» [246, с. 53-63]. Дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ин маънои онро дорад, ки навоварӣ бояд ба худ на танҳо татбиқи технологияҳо ва усулҳои нави ташкили истеҳсолот, балки тағйирот дар сохтори тиҷорат, менеҷмент, маркетинг ва низомҳои омӯзиш ва таълими кормандонро низ дар бар гирад.

Дар асарҳои илмии худ академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қаюмов Н.Қ. қайд мекунад, ки «...инноватсия - ин на танҳо натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, балки натиҷаи истифодаи амалии онҳо буда, дар шакли маҳсулот, технология, техника ё шаклҳои нави ташкили истеҳсолот таҷассум меёбанд, аммо аҳаммияти онҳо танҳо ҳангоми тиҷоратикунонии онҳо зоҳир мешавад. Ба ибораҳои дигар, инноватсия танҳо дар ҳамон вақт қувваи пешбарандаи рушди босуръати истеҳсолот мегардад, агар маҳсулоти нав, технологияҳои нав, техника ё шаклҳои

ташкили истеҳсолот дар фаъолияти амалӣ истифода шаванд. Ин ба корхона имкон медиҳад, ки дар бозор бартарии рақобатӣ ба даст орад» [207, с. 29-49].

Аммо, бояд қайд кард, ки тиҷоратикунонии инноватсия – ин раванди оддӣ нест. Он сармоягузорӣ, маркетинги касбӣ ва низоми самараноки фурӯшро талаб мекунад. Ғайр аз ин, муҳити рақобат ва ниёзҳои истеъмолкунандагон бояд ба назар гирифта шаванд. Дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ин маънои онро дорад, ки тиҷоратикунонии инноватсия бояд бо стратегияи тиҷорати корхона зич алоқаманд бошад. Инноватсия бояд барои қонеъ гардонидани ниёзҳои мушаххаси бозор равона карда шавад ва ба корхона даромад оварад.

Узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Саидмуродзода Л.Ҳ. «...соҳибкории истеҳсолиро ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ ҷудо мекунад, ки дар рушди иқтисоди минтақавӣ нақши муҳим мебозад, зеро он барои ташаккули иқтидори истеҳсолии минтақа асос мебошад» [248, с. 112-118]. Пешниҳоди соҳибкорӣ дар иҷрои корҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ алоқаманд мекунад. Вай қайд мекунад, ки соҳибкории истеҳсолӣ асоси эҷоди арзишҳои моддӣ мебошад ва қариб тамоми маҳсулотро барои истеъмол истеҳсол мекунад. Аммо, ба андешаи мо, бояд қайд кард, ки соҳибкории истеҳсолӣ на танҳо истеҳсоли молҳо, балки иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои марбутаро низ дар бар мегирад. Инчунин, ба назар гирифтани на танҳо нақши корхонаҳои калони саноатӣ, балки нақши тиҷорати хурд ва миёна низ дар соҳибкории истеҳсолӣ хеле муҳим аст.

Дар таҷрибаи Тоҷикистон «...бисёре аз олимони ватанӣ на танҳо нақши бузурги соҳибкории калону миёнаро, балки соҳибкории хурдро дар рушди иқтисоди миллӣ ва зарурати дастгирии онро дар шароити

иқтисоди миллии Тоҷикистон қайд мекунанд» [149, с. 130], [77, с. 230], [171, с. 148-154], [297].

Дар ин замина, бо изҳороти муҳаққиқи ватанӣ Муминова Ф.М. розӣ шудан мумкин аст, ки «...ба ғайр аз механизмҳои анъанавии дастгирӣ, аз қабили имтиёзҳои андозӣ ва мониторинг, воситаи муҳим ташкили фондҳое мебошад, ки ба таҳкими шарикии давлат ва бахши хусусӣ нигаронида шудаанд» [232, с. 132-141]. Вай қайд мекунад, ки дар заминаи рушди иқтисоди миллӣ ба ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолӣ диққати бештар дода мешавад. Дар таҷриба собит шудааст, ки ҳар қадар сатҳи истеҳсолот боло равад то ҳамон андоза имконият ва иқтидорҳои молиявии давлат аз ҳисоби даромаднокии манбаҳои буҷетӣ ва дигар имкониятҳои ба ин баробар афзоиш меёбанд.

Иқтисоддони дигари ватанӣ Солеҳзода А.А. таъкид мекунад, ки «...дар шароити иқтисоди кушода соҳибкории истеҳсолӣ бо мушкилот ва имкониятҳои нав рӯ ба рӯ мешавад. Кушодагӣ боиси тақвияти рақобат ва талабот ба сифату рақобатпазирии маҳсулот мегардад. Вай дуруст қайд мекунад, ки барои муваффақ шудан дар ин шароит зарур аст, ки: фаъолсозии фаъолияти истеҳсолӣ, воридоти таҷҳизоти муосир, ҷалби шарикони хориҷӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, тавсеаи соҳаи фаъолият, тамаркуз ба содирот амалӣ карда шавад» [252, с. 72].

Солеҳзода А.А. таъкид мекунад, ки «...соҳибкории истеҳсолӣ бояд аз бартариҳои иқтисоди кушода, аз қабили дастрасӣ ба инноватсия, таҷрибаи хориҷӣ ва имкониятҳои миқёс истифода барад. Нуқтаи назари ӯ ин аст, ки дониши назариявӣ дар бораи соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди кушода на танҳо худ аз худ муҳим аст, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад. Барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, истеҳсолот ва дар маҷмӯъ кишвар, лозим аст, ки сифати соҳибкории истеҳсолӣ баланд бардошта шуда, механизмҳои истифодаи бартариҳои иқтисоди кушод эҷод карда шавад» [252, с. 72].

Ҳамин тариқ, соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди кушода бо як қатор мушкилот ва имкониятҳо рӯ ба рӯ мешавад. Тавре ки профессорҳо Файзуллоев М.К. ва Комилов С.Ҷ. қайд мекунанд, «...муваффақият аз қобилияти соҳибкорон дар мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда, истифодаи фаъолонаю оқилонаи технологияҳо ва инноватсияҳо, васеъ намудани истеҳсолот, ворид шудан ба бозорҳои нав ва тамаркуз ба содирот вобаста аст» [147, с. 22-41], [99, с. 212].

Ба ақидаи Ҳакимзода А. «...Самти муҳими таҳқиқи соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ бо зарурати мутобиқсозии он ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар тавассути таъсис ва фаъолияти самараноки минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) алоқаманд аст. Ҳамзамон, зарурати рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ қайд карда мешавад, ки вазифаҳои муҳими тиҷоратиро, аз қабили ҷалби сармояи хориҷӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзноки бонкӣ, дастгирии маркетингӣ, ҳавасмандгардонии инноватсия, таъмини ашёи хом, рушди логистика, фурӯш ва ғайраро ҳал намояд» [301], [303].

Дар навбати худ олими ватанӣ Шамсиев К.Б. пешниҳод менамояд, ки «...бояд қайд кард, ки соҳибкории истеҳсолӣ хусусияти маҷмуӣ дорад ва бо ҳамгироии ғояҳои эҷодӣ, навоварӣ ва робитаи байни кластерҳои байнисоҳавӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, соҳибкории истеҳсолиро ҳамчун натиҷаи робитаи дастгирии давлатӣ ва соҳаҳои бахши воқеии иқтисоди миллӣ ва ҳамчун асосҳои амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор баррасӣ кардан муҳим аст» [304]. Инчунин, Маджизода А. қайд менамояд, ки «...Таҷриба нишон медиҳад, ки дар бозори рақобатҳои дохилию хориҷӣ равишҳои инноватсионӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ бартарии бештарро ба худ касб намудааст. Вобаста ба ин, мо бар он назарем, ки дар шароити имрӯза бояд ба баррасии равишҳои инноватсионие, ки воқеан метавонанд ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ таъсир расонанд» [225, с. 178-184].

Муаллиф чунин равишҳои инноватсиониро ки ба соҳибкории истеҳсолӣ рабт доранд, чудо менамояд:

• «...таъсиси «корхонаҳои интеллектуалӣ», ки ворид кардани технологияҳои рақамиро ба ҷараёнҳои истеҳсолот дар бар мегирад ва он воқеан ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, кам кардани хароҷот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ имкон медиҳад» [225, с. 178-184];

• «...рушди истеҳсоли «сабз», яъне тамаркуз ба технология ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки рақобатпазириро дар бозори ҷаҳонӣ афзоиш медиҳад ва сегментҳои нави истеҳсолотро эҷод мекунад» [225, с. 178-184];

• «...ҷорӣ намудани модели «инноватсияи кушода». Модели мазкур ҳамкории фаъолона бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, марказҳои илмӣ ва стартапҳои инноватсиониро дар назар дорад, ки ба сохтани технологияҳо ва маҳсулоти нав бо арзиши баланди иловашуда имкон медиҳад» [225, с. 178-184].

Ҳамин тариқ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ омили асосии таҳкими истиқлолияти иқтисодии кишвар мебошад. Рушди соҳибкории истеҳсолӣ мушкилоти бисёрҷанба буда, муносибати байнисоҳавиро талаб мекунад. Ҳалли зиддиятҳои пайдошуда якрангии возеҳи мафҳумҳо, ҳамгироии равишҳои гуногуни методологӣ ва мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалиро ба шароити маҳаллӣ талаб мекунад. Инчунин, ба назар гирифтани фарқиятҳои фарҳангӣ ва институтсионалии байни кишварҳо муҳим аст, ки ин таҳқиқотро дар ин соҳа, махсусан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам мегардонад.

Дар баробари ин, ба назари мо, муайян кардани хусусиятҳои хоси рушди соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки онро ҳамчун фаъолияте тавсиф намоем. Дар ҷумҳурӣ, гарчанде ки низоми муайяни дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ мавҷуд аст, аммо муносибати комплексӣ ба ҳалли

рушди он пурра таҳия нашудааст. Инчунин, масъалаҳои рушди минтақавии соҳибкории истеҳсолӣ мавҷуд нестанд, ки ба рушди соҳибкорӣ дар қаламравҳои кӯҳии ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд.

Дар шароити муосир таҷдиди консептуалии механизми таъмини соҳибкорони истеҳсолӣ бо қарзҳои имтиёзнок зарур аст. Ҷанбаи муҳим, ин, ҳавасмандгардонии робитаҳои ҳамгироӣ ва кооперативӣ бо шарикони хориҷӣ, дар асоси барномаҳои байнидавлатии ҳамкории илмӣ-техникию истеҳсолӣ ва барқарор намудани робитаҳои мустақим байни корхонаҳои минтақаҳои кишвар бо сохторҳои соҳибкории хориҷӣ мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои хориҷӣ хеле муҳим аст.

Масалан, сиёсати саноатикунонии ба содирот нигаронидашуда дар Туркия, ки ба мавҷудияти қувваи кории арзон асос ёфтааст, ба ташкили бартариҳои рақобатии соҳибкорони истеҳсолӣ тавассути кам кардани хароҷоти истеҳсолот мусоидат кард. Кишвари мо айни замон дорои бартарии мазкур мебошад. Таҷрибаи Туркия оид ба пешбурди сиёсати ҳавасмандгардонии саноатикунонии ба содирот нигаронидашуда барои кишвари мо ҷолиб аст, инчунин, маҳдудияти бозори дохилӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ имкон намедиҳад, ки пурра ба бозори дохилӣ нигаронида шавад.

Инчунин, таҷрибаи муҳими Туркия – “...ин муваффақиятҳо дар соҳаи рушди истеҳсолоти инноватсионӣ тавассути таъсиси технопаркҳо мебошад, ки дар он барои рушди бахшҳои ба монанди электроника, телекоммуникатсия, технологияҳои тиббӣ, истеҳсолоти кимиёвӣ, биотехнология ва ғайра шароит мавҷуд аст”. Муҳим аст, ки дар чунин технопаркҳо барои тезтар гирифтани касбҳои коргарӣ марказҳои таълимӣ ташкил карда шаванд. Масалан, дар технопаркҳои Туркия довталаб метавонад дар давоми 20 рӯз аз рӯйи ихтисоси кафшергари баландихтисос таҳсил кунад. Таҷрибаи ин кишвар нишон медиҳад, ки

тавассути рушди соҳибкорӣ тариқи таъсиси технопаркҳо, вобастагии иқтисодӣ ва сиёсии кишвар аз таъминкунандагони ашёи хом ва молҳои миёна коҳиш меёбад.

Таваҷҷӯҳи бештар ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар мамлакати мо тачрибаи Туркия дар ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад, ки дар он, пеш аз ҳама, истеҳсоли молҳои саноатии ба содирот нигаронидашуда ҳавасманд карда мешавад. Ҳамин тариқ, имконият пайдо мешавад, ки фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ба воридоти сармояи хориҷӣ, технология ва усулҳои пешрафтаи ташкили раванди истеҳсолот равона карда шавад.

Инчунин, аз нуқтаи назари мо, оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар саноати нассоҷӣ дар асоси модели содиротии оффшорӣ тачрибаи Тунис қобили татбиқ буда, он бо имкониятҳои имрӯзаи Тоҷикистон тавассути татбиқи як қатор форматҳо ба монанди, 3D принтинг ва истифодаи технологияҳои муосири истеҳсоли кишоварзӣ қобили татбиқ мебошад.

Дар татбиқи барномаҳои маҳаллисозии соҳибкории истеҳсолӣ тачрибаи Ӯзбекистон низ имкони татбиқ буда, ҳамзамон истифодаи ин тачриба дар ба мувофиқа ва муваффақиятҳо расонидани бахши соҳибкорӣ дар Тоҷикистон мусоидати ҳаматрафа менамояд.

ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Ифшои таносуби мазмун ва шаклҳои рушди соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки ин ниҳоди муносибатҳои иқтисодӣ мавҷудияти низомеро дар назар дорад, ки дар он озодии иқтисодӣ, мустақилият ва масъулияти тиҷорат дар ҳама ҷабҳаҳои фаъолият вазъи бозор ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидориро дар иқтисоди миллӣ муайян мекунад.

Ҷой доштани равишҳои гуногуни баррасӣ ва арзёбии фаъолияти соҳибкорӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки инъикоси гуногунрангии соҳибкор ва ё фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд натиҷаҳо ва вазифаҳои яксон дошта, (дар муқоиса бо омилҳое, ба монанди замин, сармоя ва меҳнат) вобаста ба моделҳои иқтисодии дар кишварҳои гуногун истифодашаванда ва бо назардошти хусусиятҳои онҳо тағйирот ба амал ояд.

Хусусиятҳо ва функсияҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар он аст, ки он на хусусияти объектӣ, балки субъектӣ дорад, ки дар қобилияти соҳибкор барои ба таври махсус муттаҳид ва якҷо кардани омилҳои истеҳсолот ифода меёбад. Агар раванди кластерӣ имкониятҳои навро дар омезиши захираҳо барои ташкили раванди истеҳсолот нишон диҳад, пас рақамисозӣ ва иқтисоди сабз барои навоварӣ имкониятҳои нав фароҳам меоранд ва ба муҳити устувортар ва масъулиятноки тиҷорат мусоидат мекунанд.

Равиши методологӣ ба мафҳуми «соҳибкории истеҳсолӣ» нишон медиҳад, ки барои пешгирӣ кардани иштибоҳ дар истилоҳот, барои таҳқиқи минбаъда синтези ғояҳои муносибати неоклассикӣ бо унсурҳои назарияи институтсионализм ва равишҳои мактаби австриягӣ барои истифодаи таърифи универсалии категорияи соҳибкории истеҳсолӣ зарур аст.

Рушду пешрафтҳои ҷомеаи иқтисодӣ дар шароити имрӯза дар аксар кишварҳои ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки баррасии масъалаҳои

соҳибкории истеҳсолӣ ба василаи як модели пешрафта баромад намуда, дар он имкониятҳои нав ва дигар равишҳои ба ин баробар барои таъмини суботи иқтисодӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нав мавриди пайгирӣ қарор дода мешаванд. Бинобар ин, дар ин самт омоданамоии кадрҳо ва такмили бефосилаи рақобатпазирӣ, бояд вазифаҳои марбут ба паст кардани арзиши захираҳо ҳал карда шаванд, ки ин намуди соҳибкориро нисбат ба масалан, соҳибкории тиҷоратӣ хатарноктар мекунад.

Равишҳои муосири олимони ватанӣ ба масъалаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ дар ду самти асосӣ таъкид карда мешаванд, ки дар он зарурияти мутобиқшавӣ ва дастгирии давлатӣ афзалияти бештар дорад.

БОБИ 2. СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ҲАМЧУН «ҚУТБҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШД»-И ИҚТИСОДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Асосҳои назариявии паст кардани сатҳи рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ

Ташаккул ва рушди ҳар як самти фаъолият дар заминаи меъёрҳои иҷтимоӣ ва қобилиятҳои доимии онҳо ба вуҷуд омада, пайгирии самтҳои афзалиятнок ва ҳалли муаммоҳои дар он ҷойдошта бояд ҳадафи асосӣ бошад. Дар муҳити фаъолияти соҳибкорӣ рафтори девиантии фаъолияти соҳибкорӣ низ метавонад тамоюлҳои мусбат ва манфиро ба ҳам дошта бошад. Зеро, рафтор ва муносибат дар атрофи омилҳои соҳибкорӣ метавонад як падидаи тағйирёбанда бошад. Бинобар ин, зарурияти рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ тақозо менамояд, ки он дар маркази таваҷҷӯҳи ҳукумати кишвар қарор гирифта, дар заминаи барнома ва стратегияҳои муайяни дахлдор тавсеа дода шавад. «...Вобаста ба ҳадафмандиҳо ва равишҳои стратегии ба рушд нигаронидашуда дар як давраи муайян, ҳамзамон, бо қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (СМР-2030) пешниҳод шудааст, ки се принсипи рушди кишвар дар шароити бошиддат тағйирёбандаи вазъи геополитикӣ, геоиқтисодӣ ва технологии чаҳони муосир муайян карда шавад, аз ҷумла:

1) ...превентивӣ (тадбирнокӣ), яъне пешгирии (коҳишдиҳии) осебпазирии рушди оянда;

2) индустриалӣ, яъне баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ;

3) инноватсионӣ, яъне рушд бар пояи навовариҳои фарогири ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар»[31].

Амалишавӣ ва татбиқи босифати ин се принсипи рушд, бевосита ба фароҳам овардани фазои зарурии институтсионалӣ дар кишвар ҷиҳати фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи чоруми рушди миллии кишвар – саноатикунонии босуръат алоқаманд мебошад. Гап дар сари он аст, ки агар пешгирикунӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи муносибатҳои бозорӣ амал кунад [140], пас принсипҳои индустриалӣ ва инноватсионӣ вазифаи мақсадноки рафтори субъектҳои бозорро дар шароити муосир инъикос мекунанд.

Тавре ки олими ватанӣ Умаров Ҳ.У. қайд менамояд «...Дар адабиёти иқтисодии пасошуравӣ равишҳои назариявӣ оид ба асосноккунии рушди соҳибкорӣ, асосан дар самти муайян кардани асосҳои меъёрӣ ва омилҳои фаъолияти самараноки он дар иқтисоди давраи гузариш муттамарказ шудаанд» [256, с. 96].

Ҳамзамон, Саидмуродзода Л.Ҳ. дар чунин андеша мебошад, ки «...Аммо рушди минбаъдаи назарияи соҳибкорӣ дар шароити рушди минбаъдаи муносибатҳои бозорӣ, ба андешаи мо, бояд бо асоснок кардани рафтори эҳтимолии девиантӣ, ё ба таври дигар, дур шудани субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳадафҳои умумии рушди кишвар, дар шароити дараҷаи баланди на танҳо муомилот, балки хароҷотҳои трансаксионӣ ва ба ном хароҷотҳои фидутсиарӣ ва, ё ба таври дигар, хароҷоти мутобиқшавӣ ба низоми бозор рабт дода шавад» [140, с. 116].

«...Тавре, ки дар боло қайд карда шуда буд, агар муҳити беруна барои рушди соҳибкорӣ дар асоси тамоюлҳои тағйирёбандаи омилҳои ҳуқуқӣ, геополитикӣ, геоиқтисодӣ ва технологӣ баҳо дода шавад, пас муҳити дохилӣ бо ҳиссаи ками сармоягузории дохилӣ дар иқтисоди миллӣ, афзоиши бахши иқтисоди ниҳонӣ/соя, истифодаи бесамари иқтидори инсонӣ ва бисёр омилҳои дигар алоқаманд аст» [31]. Аммо, агар мо аз тахминкунӣ ба асоснокунии бунёдии принсипҳои дар боло

зикршудаи татбиқи «...Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузарем, бояд қайд кард, ки пешгирии (паст кардани) осебпазирии рушди оянда аз муайян ва мониторинги доимии сабабҳо, омилҳо ва қонуниятҳои рафтори девиантии (инҳирофшудаи) агентҳои иқтисодӣ (ширкатҳо ва давлат) аз вектори бозор, инчунин, дарёфти усулҳои пешгирӣ ва ислоҳи чунин рафтор иборат аст» [31].

Ташаккули механизми тағйироти институтсионалӣ дар давраи бунёди иқтисоди омехта бояд бо мониторинг ва таҳлили вазъи муҳити институтсионалӣ, ҷустуҷӯйи алтернативаҳо, идоракунӣ ва мавҷудияти барномаҳои ҷорӣ намудани институтҳои бозорӣ, инчунин, назорат дар татбиқи онҳо ҳамроҳ карда шавад. Субъекти асосӣ ё пешгирикунандаи (превентор) чунин механизм бояд давлат бошад ва муҳаррики ин раванд, ба гуфтаи профессори машҳури таърихи иқтисод ва таълимоти иқтисодӣ Шумпетер Й.А. метавонад «Навовар»-соҳибкор, ҳамчун қуввае, ки дар он тамоми ҳадафҳои соҳибкор ва худи давлат дар амал татбиқ мегарданд.

Маҳз аз ҳамин мавқеъҳо, ба назари мо, бояд масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки дар "...Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия шудааст, арзёбӣ карда шавад. Дар ин санад қайд карда мешавад, ки «Дар шароити суст шудани рушди иқтисодӣ аксари кишварҳои ҷаҳон аз беҳсозии фазои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардошани сифати он истифода мебаранд. Мақомоти давлатӣ дар чунин шароит ҳамчун субъектҳои талошкуниҳои рақобатнок барои сармоягузориҳо саъю кӯшиш мекунанд ва ба сармоягузорон «маҳсулоти» худро, ки «фазои сармоягузорӣ» мебошад, пешниҳод мекунанд" [31]. Ҳамчунин «...Бо назардошти ин, ҳукумат ислоҳоти институтсионалиро оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути таҳкимдиҳии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва

идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии хавфҳои сармоягузорӣ, идома медиҳад» [31, с. 74-75]. Илова бар ин, дар ин ҳуҷҷати стратегии кишвар бо мақсади ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон таъсиси институт (ниҳод)-и Омбудсмен оид ба ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон дар кишварамон дар назар аст [31, с. 75].

«...Ҳукумати кишвар барои рушди ояндаи давлат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳафт афзалиятро дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷудо кард, ки бояд дар давраи татбиқи ин ҳуҷҷати стратегӣ ба назар гирифта шаванд»[31, с.75]:

1) «...рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саноат оид ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва баланд бардошани иқтидори содиротии кишвар»[31, с.75];

2) «...кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва ташаккули инфрасохтори рушд ва дастгирии соҳибкории хурд ва миёна дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ»[31, с.75];

3) «...ташаккулдиҳии низоми иттилоотии соҳибкорӣ дар саноат ва мусоидат ба ташкил намудани бизнес-инкубаторҳо бо назардошти талаботи мардон ва занон, соҳибкорони деҳот»[31, с.75];

4) «...пурзӯр намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ, рушди рақобат ва таъсисдиҳии ниҳод (институт)-и Омбудсмен оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон»[31, с.75];

5) «...истифодаи механизмҳои ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи энергетика, сохтмон ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгард ва инфрасохтори роҳи оҳан ва барқарорсозии фурудгоҳҳо, дар соҳаи ХМК, маориф ва тандурустӣ»[31, с.75];

6) «...таҳкими механизмҳои ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд тавассути истифодаи таҷрибаи пешқадами раванди Ҳамкориҳои глобалӣ оид ба ҳамкории самарабахш барои рушд» [31, с.75];

7) «...дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони молҳои ватанӣ» [31, с.75].

Дар маҷмуъ, дар таҳқиқоти рисолаи мо рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун масъалаи он фаҳмида мешавад, ки чӣ гуна тавассути банақшагирии индикативӣ рушди чунин омили истеҳсолоти ҷамъиятиро, ба монанди қобилиятҳои соҳибкорӣ дар чунин самт таъмин кард, ки аз як тараф, фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ фоидаовар ва самаранок бошад, аз ҷониби дигар фаъолияти онҳо ба вазифаҳо ва мақсадҳои рушди миллии кишвар мувофиқ бошад.

Тавре Саидмуродзода Л.Ҳ. қайд мекунанд, «...яке аз вазифаҳои назарияи муосири иқтисоди гузариш - асосноккунии принсипҳо ва механизми татбиқи ба истилоҳ «сиёсати пешгирикунандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ» мебошад, ки метавонад аз инҳирофҳои эҳтимолӣ дар рушди иқтисодӣ ҳушдор дода, рафтори бозории ба вуҷуд омадаистодаи субъектҳои иқтисодӣ ва дар фаҳмиши ҳозираи он дар раванди ташаккули иқтисоди бозорӣ воситаҳои аз байн бурдани онҳоро пайдо кунанд» [140, с. 64, 79].

Ҳамин тариқ, агар хароҷоти трансаксионӣ бештар бо ҷустуҷӯйи иттилоот дар низоми бозорӣ алоқаманд бошад, пас хароҷоти фидутсиарӣ (эътимоднокӣ) бо ҷустуҷӯйи роҳҳои мутобиқшавии самаранок ба шароити бозор алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, равандҳои тағйирёбии низоми иқтисодӣ дар шароити бозорӣ, доираи аҳли илми кишварро объективона вазифадор мекунад то равишҳои муҳими дастгирӣ ва назорати давлатиро дар ин самт сазовор бошанд. Татбиқи принсипиалии барномаҳои рушди кишварҳо, ки аз

ҷониби ҳукуматҳои кишварҳо қабул шудаанд, бояд ба таври одилона сурат гиранд.

Қонуни диалектикии ягонагии умумибашарӣ дар шакли алоҳида ва фардӣ ба он далолат медиҳад, ки масъулини дахлдор ва дигар сохтору шахсиятҳои марбута бевосита самти тараққиётро муайян карда, шароити умумии фаъолияти мусоид фароҳам меоварад. Аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқи рисолаи мазкур, бояд қайд намуд, ки шарти умумӣ ҳаракат ба сӯйи бунёди низоми бозорӣ (масири умумии рушд) буда, шарти махсус ё ягона, ё ба таври дигар, манбаи ҳаракат ба сӯйи бозор соҳибкорӣ ё қобилиятҳои соҳибкорӣ ҳамчун омили истеҳсолоти ҷамъиятӣ баромад мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки вобаста ба баррасиҳои назариявӣ дар масоили мубрами мушаххассозии сабабҳо ва вазъияти дуршавии омилҳои (девиантӣ) рафтори алоҳидаи шахсии сохторҳои соҳибкорӣ аз масири бозор (универсалӣ), инчунин, имкониятҳои истифодаи усулҳои ислоҳи чунин рафтор вобаста ба талаботи замони мазкур бояд мувофиқ карда шавад. Дар ин маврид, хеле муҳим он аст, ки самтгирии рушди низоми хоҷагидорӣ дар самти бозор манфиати стратегии давлат аст, вале механизми асосӣ дар ин ҳаракат соҳибкорӣ мебошад.

Ҳамин тавр, масалан, “...иқтисодчии перуягӣ Эрнандо де Сото дар асари машҳури худ нишон додааст, ки дигаргунсозиҳои бозорӣ метавонад аз ҷониби давлат самаранок ба амал бароварда шавад, ба шарте ки соҳибкорӣ тавонад сармоя ба вуҷуд оварад, чунки он қуввааст”[157], ки ҳосилнокии меҳнатро бардошта, сарвати халқҳоро ба вуҷуд оварад.

Аз сарчашмаҳо ва асарҳои олимони ватанӣ чунин ишора шудааст, ки «...Робитаи мутақобилаи манфиатҳои давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун ҳамкории байни Пешгирикунанда (давлат) ва Навовар (соҳибкорӣ) ном гирифтааст» [140, с. 113, 414]. Вобаста ба он ки

соҳибкор ба таври мустақилона ва таъсирманд дар рушди иқтисодию иҷтимоии давлат иштирок намояд, зарур аст, ки давлат чунин заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалиеро ташкил намояд, то он тавонад воқеан ба рушди соҳибкорӣ мусоидат намояд, ки ин равиш дар кишвари мо амалӣ шуда истодааст. Аз ин рӯ, барои он ки соҳибкор дар ҳаёти иқтисодии кишвар самаранок иштирок намояд, давлатро зарур аст, ки низоми ҳуқуқие ташкил намояд, ки ҳуқуқи моликияти онҳоро ҳифз намояд.

Таҳқиқоти олимони ватанӣ нишон медиҳанд, ки «...Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як зина боло рафтани чунин индекси институтсионалӣ, аз қабили «ҳимояи ҳуқуқи моликият» метавонад ба рушди иқтисоди кишвар дар доираи 1,3 фоиз мусоидат кунад» [297] ва «...институти моликияти хусусӣ ҳамчун асоси низоми иқтисодии бозорӣ бояд пеш аз ҳама ба субъектҳои соҳибкорӣ озодии қабули қарорҳои иқтисодиро таъмин намуда» [245, с. 39], [206, с. 118], [136, с. 38-47], [139, с. 311], [118, с. 32], «...ҳифзи ҳуқуқи интихоби онҳо ва ташаккули сатҳи зарурии дигаргунсозиҳои бозорӣ бояд бо мониторинг ва таҳлили вазъи муҳити институтсионалӣ, мавҷудияти барномаҳои индикативии рушди кишвар, инчунин, назорати доимии татбиқи босифати онҳо сурат гирад» [299].

Аз нуқтаи назари иқтисоддони ватанӣ Хасанов А.Р., «...омӯзиши шароити махсуси амалишавии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи транформатсия нишон медиҳад, ки ба он чунин зуҳуроте хос аст, ки бештар хусусияти рушди онро муайян мекунанд ва чораҳои пешгирикунандаро барои ислоҳи равиш ба бозорро талаб мекунанд. Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ин падидаҳои махсус ҳатто дар консепсияҳои иқтисодӣ, ки шароити воқеии рушдро инъикос мекунанд, расмиёти муайян гирифтанд» [264, с. 162]. Тибқи воқеиятҳои мавҷуда «...Гарчанде ки ин изҳорот дар адабиёти муосири иқтисодӣ таҳти истилоҳи банақшагирии индикативӣ қабул шудааст, аммо ин мавзуъ барои коҳиш

додани рафтори эҳтимолии девиантии сохторҳои соҳибкорӣ ба асоснокии бештаре ниёз дорад» [146, с. 51].

Таҳлил ва мониторинги фаъолияти субъектҳои иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ нишон медиҳад, ки дар айни замон нишондиҳандаҳои ягонае, ки аз як тараф вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар ва аз тарафи дигар фаъолияти худи соҳибкоронро, ки барои арзёбии самаранокии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ объективона баҳогузорӣ кунанд, ба пуррагӣ вуҷуд надорад. Дар натиҷа, соҳибкорон ҳамчун субъектҳои иқтисодиёт тамоюлҳои рушди иқтисодиро дар кишвар ба таври гуногун қабул мекунанд ва интизориҳои иқтисодии онҳо ба ҳамдигар на он қадар мувофиқ буда, ба суръати рушди иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Гап дар сари он аст, ки дар низоми бозорӣ, ки дар давраи гузариш қарор дорад ва ҳанӯз бозорҳои қоғазҳои қимматнок, асъорӣ, қарзӣ ва ғайра дар ҳолати ташаккул қарор доранд, нишондиҳандаҳои болозикр бояд, пеш аз ҳама хусусияти иттилоотӣ дошта бошанд ва ба ҳар як субъекти соҳибкорӣ имконият диҳанд, ки қарорҳои мустақил, яъне оқилона ва оптималии иқтисодиро қабул кунанд. Бинобар ин, дар доираи предмети (мавзуи) таҳқиқшаванда фаҳмидан хеле муҳим аст, ки сиёсати иқтисодии пешгирикунандаи макроиқтисодӣ ин сиёсатест, ки ба баҳисобгирии асосҳои микроиқтисодӣ, яъне фаъолияти соҳибкорӣ дар стратегияи макроиқтисодии кишвар асос ёфтааст.

Ҳиссаи соҳибкории истеҳсолӣ, ки дар шакли корхонаҳои саноатии кишвар зоҳир мегарданд, «...Дар давраи аввали истиқлолият беш аз 215 ҳазор нафар ё 13 фоизи аҳолии дар иқтисод машғулбударо бо ҷойи кор таъмин менамуд ва ҳиссаи он дар ММД 25,4 фоизро ташкил медод. Дар давраҳои аввали татбиқи СМР-2030 бошад, дар соҳаи саноати кишвар наздики 85,5 ҳазор нафар ё 3,5 фоизи аҳолии дар иқтисод машғулбударо бо ҷойи кор таъмин намуда, ҳиссаи худи соҳа дар сохтори ММД бошад

наздики 16 фоизро ташкил медод» [142, с. 79]. Тавре ки олими ватанӣ Саидмуродзода Л.Ҳ. қайд менамояд, «...Маҳз, ин аст, ки принсипи индустриалӣ, ки дар СМР-2030 қайд шудааст, бо ташаббуси Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақвият дода шуда, дар баробари се ҳадафи миллӣ - таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шуд» [142, с. 79-80].

Чунонки «...Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд амалигардонии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат ҳамчун тавлидкунандаи арзиши баланди иловашуда таъмин гардида, дар ин раванд даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда шавад» [43].

Таҳлилҳои олимони ватанӣ нишон медиҳанд, ки «...Кишвари мо дорои иқтидори ҷиддии захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ буда, барои тараққӣ додани саноати маъдани куҳӣ ва коркард - металлургияи ранга ва сиёҳ, саноати масолеҳи бинокорӣ ва саноати фарматсевтӣ аз сарватҳои табиӣ бой мебошад. То имрӯз дар қаъри Тоҷикистон зиёда аз 600 кон ва 800 намуди маъданҳои фоиданок кашф ва қисман аз худ карда шудааст, ки барои рушди соҳибкории истеҳсолии саноатӣ заминаи мустаҳками захиравӣ фароҳам меоварад» [142, с. 80].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки – «...Захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ имкон медиҳанд, ки тавассути коркарди пурраи маъдан, аз ҷумла металлҳои рангаву қиматбаҳо, инчунин, тавассути коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш соҳаҳои саноати металлургия, сабуку хӯрокворӣ ва дорусозӣ

рушд намуда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот афзоиш ёбад ва саноатикунонии босуръати мамлакат таъмин карда шавад» [43]. Дар ин самт масъалаҳои тавсеаи банақшагирии индикативӣ дар ҷумҳурӣ тавассути қабули барномаҳои стратегии рушди соҳаи саноат як воситаи муҳими идоракунии давлатӣ бо мақсади ислоҳи рафтори девиантии соҳибкории саноатӣ ва коҳиш додани хароҷоти трансаксионӣ/муомилотӣ ва фидутсиарӣ/боваринок мебошад.

Тавре дар омадааст «...Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалишавии нақшаҳои татбиқи рушди саноати кишвар дар даврaҳои солҳои 2022-2026»[31] аз ҳама беҳтар равияи функсионалӣ ва фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар самти ҳамбастагии онҳо бо барномаю стратегияҳои қабулгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳошияи саноатикунонии босуръат ифода мекунад. Дар баробари ин, натанҳо байни мақсад ва вазифаҳои мураттабшуда, балки бо ҳуҷҷатҳои мавҷудаи банақшагирии стратегӣ, ки дар онҳо тадбирҳо оид ба саноатикунонии босуръат ва фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ барои соҳибкории истеҳсолӣ нигаронида шудаанд, робита муқаррар карда мешавад” [31]. Дар натиҷа, муттасилии ҳуҷҷатҳо нигоҳ дошта шуда, дар сиёсати саноатии кишвар равиши мунтазам амалӣ карда мешавад.

Яке аз механизмҳои дигари расидан ба ҳадафҳои соҳибкории ба рушд нигаронидашуда дар шароити муосир ин, банақшагирии индикативӣ мебошад. Бинобар ин, дар марҳилаи аввал дастгирии қарзии маблағгузорӣ ба он аз сарчашмаҳои гуногун дар шароити нави ҷаҳонишавӣ амалкардҳои институтсионалиро тақозо менамояд.

Банақшагирии индикативӣ вобаста ба хосиятҳои лоиҳавию нақшавии дар худ таҷассум намуда, метавонад робитаи ба ҳам алоқаманди амалкардҳои ҳукуматро дар самти лоиҳаҳои таҷрибавӣ

таъмин намуда, ҳамвора бо ин, соҳибкорони истеҳсолӣ метавонанд ба сифати як ташаббускори асосӣ ба арзёбии захира ва иқтидорҳои молиявию пулӣ ва амсоли инҳоро дар Тоҷикистон ҳавасманд гарданд.

Дар ин самт, ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар саноати мамлакат расондани нияту вазифаҳои банақшагирии индикативӣ, ки бо мақсади амалишавии босифати саноатикунонии босуръати кишвар нигаронида шудаанд, масъалаи хеле муҳим мебошад.

“...Дар доираи татбиқи сиёсати нави сохторӣ дар саноат, бо роҳи тадриҷан гузаштан ба рушди афзалиятноки соҳаҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти ниҳоӣ, ҳуҷҷатҳои муҳими қабулкардашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии (Парлумон) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ карда шудааст) [31]; Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №168 тасдиқ карда шудааст)” [8]; Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №169 тасдиқ карда шудааст); Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистион барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №159 тасдиқ карда шудааст); Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ карда шудааст); Нақшаи миллии чорабиниҳо бахшида ба солҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2022 тасдиқ карда шудааст); Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

27 майи соли 2020, №293 тасдиқ карда шудааст); Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019, №373 тасдиқ карда шудааст); Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014, №737 тасдиқ карда шудааст); Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №388 тасдиқ карда шудааст); Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи саноат барои солҳои 2021-2023 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №361 тасдиқ карда шудааст) ва ғ.

Рушддиҳии босуръати истеҳсолоти анъанавии саноатии кишвар ва татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии ба содирот нигаронидашуда кори зиёди иттилоотиро дар муҳити соҳибкорӣ тақозо мекунад, то шарҳдиҳии пурраи ғояҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои дар ҳуҷҷатҳои қабулкардаи ҳукумати кишвар ба пуррагӣ расонида шаванд, ба монанди: «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040»; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 дар бораи эълон кардани «Солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»; Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба татбиқи эълони солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, №427 тасдиқ карда шудааст); Стратегияҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; Харитаи роҳи фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» [1-10-31] ва ғ.

Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар ин самтҳо низ то андозае барои ҷорӣ намудани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба тавзеҳ додани нуқтаҳои мақсадноки барномаҳои қабулкардаи ҳукумат алоқаманд мебошад ва тамоми паҳлуҳои зарурии рушди ин самти муҳимро таҷассум менамоянд.

Ба ҳамин тариқ, ба ақидаи мо, раванди коҳиши муназзами рафтори девиантии соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади афзоиши босуръати рушду тараққиёти саноат ҳамчунин, бо мақсади ҳалли вазифаҳои стратегии рушди кишвар метавон ба чунин гурӯҳҳо чудо кард:

1. Афзоиши саноати маъдан ва истифода аз имконияту иқтидорҳои табиии Тоҷикистон бо баназаргирии нерӯи офтобӣ ва бодӣ ҳамзамон, истифодаи ин нерӯ дар соҳаи саноат муҳим ва зарурӣ мебошад.

2. Иртиқо додани саноати коркард дар заминаи меҳварияти рушди имкониятҳои меҳварӣ ва дигар равишҳои марбут ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои ҳамрадифӣ бо истифода аз технологияҳои муосир.

3. Рушди соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда, ки дастгирии иттилоотию коммуникатсионӣ ва маркетингиро таъмин менамояд.

Таҳияи Кодекси рафтори корпоративӣ барои ҷамъиятҳои саҳомии ватанӣ ва ташкили механизми муассири татбиқи ҳуқуқ дар робита ба муносибатҳои корпоративӣ зарур аст

Дар амалияи хоҷагидорӣ истифодаи принсипҳои Кодекси рафтори корпоративӣ, ба назари мо, дар бунёди низоми муқаррарии муносибатҳои байни саҳмдорон ва менеҷерон ба ширкатҳои саҳҳомии ҷумҳурӣ кумаки воқеӣ мерасонад ва ҷолибияти сармоягузории худи ширкатҳоро афзоиш медиҳад. Муқаддима ва истифодаи стандартҳои идоракунии корпоративӣ бояд на ҳамчун як парвандаи хусусии ширкатҳо, балки ҳамчун як масъалаи миқёси умумидавлатӣ баррасӣ карда шавад.

Масъалаи дигари муҳим, ки ҳалли он бояд ба паст кардани рафтори девиантии фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шавад, ин татбиқи сиёсати самараноки идоракунии давлатии андозбандӣ мебошад. Масалан, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи шакли худ ба равандҳои дигаргунсозии бозор дар ҷумҳурии мо мувофиқат мекунад. Дар баробари ин, таъсири интизорие, ки аз таҳрири охирини он ба тағйироти иқтисодӣ дар ҷомеа оварда мерасонад, ҳоло ба даст наомадааст. Чаро? Гап дар сари он аст, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ истифодаи принсипҳо ва усулҳои мушаххаси идоракунии андозро талаб мекунад. Пӯшида нест, ки баъзе аз ширкатҳо пас аз гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ ё дар бозори ғайрирасмӣ кор карда, андоз намесупоранд ё дар интизори гузаронидани амалиёт ё созишномаи хуби манфиатовар буда, муддати тӯлонӣ кор намекунанд.

Дар натиҷа, фаъолнокии корию тиҷоратӣ хусусияти ноустуворӣ фазоӣ ва вақтиро мегирад, ки ин ба номутаносибии даромаднокии буҷети давлатӣ аз ҳисоби воридоти андозӣ оварда мерасонад. Дар чунин шароит, яке аз усулҳои истифодаи менеҷменти андозӣ метавонад ҷорӣ намудани андози соҳибкории мушаххасан қайдшуда, вале аз рӯйи ноҳияҳо диффиренсатсияшуда (вобаста ба сатҳи рушди соҳибкорӣ дар ноҳияҳо) бошад, ки аз фаъолияти ниҳоии ширкат вобаста набошад, аммо бояд ба буҷети маҳаллӣ ҳамчун иштирокчии низоми фаъолияти соҳибкорӣ ҳатмӣ пардохт карда шавад.

Ва ниҳоят, самти муҳими паст кардани рафтори девиантии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ бояд низоми тайёр кардани кадрҳои муосири болаёқат, барои институтҳои соҳибкорӣ бошад.

Имрӯзҳо дар сатҳи дахлдор зарурати қабули қарорҳои лозима ба миён омадааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияҳои иқтисодию тиҷоратии кишвар мактабҳои олии бизнес ва барномаҳои

бизнес маъмуриятчигӣ (MBA – Master of Business Administration) ташкил карда шаванд, ки дар доираи онҳо на танҳо барномаҳои таълимии кӯтоҳмуддати сертификатсияшуда пешниҳод карда мешаванд, балки низоми омодасозии кадрҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ низ таъсис дода мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаклҳои босифату беҳтарини омӯзиши менеҷерони олиро нисбат ба барномаҳои бизнесмаъмуриятчигӣ масалан, намедонад. Маҳз, бо ҳамин роҳ ҳамаи мактабҳои машҳури бизнес ва бизнес-маъмуриятчигӣ дар Иёлоти муттаҳидаи Амрико, Аврупо, Русия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо таъсис дода шуданд. Маҳз, бо ин роҳ муҳити рақобат дар соҳаи барномаҳои таълимии пешниҳодкардаи муассисаҳои таҳсилоти олии равияҳои иқтисодӣ ташаккул ёфт.

Барномаҳои гуногуни бизнес-таҳсилот ва бизнес-маъмуриятчигӣ дар шароити муосир маъмултарин ва эътирофшудаи омӯзиши тиҷорат дар ҷаҳон мебошанд. Дар Федератсияи Россия бо қарори махсуси Шӯрои Вазирон ҳанӯз соли 1988 аввалин мактаби касбии тиҷоратӣ - Мактаби олии тиҷорат/бизнес таъсис дода шуда буд. Имрӯзҳо дар Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои пешрафтаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ҳазорҳо чунин мактабҳо ва барномаҳо фаъолият мекунанд, ки хусусияти мустақили фаъолияти онҳо имкон медиҳад, ки мутахассисони пешрафта барои гузаронидани машғулиятҳо ва корҳои таҳқиқотӣ дар давраи таҳсил даъват карда шаванд.

Аммо, савол дар ин аст, ки оё соҳибмулкон ва роҳбарони корхонаҳо розӣ ҳастанд, ки барои омода кардани ин мутахассисон хароҷоти бамиёномодаро пардохт кунанд? Тавре ки таҷрибаи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ оид ба соҳиб шудани таҳсилоти олии касбии равияҳои иқтисодии гурӯҳҳои шартномавӣ нишон медиҳад, зиёда аз 90 фоизи шартномаҳо бо тариқҳои гуногун дар ҳамрадифӣ бо муассисаҳо ва шахсони воқеӣ баста мешаванд.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳбарони корхонаҳо барои омода намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбии самти фаъолияти корхонаи худ ҳавасманд набуда, бо сифати мавҷудаи омӯзиши мутахассисон қаноатмандӣ баён мекунанд.

Аз ин рӯ, мушкилоти тавсеаи бозори хизматрасониҳои таълимии равияҳои бизнес ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати институти соҳибкорӣ дар таҳияи барномаҳои бизнес ва иқтисодӣ мебошад, ки ба талаботи доираҳои муосири соҳибкорӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Имрӯз, бакалавриат як низоми навсозишудаи талаботи муҳити беруна ва давлатҳои Ғарб натанҳо бо доштани бартарӣ дар чунин соҳаҳо, менеҷмент ва маркетинг, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ, балки дар соҳаи омодагии умумии иқтисодӣ, ба монанди савдо, соҳибкорӣ ва микроиқтисодиёт ба пуррагӣ қонеъ намекунад. Магистратура ҳамчун сатҳи баланди таҳсилоти иқтисодӣ, инчунин, талаботи сохторҳои тиҷоратиро на танҳо ба омодагии махсус ва умумии иқтисодии мутахассис, балки дар соҳаи фанҳои амалӣ, ба монанди идоракунии технологияҳои иттилоотӣ ва идоракунии молиявӣ ба пуррагӣ қонеъ намекунад.

Аз ин рӯ, таъсиси мактабҳои олии тиҷорат/бизнес ва идоракунии соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, ки дар доираи онҳо ҳам барномаҳои кӯтоҳмуддати сертификатсияшуда ва ҳам барномаҳои ҳамаҷонибаи омодасозии соҳибкорон гузаронида мешаванд, на танҳо дар бозори хизматрасониҳои соҳибкорӣ ва иқтисодии таълимӣ ҷойгоҳи худро ишғол мекунанд, балки робитаи иттилоотию рақобатиро байни ниёзҳои тиҷорат ва сифати таҳсилоти иқтисодиро дар маҷмӯъ ташаккул медиҳанд.

2.2. Методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ

Дар таъмини рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ интихоби механизмҳои муассир ва таъсиррасон, дар ин замина, шарти асосӣ ва зарурӣ мебошад. Бинобар ин, вобаста ба вазъият ва имкониятҳои иқтисодӣ ва сохторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши соҳибкорӣ яке аз механизмҳои асосие мебошад, ки он дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ нақши калидӣ дорад. Дар печидагиҳои ҷаҳони муосир интихоби роҳу воситаҳои имконпазир ва таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ба таври доимӣ аввалият дода мешавад. Вобаста ба ҳамаи ин заруриятҳо, роҳбари маҳбуби давлатамон дар замони соҳибистиқлолӣ ташаккул ва рушди бахши соҳибкориро ҳамчун самти афзалиятноки иқтисодӣ мавриди назари худ қарор дода, ба он таваҷҷӯҳи доимӣ зоҳир менамояд. Чуончи маълум аст «... Ҳанӯз соли 1997 дар вохӯрӣ бо аҳли зиёи кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои пажӯҳишҳои назариявиро дар соҳаи иқтисод равшан нишон дода, қайд карданд, ки бо дарназардошти воқеияти ҷаҳони муосир ва хусусиятҳои тафаккури миллӣ, ба таҳлили самтҳо ва пешрафти раванди иқтисодӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда, фаҳмонида додани механизми ҷорӣ намудани иқтисоди бозорӣ зарур аст» [48].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо иброз намудаанд, ки «...Мушкилоти муосири кишварҳои рӯ ба тараққии ҷаҳон он қадар нотакрор аст, ки татбиқи назарияҳои анъанавӣ ба онҳо манзараи воқеии рушдро ошкор намекунад» [48]. Аз он хотир ки мушкилот дар фаъолияти соҳибкорӣ мушкилоти умумииқтисодӣ ва умумиҷамъиятӣ маҳсуб меёбад, дар он табақаҳои манфиатдор, махсусан давлат ин мувозинатро ба таври доимӣ назорат мебарад.

Тавре маълум аст, “...дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри 20 маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвари мо нисбат ба соли 1991 40 фоизро ташкил дода, истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 52,8 фоиз коҳиш ёфта, коҳиши истеҳсолот дар саноат 65,8 фоизро ташкил дода, сатҳи таваррум ба нишондиҳандаи чоррақама расида, сатҳи камбизоатии миллӣ бошад аз 80 фоиз гузашт. Дар маҷмӯъ, талафоти ҷанги шаҳрвандӣ беш аз 10 миллиард доллярро ташкил дод. Танҳо 42 фоизи роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва 20 фоизи роҳҳои дорои аҳаммияти маҳаллидошта мумфарш буда, 73 фоизи роҳҳо дар ҳолати тоқатфарсо қарор дошта, умуман кишварамон дар бунбасти нақлиётию алоқа қарор дошт” [140, с. 70].

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки тавассути ҳавасманд гардонидани субъектҳои соҳибкорӣ як қатор имкониятҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ эҳё гардида, як қатор арзишҳои умумимиллии ба манфиати ҷомеа зарур тавассути фаъолияти соҳибкорӣ таъмин карда мешаванд.

Аммо, масъалаи муҳими назариявӣ ҳам барои иқтисоди ватанӣ ва ҳам барои илми иқтисод - ин масъалаи асосноккунии интихоби афзалиятҳо барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар маҷмӯъ ва аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисоди кишвар нақши муҳиму арзанда мебозад. Он ба таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва рушди технология мусоидат мекунад. Пеш аз ҳама - ин модели назариявии идоракунии стратегии корхона мебошад. Тибқи ин равиш, интихоби афзалиятҳо дар соҳибкории истеҳсолӣ метавонад бо истифода аз модели идоракунии стратегӣ асоснок карда шавад. Барои ин, чунон ки маълум аст, гузаронидани SWOT-таҳлил (Strengths, Weaknesses, Opportunities, Threats) зарур аст, ки ин имкон медиҳад самтҳои қавӣ ва заифи соҳибкории истеҳсолӣ, инчунин, имкониятҳо (омилҳо) ва таҳдидҳои беруна муайян карда шаванд.

Масалан, дар шароити муосир самтҳои қавӣ кадрҳои баландихтисос, технологияҳои муосир, обрӯйи баланд дар бозор баромад намуда, самтҳои заиф бошад, ин технологияҳои куҳнашудаи истеҳсолот, маблағгузории нокифоя ва стратегияи сусти маркетингӣ мебошанд. Омилҳо ва имкониятҳои берунаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ - ин афзоиши эҳтимолии талабот ба маҳсулот, бозорҳои нав, барномаҳои дастгирии давлатӣ ва ғайра мебошанд. Ҳамзамон, таҳдидҳо метавонанд ноустувории иқтисодӣ, тағйирот дар қонунгузорӣ, рақобати баланд ва ғайраро дар бар гиранд.

Аз назарияи идоракунӣ маълум аст, ки дар марҳилаҳои гуногуни давраи ҳаётии маҳсулот (ҷорикунӣ, афзоиш, камолот, таназзул) корхона бояд афзалиятҳои худро мутобиқ созад. Дар марҳилаи аввали ҷоринамоӣ инноватсия ва рушди технологияҳои нав муҳим аст, дар ҳоле, ки дар марҳилаи камолот оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сифат метавонад авлавият дошта бошад.

Равиши дигари интихоби афзалиятҳо, ба андешаи мо, метавонад ба консепсияи муносибати бисёромилии омӯзиши падидаҳои иқтисодӣ асос ёбад. Дар таҷрибаи чанд соли охир вобаста ба таҳаввулоти нав ва равишҳои умумииқтисодӣ омилҳое, ки устуворii соҳибкориро таъмин менамоянд, метавонанд ба василаи як омили пешрафта мавриди пайгирии доимӣ қарор дода шаванд.

Ба омилҳои иқтисодии интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ фаъолияти сармоягузории ширкатҳо ва вазъи бозорро метавон нисбат дод. Масалан, сатҳи сармоягузорӣ ба таҳқиқот ва лоиҳакашӣ (НИОКР) ва мавҷудияти захираҳо дар кишварҳое, ки ин ҷараён дар ҳоли татбиқшавӣ қарор доранд, одатан ба афзалиятҳои стратегии фаъолияти ширкатҳо муайян мегардад. Ба омилҳои иҷтимоӣ дар интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ тағйироти афзалиятҳои истеъмолкунандагон, тамаркуз ба рушди устувор ва стандартҳои

экологиро метавон дохил кард, ки дар шароити муосир аҳаммияти бештар пайдо мекунанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир вазифаи мураккабест, ки ба назар гирифтани омилҳои зиёдро тақозо мекунад. Дар сурати мутобиқнамоии фаъолияти соҳибкорӣ бо равандҳои печидаи ҷаҳонишавӣ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар иқтисоди миллӣ яке аз роҳҳои рушд ва расидан ба як мавқеи устувори аз равандҳои осебпазирӣ дур - ин методологияи афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳамзамон, имтиёздиҳӣ ба самтҳои афзалиятнок мебошад, ки ҳамаи ин бевосита равандҳои рушдро дар сатҳи давлат ба таври дарозмуддат таъмин карда метавонанд. Интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ як омили институтсионалиест, ки дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ дорад. Зеро, муҳити фаъолияти соҳибкорӣ васеъ буда, амал кардан бо равишҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва ё самтҳои афзалиятнок ниҳоят манфиатовар мебошад.

Интихоби роҳи дуруст дар самти расидан ба як иқтисодиёти пешрафта ин интихоби самтҳои афзалиятнок дар муҳити соҳибкорӣ мебошад, ки онро мо тибқи талабот ва равишҳои мавҷудаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се самт ё соҳаи алоҳидаи муайян тақсимбандӣ намудем.

Дар робита бо методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ, ҳаминро бояд матраҳ намуд, ки равишҳои гуногуни рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ метавонад дар доираи як қатор меҳвариятҳои васеъ ба тамоюлҳои ба рушд нигаронидашуда тақвият дода шуда, дар он афзалиятҳои ба рушд нигаронидашуда ба таври чашмрас рушд дода шаванд. Бинобар ин, дар таҳқиқоти илмии худ мо равишҳои гуногуни соҳибкории истеҳсолиро ҳамчун афзалияти асосии рушд баррасӣ намуда, инчунин, қайд намудем,

ки дигар шаклҳои фаъолияти соҳибкориро дар меҳвари он ташаккул ва рушд додан муҳим ва зарурӣ мебошад.



Расми 2.1. - Афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Ҳамзамон бо ин, метавон гуфт, ки имрӯз соҳибкор дар се меҳвари асосӣ ташаккул меёбад, ки асоситарини онро соҳибкории истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва шакли навкардашудаи он - электронӣ ташкил медиҳад, ки метавон ҳар кадоми онро ба гурӯҳҳои алоҳида тақсимбандӣ намуд. Дар сатҳи соҳибкории истеҳсолӣ асосан афзалиятҳои истеҳсолӣ ва дигар паҳлуҳои иртиқоёфтаи муҳити инноватсионӣ дар ин самт ташкил дода мешавад. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки соҳибкории истеҳсолӣ дорои як қатор афзалиятҳои институтсионалӣ буда, дар он зиндагии

шоиста, шуғли пурмаҳсул, рушди устувор ва дигар масъалаҳои ба ин вобаста ташаккул меёбанд.

Вобастагии соҳибкории истеҳсолӣ бо соҳибкории хизматрасонӣ ки дар сатҳи он бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, биржаҳои молию пулӣ ва амсоли инҳо инъикос меёбанд, сахт вобастагӣ дорад ва дар ин робита равишҳои гуногуни он низ дар муҳити инноватсионӣ ташаккул меёбад. Соҳибкории истеҳсолӣ ба рушди ММД ва як қатор зермеҳварҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар муҳити афзалият ва бартарӣ мусоидат менамояд.

Соҳибкории хизматрасонӣ шакли иртиқоёфта ва васеъ паҳнгаштаи муҳити соҳибкорӣ буда, дар он тамоми институтҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ нақши калидӣ доранд. Дар ин шакли соҳибкорӣ метавонанд ҳама шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иштирок варзанд.

Зеро, муосиршавии хариду фурӯш дар муҳити соҳибкорӣ хосияти электронӣ дошта, дар аксар маврид тиҷоратҳои электронӣ дар ин муҳит васеъ истифода мегарданд. Илова бар ин, таблиғи истеҳсолот ва дигар равандҳои пешниҳоди хизматрасонӣ дар ду шакли дигари фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи соҳибкории электронӣ тақвият дода мешаванд.

Вобаста ба иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявии интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро ба назари мо, мумкин аст, ки тавассути призмаи якчанд равишҳои назариявии дар адабиёти иқтисодии ватанӣ мавҷудбуда баррасӣ кард.

Якум - тавассути назарияи иқтисодии захираҳо. “...Ин нуқтаи назар таваҷҷӯҳро ба истифодаи оптималии захираҳои маҳдуд равона мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сарфи меҳнат ва захираҳои табиӣ нақши муҳим ва боризро мебозад, фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ бояд ба самтҳои хеле самарабахш равона карда шавад. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ қайд карданд, Ҷиҳати ҳавасманд намудани

фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шаванд” [42].

Дуруст аст, ки «...баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногуннавъии истеҳсолоти саноатӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард, афзоиш додани арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ дар асоси рушди маҷмааҳои соҳавӣ зарур мебошад» [42].

Дуюм - асосҳои назариявии интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро тавассути назарияи бартарии рақобат метавон баррасӣ кард. Мувофиқи ин назария дар иқтисоди миллии кишвар ва минтақаҳои он ҳамон соҳаҳоеро рушд додан лозим аст, ки дорои бартарии рақобатнокӣ мебошанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи бештаре метавонад ба кишоварзӣ, нассоҷӣ ва масолеҳи сохтмонӣ дода шавад.

Сеюм – тавассути истифодаи назарияи инноватсионӣ. Гап дар сари он аст, ки дар шароити муосир технологияи нав ва равандҳои инноватсиониро ҷорӣ кардан лозим аст. Рушди иқтисоди рақамӣ ва «сабз», инчунин, таъсиси стартапҳо метавонад яке аз самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ гардад.

Чорум – дар асоси назарияи рушди устувор. Тавре пажӯҳишҳои ватанӣ нишон медиҳанд, ҳангоми интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд манфиатҳои умумимиллӣ ба инобат гирифта шуда, дар он равишҳои ба рушд нигаронидашуда афзалият дода шаванд.

Таҳлили вазъи имрӯзаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҷумҳурӣ дорои захираҳои ғании табиӣ мебошад, вале сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ таҳияи тадбирҳои маҷмуии дастгирии соҳаи истеҳсолиро тақозо мекунад. Мушкилоти асосие, ки соҳибкории

истеҳсолӣ дар кишвар ба он рӯбарӯ мешавад, ин мушкилоти нокифояи захираҳои молиявӣ, рушди сусти инфрасохтори бозор, нарасидани қувваи кории тахассусӣ ва ғайра мебошанд.

Масалан, дастрасии маҳдуди маблағгузорӣ ва бо қарзтаъминкунӣ дар минтақаҳои кишвар ба кор андохтан рушди истеҳсолоти навро мушкил гардонда, вазъияти на он қадар хуби шабакаҳои энергетикӣ ба пешрафти истеҳсолот халал расонида, рушди истеҳсолотро боз медорад. Дар навбати худ, таҳсилоти самти ихтисосҳои касбӣ-техникӣ ва омода намудани кадрҳои соҳаи технология ва менеҷмент рушди минбаъдаро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон якчанд самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кард:

1. Рушди минбаъдаи корхонаҳои коплекси агросаноатӣ – КАС. Беҳтарсозии равандҳои истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва ташкили низоми коркарди маҳсулоти кишоварзӣ метавонад ба афзоиши арзиши иловашуда ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат кунад.

2. Ташаккул ва рушди минбаъдаи инфрасохтори саноатӣ. Барои ин зарур аст, ки ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ сармоягузорӣ карда шавад, то дастрасии бозор афзоиш ёфта, хароҷот кам карда шавад.

3. Дастгирии минбаъдаи соҳибкории хурду миёна. Ба назари мо, вобаста ба шароити имрӯзаи Тоҷикистон дастгирии бахши соҳибкории хурду миёна дар марҳилаи аввал ҷанбаи мусбати иҷтимоӣ ва дар марҳилаи дигар ҷанбаҳои иқтисодӣ ва бозорӣ дорад.

4. Рушди босуръати инноватсия ва технологияҳо. Имкониятҳои нави рушдро дар самти такрористеҳсол ва самаранокию ҳосилнокии меҳнат фароҳам меоварад.

Вобаста ба имкониятҳои мавҷуда, рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки тамоми манофеи ҷомеро ҳифз ва иқтисодиёти онро рушд дода тавонад. Равиябандии муайян тавассути бахши соҳибкории истеҳсолӣ ба хотири рушди комплекси агросаноатӣ метавонад вазъи соҳаи саноати кишварро ба таври назаррас беҳтар созад.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиёти дилхоҳ кишвар нақши муҳим дорад. Соҳибкорон ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, истеҳсоли молу хизматрасониро афзун намуда, ба рушди иқтисод ва беҳтар шудани сифати зиндагии мардум саҳми арзандае мегузоранд. Аз ин рӯ, интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд мантиқан асоснок ва ба принсипҳои илмӣ асос ёбад. Мо принсипҳои асосиро дида мебароем, ки ҳангоми таҳияи стратегияи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба онҳо такя кардан лозим аст.

Ба андешаи мо, принсипҳои асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд дар асоси ба назар гирифтани талабот ва рақобатпазирии молу хизматрасонӣ, истифодаи пешрафтҳои инноватсионӣ ва технологӣ, инчунин, таъмини сифат ва идоракунии дурусти ширкатҳо асос ёбад.

Яке аз принсипҳои асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ ин конеъ гардонидани талаботи бозор мебошад. Соҳибкоронро зарур аст, ки талаботи истеъмолкунандагонро таҳлил кунанд, рақибонро омӯзанд ва маҳсулоту хизматрасониҳои беназиреро таҳия ва коркард кунанд, ки таваҷҷӯҳи харидоронро ҷалб намоянд.

Дар ҷаҳони муосир соҳибкории истеҳсолӣ бидуни навоварӣ ва истифодаи технологияҳои навтарин пеш рафта наметавонад. Мунтазам навкунии равандҳои истеҳсолот, ҷорӣ намудани ихтироот ва кашфиётҳои нав ба баланд шудани самаранокии кори корхонаҳо ва қобилияти рақобатнокии маҳсулот мусоидат мекунад.

Ва ниҳоят, яке аз омилҳои муҳими муваффақияти соҳибкории истеҳсолӣ – ин таъмини сифати баланди маҳсулот ва хизматрасонӣ мебошад. Соҳибкорон бояд барои пай дар пай такмил додани равандҳои истеҳсолот, назорат аз болои сифати маҳсулот ва такмил додани системаи идоракунии корхона талошу кӯшиш ба харҷ дода, мубориза баранд.

Принсипҳои дар боло зикршуда имконият медиҳанд, ки интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири миллӣ асоснок карда шаванд. Пеш аз ҳама, ширкатҳоро зарур аст, ки ба таҳқиқоти бозор ва таҳлили талабот диққати ҷиддӣ диҳанд. Соҳибкорон бояд таҳқиқоти бозорро гузаронида, ниёзҳои истеъмолкунандагонро муайян кунанд ва истеҳсоли маҳсулотҳоеро ба роҳ монанд, ки ба талаботи харидорон ҷавобгӯ бошанд. Сониян, дастгирии инноватсия ва пешрафти технологӣ ба корхонаҳо дар рақобатпазир мондан ва бомуваффақият ворид шудан ба бозор кӯмак мекунад. Инчунин, фаъолият дар самти беҳтар намудани сифати маҳсулот, ҷорӣ намудани усулҳои ҳозиразамони идоракунӣ ва омӯзонидани кадрҳо асоси пешравии бомуваффақияти корхона мебошад.

Ҳамин тариқ, интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ омили калидии муваффақияти корхона мебошад. Он бояд бодиққат асоснок карда шуда, ба принсипҳои илмӣ асос ёфта, талаботи бозор, навоварӣ, сифат ва идоракуниро ба назар гирад. Татбиқи ин принсипҳо ба соҳибкорон барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд ва мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар бозор мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки равишҳо ва принсипҳои назариявии дар боло зикршуда оид ба интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ муносибати анъанавии таҳлили рушди ин намуди соҳибкориро, ки дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуд аст, инъикос мекунанд. Мо бар он назарем, ки барои тақвияти бештари соҳибкории

истеҳсолӣ дар Тоҷикистон коркарди равишҳои нав ва ташаббусҳои дастаҷамъона бо иштироки бевоситаи давлат муҳим ва зарур мебошад. Чунин равиш метавон ба гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондодҳое асос ёбад, ки рушди сифатӣ ва миқдории фаъолияти соҳибкориро дар иқтисоди миллӣ тавсиф мекунанд.

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун ниҳод (институт)-и асосӣ (ҳамчун ниҳоди калидӣ) дар низоми бозорӣ нишон медиҳад, ки ба он параметрҳои сифатӣ ва миқдорӣ хос аст, ки аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар шаклҳои корхонаҳои миёна, калон ва муштарак, корхонаҳои хурд ва соҳибкории инфиродӣ вобаста аст.

Мо дар таҳқиқоти илмии худ ба сифати мушаххасоти таъсирноки ба рушд нигронидашуда, ки онро «нуқтаҳои институтсионалии рушд» гуфтан мукин аст, ба гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое асос ёфтааст, ки рушди сифатӣ ва миқдории субъектҳои соҳибкориро тавсиф намоем. Бо мақсади ташкили низоми бозор, ташаккули иқтисоди рақамӣ ва «сабз» бояд, ки ин самтҳо ҳамчун объекти асосии дастгирии давлатӣ қабул карда шаванд.

Интихоби дурусти афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ метавонад омили асосии таъмини рушди баланди иқтисодии иқтисод ва баланд бардоштани ҳиссаи саноат дар сохтори ММД бошад.

Дар илми иқтисодии ватанӣ ба муайян кардани соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд» муносибати мушаххаси якхела вуҷуд надорад. Таҳлили корхонаҳои саноатии амалкунанда дар кишвар имкон медиҳад, ки гурӯҳи анъанавии субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуданд, аз нуқтаи назари арзёбии сатҳи рақобатпазирии онҳо пурра карда шаванд.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар самти тақвияти фаъолияти соҳибкорӣ зарурияти рушди соҳибкорӣ аз нуқтаи назари бунёди матритсаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ мувофиқи мақсад

мебошад ва ин тамоюл метавонад ба шаклҳои алоҳидаи соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории истеҳсолӣ расидагӣ намуда, рушди доимии онҳоро таъмин намояд.

Ягонагии аломатҳои функционалӣ ва соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки матритсаи гурӯҳбандии субъектҳои он барои интихоби афзалиятҳои рушди онҳо дар иқтисоди миллии Тоҷикистон сохта шавад (расми 2.2.).



Расми 2.2. Матритсаи таснифи соҳибкории истеҳсолӣ барои муайян кардани афзалиятҳои рушди онҳо дар иқтисоди миллӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Дар квадранти 1 субъектҳои соҳибкории истеҳсолие қарор доранд, ки барои онҳо сатҳи баланди муҳимият барои иқтисоди миллӣ ва коэффитсиенти начандон баланди чандирӣ хос аст. Онҳо дар иқтисоди миллии ҷумҳурӣ ҷойгоҳи муайянеро доранд, аммо сатҳи баланди рақобатпазириро надоранд ва маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо, асосан, дар марҳилаи гузариши «давраи ҳаётии маҳсулот» аз камолот ба таназзул қарор дорад.

Дар квадранти 2 субъектҳои соҳибкории истеҳсолие қарор доранд, ки тавассути истифодаи бартариҳои мутлақ ва муқоисавӣ ба сатҳи нисбатан баланди рақобатпазирӣ ноил мешаванд ва маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо асосан дар марҳилаҳои «давраи ҳаётии маҳсулот» ё камолот ё таназзул вобаста ба вазъи бозори ҷаҳонӣ қарор доранд.

Дар квадранти 3 субъектҳои соҳибкории истеҳсолие қарор доранд, ки дар иқтисоди миллӣ аҳаммияти баланди потенсиалии худро аз ҳисоби суръати афзояндаи таъсиси арзиши умумии иловашуда нишон медиҳанд ва маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо, асосан, дар марҳилаи камолоти «давраи ҳаётии маҳсулот» қарор дорад.

Дар квадранти 4 субъектҳои соҳибкории истеҳсолие қарор доранд, ки талоши онҳо ҳамеша ба бартариятҳои рақобат нигаронида шуда, ҳаракат менамоянд, ки тавассути равона кардани раванди истеҳсолӣ ба тамоюли тренди муосири технологӣ-иқтисоди рақамӣ ва «сабз» ноил шаванд. Маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо асосан дар марҳилаҳои муқаддима ё афзоиш дар «давраи ҳаётии маҳсулот» ҷойгир аст.

Тавре ки дар боло қайд гардид, вобаста ба иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд ба назарияи иқтисодии захираҳо, назарияи бартарии рақобат, назарияи инноватсионӣ ва ниҳоят назарияи рушди устувор такя ва асоснок карда шавад.

Таҳқиқоти олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи саноатикунонии босуръат имкониятҳои назаррас мавҷуданд.

Масалан, саноати кӯҳӣ дурнамои хуб дорад, зеро дар бозори ҷаҳонӣ талабот ба як қатор захираҳои минералии кишвар зиёд аст. Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи истихроҷи мис, нуқра, тилло, ашёи хоми фосфат ва як қатор минералҳои дигар дурнамои хуб дорад. Имрӯз

аллакай таваҷҷӯҳи зиёди сармоягузорони чинӣ ба лоиҳаҳои соҳибкорӣ дар ин соҳаҳо вуҷуд дорад.

Аз нуқтаи назари тамоюлҳои талаботи ҷаҳонӣ, истеҳсоли алюминий, мис, нуқра ва тилло барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвари мо потенсиали бештар дорад. Ҳамин тавр, масалан, тавре ки дар робита ба таҷрибаи Ӯзбекистон қайд карда шуда буд, маҳаллисозии истеҳсоли панелҳои офтобӣ ва мошинҳои барқӣ дар ҷумҳурӣ талаботи дохилиро ҳам ба алюминий ва ҳам ба мис афзоиш медиҳад. Пешгуйиҳои ҷаҳони муосир бар он далолат доранд, ки дар давоми чанд соли оянда талабот ба алюминий афзоиш ёфта, истифодаи он дар соҳаҳои гуногуни технологияҳои рақамӣ аз ҳама бештар истифода мегардад. Мавҷудияти конҳои фосфат ва графит дар ҷумҳурӣ метавонад асоси рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи истеҳсоли аккумуляторҳо барои нақлиёти барқӣ гардад.

Бояд қайд кард, ки истеҳсолоти даромадноктарин дар бозори муосир соҳаи равғани эфирӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, аз охири солҳои 70-уми асри XX истеҳсоли ҷаҳонии равғанҳои эфирӣ аз 50 ҳазор тонна то 250 ҳазор тонна дар як сол афзоиш ёфт. Тавре ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 40 фоизи равғани эфирии геранийро, ки дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ истеҳсол мешуд, истеҳсол мекард. Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар самти эҳёи истеҳсоли равғани эфирии геранӣ ба талаботи квадранти 2 бо потенсиали гузариш ба квадранти 4 ҷавобгӯ аст ва дар ҷумҳурӣ дурнамои калон дорад, аз ин рӯ, он дар саноати парфюмерӣ, косметологӣ, фармакологӣ ва хӯрокворӣ васеъ истифода мешавад.

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар саноати сабуки кишвари мо низ бартарии анъанавӣ дорад, зеро он ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, ба монанди пахта, абрешим, ашёи хоми пӯст асос ёфтааст. Дар ҷумҳурӣ қувваи кории арзон ва анъанаҳои миллии истеҳсолот мавҷуданд.

Квадранти 2 расми 2.1. нишон медиҳад, ки саноати сабук барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ потенсиали бештар дорад. Аммо, бо сармоягузории иловагӣ ва таҷҳизоти техникӣ тибқи талаботи муосир, соҳибкорӣ дар ин квадрант ба квадрантҳои 3 ва 4 мегузарад, ки дар он ҷо самти асосӣ бояд ташкили кластерҳо дар асоси истеҳсоли трикотажӣ ва дӯзандагӣ бошад. Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки намунаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ ҶСК «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» мебошад, ки дар он дар асоси сармоягузории чинӣ истеҳсоли пурраи кластерӣ ташкил карда шудааст.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки истеҳсоли пурраи кластерӣ дар асоси усули анъанавӣ метавонад омили боздоштани рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи квадранти 2 бошад. Ба андешаи мо, дар ҷумҳурӣ тавсия дода мешавад, ки рушди соҳибкорӣ дар парвариш ва коркарди навъҳои арзишманди нахи пахта, ки дар ҷаҳон талабот ба онҳо пайваста баланд аст, ҳавасманд карда шавад. Ҳанӯз дар давраи иттиҳоди шуравӣ Тоҷикистон ҷумҳурии пешрафтаи парвариши пахтаи нахдор буд ва аз рӯйи ҳосилнокии пахтаи нахдор дар ҷаҳон дар ҷойи аввал буд. Мутаассифона, имрӯз ҷамъоварии ин навъи нахи пахта дар ҷумҳурӣ солона аз 400 тонна зиёд нест. Ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар ин самт имкон медиҳад, ки шумораи корхонаҳо дар ҷумҳурӣ, ки ба талаботи квадранти 4 ҷавобгӯ хоҳанд буд, зиёд карда шавад.

2.3. Афзалиятҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Давлатҳое, ки вобаста ба равишҳо ва талаботи иқтисодиёти бозорӣ ба муваффақият расидаанд, ба хотири доштани як иқтисодиёти устуворе, ки он метавонад дар ҳама ҳолат зиндагии шоистаи аҳолии кишварашро таъмин намуда, ҳамчун яке аз фаъолиятҳои масъулиятноке дар тобеияти

озодии худ метавонад давлатро ба натиҷаҳои дилхоҳи пешбининамудааш расонад, албатта, ин фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар Тоҷикистони азизи мо масъалаи меҳварӣ ва асосӣ маҳсуб меёбад.

Дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гуногунрангсозии шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи пайваста намуда, афзоиши доимии онро аз муассиратрин роҳҳои расидан ба як иқтисодиёти устувор ва пешрафта меҳисобанд, ки ин дар воқеъ метавонад натиҷаи назаррас ба бор орад.

Дар баробари ҳамаи масъалаҳои баррасигардида ба афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудан аз нуқтаи назари минтақавӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Зеро, рушди субъектҳои соҳибкорӣ бо назардошти имкониятҳои минтақавӣ вобаста ба шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Зеро, дар сатҳи минтақа ва баъдан дар маҷмуъ афзоиш додани шумораи субъектҳои соҳибкорӣ метавонад ба василаи як имконияти нав дар пешрафти иқтисодиёти кишвар нақш гузорад.

Албатта, дар такя ба таҷрибаи хориҷӣ ва имкониятҳои мавҷудаи Тоҷикистон шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд аст, ки дар таносуб бо дастгириҳои давлатӣ шумораи онҳо дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад (нигар диаграммаи 2.1.).

Диаграммаи 2.1. - Шумораи субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ сол (солҳои 2020-2024)



Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Равзанаи ягона)

Чи хеле ки аз диаграммаи болозикр бармеояд, тамоюли боло гирифтани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки он ифодаи рушди устувори иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ба назар мерасад.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки шакли ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ - ин сохтори ҳуқуқие мебошад, ки дар доираи он фаъолияти корхона амалӣ карда мешавад. Интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ марҳилаи муҳим дар раванди ташкили тиҷорат мебошад. Он ба хатарҳо, андозбандӣ, идоракунӣ ва имкониятҳои рушд таъсир мерасонад. Соҳибкорон бояд ҳар як шаклро бо назардошти ҳадафҳо, андозаи тиҷорат ва бозоре, ки дар он фаъолият кардан мехоҳанд, бодиққат арзёбӣ кунанд.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти ҳадафҳои дар пешгузоштаи худ, соҳибкорон метавонанд аз якчанд шаклҳои ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ яке аз онҳоро интихоб намоянд:

1. Соҳибкории инфиродӣ (СИ);

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ);

3. Ҷамъияти саҳомии пӯшида (ҶСП);

4. Ҷамъияти саҳомии кушода (ҶСК).

Ҳар яке аз ин шаклҳо афзалиятҳо ва норасоиҳои худро доранд, ки қолибияти онҳоро барои соҳибкории истеҳсолӣ муайян мекунад.

«...Тибқи феҳристи давлатии корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2024 (бо дарназардошти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои давлатии дар Вазорати адлия бақайдгирифташуда) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 742,4 ҳазор субъекти хоҷагидорӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 56,4 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ ва 686 ҳазор соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли пешин 34,7 ҳазор ё 4,9 фоиз зиёд мебошад» [76].

Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки соҳибкорони инфиродӣ ҳамчун шакли маъмултарини соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонанд. «...Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, то миёнаи соли 2024 дар ҷумҳурӣ 694,0 ҳазор соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 96,3 ҳазор нафар аз рӯйи шаҳодатнома кор мекунанд, 330,5 ҳазор нафар аз рӯйи патент кор мекунанд, 72,8 ҳазор нафар аз рӯйи шаҳодатнома бо шароити махсус кор мекунанд ва 194,4 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд» [76].

Ин ба осонии бақайдгирӣ ва хароҷоти минималии тиҷорат вобаста аст. Соҳибкорони инфиродӣ аксар вақт бо тиҷорат, хизматрасонӣ ва фаъолият дар корхонаҳои хурди истеҳсолӣ машғуланд.

Соҳибкорони инфиродӣ дар бахши истеҳсолӣ, хусусан, дар истеҳсолоти хурди ҷумҳурӣ ҳиссаи назаррасро ишғол мекунанд. Онҳо чандирӣ ва мутобиқшавии зудро ба тағйирот дар бозор таъмин мекунанд. Дар шароити рақобати афзоянда соҳибкорони инфиродӣ аксар вақт дар таъмини сифати маҳсулот ва риояи стандартҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд.

Соҳибкории инфиродӣ дар иқтисоди мо ҳанӯз дар давраи сотсиализм, бахусус, дар солҳои бозсозӣ бо қабул гардидани Қонуни ИҶШС «Дар бораи рушди фаъолияти инфиродӣ-меҳнатии аҳолӣ» оғоз ёфта буд. Рушди соҳибкории инфиродӣ дар иқтисоди давраи гузариш аҳаммияти махсус дошт ва дорад. Ин шакли фаъолият дар шароити барқароршавии иқтисоди бозорӣ на танҳо омили муътадиливу суботи иқтисодӣ буда, сармоягузории нисбатан камтарро талаб мекунад, ҳамзамон, манбаи ҷойҳои нави корӣ низ мебошад.

Густариши мақсадноки шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар таносуб бо афзоиши бамаротиби шумораи аҳолӣ ва афзоиши аҳолии қобили меҳнат имкон фароҳам меорад, ки сатҳи бекорию камбизоатӣ кам ва ҳамвора шуғли пурмаҳсул таъмин карда шавад. Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон рушди соҳибкории инфиродӣ метавонад гуногунпаҳлу буда, аз як тараф тамоми самтҳои фаъолиятро фаро гирад, аз дигар тараф тамоми шаҳрвандон метавонанд новобаста аз ҷинсият, қувваи корӣ ва дигар имкониятҳои инфиродӣ ба он машғул гарданд.

Бинобар ин, дар баробари рушди соҳибкории инфиродӣ ихтисорёбии шумораи корхонаҳои хурд мушоҳида карда мешуд. «...Масалан, шумораи корхонаҳои хурд дар ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 1996-2002 аз 3084 ба 1215 расида, 1869 адад ё ин ки 2,5 маротиба кам шуда, дар хоҷагии қишлоқ ва ҷангал бошад, аз 183 то ба 14 ихтисор ёфта, дар соли 2002 соҳибкории инфиродӣ ба шакли асосии фаъолияти соҳибкорӣ мубаддал гардид.

Барои мисол, дар давраи мавриди омӯзиш (солҳои 1991-2023) шумораи шаҳрвандони ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғулбуда дар ҷумҳурӣ аз 8,1 ҳазор то ба 316,5 ҳаз. нафар (аз ҷумла соҳибкории инфиродии хоҷагиҳои деҳқонӣ – 176,5 ҳаз. нафар) ё ин ки 39 маротиба зиёд шудааст» [122, с. 231-232]. Чунин тамоюли рушди соҳибкории инфиродӣ барои тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ хос мебошад. Лекин, бояд қайд намуд, ки айни замон дар ҷумҳурӣ соҳибкории инфиродӣ, асосан, дар соҳаҳои савдо, хӯроки ҷамъиятӣ ва нақлиёт тараққӣ кардааст.

Дар солҳои охир, махсусан, аз соли 2000 инҷониб дар рушди соҳибкории инфиродӣ пешрафтҳои мусбӣ мушоҳида карда шуда, он дар соҳаҳои бахши воқеии иқтисод бештар тараққӣ мекунад. «...Масалан, дар соли 2023 вазни нисбии шаҳрвандони ба фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ машғул дар савдо, хӯроки умумӣ, нақлиёт ва ғ. дар шумораи умумии онҳо 39,7 фоиз дар муқобили 77 фоиз дар соли 2000 ташкил дода, вазни нисбии дигар соҳаҳо (саноат, сохтмон ва ғ.) бошад, аз 3,1 фоиз соли 2000 то ба 38,3 фоиз дар соли 2023 зиёд шудааст» [122, с. 231-232]. Дар баробари дигар омилҳо ба ин зуҳурот такомули минбаъдаи бақайдгирии давлатӣ ва низоми андозбандии соҳибкорон низ мусоидат кардааст.

Диаграммаи 2.2. Таснифоти соҳибкорони инфиродӣ дар панҷ соли охир (январ-июни соли 2024)



Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Равзанаи ягона)

Аммо рушди соҳибкории инфиродӣ, чуноне ки дар боло қайд карда шуд, дар соҳаҳои бахши воқеии иқтисод ғайриқаноатбахш ҷараён дорад. Новобаста аз он ки барои рушди муътадили ҳунармандии косибӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ махсусан, дар мавзеъҳои қишлоққойи минтақаҳои ҷумҳурӣ, рушди номуътадили ин бахшҳо эҳсос карда мешавад. Аз ҳисоби рушди соҳибкории инфиродӣ метавон аҳолии деҳотро бо маснуоти асбоби рӯзгор таъмин кард.

Масалан, аз қадимулайём халқи мо дар ғизохӯрӣ аз зарфҳое истифода мекард, ки аз чӯби дарахтҳои маҳаллӣ, чунончи: коса, табақ, қошуқ ва амсоли он ё аз гили кулол, ба мисли пиёла, чойник, кӯза ва ғ.

тайёр карда мешуд. Сӯзанӣ, чакан ва ҷомаву тоқиҳои зардӯзӣ, корду ханҷар ва дигар маҳсули дастони устоҳои моҳири моро сайёҳҳони хориҷӣ бо завқи тамом харидорӣ менамоянд. Бинобар ин, дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои мамлакат ин пешаҳои мардумиро дар асоси тиҷорати хусусӣ ривоҷ додан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Соҳибкории инфиродиро аз нуқтаи назари соҳибкории деҳот, ба фикри мо, ба соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ тақсим кардан мумкин аст. Соҳибкории инфиродии кишоварзӣ дар замони ҳозира дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки шахсони ҳуқуқӣ намебошанд, муаррифӣ шудааст. Аз нигоҳи бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ, андозбандӣ, инчунин, маросими ташкилёбӣ, чунин хоҷагиҳо барои аксарияти деҳқонон ҷолиби диққат мебошанд. Тасодуфӣ нест, ки дар як қатор ноҳияҳо ин хоҷагиҳо босуръат инкишоф меёбанд. Айни замон, соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот (агар ҷамъиятҳои саҳҳомии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои низоми Тоҷикматлубот, пойгоҳҳои мошину трактириро ба назар нагирем) асосан бо соҳибкории инфиродии аҳолии деҳот муаррифӣ мешавад.

Таваҷҷуҳ ба яке аз шаклҳои маъмули соҳибкорӣ имрӯз зиёд ба назар мерасад - ин соҳибкории инфиродӣ мебошад, ки онро метавон дар муҳити хонавода ва фаротар аз он, ба хотири даромади пулии хонавода истифода намуд. Бинобар ин, зарур аст, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти манотиқи кӯҳсор ва ноҳияҳои дурдаст барномаҳои ҳадафмандонаро дар бобати рушди соҳибкории инфиродӣ ҳамчун манбаи муҳимтарини ғанӣ гардонидани буҷетҳои маҳаллӣ таҳия карда, дар амал татбиқ намоянд.

Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ) аз рӯйи маъруфият дар кишвар дар ҷойи дуюм қарор доранд ва тақрибан 25 фоизи шумораи умумии шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. ҶДММ ба туфайли қобилияти маҳдуд кардани масъулияти иштирокчиён ва ҷалби сармоягузориҳои иловагӣ, шакли торафт маъмул барои соҳибкории

истеҳсолӣ мегардад. Ин шакли соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки захираҳои якчанд сармоягузорон муттаҳид карда шаванд, ки ин барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги истеҳсолӣ, махсусан, муҳим аст. Таъсис ва пешбурди ҶДММ риояи расмиёти мураккаби ҳисоботдиҳӣ ва идоракуниро талаб мекунад, ки барои тиҷорати хурд душвор буда метавонад.

Дар навбати худ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ (ҶСК ва ҶСП) дар ҷумҳурӣ, ки тақрибан 80 фоизи онҳо пӯшида мебошанд, одатан, барои лоиҳаҳои калонтар истифода мешаванд. Соҳаҳои асосие, ки рушди фаъолонаи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ дар онҳо дида мешавад, ин энергетика, сохтмон ва истихроҷи маъданҳои фоиданок мебошад.

Одатан, фаъолияти чунин корхонаҳо дар доираи муҳити соҳибкорӣ чунин имкон медиҳанд, ки тавассути фурӯши саҳмияҳо сармоя ҷалб карда шавад, аммо дастрасӣ ба иттилооти тиҷоратро барои сармоягузорони хориҷӣ маҳдуд мекунанд. Ин метавонад барои ширкатҳое, ки мехоҳанд тиҷорати худро назорат кунанд, муфид бошад. ҶСК аксар вақт дар соҳаҳое истифода мешавад, ки барои ворид шуданашон монеаҳо зиёданд, аз қабили соҳаҳои энергетика ва саноати вазнин, ки маблағгузории назарраси ибтидоиро талаб мекунанд.

Вобаста ба таҳлилҳои мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон фаъолияти асосии соҳибкорони истеҳсолӣ дар соҳаи саноатро ҶДММ ташкил менамояд, ки онҳо дар рушди имрӯзаи иқтисодиёти кишвари мо нақши калидӣ доранд.

Барои таҳлили саҳми ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд нисбат ба шаклҳои дигари ҳуқуқии субъектҳои соҳибкорӣ, маълумоти омориро оид ба таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ ва дигар ширкатҳо дар давоми солҳои 2022-2023 муқоиса мекунем (ҷадвали 2.1.)

Ҷадвали 2.1. - Таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ ва дигар ширкатҳо дар солҳои 2022-2023

Номгӯй	Солҳо		Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда дар с.2023 - ҳазор. сомонӣ
	2022	2023	
Истеҳсоли нахи пахта дар корхонахои хурд, ҳамагӣ - тонна	**34644,2**	**8009,29**	**105813,96**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	32069,3	6783,0	87522,7
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	2574,9	1226,3	18291,3
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	92,6	84,7	82,7
Истеҳсоли нахи пахта дар корхонаҳои калон, ҳамагӣ - тонна	**92496,52**	**119404,53**	**1695958,76**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	74650,8	96697,9	1365517,1
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	17845,7	22706,6	330441,7
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	80,7	81,0	80,5
Истеҳсоли чигити пахта дар корхонахои хурд, ҳамагӣ - тонна	**59233,2**	**13402,7**	**57886,6**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	55004,8	11262,5	50165,8
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	4228,4	2140,2	7720,8
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	92,9	84,0	86,7
Истеҳсоли чигити пахта дар корхонахои калон, ҳамагӣ - тонна	**137672,8**	**179028,6**	**582627,5**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	119475,7	156717,7	509802,2
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	18197,1	22310,9	72825,3
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	86,8	87,5	87,5
Истеҳсоли либосҳои махсуси тиббӣ, варзишӣ, корӣ, ҳарбӣ ва борхалта, ҳамагӣ - дона	**584824,0**	**1467762,0**	**45091,6**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	511675	1356198	33269,0
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	73149	111564	11822,6
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	**87,5**	**92,4**	**73,8**
Фоизи ширкатҳои ҶДММ дар умум	**88,1**	**85,9**	**82,2**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оперативии Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ.

Таҳлили маълумоти омории дар ҷадвали 2.1. овардашуда нишон медиҳад, ки дар сохтори истеҳсоли аксари маҳсулоти муҳими саноатии кишвар ҳиссаи ҶДММ бениҳоят назаррас буда, истеҳсолкунандагони асосии ин намуди маҳсулот ба ҳисоб мераванд. Аз ҷумла, дар истеҳсоли маҳсулоти муҳими саноати сабуки кишвар – истеҳсоли пахта ва молҳои аз он тайёршаванда дар давраи солҳои 2022-2023, ҳиссаи ҶДММ ба ҳисоби миёна 85-88 фоизро ташкил медиҳад.

Дар робита ба ин, бо таҳлили давраи солҳои 2022-2023 аз миқдори умумии нахи пахтаи истеҳсолшуда дар корхонаҳои хурди кишвар 34644,2 ва 8009,3 тоннаро ташкил дода, дар он ҳиссаи ҶДММ 32069 ва 6783 тонна ё 92,6 фоиз ва 84,7 фоизро ташкил дод. Арзиши умумии маҳсулоти истеҳсолшуда соли 2023 105813,96 ҳазор сомониро ташкил дода, нақши ҶДММ 87522,7 ҳазор сомонӣ ё 82,7 фоизро ташкил дод. Инчунин, дар истеҳсоли нахи пахта дар корхонаҳои калон дар таносуб бо дигар шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ ҳиссаи ҶДММ назаррас буда, ҳиссаи корхонаҳои мазкур дар давраи таҳлилшаванда 80,7 фоиз ва 81 фоизро ташкил намуда, ин арзиш дар соли 2023 бошад, ҳиссаи ҶДММ 80,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи маълумоти оморӣ, дар истеҳсоли чигити пахта дар корхонаҳои хурду калони кишвар, дар давраи солҳои 2022-2023 ҳиссаи ҶДММ ба ҳисоби миёна 88%-ро ташкил намуда, мутаносибан дар корхонаҳои хурд 92,9 фоиз ва 84 фоиз ва дар корхонаҳои калон мутаносибан 86,8 фоиз ва 87,5 фоизро ташкил додааст. Ҳамчунин, дар сохтори умумии арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда дар соли 2023, ҳиссаи ҶДММ дар корхонаҳои хурд 86,7 фоиз ва дар корхонаҳои калон 87,5 фоизро ташкил дод. Дар баробари ин, дар истеҳсоли либосҳои махсуси тиббӣ, варзишӣ, корӣ, ҳарбӣ ва борхалтаҳо низ, ба мисли дигар намуди маҳсулот, ҳиссаи ҶДММ дар ҷойи аввал қарор дошта, дар солҳои 2022-2023 мутаносибан 87,5 фоиз ва

92,4 фоизро ташкил дода, дар арзиши маҳсулоти истеҳсолшудаи ин намудҳои маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023 73,8 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, барои таҳлили саҳми ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд нисбат ба шаклҳои дигари ҳуқуқии субъектҳои соҳибкорӣ, маълумоти омориро оид ба таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, аз қабили гӯшти мурғ, ҳасиб, шир, маҳсулоти қаннодӣ ва орд аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ дар муқоиса бо дигар ширкатҳо дар давоми ин солҳо дида мебароем.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар асоси таҳлили маълумоти омории ҷадвали 2.2 солҳои 2022-2023 муайян карда шуд, ки дар истеҳсоли маҳсулоти гӯшти мурғ, ҳасиб, шири холис, маҳсулоти қаннодӣ ва орд низ ҳиссаи ҶДММ хеле назаррас буда, ба ҳисоби миёна, мутаносибан 64,4 фоиз ва 66,9 фоизро ташкил дода, аз арзиши умумии маҳсулоти истеҳсолшудаи ин намудҳои маҳсулоти саноатии соли 2023 ҳиссаи ҶДММ 75,1 фоизро ташкил медиҳад (ҷадвали 2.2.).

Ғайр аз ин, таҳлили истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар, аз қабили консентрати сурб, консентрати сурма, нафт ва ангишт низ гузаронида шуда, муайян карда шуд, ки солҳои 2022-2023 аз миқдори умумии истеҳсолкардашудаи ин номгӯйи маҳсулот, ҳиссаи ҶДММ ба ҳисоби миёна 86 фоиз ва 84 фоизро ташкил намуда, аз арзиши умумии номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшудаи намудҳои маҳсулоти саноатии соли 2023 ҳиссаи ҶДММ 84,7 фоизро ташкил медиҳад (ҷадвали 2.3.).

Ҷадвали 2.2. - Таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (гушти мурғ, ҳасиб, шир, маҳсулоти қаннодӣ ва орд) аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ ва дигар ширкатҳо дар солҳои 2022-2023

Номгуй	Солҳо		Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда дар с.2023, ҳазор. сомонӣ
	2022	2023	
Истеҳсоли гушти мурғ, ҳамагӣ - тонна	**11531,8**	**13260,4**	296628,8
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	10750,9	12082,8	271034,9
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	780,9	1177,6	25593,9
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	93,2	91,1	91,4
Истеҳсоли ҳасиб, ҳамагӣ - тонна	**4213,8**	**4473,2**	**105291,9**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	3063,3	3381,3	81761,5
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	1150,5	1091,9	23530,4
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	72,7	75,6	77,7
Истеҳсоли шири холис, ҳамагӣ - тонна	**17321,1**	**18960,6**	**119467,8**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	9747,0	11592,6	85840,8
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	7574,1	7368,0	33627,0
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	**56,3**	**61,1**	**71,9**
Истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ - тонна	**25775,04**	**27662,59**	**383765,17**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	14811,9	16241,8	207459,3
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	10963,1	11420,8	176305,9
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	**57,5**	**58,7**	**54,1**
Истеҳсоли орд - тонна	**598023,3**	**605580,1**	**1452827,7**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	254361,9	289026,3	1173151,2
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	343661,4	316553,8	279676,5
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	**42,5**	**47,7**	**80,7**
Фоизи ширкатҳои ҶДММ дар умум	**64,4**	**66,9**	**75,1**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оперативии Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ.

Ҷадвали 2.3. - Таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (консентрати сурб, консентрати сурма, нафт ва ангишт) аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ ва дигар ширкатҳо дар солҳои 2022-2023

Номгӯй	Солҳо		Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда дар с.2023 ҳазор. сомонӣ
	2022	2023	
Истеҳсоли консентрати сурб - тонна	**79134,7**	**68596,6**	**1325167,4**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	79134,7	68460,6	1323875,4
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	0,0	136,0	1292,0
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	**100,0**	**99,8**	**99,9**
Истеҳсоли консентрати сурма – тонна	49576,6	50801,2	678709,8
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	49576,6	49716,9	659510,4
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	0,0	1084,3	19199,4
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	**100,0**	**97,9**	**97,2**
Истеҳсоли нафт ҳамагӣ - тонна	24789,8	18009,3	32645,9
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	22728,2	16488,3	28273,6
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	2061,6	1521,0	4372,3
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	**91,7**	**91,6**	**86,6**
Истеҳсоли ангишт ҳамагӣ- тонна	**2393596,6**	**2084179,7**	**482732,7**
Аз ҷумла - ширкатҳои ҶДММ	1256026,1	966417,5	265858,0
Аз ҷумла - дигар ширкатҳо	1137570,5	1117762,2	258222,8
Фоизи ширкатҳои ҶДММ	**52,5**	**46,4**	**55,1**
Фоизи ширкатҳои ҶДММ дар умум	**86,0**	**83,9**	**84,7**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оперативии Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ.

Аз натиҷаи таҳлили маълумоти ҷадвалҳои болозикри 2.1., 2.2. ва 2.3. вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дида мешавад, ки дар сохтори истеҳсоли умумии ин намудҳои маҳсулот ҳиссаи ҶДММ сол аз сол афзоиш ёфта, дар умум, ба ҳисоби миёна дар солҳои 2022-2023

мутаносибан 76,2 фоиз ва 76,4 фоизро ташкил дода, дар соли 2023 ҳиссаи он 78,7 фоизро ташкил намудааст.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштарак, ки дар асоси шакли ташкилию ҳуқуқии ҶДММ таъсис ёфтаанд, аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, корхонаҳои калонтарин мебошанд.

Бузургтарин дар соҳаи дӯзандагӣ ҶДММ «САТН» (шаҳри Хуҷанд – 108 миллион сомонӣ) ва ҶДММ «Ҷавонӣ» (шаҳри Хуҷанд – 124 миллион сомонӣ) мебошанд, ки 51 фоизи ҳаҷми умумии тамоми маҳсулоти саноати дӯзандагии кишварро медиҳанд (232 миллион сомонӣ аз 455 миллион сомонӣ, ҳарду дар якҷоягӣ бо Италия).

Бузургтарин истеҳсолкунандаи ришта пахта Маҷмааи нассоҷии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» мебошад, ки аз 20,3 ҳазор тонна дар саросари кишвар 14,5 ҳазор тонна ришта истеҳсол кардааст, ки 71,4 фоиз ҳаҷми умумиро ташкил медиҳад.

Корхонаҳои калонтарин дар саноати кимиё ҶДММ КМ «Силкоат Бойя» (шаҳри Хуҷанд – 13 миллион сомонӣ, дар якҷоягӣ бо Туркия) ва ҶСК «АЗОТ» (шаҳри Леваканд – 162 миллион сомонӣ, дар якҷоягӣ бо Кипр) мебошанд, ки дар маҷмӯъ 31,4 фоиз ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати кимиёи кишварро медиҳанд (175 млн. сомонӣ аз 557 млн. сомонӣ).

Корхонаҳои калонтарини истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ ҶДММ «Чжунгтсай моҳир семент» (ноҳияи Ёвон 433 миллион сомонӣ), ҶДММ «Моҳир семент» (ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ - 116 миллион сомонӣ), ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент» (ноҳияи Ёвон - 721 миллион сомонӣ), ҶДММ «Хуаксин Ғаюр» (ноҳияи Бобоҷон Ғафуров - 518 миллион сомонӣ), ки дар маҷмӯъ 57,5 фоиз ҳаҷми маҳсулоти минералии ғайриметаллии кишварро медиҳанд (1788 миллион сомонӣ аз 3109 миллион сомонӣ).

Аз рӯйи истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан/беалкоголӣ, бузургтарин истеҳсолкунанда дар кишвар ҶСП «Оби Зулол» (шаҳри Истаравшан) мебошад (саҳмдорони ҶСП «Оби Зулол» «Бейбарс ва К» (Қазоқистон) ва «Консолидэйтед Экспорт Корпорэйшн» (Британияи Кабир) мебошанд). Корхона соли 2023 ба маблағи 811 миллион сомонӣ маҳсулот баровардааст, ки 65,1 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти ташнашиканро/беалкоголиро (1246 миллион сомонӣ) ташкил медиҳад [37].

Ғайр аз ин корхонаҳо, метавон КМ «Зарафшон» оид ба истеҳсоли тилло (бо ҶМЧ), ҶСП «Агротехсервис» оид ба истеҳсоли трактороҳо (бо Белоруссия), ҶДММ «Акиа Авесто Автоматив Индастри» оид ба истеҳсоли автобусҳо (бо Туркия), ҶДММ «Артел Авесто Электроникс» оид ба истеҳсоли техникаи рӯзгори маишӣ (бо Ӯзбекистон) ва ғайраро қайд кард.

Ин аз самаранокии баланди фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон ҳамчун шакли ташкили соҳибкории истеҳсолии манфиатдор шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, қайд кардан муҳим аст, ки ҶСК шакли мураккабтарин ва барасмиётдаровардатарини ташкилию ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки барои корхонаҳои калони истеҳсолӣ, ки дар тамоми бозори миллӣ фаъолият мекунанд ва мехоҳанд ба бозорҳои байналмилалӣ ворид шаванд. Тавассути ҷойгиркунии оммавии саҳмияҳо, сармоягузориҳои назаррас ҷалб карда шаванд. Аммо, таъсис ва идоракунии ҶСК риояи стандартҳои қатъии идоракунӣ ва ҳисоботи корпоративиро талаб мекунад, ки барои корхонаҳои нав душвор буда метавонад.

Дар маҷмӯъ, интихоби шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон таъсири назаррас дорад. Соҳибкорони инфиродӣ ба туфайли чандирии худ метавонанд зуд ба тағйирот дар бозор мутобиқ шаванд, аммо онҳо дар ҷалби сармоягузорӣ маҳдуданд.

Дар ҳоле ки ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, аз ҷумла, таъсиси корхонаҳои муштарак дар асоси онҳо метавонанд сармояро самараноктар ҷалб кунанд. Аммо ин гуна шаклҳои ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ сохтори мураккаби идоракунӣ ва ҳисоботдиҳиро талаб мекунанд.

Дар баробари ин, қайд кардан муҳим аст, ки дар шароити иқтисоди бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории истеҳсолӣ омили муҳими рушди устувори иқтисод мегардад.

Меъёри аввал, ки дар асоси интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ қарор дорад, бо имконияти пайдо кардани манбаъҳои маблағгузорӣ ё имконияти таъмини дастрасӣ ба маблағгузории фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд аст.

Меъёри дуюм – ин қобилияти идоракунии хавфҳо мебошад. Масалан, масъулияти маҳдуд дар ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ хавфҳои молиявиро барои сармоягузорон коҳиш медиҳад, ки ин барои ташкили соҳибкории истеҳсолӣ хеле муҳим аст.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти зарурати расидан ба ҳадафҳои миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, моро зарур аст, ки дар робита ба имконияту иқтидорҳои кишварамон дар ҳоли рушд ба таъсиси сохторҳои нави соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Гарчанде ки нақши соҳибкорони инфиродӣ дар низоми соҳибкории хурд муҳим боқӣ мемонанд, аммо барои ноил шудан ба рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бахши истеҳсолии ҷумҳурӣ барои ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва дигар корхонаҳои ба ин самту соҳа алоқаманд аз тарафи давлат шароит фароҳам овардан муҳим ва зарурӣ мебошад.

ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун «нуқтаҳои институтсионалии рушд» баромад мекунанд ва аз ин рӯ ҳалли мушкилоти дарёфти роҳҳои ҳамбастагии манфиатҳои ин ниҳоди иқтисоди бозорӣ бо манфиатҳои давлат хеле муҳим аст. Аз нуқтаи назари сиёсати макроиқтисодӣ ин маънои дарёфти роҳҳои паст кардани сатҳи рафтори девиантии соҳибкорон дар шароити иқтисоди бозорӣ ва дуршавии эҳтимолии онҳо аз ҳадафҳои стратегии кишвар мебошад.

Зери рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ масъалае фаҳмида мешавад, ки дар он ҳамагуна имкониятҳо аз нуқтаи назари равишҳои манфӣ ва мусбӣ ё ҳолатҳои дигар ба инобат гирифта мешаванд. Бояд дарҷ намуд, ки дуруст банақшагирии индикативӣ дар асоси омоданамоии санадҳои дахлдори рушддиҳандаи соҳаи саноати мамлакат тарзи дурусту амии идораи рафтори девиантии соҳибкории истеҳсолӣ мегардад ва аз тарафи дигар на танҳо робитаи чорабиниҳои давлатиро байни худ дар доираи лоиҳаҳои озмоишӣ таъмин менамояд, инчунин, соҳибкории истеҳсолиро барои истифодаи воситаҳои идоракунии лоиҳа ва ба сатҳи лоиҳаҳои тиҷоратӣ расонидани кӯшишҳои сармоягузории соҳибкорӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръат дар ҷумҳурӣ ҳавасманд мекунад. Бояд гуфт, ки ин амалҳо сатҳи рафтори девиантии соҳибкории истеҳсолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паст карда, барои расидан ба ҳадафи рушди пешрафтаи саноат дар доираи саноатикунонии босуръат мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм бо мақсади ҳалли вазифаҳои стратегии рушди кишвар панҷ гурӯҳи вазифаҳо барои соҳибкории истеҳсолӣ ҷудо карда шудаанд: рушди саноати кӯҳӣ ва геологӣ-ташхисӣ; рушди саноати коркард; рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда; рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ ва рушди таҳсилоти касбӣ, ки ба тайёр

кардани мутахассисон дар равияҳои касбҳои лозимаи самти соҳибкорӣ нигаронида шудааст. Ин равиши масъалаи таҳқиқшаванда нишон медиҳад, ки рушди соҳибкорӣ на танҳо мушкилоти иқтисодиёт аст.

Дар шароити имрӯза ба андешаи мо дастгирӣ ва рушди доимии соҳибкории истеҳсолӣ метавонад як механизми муҳим дар ба ҳадаф расонидани давлат дар роҳи рушди устувор мусоидати ҳаматарафа намояд.

Бинобар ин, интихоб ва мушаххасоти механизмҳои имконпазир, пеш аз ҳама, ба модели назариявии идоракунии стратегии корхона, дуюм, ба муносибати консептуалии назарияи давраи ҳаёти маҳсулот ва сеюм, ба консепсияи муносибати бисёромилӣ ба омӯзиши падидаҳои иқтисодӣ асос ёфтааст. Аммо, дар робита ба иқтисоди миллии Тоҷикистон, асосҳои назариявии интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ минбаъд бояд дар сатҳи зарурӣ тибқи имкониятҳои мавҷуда таъмин карда шаванд.

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун як ниҳоди асосӣ дар низоми бозор нишон медиҳад, ки ба он параметрҳои сифатӣ ва миқдорӣ хосанд.

Вобаста ба шароит ва имкониятҳои иқтисодӣ ва зерсохтории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан чунин шаклҳои фаъолияти соҳибкориро рушд додан имконпазир мебошад:

- Соҳибкории истеҳсолӣ-инноватсионӣ дар заминаи техника ва технологияҳои муосир, бо назардошти рақобатпазирии молу маҳсулотҳои истеҳсолшуда;
- Соҳибкории тиҷоратии маҷозӣ ё тиҷорати омехтаи электронӣ, ки дар шароити имрӯза метавонад тамоми табақаҳои аҳолиро новобаста аз ҷинсият ва дараҷаи маъюбият дар худ фаро гирад;
- Соҳибкории универсалӣ, ки дар асоси имкониятҳои васеъ тавонад бо муттаҳид намудани дигар қувваҳои дар атроф мавҷудбуда ба навсозӣ ва навоварӣ дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва хизматрасонӣ машғул гардад.

Ташкили чунин шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароит барои ташкили онҳо заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаву стратегияҳои мушаххасро бо иловаи таваҷҷуҳи махсуси давлат тақозо менамояд.

Таҷрибаи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҶСК, аз ҷумла тавассути таъсиси корхонаҳои муштарак (ҶДММ), афзалиятнок мебошад.

БОБИ 3. АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ АФЗАЛИЯТНОКИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР СОҲАИ САНОАТ

3.1. Таҳлили рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноати кишвар дар доираи саноатикунонии босуръат

Ба масъалаҳои рушди саноат ва соҳибкорӣ дар кишвар ҳама вақт дар стратегияҳо ва барномаҳои қабулшудаи давлатии рушд диққати махсус зоҳир гардида, тибқи сенарияҳо ва меъёрҳои пешбинигардида ба фаъолияти соҳаҳои муҳими иқтисодӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад.

Назорат намудан ва амал кардан дар асоси сенарияҳои пешбинигардида имкон медиҳад, ки рушди соҳаҳои пешбинигардида мувофиқи меъёр таъмин гардад. Соҳибкорӣ тибқи «...Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 чунин қайд карда шуд, ки дар шароити Тоҷикистон бе таъсиси саноати пешрафта, таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ, истиқлолияти иқтисодӣ, амнияти иҷтимоӣ ва ҳалли бомуваффақияти мушкилоти иҷтимоӣ ғайриимкон аст» [9].

«...Ташаккули иқтисоди саноатӣ-аграрӣ, рушди босуръати саноат ва пеш аз ҳама он бахшҳои саноатро дар назар дорад, ки имкон медиҳанд захираҳои табиӣ-гидроэнергетикӣ, маъданӣ ва ашёи хом ба гардиши истеҳсолӣ ва ба истеҳсоли ҷамъиятӣ - захираҳои меҳнатии босуръат рушдёбанда ҷалб карда шаванд» [9].

«...Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (СМР-2030) қайд шудааст, ки «Дар марҳилаи нави рушд дар назди кишвар се вазифаи асосӣ гузошта шудааст:

- якум, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда;

- дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ;

- сеюм, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна» [31].

«...Тадбирҳои асосӣ баҳри иҷрои вазифаи дуюм ин, таъмини суръати нисбатан баланди рушди саноат нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисод ва зиёд намудани ҳиссаи он дар ММД-и кишвар, баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши ҳиссаи он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини афзоиши босуръати хизматрасониҳои дараҷаи нисбатан мураккаб, баланд бардоштани сатҳи диверсификатсияи иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мебошад. Дар соҳаи тавсеаи шуғли пурмаҳсул, дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳру деҳот ҳамчун роҳҳои самараноки зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст» [31].

Бо назардошти ин, "...Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ қайд карданд, ки бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад" [44].

Тибқи натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ вобаста ба ташаббусҳои созандаи Роҳбари маҳбуби давлат, ки татбиқи онро бо роҳи саноатикунонии босуръат имконпазир мегардонад, пайваста чораҳои зарурӣ ба кор гирифта шуда, тамоми мехнизмҳои ба ин раванд истифодашаванда пешбинӣ ва пайгирӣ карда мешаванд.

Амалишавии чорабиниҳои стратегияҳо ва барномаҳои қабулгардидаи соҳавӣ махсусан, ба соҳаи саноати кишвар барои солҳои 2018-2024 як қатор муваффақиятҳоро имконпазир гардонид. Аз ин рӯ,

соли 2018 ҳамчун соли асосӣ - соли эълони саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии рушди иқтисоди миллӣ гардид.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ соли 2024 53,8 милрд сомониро ташкил дод, ки дар таносуб ба соли 2018 бо нархҳои муқоисашаванда 2,1 маротиба (28,6 миллиард сомонӣ) зиёд мебошад. Шумораи корхонаҳо 1618 адад ё 74,9 фоиз ва шумораи кормандони саноатӣ-истеҳсолӣ 8,4 фоиз афзудааст.

Ҷадвали 3.1. -Баъзе нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврaҳои солҳои 2018-2024 (бо нархҳои солҳои дахлдор**)**

Нишондиҳанда	**2018**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**2024 нисбат ба 2018, %**
Шумораи корхона – адад	2161	2283	2397	2802	3453	3779	174,9
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ млн. сомонӣ	26339	32440	39187	42988	46857	53873	213,5
Ҳисоби миёнасолаи шумораи ҳайати саноатӣ-истеҳсолӣ – ҳазор нафар	85,6	84,3	85,3	86,3	87,5	92,8	108,4

Сарчашма: [113] .

Дар солҳои 2018-2024 вобаста ба лапиши назарраси маълумоти овардашуда ва таҳлилгардида, суръати рушди соҳаҳои саноат хеле фарқ мекунад. Ҳамин тавр, агар ҳаҷми маҳсулоти соҳаҳои саноати истихроҷ дар нархҳои солҳои дахлдор 185,3 фоиз, дар соҳаҳои саноати коркард 124,0 фоиз зиёд шуда бошад, пас дар истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ онҳо танҳо 79,7 фоиз афзудаанд, ки суръати умумии афзоиши ҳаҷми саноатро 125,5 фоиз таъмин кардааст.

Суръати гуногуни афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ба тағйирёбии сохтори саноат оварда расонд.

Вазни таносуби соҳаҳои саноати истихроҷ 5,2 банди фоиз афзоиш ёфта, соҳаҳои саноати коркард, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ бошад мутаносибан 0,4 банди фоиз ва 4,6 банди фоиз коҳиш ёфт (нигаред ба ҷадвалҳои 3.2 ва 3.3).

Ҷадвали 3.2. - Динамикаи ҳаҷми истеҳсол ва суръати афзоиши бахшҳои саноат дар давраҳои солҳои 2018-2024
(млн. сомонӣ бо нархҳои солҳои дахлдор)

Нишондиҳандаҳо	2018	2020	2021	2022	2023	2023 нисбат ба 2018 %
Саноат ҳамагӣ:	23894	30890	38829	43025	46857	196,1
Саноати истихроҷ	4686	4309	8409	8906	9336	199,2
Саноати коркард	13520	19054	22313	26497	28537	211,1
Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ	5688	7527	8107	7622	8984	157,9

Сарчашма: [124],[113].

Зиёдшавии суръати афзоиш дар саноати коркард ва вазни таносуби он дар ҳаҷми умумии саноати кишвар омили мусбати рушди саноати Тоҷикистонро ташкил намуда, ҳиссаи ин шакли саноат дар маҷмуи умумии нишондиҳандаҳои саноатӣ ва дигар маълумоти ба баҳодиҳии ин масъала хос назаррас мебошад.

Таҳлили маълумоти омории ҷадвалҳои 3.4. ва 3.5. нишон медиҳад, ки дар рушди соҳаи саноати кишвар, аз ҷумла, минтақаҳои он

нобаробарӣ мавҷуд буда, дар вилояти Суғд аз ҳама суръати баландтарини рушд - 2,6 баробар мушоҳида гардида, дар НТҶ – 2,3 баробар афзоиш, дар шаҳри Душабе – 1,9 баробар афзоиш, дар вилояти Хатлон – 1,7 баробар афзоиш ва дар ВМКБ – 31,8 фоиз афзоиш мушоҳида карда мешавад (нигаред ба ҷадвали 3.4)

Ҷадвали 3.3. - Сохтори бахшҳои саноат дар давраҳои солҳои 2018-2024
(бо фоиз)

Нишондиҳандаҳо	**2018**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2023 нисбати 2018, %**
Саноат ҳамагӣ:	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	-
Саноати истихроҷ	19,6	13,9	21,6	20,7	19,9	+ 0,3
Саноати коркард	56,6	61,7	57,5	61,6	60,9	+ 4,3
Истеҳсолу тақсими нерӯйи барқ, об, газ ва гармӣ	23,8	24,4	20,9	17,7	19,2	- 4,6

Сарчашма: [124],[113].

Ин, тағйири сохтори саноатро аз рӯйи минтақаҳои кишвар муайян кард.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар соҳаи саноати кишва вилояти Суғд яке аз пешсафони асосӣ маҳсуб ёфта тибқи таҳлилҳои анҷомдодашуда ҳиссаи саноати он 56,6 фоиз тамоми саноати Тоҷикистонро дар бар мегирад. Таркиби сохтории бахши дигар соҳаи саноати кишвар ба вилояти Хатлон 23,5 %, шаҳри Душанбе 9,8% , НТҶ 9,1 %, ва 9,5 фоиз ва ВМКБ 0,6 %-ро ташкил медиҳад (нигаред ба ҷадвали 3.4.).

Ҷадвали 3.4. - **Суръати афзоиш ва ҳиссаи минтақаҳои кишвар дар ҳаҷми умумии саноати кишвар дар солҳои 2018 ва 2024**

	2018 млн. сомонӣ	Ҳисса	2024 млн. сомонӣ	Ҳисса	2024 нисбат ба 2018	
					%	Банди %
Ҷумҳурии Тоҷикистон	23894	100,0	53873	100,0	225,5	-
ВМКБ	238,2	1,0	313,9	0,6	131,8	- 0,4
Вилояти Суғд	11498,4	48,1	30499,4	56,6	265,2	+ 8,5
Вилояти Хатлон	7294,0	30,5	12666	23,5	173,6	- 7,0
Душанбе	2664,9	11,2	5259,4	9,8	197,4	- 1,4
НТҶ	2198,5	9,2	5134,5	9,5	233,5	+ 0,3

Сарчашма: [124],[113].

Суръати баландтарини афзоиш, ки аз суръати рушди саноати кишвар (2,0 маротиба) зиёдтар аст, дар соҳаҳои зерин мушоҳида мешавад: истеҳсоли кимиё (4,1 маротиба), мошинсозӣ (3,1 маротиба), истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасса (2,7 маротиба), истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри металлӣ (2,4 маротиба). Ин афзоиш, пеш аз ҳама, бо заминаи хеле пасти рушди соҳаҳои зикршуда алоқаманд аст. Ба истифода додани як ё ду корхонаи нав имкон дод, ки чунин муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шаванд.

Дар баробари ин, дар соҳаҳои зерини саноат суръати афзоиш назар ба тамоми саноат (225,5 фоиз) пасттар ба даст оварда шудааст: истихроҷи масолеҳи энергетикӣ (214,5 фоиз), истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (157,5 фоиз), коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ (173,2 фоиз), саноати коркард (224,0 фоиз), истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ (78,1) ва истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ (135,9 фоиз).

Маълумот аз рӯйи ҳаҷм ва суръати афзоиш аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат ҷолиб аст (нигаред ба ҷадвали 3.5.).

Ҷадвали 3.5. - Ҳаҷм ва суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи бахшҳои асосии саноат дар солҳои 2018 ва 2024
(бо нархи солҳои дахлдор млн. сомонӣ)

Соҳаҳо	2018	2024	2024 нисбати 2018, %
Тамоми саноат	**23894**	**53873**	**225,5**
Саноати истихроҷ	**4686**	**13369**	**285,3**
Аз ин: истихроҷи масолеҳи энергетикӣ	331	710	**214,5**
Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ	4355	12659	**290,7**
Саноати коркард	**13520**	**30283**	**224,0**
Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла, нӯшокиҳо ва тамоку	4900	11492	**234,5**
Истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ	2479	3896	**157,2**
Истеҳсоли чарм, маҳсулоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол	63	163	**258,7**
Коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ	138	239	**173,2**
Истеҳсолоти селлюлозӣ-қоғазӣ, фаъолияти нашриётию полиграфӣ	241	573	**237,8**
Истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ	105	82	**78,1**
Истеҳсоли кимиёвӣ	147	617	**419,7**
Истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасӣ	200	593	**296,5**
Истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ	2298	3122	**135,9**
Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри металлӣ	2708	8092	**298,8**
Мошинсозӣ	203	847	**417,2**
Дигар соҳаҳои саноат	38	260	**684,2**
Истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ	**5688**	**10221**	**179,7**

Сарчашма: [113].

Чуноне аз ҷадвал мебинем, агар коҳиши суръати миёнаи рушди чунин соҳаҳо ба монанди: коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ (173,2 фоиз) ва истеҳсоли маҳсулоти нафтиро (81 фоиз) бо мушкилоти интиқоли ашёи хом ва ҷузъҳои хориҷӣ шарҳ додан мумкин аст, пас коҳиши суръати пешбинишудаи рушди чунин соҳаҳо ба монанди: истихроҷи маҳсулоти энергетикӣ (214,5 фоиз), истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (157,2 фоиз) ва истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ (135,9 фоиз) фаҳмонидан душвор аст.

Бо назардошти мавҷудияти ашёи хом ва маҳсулоти ватанӣ, захираҳои меҳнатӣ ва замина барои рушди босуръат онҳо ба қадри кофӣ ва зарурӣ истифода нашуданд. Ин, махсусан ба истеҳсоли нассоҷию дӯзандагӣ ва истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ (семент) дахл дорад. Дар ин ҷо бо сабаби кам шудани ҳаҷми содироти маҳсулоти соҳаҳо, суръат ба интизориҳо мувофиқат намекунад. Ҷустуҷӯйи бозорҳои нав тӯл кашид ва харидорони пешина аз сабаби ташкили истеҳсолоти «худӣ» (семент дар Узбекистон) «рафтанд». Дар ин ҷо норасоии таҷриба ва малакаи соҳибкорони ватанӣ ба таври пурра таъсир расонд. Соҳаи саноати кишвар яке аз бахшҳои асосӣ ва калидии иқтисодиёти кишвар маҳсуб ёфта, рушди он ба таври минтақавӣ ва фаромintақавӣ шарти зарурӣ ва асосӣ мебошад. Аз ин хотир, зарурияти рушди саноат боназардошти имкониятҳои мавҷуда дар минтақаҳои имкониятдошта муҳим ва зарурӣ мебошад. Бинобар ин, дар соҳаҳои зерин вазни таносуб тибқи маълумоти овардашуда дар чунин ҳаҷм коҳиш ёфт: истихроҷи маводи энергетикӣ 0,1, истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 3,2, коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ 0,2, истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ 3,2 ва истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ 4,8 банди фоиз коҳиш ёфтаанд.

Суръати гуногуни афзоиш ба тағйирёбии сохтори саноат аз рӯйи соҳаҳои асосии он оварда расонд (нигаред ба ҷадвали 3.6.).

Ҷадвали 3.6. - Сохтори саноат аз рӯйи бахшҳои асосӣ дар солҳои 2018 ва 2024 (%)

Бахшҳо	2018	2024	2024 нисбати 2018
Тамоми саноат	**100,0**	**100**	**-**
Саноати истихроҷ	**19,6**	**24,8**	**5,2**
Аз ин: истихроҷи масолеҳи энергетикӣ	1,4	1,3	**-0,1**
Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ	18,2	23,5	**5,3**
Саноати коркард	**56,6**	**56,2**	**-0,4**
Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла, нӯшокиҳо ва тамоку	20,5	21,3	**0,8**
Истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ	10,4	7,2	**-3,2**
Истеҳсоли чарм, маҳсулоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол	0,3	0,3	**0**
Коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ	0,6	0,4	**-0,2**
Истеҳсолоти селлюлозӣ-қоғазӣ, фаъолияти нашриётию полиграфӣ	1,0	1,1	**0,1**
Истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ	0,4	0,2	**-0,2**
Истеҳсоли кимиёвӣ	0,6	1,1	**0,5**
Истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасӣ	0,8	1,1	**0,3**
Истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ	9,6	6,4	**-3,2**
Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри металлӣ	11,3	15	**3,7**
Мошинсозӣ	0,9	1,6	**0,7**
Дигар соҳаҳои саноат	0,2	0,5	**0,3**
Истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ	**23,8**	**19**	**-4,8**

Сарчашма: [124],[113].

Вазни таносуби истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ 5,2 банди фоиз зиёд шуд, ки афзоиши вазни таносуби саноати истихроҷро 5,2 банди

фоиз таъмин кард; истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла, нӯшокиҳо ва тамоку 0,8 банди фоиз, истеҳсоли кимиёвӣ 0,5 банди фоиз, истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасса 0,3 банди фоиз, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри металлӣ 3,7 банди фоиз ва мошинсозӣ ба 0,7 банди фоиз афзоиш ёфт.

Барои зарурияти минтақавӣ доштани соҳаи саноати кишвар мо имкониятҳои рушди онро мавриди баррасӣ қарор дода, имконпазирии онро ҳамчун муҳаррик низ мавриди баррасӣ қарор додем. Дар илова ба ин, имкониятҳои минтақавии рушди соҳаи саноат махсусан, саноати сабук дар Тоҷикистон метавонад имкониятҳои дигари иҷтимоию иқтисодиро фароҳам оварад. Ба ҳамин хотир, мо нишондиҳандаҳои рушди соҳаҳои саноати кишварро дар сатҳи минтақаҳо истифода мебарем (нигаред ба ҷадвали 3.7.).

Ҷадвали 3.7. - Ҳаҷм ва вазни таносуби минтақаҳо дар сохтори саноат барои соли 2024 (млн. сомонӣ ва %)

	ҶТ	Вазни нисбӣ	ВМБК	Вазни нисбӣ	СУҒД	Вазни нисбӣ	ХАТ-ЛОН	Вазни нисбӣ	Душанбе	Вазни нисбӣ	НТҶ	Вазни нисбӣ
1	**2**	**3**	**4**	**5**	**6**	**7**	**8**	**9**	**10**	**11**	**12**	**13**
САНОАТ - ҳамагӣ	**53873**	**100,0**	**314**	0,6	**30499**	56,6	**12666**	23,5	**5259**	9,8	**5135**	9,5
Саноати истихроҷ	**13369**	**100,0**	**153**	1,1	**11034**	82,6	**687**	5,1	**90**	0,7	**1405**	10,5
Аз ин: истихроҷи масолеҳи энергетикӣ	710	100,0	-	-	546	76,9	35	4,9	3	0,4	126	17,8
Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ	12659	100,0	153	1,2	10488	82,9	652	5,1	87	0,7	1279	10,1
Саноати коркард	**30283**	**100,0**	**72**	0,2	**17380**	57,4	**6994**	23,1	**3376**	11,2	**2461**	8,1
Аз ин: истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ	11492	100,0	32	0,3	7414	64,5	2385	20,8	1244	10,8	417	3,6
Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ	3896	100,0	12	0,3	1072	27,5	2424	62,2	259	6,7	129	3,3
Истеҳсоли чарм, маҳсулоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол	163	100,0	0,2	0,1	84	51,5	11	6,8	67	41,1	0,8	0,5
Коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ	239	100,0	4	1,7	150	62,8	35	14,6	27	11,3	23	9,6
Истеҳсолоти селлюлозӣ-қоғазӣ, фъолияти нашриётию полиграфӣ	573	100,0	2	0,4	124	21,6	60	10,5	373	65,1	14	2,4

Идомаи ҷадвали 3.7.

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13
Истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ	82	100,0	-	-	9	11,0	29	35,4	29	35,4	15	18,2
Истеҳсоли кимиёвӣ	617	100,0	0,2	…0	200	32,4	275	44,6	28	4,5	114	18,5
Истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасӣ	593	100,0	**2**	0,3	283	47,7	85	14,3	135	22,8	88	14,9
Истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ	3429	100,0	11	0,3	1142	33,3	1484	43,3	489	14,3	303	8,8
Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри металлӣ	8092	100,0	**7**	0,1	6737	83,2	121	1,5	244	3,0	983	12,2
Мошинсозӣ	847	100,0	-	-	25	3,0	78	9,2	384	45,3	360	42,5
Дигар соҳаҳои саноат	260	100,0	2,6	1,0	140	53,9	7	2,7	97	37,4	13	5,0
Истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ	**10221**	**100,0**	**89**	**0,9**	**2085**	**20,4**	**4985**	**48,8**	**1793**	**17,5**	**1269**	**12,4**

Сарчашма: Дар асоси маълумоти омории саноати ҶТ. Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шудааст. 2025, С. 14-16; С.31, 32, 33; 34.

Вазни таносуби баландтар дар ҳаҷми умумии истеҳсоли саноатӣ дар вилояти Суғд ба даст оварда шудааст (56,6).

Вазни таносуби баландтар дар ҳаҷми умумии истеҳсоли соҳаҳои алоҳида дар*:*

- **вилояти Суғд: -** аз рӯйи истихроҷи маҳсулоти энергетикӣ ва ғайриэнергетикӣ – мутаносибан 76,9 фоиз ва 82,9 фоиз, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ – 64,5 фоиз, истеҳсоли чарм, маҳсулоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол - 51,5 фоиз, коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ - 62,8 фоиз, истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасса - 47,7 фоиз, истеҳсоли металлургия ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри металлӣ - 83,2 фоиз;

- **вилояти Хатлон** аз рӯйи истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ - 62,2 фоиз, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ – 35,4 фоиз, истеҳсоли кимиёвӣ – 44,6 фоиз, истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ - 43,3 фоиз, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ - 48,8 фоиз;

- **шаҳри Душанбе** - аз рӯйи истеҳсоли селлюлозӣ-коғазӣ, фаъолияти нашриётию полиграфӣ - 65,1 фоиз ва мошинсозӣ - 45, 3 фоиз.

Таҳлили тағйирёбии сохтори соҳаҳои саноати Тоҷикистон аз рӯйи дараҷаи технологӣ ҷолиб аст (нигаред ба ҷадвали 3.8.).

Мувофиқи методологияи таҳиякардаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), «... саноати коркард аз рӯйи сатҳи технологӣ ба чор гурӯҳ тасниф карда мешавад: соҳаҳои баланди технологӣ, миёнаи технологии сатҳи баланд, миёнатехнологии сатҳи паст ва пасти технологӣ...»

«...Ба соҳаҳои баланди технологӣ соҳаҳое дохил мешаванд, ки дар маҳсулоти боркардашуда ҳиссаи хароҷот барои илми соҳавӣ зиёда аз 5 фоизро ташкил медиҳад. Ба соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд соҳаҳое дохил мешаванд, ки ҳиссаи хароҷоти таҳқиқот ва таҳия дар онҳо аз 2,5 фоиз то 5 фоиз, ба соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст аз 1 фоиз

то 2,5 фоиз ва ба соҳаҳои пасти технологӣ аз 1 фоиз камтар аст» [200, с. 178-180].

Ҷадвали 3.8. - Таснифоти соҳаҳо аз рӯйи дараҷаи технологӣ, ки аз ҷониби СҲИР таҳия шудааст

Гурӯҳ	Соҳаҳо
Соҳаҳои баланди технологӣ	авиакайҳонӣ; дорусозӣ; истеҳсоли техникаи идоравӣ-офисӣ ва компютерҳо; истеҳсоли таҷҳизоти радио ва телекоммуникатсионӣ; истеҳсоли таҷҳизоти тиббӣ, асбобҳои дақиқ ва оптикӣ, инчунин, соатҳо
Соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд	мошинҳо ва таҷҳизоти барқӣ; мошинҳо, присепҳо ва нимприсепҳо; истеҳсоли кимиёвӣ ба истиснои дорусозӣ; таҷҳизоти роҳи оҳан ва нақлиёт; мошинҳо ва таҷҳизоте, ки ба гурӯҳҳои дигар дохил карда нашудаанд
Соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст	киштисозӣ ва таъмири киштиҳою қаиқҳо; истеҳсоли резин, каучук ва пластик; истеҳсоли кокс, маҳсулоти нафтӣ ва сӯзишвории ҳастаӣ; истеҳсоли дигар маҳсулоти минералӣ (ба ғайр аз металлургия); металлургия
Соҳаҳои пасти технологӣ	дигар истеҳсолот ва коркарди партовҳо; истеҳсоли чӯб, коғаз ва фаъолияти нашриявӣ; истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва тамоку; истеҳсоли нассоҷӣ, истеҳсоли чарм ва пойафзол

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси методологияи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР)

Дар таҷриба сохторбандӣ яке аз омилҳои калидии ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва дарёфти роҳҳои нави ба рушд нигаронидашуда мебошад. Зеро, дар сурати ошкор намудани камбудиҳои ҷойдошта мо

метавонем аз як тараф пеши роҳи муфлисшавии корхонаҳоро гирем, аз дигар тараф дар асоси чораандешиҳо ва пешниҳоди воситаҳои нави ба рушд нигаронидашуда ба муваффақиятҳо даст ёбем.

Аз ҳамин хотир, дар таҳқиқоти илмии худ мо вобаста ба шиддати тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ, соҳаи саноат ва дигар сохторҳои марбут ба бахши воқеии иқтисодиётро вобаста ба дараҷаи технологӣ ба гурӯҳҳои асосӣ тақсимбандӣ намудем, ки дар он соҳаҳои баланди технологӣ бо доштани имконият ва иқтидорҳои наву пешрафта дар соҳаи истеҳсолот, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд бо доштани имкониятҳои қаблан мавҷудбуда ва навсозии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додем.

Дар илова ба ҳамаи ин, аз рӯйи методологияи зикршудаи СҲИР сохтори соҳаҳои саноати Тоҷикистонро аз рӯйи дараҷаи технологӣ нишон медиҳем (ҷадвали 3.9.).

Ҷадвали 3.9. - Тасниф ва сохтори соҳаҳои саноати Тоҷикистон аз рӯйи дараҷаи технологӣ дар солҳои 2018 ва 2024 (%)

Бахшҳои асосии саноат	2018	2024	2024 нисбати 2018 банди %
1	2	3	4
Соҳаҳои баланди технологӣ:	**0,0**	**0,0**	
Авиакайҳонӣ	0,0	0,0	
Дорусозӣ	0,0	0,0	
Истеҳсоли таҷҳизоти идоравӣ/офисӣ ва компютерҳо	0,0	0,0	
Истеҳсоли таҷҳизоти радио ва телекоммуникатсионӣ	0,0	0,0	
Истеҳсоли таҷҳизоти тиббӣ, асбобҳои дақиқ ва оптикӣ ва соат	0,0	0,0	
Соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд:	**1,5**	**2,7**	**+ 1,2**
Мошинҳо ва таҷҳизоти баркӣ	0,0	0,0	
Мошинҳо, ядакҳо ва нимядакҳо	0,0	0,0	

Идомаи ҷадвали 3.9.

Истеҳсоли кимиёвӣ ба истиснои дорусозӣ	0,6	1,1	+ 0,5
Таҷҳизоти роҳи оҳан ва нақлиёт	0,0	0,0	
Мошинҳо ва таҷҳизоте, ки ба гурӯҳҳои дигар дохил карда нашудаанд ва дигар гурӯҳ (мошинсозӣ)	0,9	1,6	+ 0,7
Соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст	**22,1**	**22,7**	**+ 0,6**
Киштисозӣ ва таъмири киштиҳою қаиқҳо	**0,0**	**0,0**	**0**
Истеҳсоли резин, каучук ва пластик (истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасӣ)	0,8	1,1	+ 0,3
Истеҳсоли кокс, маҳсулоти нафтӣ ва сӯзишвории ҳастаӣ	0,4	0,2	- 0,2
Дигар маҳсулоти минералӣ (ба ғайр аз металлургия) (ғайриметаллӣ)	9,6	6,4	- 3,2
Металлургия	11,3	**15**	+ 3,7
Соҳаҳои миёнаи технологӣ дар умум	**23,6**	**25,4**	**+1,8**
Соҳаҳои пасти технологӣ	**33,0**	**36,4**	**+ 3.4**
Истеҳсоли чӯб, коғаз ва фаъолияти нашриявӣ	1,6	1,4	- 0,2
Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва тамоку;	20,5	21,3	+ 4,3
Истеҳсоли нассоҷӣ, истеҳсоли чарм ва пойафзол.	10,7	9,9	- 0,8
Соҳаҳои дигар	0,2	0,5	+ 0,3
Истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об ва газ	**23,8**	**19,2**	**- 4,8**
Ҳамаи бахшҳои саноати истихроҷ	**19,6**	**19,9**	**+0,3**
Бахшҳои пасти технологӣ дар умум	**76,4**	**75,5**	**- 0,9**
ҲАМАГӢ:	**100,0**	**100,0**	**100,0**

Сарчашма: [124],[113].

Тавре ки аз маълумоти овардашуда дида мешавад, вазни таносуби соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд аз ҳисоби болоравии афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти химиё ва мошинсозӣ 1,2 банди фоиз (аз 1,5 то 2,7 фоиз) афзудааст ва соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст низ аз ҳисоби афзоиши металлургия – 3,7 банди фоиз (аз 22,1 то 22,7 фоиз) дар

умум 0,6 банди фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар маҷмӯъ, вазни таносуби соҳаҳои миёнаи технологӣ 1,8 банди фоиз (аз 23,6 фоиз то 25,4 фоиз) афзудааст, ки ин тамоюли мусбат аст. Мувофиқан, вазни таносуби соҳаҳои пасти технологӣ 2,3 банди фоиз коҳиш ёфтааст.

Бо дарназардошти он ки суръати афзоиши истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об нисбат ба соҳаҳои миёнатехнологӣ пасттар хоҳад буд, саҳми онҳо дар рушди саноати кишвар низ коҳиш хоҳад ёфт.

Ин ба тағйироти ҷиддии сохтори саноат аз рӯйи дараҷаи технологӣ, яъне - афзоиши вазни таносуби соҳаҳои миёнаи технологии саноати коркард оварда мерасонад.

Ҳоло, дар сохтори саноати Тоҷикистон соҳаҳои пасти технологӣ бартарӣ доранд. Мақсад аз он иборат аст, ки ҳиссаи соҳаҳои миёнаи технологӣ ба таври назаррас афзоиш дода шавад ва онҳо дар саноат ва сипас дар содироти кишвар бартарӣ дошта бошанд. Ин аст, ки дар давоми чанд соли охир суръати рушди соҳаи саноати кишвар тамоюли дигарро касб намуда, нишондиҳандаҳои он назаррас гардиданд. (Диаграммаи 3.1.)

Диаграммаи 3.1. Динамикаи ҳаҷми рушди маҳсулотҳои саноатӣ ва энергетикӣ дар ҶТ дар солҳои 2018-2024, млрд. сомонӣ



Сарчашма. Дар асоси маълумоти Шарҳи таварруми Бонки миллии Тоҷикистон 2018, с. 25, 2019, с. 22, 2020, с. 26, 2021, с. 23, 2022, с. 21, 2024, с. 20. 2025. Шакли дастрасӣ https://www.nbt.tj.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ, махсусан, дар давоми ду даҳсолаи охир таваҷҷӯҳ ба соҳаи саноат ва маҳсулоти саноатӣ, инчунин, дастгирии бахши соҳибкорӣ дар соҳаи саноат афзоиш ёфта, ин афзоиш дар чанд соли охир ба таври назаррас аён мебошад. Ҳамин аст, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба таври назаррас мушоҳида мегардад. Тавре аз маълумоти диаграммаи болозикр маълум аст, агар ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соли 2018 23,9 млрд. сомниро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 53,8 млрд. сомонӣ баробар шудааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 95,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар

баробари ҳамаи ин, дар даврaи таҳлилшаванда низ суръати рушди маҳсулоти саноатӣ бо зарурiятҳои ҷойдошта тамоюли болоравиро касб намуд.

Диаграммаи 3.2. Суръати рушди маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2018-2024, бо фоиз



Сарчашма. Дар асоси маълумоти Шарҳи таварруми Бонки миллии Тоҷикистон 2018, с. 25, 2019, с. 22, 2020, с. 26, 2021, с. 23, 2022, с. 21, 2023, с. 20. 2024, с. 21. 2025. Шакли дастрасӣ https://www.nbt.tj.

Таркиби рушд, баҳодиҳӣ ва таҳлили маҳсулоти саноатӣ мураккаб буда, он аз як қатор унусрҳои калидӣ ва нишондиҳандаҳои мушобеҳ иборат мебошад. Тавре аз маълумотҳо бармеояд, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва энергетикӣ дар соли 2023 46,8 млрд сомонӣ (суръати афзоиш 20 фоиз) ё 16,2 фоизи ММД-ро ташкил намуд. Дар соли ҳисоботӣ дар бахши саноати истихроҷи маъдан ба маблағи 9,4 млрд сомонӣ (11,7 фоиз), саноати коркард 28,5 млрд сомонӣ (12,3 фоиз), таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва ҳаво 8,7 млрд сомонӣ (7,0 фоиз) ва

таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа 228,6 млн сомонӣ (-3,7 фоиз) маҳсулот истеҳсол гардид. Дар сохтори соҳаи саноат ҳиссаи бахши саноати коркард 61,7 фоиз, таъминоти нерӯи барқ, газ ва тозакунии ҳаво 18,9 фоиз, саноати истихроҷи маъдан 17,5 фоиз, ва таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа 0,4 фоизро ташкил дод. Индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023 ба андозаи 12 фоиз афзоиш ёфт.

Як сабаби болоравии суръати рушди маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2019-2020 якбора зиёд шудани талабот ба молҳои саноатӣ аз ҳисоби як қатор мушкилот ва маҳдудиятҳои берунӣ ва ҳамзамон, таваҷҷӯҳи махсуси ҳукумат ба ин соҳа мебошад. Дар соли 2024 бошад, ин тамоил мутаносибан афзоиш ёфта 53,8 милиард сомониро ташкил намуда, суръати рушд ва рушди ҳиссавии он дар таркиби ММД 20 фоизро ташкил намуд. Ин зиёдшавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давоми чанд соли охир таваҷҷӯҳ ба ин бахши калидии мамлакат тамоюли навро касб намудааст, ки дар ҳама самт ва сохторҳои саноати кишвар нишондиҳандаҳо назаррасанд.

Ёдовар мешавем, ки «... арҳилаҳои зерини рушди саноатии кишвар ва хусусиятҳои асосии онҳоро ҷудо мекунанд» [97, с. 183]:

- «...марҳилаи саноатикунонии барвақтӣ, ки метавонад ба ташкили муназзами бахшҳои алоҳидаи саноат, касб намудани таҷрибаи муваффақ аз дохил ва хориҷи кишвар, ҳамзамон, рушди нишондиҳандаҳои муваффақонаи соҳаи саноат (ашёи хом, меҳнатталаб) мусоидат кунанд» [97, с. 183];

- «...тезонидани марҳалаи ҷадид ва босуръати саноатикунонии босуръат бо назардошти рушди соҳаҳои сармояталаб, миёнаи технологӣ, афзоиши нақши саноат дар иқтисоди имрӯза» [97, с. 183];

- марҳилаи саноатикунонии дершуда, ки бо афзоиши иқтидори илмии саноат, бартарии соҳаҳои баланди технологӣ хос аст [97, с. 183].

Бо истифода аз методикаи пешниҳоднамудаи Е.М. Карпенко [97, с. 183], мо хусусиятҳои марҳилаҳои рушди саноатии кишварро махсус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудем (ҷадвали 3.10).

Ҷадвали 3.10. - Хусусиятҳои марҳилаҳои рушди саноатии кишвар

Нишондиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024	**Марҳилаи саноатикунонӣ**		
	Барвақтӣ	**Баркамол**	**Дер**
Ҳиссаи саноат дар ММД, %	камтар аз 30	зиёда аз 30	зиёда аз 30
Тоҷикистон	**20,9**		
Таносуби ҳиссаи коргарони саноат ба ҳиссаи коргарони кишоварзӣ	камтар аз 1	зиёда аз 1	зиёда аз 1
Тоҷикистон	**0,08**		
Ҳиссаи саноати коркард дар сохтори саноат, %	камтар аз 30	30 – 90	зиёда аз 90
Тоҷикистон		**56,2**	
Ҳосилнокии меҳнат дар саноат нисбат ба ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ	камтар аз 1	зиёда аз 1	зиёда аз 1
Тоҷикистон		**10,8**	
Ҳосилнокии меҳнат дар саноат нисбат ба ММД ба ҳар сари аҳолӣ	камтар аз 1	зиёда аз 1	зиёда аз 1
Тоҷикистон		**27,9**	
Соҳаҳои бартаридошта дар сохтор/содироти саноатӣ аз рӯйи сатҳи технологӣ	паст	миёна	баланд
Тоҷикистон	**72,7**	**27,3**	

Сарчашма: [122, 124, 152].

Аз рӯйи ин таснифот Тоҷикистон дар марҳилаи барвақтии саноатикунонӣ қарор дорад, ки ҳадафи он расидан ба марҳилаи

саноатикунонии баркамол мебошад, ки бо рушди соҳаҳои сармояталаб, миёнатехнологӣ ва афзоиши нақши саноат дар иқтисод хос аст.

«...Аз ин рӯ, яке аз ҳадафҳои асосии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ шудааст, афзоиш додани нишондиҳандаи ҳиссаи соҳаҳои миёнаи технологӣ дар сохтори саноат то 30,0 фоиз ва дар ММД то 6,2 фоиз мебошад. Дар асл, ин нишондиҳанда дар соли 2023 сатҳи 24,5 фоиз ба даст оварда шудааст» [7].

Дар ояндаи наздик истеҳсоли маҳсулоти тайёр (металл)-ро дар корхонаҳои саноати истихроҷ ташкил кардан лозим аст, ки ин боиси кам шудани вазни таносуби онҳо дар саноати кишвар ва мутаносибан афзоиши соҳаҳои миёнатехнологӣ дар саноати коркард мегардад.

«...Ғайр аз ин, дар Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар баробари дигар афзалиятҳо – зиёдшавии ҳиссаи саноат аз 22,5 фоиз то 26,3 фоиз, такмили сохтори саноат тавассути рушди пешрафтаи саноати коркард ва афзоиши ҳиссаи он дар сохтори саноат то 63,8 фоиз ва дар ММД то 15 фоиз; расонидани рушди маҳсулоти софи санотии кишвар то андозаи ба ҳисоби сари ҳар як аҳолии кишвар ба 130 доллари ИМА ва афзоиши шуғл дар соҳаҳои истеҳсолӣ дар фоизи шуғли умумӣ то 3,5 фоиз ба нақша гирифта шудааст» [7].

Ин нишондиҳандаҳоро муфассалтар дида мебароем.

Мувофиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст, пешбинӣ шудааст, ки то соли 2025 вазни таносуби бахшҳои саноати коркард ба 63,8 фоиз расонида шавад. Дар соли 2024 ин нишондиҳанда 56,2 фоизро ташкил дод ва барои расидан ба мақсадҳои дар пеш

гузошташуда, зарурати 7,6 банди фоиз зиёд кардани нишондиҳандаи болозикр ба миён гузошта шудааст.

Ба монанди соҳаҳои миёнаи технологӣ дар солҳои наздик бояд дар корхонаҳои бахшҳои истихроҷкунанда истеҳсоли маҳсулоти тайёр (металлҳо) дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, дар ин замина, суръати рушди бахши саноати коркард дар кишвар ба андозаи назаррас густариш дода шавад. Зеро рушди саноати коркард метавонад то як андоза имкониятҳои иқтисодии давлат ва неруи содиротии онро боло бардорад.

Дар ҷадвал таносуби сохтори бахшҳои саноатро дар истеҳсолоти ватанӣ бо рақамҳо дида мебароем (ҷадвали 3.11.).

Ҷадвали 3.11. - Сохтори бахшҳои саноат дар солҳои 2018 ва 2024 (бо фоиз)

Нишондиҳанда	**2018**	**2023**	**2023 нисбат ба 2018, банди фоиз**	**БМР-25 ва БСБ-25**	**БМР-25 нисбат ба 2023**
Саноат ҳамагӣ:	100,0	100,0	-	100,0	-
Саноати истихроҷ	19,6	19,9	+ 0,3	14,9	-5,0
Саноати коркард	56,6	60,9	+ 4,3	63,8	+2,9
Истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, об, газ ва гармӣ	23,8	19,2	- 4,6	21,3	+2,1

Сарчашма: [7, 10, 31, 122]

Баъд аз андухтани таҷрибаи печида дар самти дастгирии бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва такя намудан ба он, заруриятеро пеш оварад, ки тавассути қуввахои истеҳсолкунанда соҳибкорон аз иқтисоди аграрӣ

саноатӣ ба иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ гузаранд ва ин ҳисса тамоили тағйирёбиро касб намудааст.

Новобаста аз оне, ки дар таркиби саноати кишвар афзоиши миёнаи солонаи ҳиссаи саноат дар ММД–и дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад, ҳамоно ин нишондиҳанда дар солҳои 2015-2022 зиёда аз 1 банди фоизро ташкил медиҳад ва он метавонад соли 2025 яъне (дар се сол афзоиши 2,8 банди фоиз зарур аст) ва дар панҷ соли минбаъда афзоиши 3,7 банди фоизро таъмин кардан лозим аст, ки ин ҳам хеле воқеӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои пешбинишуда оид ба ҳиссаи маҳсулоти софи саноати истеҳсолӣ нисбат ба ММД-и кишвар, шуғл дар саноати истеҳсолӣ аз фоизи шуғли умумӣ ва ҳиссаи маҳсулоти софи саноати истеҳсолӣ бо доллари ИМА ба ҳар сари аҳолӣ аллакай дар соли 2021 ба даст оварда шудаанд.

Ҷадвали 3.12. - Сохтори ММД-и Тоҷикистон аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2019-2024 (бо фоиз аз умум**)**

Номгӯй	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024 нисбат ба 2019
Кишоварзӣ ва дигар	**20,9**	**22,7**	**22,4**	**22,9**	**22,9**	**23,1**	**2,2**
Саноати истихроҷи маъдан	3,3	2,8	4,6	4,3	4,1	4,1	**0,8**
Саноати коркард	13,4	15,6	15	15,1	14,6	13,2	**-0,2**
Таъминот бо нерӯи барқ, газ, буғ ва ҳаво	4,4	4,6	4,1	4	3,6	3,5	**-0,9**
Обтаъминкунӣ, коркарди партовҳо	0,1	0,1	0,1	0,1	0,1	0,1	**0**
Саноат ҳамагӣ	**21,2**	**23,1**	**23,8**	**23,5**	**22,4**	**20,9**	**-0,3**
Фарқияти саноат ва кишоварзӣ	0,3	0,4	1,4	0,6	-0,5	-2,2	

Сарчашма: [124, 152]

Ҷадвали 3.13. - Баъзе нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 ва 2024

Номгӯй	2019	2024	Натиҷа	БМР-25	2024 нисбат ба БМР-25
Ҳиссаи маҳсулоти софи саноати коркард бо фоиз нисбат ба ММД-и кишвар (%)	13,4	13,2	-0,2	14,5	-1,3
Ҳиссаи маҳсулоти софи саноати коркард бо доллари ИМА ба ҳар сари аҳолӣ	112,6	135,6	+ 23,0	130,0	+ 5,6
Шуғл дар саноати коркард бо фоиз аз шуғли умумӣ	3,4	3,8	+0,4	3,5	+0,3

Сарчашма: [8, 104, 122, 124]

Тавре ки аз маълумоти дар ҷадвали 3.13. овардашуда дида мешавад, дар ду нишондиҳандаи аввал афзоиши назаррас ба даст оварда шуда, (мувофиқан: 1,8 банди фоиз ва 23 доллар) шуғли саноати коркард дар фоизи шуғли умумӣ, сарфи назар аз афзоиши мутлақ, дар ифодаи нисбӣ дар сатҳи пештара боқӣ монд

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои пешбинишуда оид ба ҳиссаи маҳсулоти софи саноати коркард нисбат ба ММД-и кишвар, шуғл дар саноати истеҳсолӣ бо фоиз аз шуғли умумӣ ва ҳиссаи маҳсулоти софи саноати коркард бо доллари ИМА ба ҳар сари аҳолӣ аллакай ба даст оварда шудаанд. Афзоиши пешрафтаи рушди саноат дар муқоиса нисбат ба истеҳсолоти кишоварзӣ сохтори ММД-и кишварро ба таври назаррас тағйир дод.

Ин бисёр аст ё кам? Ба ин савол хусусиятҳои муқоисавии нишондиҳандаҳо бо дигар кишварҳо ҷавоб медиҳанд. Яке аз ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишварамон ба сатҳи некуаҳволии мардуми

кишварҳои дорои даромади миёна мебошад. Аз ин рӯ, маълумоти муқоисавӣ оид ба рушди саноат бо чунин кишварҳо ҷолиб аст.

Тибқи мушоҳидаҳо АИСК дар сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ММД дар Тоҷикистон дар таносуб бо кишварҳои даромади миёнадошта 6,2 б.ф. камтар буда он бо кишварҳои даромади пастдошта 5,1 б.ф. баландтар аст.

Ҳамин тариқ, АИСК ба ҳар сари аҳолӣ (долл.) дар Тоҷикистон вобаста ба маълумотҳои соли 2020 136 дол. ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба кишварҳои даромади миёна 8,9 маротиба пасттар буда, нисбат ба кишварҳои даромади пастдошта 88,9 фоиз баландтар мебошад, ки ин дар муқоиса бо кишварҳои даромади баланддошта мо то ҳол 45 маротиба қафо мондаем.

Ҷадвали 3.14. - Баъзе нишондиҳандаҳои муқоисавии байналмилалии рушди саноати Тоҷикистон барои соли 2024

Номгӯй	**Тамоми дунё**	**Давлатҳои дорои даромади баланд**	**Давлатҳои дорои даромади миёна**	**Давлатҳои дорои даромади паст**	**Тоҷикистон**
Арзиши иловашудаи саноати коркард дар ММД, %	17,0	14,4	21,2	9,9	**15,0**
Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳо	- 2,0 банди фоиз	+ 0,6 банди фоиз	- 6,2 банди фоиз	+ 5,1 банди фоиз	
Арзиши иловашудаи саноати коркард ба ҳар сари аҳолӣ (долл.)	1854	6129	1206	72	**136**
Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳо	13,6 маротиба кам	45 маротиба кам	8,9 маротиба кам	188,9%	
Шуғл дар саноати коркард ҳамчун ҳисса дар шуғли умумӣ (%)	13,1	13,3	14,8	5,3	**3,5**

Идомаи ҷадвали 3.4.

Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳо	- 9,6 банди фоиз	- 9,8 банди фоиз	- 11,3 банди фоиз	-1,8 банди фоиз.	

Сарчашма: [85, 104, 124,]

Шуғл дар саноати коркард аз ҳиссаи шуғли умумӣ (%) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,5 фоизро ташкил дод, ки на танҳо нисбат ба кишварҳои даромади миёна (11,3 банди фоиз), балки нисбат ба кишварҳои даромади паст (1,8 банди фоиз) камтар аст.

Яъне, бо вуҷуди афзоиши назарраси ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар солҳои охир Тоҷикистон бояд барои расидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръат роҳи дарозеро тай намояд. Инро Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид намуданд, ки «Дар солҳои охир, дар рушди соҳа муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шуданд «...Вале ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти захираву имкониятҳои кишвар, аз ҷумла, ашёи хоми ватанӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, «энергияи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо – саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд» [45].

Вобаста ба ин зарурист, ки ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ва назаррас рушд додани соҳаи саноат омилҳои рақобатпазириро ба вуҷуд оварда, дар асоси озодии амал дар истеҳсолот ин бахшро ба таври чашмрас рушд диҳем. Қайд кардан зарур аст, ки раванди саноатикунонии босуръат бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда ва омилҳои таъсиррасон сода набуда, он аз як қатор масъалаҳо вобаста ва аз як қатор омилҳои дигар таъсирро ба худ қабул менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, дар шароити имрӯза, ба андешаи мо, саноатикунонии босуръат якчанд марҳалаи асосиро дар бар мегирад, ки онҳо аз: ташкили шаклҳои нави истеҳсолӣ бо ёрии иқтидорҳои меҳнатӣ ва истеҳсолоти меҳнаталаб, корбарӣ бо равишҳои

нави истеҳсолӣ алоқаманд бо моликияти зеҳнӣ, металлургия ва мошинсозӣ, механизатсиякунонӣ ва омилҳои дигари ба ин масъала хос заминаҳои таҳкими саноатикунонӣ мебошанд.

Дар марҳилаи муосир зарур аст, ки ҳамзамон, рушди соҳаҳои меҳнатталаб ва сохторҳои муҳими дигари соҳаи саноат тақвият дода шуда, имкониятҳои нави металургию мошинсозӣ ба роҳ монда шуда, равандҳои механизатсия ва электрификатсияи иқтисоди миллӣ татбиқ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, муваффақиятҳои дар рушди саноати кишвар бадаст овардашуда ба Тоҷикистон имкон доданд, ки ба марҳилаи аввали саноатикунонӣ ва рушди соҳаҳои сармояталаб, миёнатехнологӣ ва афзоиши нақши саноат дар иқтисод хос аст, гузарад.

3.2. Афзалиятҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои фаъолияти соҳибкориро ҳам аз нуқтаи назари институтсионалӣ ва ҳам аз нуқтаи назари таркибӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Зеро асоси муваффақиятҳо дар ҳама самту соҳаҳо аз фаъолнокии соҳибкорон вобастагии зиёд дорад. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки афзалиятҳои соҳибкориро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тандурустӣ ва сиёсӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст. Ба ин хотир, давлат дар доираи ҳадафҳои созандаи худ тавассути барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ ин масъаларо назорат ва дастгирӣ менамояд. Принсипи дуюми рушд, «...ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) оварда шудааст, принсипи индустриалӣ мебошад, ки баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллиро, пеш аз ҳама тавассути гузариш аз модели аграрӣ-

индустриалӣ ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисод дар назар дорад»[9].

Масъалаи раванди мушаххаси рушди ин самт мавриди таваҷҷуҳи роҳбари давлат буда, ба таври доимӣ дар Паёмҳо мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Дар ҳошияи ин, тавре ки «...Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар соли 2018 қайд карданд, ки бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад» [44].

Ҳамзамон бо ин «...Имконияти эълони саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР -2030) гузошта шудааст, ки дар он қайд карда шудааст, бо дарназардошти мониторинги ҳамасола гузаронидашаванда, арзёбии тағйирёбии вазъ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва таъсири он ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии ҳалқ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти СМР-2030-ро такмил медиҳад» [31].

«...Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақши боризи соҳибкории истеҳсолӣ дар ноил шудан ба афзалиятҳои рушди саноат қайд карда шудааст, ки пеш аз ҳама, ба самтҳои зерин алоқаманд аст» [31]:

– «...баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва занҷири арзиши иловашудаи соҳаҳои саноатӣ» [31];

– «...афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ, ки дар бозорҳои дохилӣ ва беруна рақобатпазир мебошад» [31];

– «...ташкили низоми самараноки тайёр намудани мутахассисоне, ки дорои қобилияти офаридан ва азхудкунии технологияҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ мебошанд» [31];

– «...бунёди асосҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи соҳаҳои саноат, ташкили кластерҳои инноватсионӣ ва пурмаҳсул» [31];

– «...мусоидат ба рушди содирот ва низоми миллии воридотивазкунии интихобӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи комплекси агросаноатӣ (коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ва зиёд кардани истеҳсоли он), соҳаи сохтмон, саноати сабук ва хӯрокворӣ» [31].

Масъалаи саноатикунонии босуръати кишвар иқтисодиёти комилан ба рушд нигаронидашударо дар бар мегирад, ки он аз сенарияҳои бозсозӣ ва фароҳамоварии шароити мусоид дар даврaҳои кӯтоҳтарин мебошад. Вобаста ба дастгирӣ ва рушди бахши соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароит барои гуногунрангсозии истеҳсолоти маҳсулоти ниёзи аввал, зарурияти ташкили омилҳои рақобат ва рақобатпазирӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Дар баробари ин, суръати рушди иқтисоди ватанӣ дар дурнамои дарозмуддат бо суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ муайян карда мешавад.

«...Моделсозӣ дар заминаи ҷамъбасти таҷрибаи 52 кишвари дорои даромади миёна ва иқтисоди гузариш дар давраи солҳои 2001-2021 нишон дод, ки тавсеаи бароришиистеҳсолоти саноатӣ бояд бо пешбурди самти содиротии соҳибкории истеҳсолӣ ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, дар доираи баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ алоқаманд бошад» [154, с. 180]. Вобаста ба арзёбиҳо ва натиҷаҳои бадастоварда роҳи ягонаи густариши соҳаи саноат ва ҳамзамон рушди он дар таркиби ММД афзоиши сармоягузорӣ ва маблағгузориҳо ҳамчунин, ҷалби таваҷҷӯҳи институтҳои молиявӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Чунин ҳолат метавонад иқтидори истеҳсолии соҳаи саноати кишварро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд.

Тибқи сарчашмаҳои мавҷуда «...сатҳи сарбории иқтидорро дар солҳои 2015-2023 аз рӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолияти истеҳсолии соҳибкорон метавон ба 3 гурӯҳ тақсим кард»[154, с. 190]:

– «...иқтидори пасти боркунӣ то 50 фоиз барои соҳибкории истеҳсолии бо маҳсулоти меҳнатталаби мобайнӣ - истеҳсоли нуриҳои минералӣ, маводҳои деворӣ, коркарди пахта ва абрешим хос аст»[154, с. 190];

– «...иқтидори боркунии то 60 фоиз дар соҳибкории истеҳсолие мушоҳида мешавад, ки бо истеҳсоли номгӯйи на он қадар калони маҳсулоти истеъмолӣ (масалан, равғани растанӣ, коркарди шир) алоқаманд аст»[154, с. 190];

– «...иқтидори боркунии то 90 фоиз дар соҳибкории истеҳсолие, ки ба содироти маҳсулоти сементӣ нигаронида шудааст, нигоҳ дошта мешавад»[154, с. 190].

Аз ин рӯ, сармоягузории соҳибкорон ба соҳаҳои саноати коркард аз рӯйи суръати афзоиш аз сармоягузорӣ ба бахшҳои истихроҷи иқтисод бояд, ки пеш гузарад. Рушди пешсафонаи соҳибкорӣ дар соҳаҳои коркард аз суръати воридшавии сармоягузорӣ, навсозии истеҳсолот дар асоси қарорҳои муҳандисӣ вобаста хоҳад буд [154, с. 190].

Дастгирии доимии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар самти саноат метавонад ба сифати як механизми меҳварӣ равишҳои дигарро ба вуҷуд оварда, арзёбиҳои навро дар самти равишҳои сифатӣ ва миқдорӣ, ки таъминкунандагони рушди иқтисодӣ мебошанд, ба вуҷуд оварад. Чунин тамоюл метавонад ба нерӯи содиротии кишвар таъсир расонида, мавқеи байналмилалии давлатро дар сатҳи зарурӣ баланд бардорад.

Тавре аз сарчашмаҳо бармеояд «...Амалишавии вазифаҳои гузошташуда дар самти саноатикунонии босуръати кишвар на танҳо ба таъсиси сохторҳои нави соҳибкорӣ дар саноат, ҳамчунин, ба баландбардории маҳсулнокии истеҳсолии онҳо низ оварда мерасонад. Дар баробари ҳалли масъалаҳои инноватсионӣ, ҳамчунин, зарур аст, ки дар самти паст кардани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасонӣ, беҳтар намудани сифати он, баландбардории

даромаднокию афзоиши фоида чораҳои муассири дахлдор андешида шаванд» [154, с. 191-192]..

Натиҷаи чанд соли охир дар самти саноатикунонии босуръати кишвар аз афзоиши назарраси он барои он гувоҳи медиҳад, ки дар ин самт аз як тараф ташаббусҳо афзоиш ёфтаанд ва аз дигар тараф ислоҳот ба таври ҷиддӣ дар ҳоли идомаёбӣ мебошад, ки ҳамаи ин бевосита ба рушди соҳаи саноат мусоидат менамояд. Аз ҷумла, бояд ба нуқтаҳои зерини татбиқнашуда дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ки ба суръат бахшидани рушди иқтисодӣ равона шудаанд, ишора кард:

- нақши сармоягузории хусусии дохилӣ дар рушди иқтисодӣ дар солҳои охир хеле ночиз аст. Бо вуҷуди маълумоти оморие, ки баъзе афзоишро дар соли 2018 нишон медиҳад ва ҳамоно бояд таваҷҷуҳ ба ин масъала бо омилҳои сармоягузорӣ идомадор бошанд;

- дар амал ҷоринамоии имтиёзҳои андозӣ барои расидан ба ҳадафҳои рушди соҳаи саноат бояд доимӣ ва мариди назар бошанд. Аз ҷумла, ин метавонад яке аз сабабҳои сатҳи пасти сармоягузорӣ аз ҷониби корхонаҳои ватанӣ ба истеҳсолот бошад.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, идома додани ислоҳот, ки ҳам ба фароҳам овардани муҳити муассири тиҷоратӣ барои соҳибкории истеҳсолӣ дар умум ва ҳам ба такмил додани равиши мақсаднок нисбат ба корхонаҳои мавҷуда нигаронида шудаанд, зарур аст. Муҳим аст, ки имтиёзҳои андозӣ ва дигар ҳавасмандӣ ба корхонаҳои нав ва мавҷуда баробар татбиқ карда шаванд [154, с. 191-192].

Ҳамоно бо зарурияти соҳа «...Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар (28.12.2024) қайд карданд, ёдовар карда шавад: масъалаи истифодаи соҳибкорону сармоягузорон аз имтиёзи андоз аз фоида ҳангоми бунёди корхонаи нав низ таҷдиди назарро талаб менамояд. Ҳоло имтиёзи зикршуда на аз оғози фаъолияти

истеҳсолии корхона, балки аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он ҷорӣ мегардад» [42].

«...Дар чунин ҳолат қисми зиёди муҳлати имтиёзӣ ба давраи бунёд ва таҷҳизонидани корхонаи нав, яъне то ба даст овардани фоида рост меояд ва соҳибкорону сармоягузорон аз ин имтиёз пурра бархурдор намешаванд» [42].

Қайд кардан зарур аст, ки вобаста ба тағйирёбанда будани таркиби иқтисодиёт ва вазъи муосири низоми иқтисодии кишвар барои фарогирии ҷараёнҳои иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар стратегияву барномаҳо такмил дода мешаванд.

Маълумоти оперативии оморӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2024 дар соҳаи саноат ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, ки дар он устувории соҳа ва баландбардории нерӯи содиротӣ афзалият дорад, чораҳои далдор андешида шудаанд.

Тавре ки ишора шудааст «...нақшаҳои чорабиниҳои барномаҳои гуногун набояд танҳо бо масъалаҳои такмили таъминоти меъёрии ҳуқуқии рушди саноатӣ маҳдуд карда шаванд. Сониян, дар баробари таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ, бояд рушди корхонаҳои мавҷуда таъмин карда шавад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф бояд 10-20 равияи истеҳсолоти ватаниро муайян кард, ки нуқтаҳои рушди минбаъдаи саноат бошанд ва аз рӯйи онҳо нақшаҳои молиявии солимгардониро таҳия кунанд. Дар баробари ин, тадбирҳои дастгирӣ барои чунин корхонаҳо набояд бо сабукиҳои андозӣ ё сармоягузории иловагии қарзӣ маҳдуд карда шаванд. Ин тадбирҳо бояд ҳам масъалаҳои омодасозии захираҳои инсонӣ барои соҳибкории истеҳсолӣ, таъминоти молиявии он, рушди технологӣ ва инноватсионӣ, инчунин, масъалаҳои инжинирингиро низ дар бар гиранд. Танҳо бо чунин равиш дастгирии давлатӣ метавонад самаранок гардида, натиҷаҳои лозимаро ба бор оварад»[142].

«...Масъалан, дар соли 2024-ум 528 корхонаи нави саноатӣ бо 5115 ҷойҳои корӣ мавриди истифода қарор дода шуданд» [113, с. 9, 40-56], [108]:

- дар шаҳри Душанбе корхонаи бофандагии ҶСК «Пиллаи Тоҷик» бо иқтидори истеҳсоли абрешими наддофӣ зиёда аз 40 тонна ва риштаи абрешим зиёда аз 60 тонна дар як сол;

- дар шаҳри Хуҷанд корхонаи истеҳсолии ҶДММ «Сирдарё» бо иқтидори 18 ҳазор тонна истеҳсоли равғани растанӣ дар як сол;

- дар шаҳри Истаравшан корхонаи истеҳсолии ҶДММ «Нур-пак» бо иқтидори истеҳсоли аз 4 то 6 млн. дона халтаҳои полипропилении гуногунҳаҷм дар як сол;

- дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи истеҳсолии ҶДММ «Муосир-пласт» бо иқтидори истеҳсоли аз 20 то 60 млн. дона маҳсулот дар як сол;

- дар шаҳри Бӯстон коргоҳи истеҳсоли ванадийи КФ «Истеҳсоли гидрометаллургӣ» бо иқтидори истеҳсолии 200 тонна маҳсулот дар як сол;

- дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҶДММ «Ҷавоҳироти заргарии Зарафшон» бо иқтидори коркарди то 1 тонна тилло дар як сол;

- дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нонию қаннодии ҶДММ «Нонпаз» бо иқтидори истеҳсолии 40 тонна маҳсулоти нонӣ ва 5 тонна маҳсулоти қаннодӣ дар як шабонарӯз;

- дар шаҳри Душанбе марҳилаи дуюми корхонаи халтаҳои полипропилении ҶДММ «Ғаюр Гурӯҳ» бо иқтидори истеҳсолии 120 млн. дона халта;

- дар шаҳри Норак корхонаи ҶДММ «ТОҶИК ГЛОБАЛ ИНВЕСТ» бо иқтидори истеҳсолии 10 тонна равған дар як шабонарӯз;

- дар шаҳри Хуҷанд корхонаи дӯзандагии ҶДММ «Ситораи тоҷ» бо иқтидори 120 ҳазор маҷмуъ сару либоси махсус ва зиёда аз 1 млн. сару либос дар як сол;

- дар шаҳри Хуҷанд корхонаи ҶДММ «Само» бо иқтидори истеҳсолии 10 ҳазор дона таҷҳизоти гуногуни баркӣ;

- дар ноҳияи Рӯшон корхонаи коркарди меваи ҶДММ «Неъматҳои Рӯшон» бо иқтидори истеҳсолии 1200 тонна меваи хушк ва 500 ҳазор қуттии шартии консерваи меваю сабзавот дар як сол;

- дар ноҳияи Ишкошим корхонаи равғанбарории ҶДММ «Гулчеҳра-80» бо иқтидори истеҳсолии 500 кг равғани ангат дар як сол;

- дар шаҳри Хоруғ корхонаи коркарди санги ҶДММ «Помир Стоун» бо иқтидори истеҳсолии 20 ҳазор метри мураббаъ маҳсулот аз санг дар як сол;

- дар шаҳри Хоруғ корхонаи коркарди шири ҶДММ «Панҷ» бо иқтидори коркарди 2 тонна шир дар як рӯз;

- дар ноҳияи Рӯдакӣ корхонаи қаннодии «Шоҳасар» бо иқтидори истеҳсолии то 800 тонна маҳсулоти қаннодӣ дар як сол;

- дар ноҳияи Рӯдакӣ корхонаи муосири «Хишти аввал» бо иқтидори истеҳсолии 200 ҳазор дона хишт дар як шабонарӯз.

«...Дар соли 2024-ум 3774 корхонаҳои саноатӣ (330 адад зиёд нисбат ба соли 2023), аз ҷумла дар соҳаҳои истихроҷ 351 адад (33 адад зиёд), коркард 3249 адад (292 адад зиёд), таъминоти об, тозакунӣ ва коркарди партовҳо 102 адад (5 адад зиёд) ва таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 72 адад фаъолият доштанд. Аз ин шумора 1229 адад (32,6 фоиз) ба вилояти Суғд, 874 адад (23,2 фоиз) ба вилояти Хатлон, 815 адад (21,6 фоиз) ба шаҳри Душанбе, 718 адад (19 фоиз) ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 138 адад (3,7 фоиз) ба ВМКБ рост меоянд. Бо назардошти ин, дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби соҳибкории истеҳсолӣ ба 53819 млн. сомонӣ баробар гардид. Аз ҷумла, дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2024

ҳиссаи вилояти Суғд 56,4 фоиз, вилояти Хатлон 23,2 фоиз, шаҳри Душанбе 9,6 фоизро, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 9,3 фоиз, ВМКБ 0,6 фоиз ва бозҳисобии мутамарказ 0,9 фоизро ташкил намудааст» [108].

Таҳлили таъмини аҳолӣ аз ҷониби соҳибкории истеҳсолӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал нишон медиҳад, ки дар соли 2024 дар 47 корхонаи ватанӣ 670,2 ҳазор тонна орд истеҳсол гардида, нисбат ба соли 2023-юм 10,7 фоиз зиёд мебошад. «...Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли орд, асосан, аз ҳисоби ҶДММ «Орди Фатир»-и н. Бобоҷон Ғафуров (нисбат ба соли 2023-юм 1,5 маротиба зиёд), ҶДММ «Хубҷамъ Инвест»-и н. Бобоҷон Ғафуров (37,9 фоиз зиёд), ВМ ҶДММ «Хубҷамъ Инвест»-и ш. Бӯстон (6,2 фоиз зиёд), ҶДММ «Султони Ҳаким»-и н.Спитамен (2,3 маротиба зиёд), ҶДММ «Ачр»-и н. Бобоҷон Ғафуров (11,6 фоиз зиёд), ҶДММ «Зерновая компания»-и н. Бобоҷон Ғафуров (4,1 фоиз зиёд), ҶДММ «Сомон кишоварз»-и н.Ҷ.Расулов (3,7 маротиба зиёд) ва бо назардошти оғози фаъолияти ҶДММ «Коғази сафед»-и ш. Гулистон ба вуҷуд омадааст» [108].

Инчунин, дар соли 2024 аз ҷониби 80 корхонаи истеҳсолӣ 26,1 ҳазор тонна равғани растанӣ истеҳсол гардида, нисбат ба соли 2023-юм 0,3 ҳазор тонна ё 1,3 фоиз зиёд шудааст. Афзоиши истеҳсоли равғани растанӣ асосан аз ҳисоби ҶДММ «ЗИРВЭКО»-и ш.Хуҷанд (нисбат ба соли 2023-юм 7,2 маротиба зиёд), ҶДММ «Файзи Алӣ»-и н.Данғара (2,2 маротиба зиёд), ҶДММ «Саманд 2014»-и ш.Душанбе (1,7 маротиба зиёд), ҶДММ «КМ Агро Ойл»-и ш.Ҳисор (1,8 маротиба зиёд), ҶДММ «Хуҷанд Агро»-и н.Бобоҷон Ғафуров (5,6 маротиба зиёд), ҶДММ «Зуҳал Тиҷорат»-и н.Зафаробод (2,1 маротиба зиёд) ва ба фаъолият оғоз намудани 17 корхонаи нав, ба монанди ҶДММ «Элит-Коттон»-и н Ҷалолиддини Балхӣ, ҶДММ «Ташриф»-и ш.Бохтар, ҶДММ «Хубҷамъ Инвест»-и н.Б.Ғафуров ва ҶДММ «Сирдарё»-и ш.Хуҷанд ба вуҷуд омадааст.

Дар зерсоҳаи металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ дар соли 2024 дар ҳаҷми 8090,7 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардида, нисбат ба соли

2023-юм 1611 млн сомонӣ ё 13,5 фоиз зиёд шудааст. «...Афзоиши суръати рушд дар ин зерсоҳа асосан аз ҳисоби КФ «Истеҳсоли гидрометаллургӣ»-и ш.Бӯстон (4 маротиба зиёд), ҶДММ «Алюмин проф»-и ш.Турсунзода (12,1 фоиз зиёд), ҶДММ «Баҳори Бӯстон»-и ш.Бӯстон (2,6 фоиз зиёд), ҶДММ КМТТ «Тачпроф»-и ш.Хуҷанд (27,1 фоиз зиёд), ҶДММ «Оҳангудозии Тоҷикистон»-и н.Рӯдакӣ (13,4 фоиз зиёд) ва ҶДММ «Ширкати мошинсозии технологияҳои муосир»-и ш.Душанбе (1,6 маротиба зиёд) ба вуҷуд омадааст» [108].

Дар соли 2024 дар зерсоҳаи аз ҷониби соҳибкории истеҳсолӣ истеҳсоли нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол ба маблағи 4062,5 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардида, нисбат ба соли 2023-юм 535,2 млн сомонӣ ё 7 фоиз коҳиш ёфтааст. Истеҳсоли нахи пахта ба 106,3 ҳазор тонна баробар шуда, нисбат ба соли 2023-юм 21,1 ҳазор тонна ё 16,5 фоиз кам мебошад.

Дар соли 2024 ҳиссаи саноати истихроҷ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 24,8 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2023 суръати рушди соҳа 43 фоизро ташкил додааст. Аз таҳлил бармеояд, ки ҳиссаи зерсоҳаи истихроҷи маъданҳои филизӣ дар соҳа 93,2 фоизро ташкил дода, афзоиши истеҳсоли ин зерсоҳа 1,5 маротибаро ташкил медиҳад. «...Рушди он асосан аз ҳисоби соҳибкории истеҳсолӣ ВМ ҶДММ «Вен-Дзян»-и ш.Ваҳдат (нисбат ба соли 2023-юм 9,7 фоиз), ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ»-и н.Айнӣ (34,7 фоиз), ҶДММ «Назирӣ»-и н.Ш.Шоҳин (2 маротиба), ҶДММ «Ширкати металлургии Анзоб»-и н.Айнӣ (2,1 маротиба), ҶДММ ТАКХ «Анзоб»-и н.Айнӣ (2,5 маротиба), ҶМТКДММ «Апрелевка»-и ш.Гулистон (21 фоиз) ва ҶСП «Талко Голд»-и н.Айнӣ (2 маротиба) ба вуҷуд омадааст» [113, с. 9, 40-56].

Дар Тоҷикистон 5000 намуди растаниҳо мерӯянд, ки аз онҳо тибқи маълумоти академикҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон П.Н. Овчинников ва К.Х. Ҳайдаров, 720 намуд доруворӣ мебошанд. Дар ҷумҳурӣ барои рушд ва ҷойгиркунии корхонаҳои саноати дорусозӣ шароити мусоид (захираҳои калони оби тоза, истеҳсоли нерӯи барқи

арзон, заминаи кофии ашёи хом) мавҷуд аст. Барои фаъолгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин самт низоми дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии таъсис ва фаъолияти корхонаҳои саноати дорусозӣ зарур аст.

Бо назардошти ин, «...Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилотро ба таври возеҳ муайян карда, қайд карданд, ки барои расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ, принсипи таҳия ва механизми татбиқи сиёсати саноатии кишварро тағйир додан лозим аст» [43].

«...Одатан, дар асоси сенарияҳо ва принсипи индустриалӣ дар рушди мамлакат, барои татбиқи принсипи сеюм – принсипи инноватсионӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дода шудааст, заминаи муҳим мегардад. Дар баробари ин, расидан ба ҳадафи чоруми миллии кишвар – саноатикунонии босуръат бе технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ робитаи соҳибкорӣ бо илм ва ташаккули тафаккури техникӣ дар ҷавонон ғайриимкон аст. Дар ин самт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намуданд, ки ин як такони пурқувват барои ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ-техникӣ дар ҷомеа ва ташаккули иқтисоди илмӣ хоҳад буд» [142].

Қарорҳои муҳандисии соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷанбаи саноатикунонии босуръат бояд ба рушди технологияҳое равона гардида таҷҳизот барои шабакаҳои барқии интеллектуалӣ ва технологияҳои нави истеҳсоли ғизо.

Бо дарназардошти логистикаи мураккаб ва гаронбаҳои таъминоти воридотӣ, аз сабаби дур будани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бозорҳои

асосии истеҳсоли аксари маҳсулот ва таҷҳизот, аз ҷумла маҳсулоти тиббиӣ бояд ба таври кофӣ суръат бахшида шавад.

Дар дурнамои наздик рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар истеҳсоли сафедаҳо ва маҳсулоти хӯрокворӣ, дар асоси технологияҳои ферментатсияи дақиқ ва кишоварзии ҳуҷайра ба рафъи маҳдудиятҳои захираҳои хоси кишоварзии Тоҷикистон як қатор маҳдудиятҳое, ки ба таркиби амнияти ғизоӣ барои саломатӣ ва ҳаёти инсон зарур таъсир расонида, дар таъмини амнияти озуқаворию кишвар нақши бориз мегузорад.

Барои соҳибкории истеҳсолӣ ин ҷанба муҳим аст, азбаски бартарии асосии ин технологияҳо дар шароити Тоҷикистон иқтидори нисбатан пасти сармояи онҳост. Ба шарофати ин, онҳо метавонанд дар оянда дар тиҷорати хурду миёна, ки захираҳои сармоягузорӣ ва ҳалли муҳандисӣ надоранд, истифодаи васеъ пайдо кунанд. Аз нуқтаи назари пайвастшавии илм ва истеҳсолот, бояд қайд кард, ки имрӯз ба коркарди таҷрибавии технологияҳои ферментатсияи дақиқ ва кишоварзии ҳуҷайра, дар заминаи маркази илмӣ-истеҳсолӣ дар яке аз технопаркҳои дар ҷумҳурӣ таъсисдодашуда шуруъ кардан лозим аст.

Саноати маъдани кишвар, инчунин, аз нуқтаи назари соҳибкории истеҳсолӣ, бо назардошти талабот ба як қатор захираҳои минералии Тоҷикистон, аз ҷумла, маъданҳои дорои мис, нуқра, инчунин, кремнийи кристаллӣ, ашёи хоми фосфат, графит ва дигар маъданҳои фоиданок дурнамои хуби рушд дорад. Истихроҷи мис, нуқра, тилло, кремний, графит, ашёи хоми фосфат ва як қатор минералҳои дигар дурнамои хуби содиротӣ дорад. Илова бар ин, иқтидори бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон бо шарти таъмини устувории интиқоли нерӯи барқ дар якҷоягӣ бо технологияҳои нав имкон медиҳад, ки алюминий бо изи камтарини карбон истеҳсол карда шавад. «...Арзёбиҳои коршиносон нишон медиҳанд, ки алюминий тақрибан 88 фоиз талабот ба металлҳоро

дар истеҳсоли батареяҳои офтобӣ ва тақрибан 40 фоиз вазни мошинҳои барқиро ташкил медиҳад, ки ин, афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро нишон медиҳад» [113, с. 9, 40-56].

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар саноати сабуки ҷумҳурӣ дорои иқтидори бузургтарини афзоиши содирот дар байни соҳаҳои саноати коркард мебошад. Аммо барои рушди босуръат, он ба сармоягузории иловагӣ, имтиёзнок ва дарозмуддат муҳтоҷ аст, ки ин масъала метавонад як иқдоми некбинона дар роҳи рушди масъалаи мазкур бошад.

3.3. Афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи сиёсати ҳамгироии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда (дар мисоли саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ, рушди мукаммали иқтисодиётро бидуни мавҷудияти қуввaҳои истеҳсолӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки дар иқтисодиёте, ки низоми пешрафтаи фаъолияти соҳибкорӣ надорад, пешрафти иқтисодиёти он давлат ноқис ва номукаммал мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши соҳибкориро ҳамчун қувваи бузурги истеҳсолкунанда гуфтан мумкин аст. Аз ҳамин лиҳоз, «...махсусан, давлат дар баробари стратегия ва барномаҳои хусусияти умумииқтисодидошта иловатан бо роҳу воситаҳои гуногун, махсусан, стратегия ва барномаҳои дахлдори соҳавиро қабул намудааст, ки ба инҳо пеш аз ҳама дохил мешаванд «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми марти соли 2023, №50 тасдиқ шудааст бомуваффақият амалӣ карда мешавад» [5].

Дар он, аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки «...Ташкили низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муколамаи давлат бо бахши хусусӣ, содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, ба танзим даровардани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор,

низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, ташаккули низоми андозбандӣ ва содагардонии савдои беруна ислоҳоти манфиатноке мебошад, ки ба рушди бахши хусусӣ такони ҷиддӣ бахшид» [5].

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри амалисозии ин барнома тадбирҳои зарурӣ андешида шуд, ки дар натиҷа шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкории аз 187 ҳазори соли 2012 то ба 338 ҳазор дар соли 2021 расонида шуд, ки ин 82 фоиз афзоиш ёфтааст. «...Аз ҷумла, шумораи шахсони ҳуқуқӣ аз 26,2 ҳазор то ба 30,9 ҳазор ва шумораи соҳибкорони инфиродӣ аз 161,2 ҳазор то ба 307 ҳазор зиёд гардид, ки мутаносибан 19 ва 93 фоиз афзоишро нишон медиҳад» [5].

Сенария ва меъёрҳое, ки дар стратегия ва барномаҳои соҳаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, далолат бар он доранд, ки дар рушди устувори иқтисодӣ ва сатҳи некуаҳолии мардум аз фаъолияти соҳибкорӣ вобастагии зиёд дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ эътироф шудааст, ки иқтисоди кишвар, ки бо таваҷҷӯҳ ба ошкорбаёнӣ/кушода будан ислоҳот карда мешавад, бо мақсади ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолӣ бояд дорои аломатҳо ва хусусиятҳои зерин бошад:

- дар асоси тачрибаи хориҷӣ коҳиш додани сатҳи хароҷотҳо дар истеҳсоли маҳсулоти аҳамияти умумидошта дар дохили кишвар;

- дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ бо муқоисаи нархи молҳои хориҷӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон;

- пурзургардонии захираҳои пулӣ ва бо ин роҳ устуворгардонии қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои сарафалби хориҷӣ;

- кушодани бозори дохилӣ барои рақобати хориҷӣ дар ҳамгироӣ бо ҳифзи фасеҳи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва додани имконияту имтиёз ба онҳо;

- пайгирии сиёсати дурусти техникӣ ва инноватсионӣ дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Имрӯз дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳ ба дастгири бахши соҳибкории истеҳсолӣ ба хотири шароитҳои нави корию истеҳсолӣ афзоиш ёфта, ба он диққати махсус зоҳир мегардад.

Дар байни соҳаҳои саноати коркард саноати сабук дорои иқтидори бузургтарини афзоиши содиротӣ мебошад. Аммо дар баробари ин, мувофиқи талаботи муосир, ин соҳа ба азнавтаҷҳизонидани техникӣ ва сармоягузории иловагӣ ниёз дорад. «...Дар солҳои наздик дар ҷумҳурӣ то 5 чунин кластерҳо бо ҷалби сармояи хусусӣ таъсис дода мешаванд. Имконияти ҷалби сармоягузорӣ ба истеҳсолоте, ки дар кластерҳо ҷойгир шудааст, дар сатҳи 200 миллион доллари ИМА арзёбӣ карда мешавад» [88, с. 9, 70-71].

«...Гарчанде аз нуқтаи назари соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои асосие, ки ҷолибияти соҳаҳои алоҳидаи саноатро муайян мекунад, одатан сатҳи нисбатан на он қадар баланди музди меҳнат дар кишвар ба ҳисоб равад, аммо рушди босуръати технология дар даҳсолаҳои охир боиси афзоиши аҳаммияти сармоя ва технология ҳамчун омилҳои муҳимтаре мегардад, ки ба ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ дар муқоиса бо қувваи кории арзон таъсир мерасонанд» [281, с. 17-42]. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истеҳсолоти кластерӣ дар саноати сабук, аз ҷумла дар истеҳсолоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, аз суръати бошиддати тамоюли иваз кардани меҳнат бо сармоя дар функсияи истеҳсолии соҳибкорӣ шаҳодат медиҳанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барои ноил шудан ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва дигар ҷараёнҳои истеҳсолот зарурӣ мебошад.

Зарурияти тафриқабандии корхонаҳои соҳибкории истеҳсолии хурду миёна ва қисман калон ягона омиле мебошад, ки меъёрҳои таъмини саноатикунонии босуръати кишварро имконпазир мегардонад. Аз он хотире, ки соҳибкорӣ ба ҳадафи чоруми кишвар дар самти саноатикунонии босуръат рост меояд, ин масъала ба таври доимӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дорад.

«...Дар интихоб хатоӣ кардан мумкин нест, зеро ин гуна хатоӣ гаронарзиш аст. Аммо интихоб кардан ба манфиати ин ё он стратегия низ баъзан хеле душвор аст» [140, с. 64-79].

Сиёсати воридотивазкунанда ва тавсеаи содирот мавзуи баҳсҳои беохир аст ва аз ин рӯ, ҳар кадоми онҳо ҷонибдорон ва мухолифони худро доранд. Масалан, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳимов Р.К. дар монографияи худ «Проблема развития переходной экономики Республики Таджикистана» қайд мекунад, ки «...кадом роҳнамо – тавсеаи содирот ё воридотивазкунанда бояд дар сиёсати иқтисодии давлат афзалият дошта бошад? Баррасии шартҳои татбиқи консепсияи нави рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҷавобҳо ба ҳамаи саволҳои дар боло зикршуда ба манфиати интихоби сиёсати воридотивазкунии савдои хориҷӣ мебошад» [135, с. 812].

Дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», ки бо қарори МН МО ҶТ 28 декабри соли 2016, №678 тасдиқ шудааст, қайд карда шудааст, ки дар кишвар «Сиёсати воридотивазкунии интихобӣ марҳила ба марҳила амалӣ мегардад. Дар ибтидо истеҳсолоти худӣ барои ивазкунии масолеҳи ашёи хом ва маҳсулоти оддии воридшаванда ташкил хоҳад шуд. Сипас, амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти нисбатан мураккабтари саноатӣ оғоз мешавад. Дар робита ба ин анҷом содироти онҳо оғоз меёбад. «...Татбиқи дурусти сиёсати рушди содирот ва воридотивазкунӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати содирот ва дар маҷмӯъ иқтисодиёт замина фароҳам меоварад» [6].

Тавре Дмитриев М. ва Аминҷонов Р. қайд мекунанд, «...Барои Тоҷикистон таҷрибаи сиёсати ба содирот нагаронидашудаи Туркия, ки дар асоси он таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷойгир аст, таваҷҷӯҳи бештаре дорад. Бо сабаби бозори нисбатан тангтари дохилӣ, сиёсати воридотивазкунӣ метавонад танҳо барои соҳаҳои алоҳида татбиқ карда

шавад. «...Ҳангоми татбиқи стратегияи рушди босуръати саноатӣ, дар ҳолати имконпазирӣ ба истеҳсолоте афзалият додан ба мақсад мувофиқ аст, ки аз захираҳои дохилӣ ба таври максималӣ истифода бурда мешавад» [88, с. 9, 70-71].

Дар ин замина, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, аъзои вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Саидмуродзода Л.Х. дар монографияи худ «...Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики» қайд мекунад, ки «...Ҳангоми интихоби модели стратегияи савдои хориҷӣ, на танҳо иқтидори мавҷудаи захиравӣ, истеҳсолӣ ва молиявии кишвар, самти сиёсати иқтисодии хориҷӣ дар маҷмӯъ, вазъи геоиқтисодӣ ва геополитикӣ дар минтақа ва ҷаҳон, ҷуғрофияи самтгирии он ва хусусияти муносибатҳои он бо дигар кишварҳо ба инобат гирифта мешавад, балки тафаккури аҳолӣ ва тафаккури «Навовар», бо тамоюли ба тағйироти иқтисодӣ низ ба инобат гирифта мешавад» [140, с. 64-79].

Дар идома, муаллиф дар асоси таҳлили рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса мебарорад, ки «... Дар шароити муосири мураккаб ва пешгӯинашавандаи фаъолияти хоҷагии ҷаҳонӣ, афзоиши квотаи савдои хориҷӣ дар иқтисоди трансформатсионӣ ва хурди кушода, ҳамчун қадами аввалин ва ибтидоии ҳамгироӣ ба бозори ҷаҳонӣ, танҳо ҳангоми татбиқи сиёсати интегралии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда имконпазир ва зарур аст» [140, с. 113].

Иқтисодшиносони амрикоӣ Кук С. ва Уотсон Ф. аз Донишгоҳи давлатии иёлоти Айдахо низ зарурати истифодаи мутавозини ҳарду стратегияро таъкид мекунанд. Дар баробари ин, ба ақидаи онҳо «... дар сурати мавҷуд будани бартарии муқоисавӣ дар минтақа, воридотивазкунӣ нисбат ба дастгирии содирот самараноктар хоҳад буд» [278, с. 1-15].

«...Татбиқи моҳиронаи сиёсати воридотивазкунӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати содирот замина фароҳам меорад. То он даме, ки мо рушди соҳаҳои воридотивазкуниро таъмин накунем, масъалаи рушди иқтидори содиротии кишварро ҷиддӣ ба миён гузоштан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабуки ҷумҳурӣ дар бозори дохилӣ бениҳоят муҳим аст [135, с. 812].

Дар робита ба ин, маълумот дар бораи содирот ва воридоти маҳсулоти саноати сабук ва содирот ва воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ барои солҳои 2018-2023 ҷолиб аст (нигаред ба ҷадвалҳои 3.15 ва 3.16).

Ҷадвали 3.15. - Содироти маҳсулоти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор доллари ИМА)

Номгуйи маҳсулот	**2018**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2023 нисбати 2018 - %**
Нахи пахта	165303	136450	202793	194987	198688	120,2
Калобаи пахтагин	37819	36094	51874	48373	38420	101,6
Маҳсулоти дузандагӣ	19435	20868	18795	25280	27762	142,8
Пӯстҳои хом ва коркардшуда	2527	2876	4111	3788	5151	203,8
Газвори пахтагин	465	1307	1670	6423	12162	26,2 маротиба
Пилла ва ресмони абрешимӣ	1142	536	0	320	1087	- 4,8
Пашм	0	0	74	136	214	
Ҷӯроб	346	552	1685	1331	11039	31,9 маротиба
Маснуоти қолинӣ	237	181	85	114	337	148,4
Дигар маҳсулот	1540	226	449	705	5085	33 маротиба
Содироти маҳсулоти саноати сабук - ҳамагӣ:	**229209**	**199120**	**283684**	**281457**	**299945**	**130,9**

Идомаи ҷадвали 3.15.

Содироти ҶТ - ҳамагӣ:	**874038**	**1270629**	**2014510**	**1615472**	**2448800**	**280,2**
Ҳиссаи маҳсулоти саноати сабук дар ҳаҷми умумии содирот - %	26,2	15,7	14,1	17,4	12,2	-14,0 банди фоиз
Маҳсулоти тайёр (маҳсулоти дузандагӣ ва қолинбофӣ, ҷуробҳо)	20018	21420	20565	26725	39138	195,5
Ҳиссаи маҳсулоти тайёр дар содироти саноати сабук - %	8,7	10,8	7,2	9,5	13,0	+4,3 банди фоиз
Ҳиссаи маҳсулоти тайёр дар ҳаҷми умумии содирот - %	2,3	1,7	1,0	1,6	1,6	- 0,7 банди фоиз

Сарчашма: Дар асоси маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумоти омории Робитаҳои иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023 омода карда шудааст.

Бартариятҳои содиротӣ дар навбати аввал дар доираи саноати сабук ташаккул ёфта, он дар давраи оянда имкониятҳои нави ба қисматҳои дигари саноат нигаронидашударо ба вуҷуд меорад. Агар чанде, ки вобаста ба имконият ва иқтидори иқтисодиёти Тоҷикистон саноати сабук дорои афзалият мебошад, нишондиҳандаҳои он низ дар ҳамин замина назаррас мебошанд. Тавре ки аз маълумоти дар ҷадвали 3.15. овардашуда дида мешавад, содироти маҳсулоти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта, аз 229209 ҳазор доллари ИМА соли 2018 ба 299945 ҳазор доллари ИМА дар соли 2023 расида, афзоиш дар ин давра 30,9 фоизро ташкил намудааст.

Вобаста ба маълумоти ҷадвали 3.15 қайд кардан зарур аст, ки дар давраи таҳлилшаванда содироти ҷӯроб 31,9 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин ҳиссаи мусбат аз ҳисоби фаъолияти босамари ҶДММ «Ваҳдат Текстайлс», ҳамчунин, аз ҳисоби матоъҳои пахта 26,2 маротиба афзоиш, ки ин тамоили зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби ҶДММ «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» мебошад.

Иловатан, гуфтан зарур аст, ки содироти пӯстҳои хом ва коркардшуда 2,0 маротиба ва маҳсулоти дӯзандагӣ 42,8 фоиз афзоиш ёфтааст, ки ин, асосан, аз ҳисоби навсозии корхонаҳои қаблан амалкунанда мебошад.

Диаграммаи 3.3. Содироти маҳсулоти саноати сабук

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали №3.15 омода карда шудааст.

Ҳиссаи маҳсулоти тайёр (маҳсулоти дӯзандагӣ ва қолинбофӣ, ҷӯробҳо) дар ҳаҷми умумии содироти маҳсулоти саноати сабук дар соли 2023 ҳамагӣ 13,0 фоизро ташкил намуд. Гарчанде ки 4,3 банди фоиз афзоиш мушоҳида мешавад (аз 8,7 фоиз соли 2018 то 13,0 фоиз соли 2023) ва ин вазъи мусбии рушди содирот ба ҳисоб равад ҳам, ин нишондиҳандаи хеле пасти рушди соҳа мебошад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки воридоти маҳсулоти саноати сабук аз 91773 ҳазор доллари ИМА то 171717 ҳазор доллари ИМА ё 87,1 фоиз афзоиш ёфтааст (нигаред ба ҷадвали 3.16). Суръати баландтарини афзоиш аз рӯйи воридоти маҳсулоти гигиенӣ (2,1 маротиба), пойафзол (2,0 маротиба) ва маҳсулоти дӯзандагӣ (58,6 фоиз) мушоҳида мешавад.

Воридоти мебел 15,0 фоиз, қолинҳо ва маҳсулоти қолинӣ 12,0 фоиз афзоиш ёфта, воридоти ҷӯробҳо ва маҳсулоти ҷӯробу пайпоқ дар сатҳи пешина боқӣ монда, воридоти калобаи пахтагин қариб 2,0 маротиба коҳиш ёфт (ҷадвали 3.16).

Ҷадвали 3.16. - Воридоти маҳсулоти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор доллари ИМА)

Номгӯйи маҳсулот	**2018**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2023 нисбати 2018 - %**
Маҳсулоти дӯзандагӣ	15625	26996	20200	18915	24784	158,6
Маҳсулоти гигиенӣ	13796	19655	22957	23186	29162	211,4
Пойафзол	7910	8862	12018	10804	15676	198,2
Мебел	14358	7452	8785	10411	16506	115,0
Қолин ва маснуоти қолинӣ	4020	3373	4954	5687	4501	112,0
Калобаи пахтагин	3579	1322	1253	2639	1846	51,6
Ҷуроб ва маҳсулоти ҷуробу пайпоқ	1671	1050	912	1594	1676	100,3
Маҳсулоти дигар (газворҳо, ришта ва калобаи синтетикӣ, риштаи дӯзандагӣ, калоба аз нахи ҷут, маводҳои ғайрибофташуда)						
	30814	36373	47212	76731	77566	251,7
Маҳсулоти саноати сабук – ҳамагӣ:	91773	105083	118291	149967	171717	187,1

Идомаи ҷадвали 3.16.

Воридоти ҶТ – ҳамагӣ:	**3151000**	**3150900**	**4209500**	**5167500**	**5880100**	**186,6**
Ҳиссаи маҳсулоти саноати сабук	2,9	3,3	2,8	2,9	2,9	-
Маҳсулоти тайёр (бе калобаи пахтагин ва дигар маҳсулот)	57380	67388	69826	70597	92305	160,9
Ҳиссаи маҳсулоти тайёр дар воридоти саноати сабук - %	62,5	64,1	59,0	47,1	53,7	- 8,8 б.ф.
Ҳиссаи маҳсулоти тайёр дар ҳаҷми умумии воридот	1,8	2,1	1,7	1,4	1,6	- 0,2 б.ф.

Сарчашма: [124][113].

Диаграммаи 3.4. Воридоти маҳсулоти саноати сабук



Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали №3.16 омода карда шудааст.

Аз таҳлили маълумот бармеояд, ки воридот дар кишвар тамоили зиёдшавӣ дошта, ҳаҷми он соли 2023 дар таносуб ба соли 2018 – 2729,1 млн. доллари ИМА ё 86,6 фоиз афзоиш ёфта, он таносубан аз 3151,0 млн. доллари ИМА-и соли 2018 ба андозаи 5880,1 млн. доллари ИМА дар соли 2023 баробар гардидааст, ки ин тамоюл дар саросари кишвар якхела аст. Аз ин гуфтан мумкин аст, ки мавқеияти воридот дар таносуб бо тамоюлҳои тағйирёбанда 2,9 фоизро ташкил медиҳад, ки дар чанд соли охир бетағйир мебошад.

Инчунин, аз маълумоти ҷадвали 3.16 дида мешавад, ки ҳиссаи маҳсулоти тайёр дар воридоти саноати сабук аз 62,5 фоиз соли 2018 ба 53,7 фоиз соли 2023 ё 8,8 банди фоиз ва ҳиссаи маҳсулоти тайёр дар ҳаҷми умумии воридот аз 1,8 фоиз соли 2018 ба 1,6 фоиз ё 0,2 банди фоиз соли 2023 коҳиш ёфтааст.

Воридоти дигар намудҳои маҳсулот дар соли 2023 нисбат ба соли 2018 – 46752 ҳазор доллари ИМА ё 2,5 маротиба афзоиш ёфта, аз 30814 ҳазор доллари ИМА соли 2018 ба 77566 ҳазор доллари ИМА дар соли 2023 расидааст. Ин нишондиҳандаҳо ҳамчун омилҳои мусбӣ арзёбӣ мешаванд, чунки соҳибкорон бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти тайёр, харидории ашёи хом ва маводҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолнашударо зиёд мекунанд.

Акнун салдои/тавозуни бамиёномадаи савдои хориҷиро дар маҷмӯъ аз рӯйи кишвар ва маҳсулоти саноати сабук дида мебароем (нигаред ба ҷадвали 3.17).

Ҷадвали 3.17. - Содироту воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ ва маҳсулоти саноати сабук (ҳазор доллари ИМА)

Номгӯйи маҳсулот	2018	2020	2021	2022	2023	2023 нисбат ба 2018 - %
Содирот – ҳамагӣ	874038	1270629	2014510	1615472	2448800	280,2%
Воридот – ҳамагӣ	3151000	3150900	4209500	5167500	5880100	186,6%
Тавозуни тиҷоратӣ	- 2276962	- 1880271	- 2194990	- 3552028	- 3431300	
Индекси содирот нисбати воридот	1/3,60	1/2,48	1/2,09	1/3,20	1/2,40	- 1,20
Содироти маҳсулоти саноати сабук	229209	199120	283684	281457	299945	130,9%
Воридоти маҳсулоти саноати сабук	91773	105083	118291	149967	171717	187,1%
Тавозуни тиҷоратӣ	+ 137436	+ 94037	+ 165393	+ 131490	+ 128228	
Индекси содирот нисбати воридот	2,50/1	1,89/1	2,40/1	1,88/1	1,75/1	- 0,75

Сарчашма: [124], [113]..

Тавре ки аз маълумоти дар боло овардашуда дида мешавад, сарфи назар аз афзоиши пешрафткунандаи содирот дар муқоиса бо воридот дар солҳои 2018-2023 (афзоиши содирот - 280,2 фоиз ва воридот 186,6 фоиз) (ин омили мусбат аст), ҳанӯз ҳам салдои/тавозуни назарраси манфии савдои хориҷӣ (мувофиқан -2276962 ҳазор доллари ИМА дар соли 2018 ва -3431300 ҳазор доллари ИМА дар соли 2023), ки падидаи манфӣ аст, мушоҳида мешавад. Новобаста аз он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таносуби содироту воридот дар маҷмӯъ манфӣ мебошад, лекин аз нуқтаи назари таркибӣ ин масъала дар сатҳи саноат тамоюли дигар дорад. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки тибқи нишондиҳандаҳо дар соҳаи саноат таносуб байни содирот ва воридот мусбат буда, ҳиссаи содирот аз воридот зиёд мебошад (нигар диаграммаи 3.5.)

Диаграммаи 3.5. Ҳаҷми содирот ва воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвалҳои №3.17 омода карда шудааст.

Дар таркиби сохтории рушди иқтисодиёт соҳаи саноат мавқеи калидӣ дошта, тамоюлҳои рушди он назаррас ва ҳиссаи он ба таври мутавозин нигоҳ дошта мешавад. Аз ин пас бармеояд, ки дар баланд бардоштани нерӯи содиротии кишвар ин бахши муҳим низ мавқеи калидӣ ва асосӣ дорад. Агар аз нуқтаи назари таркибӣ низ ба ин масъала назар афканем, пас маълум мегардад, ки содирот ва воридоти маҳсулоти саноати сабук низ бо чунин тамоили мусбат ҷамъбаст гардида, нишондиҳандаҳо ба таври мушаххас аён мебошанд.

Диаграммаи 3.6.- Содирот ва воридоти маҳсулоти саноати сабук



Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали №3.17 омода карда шудааст.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки индекси таносуби содирот ба воридот (аз 1/3,60 то 1/2,40) ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, ки ин динамикаи мусбат аст.

Он чи ки ба содирот ва воридоти маҳсулоти саноати сабуки кишвар дар солҳои 2018-2023 дахл дорад, мо дар ин ҷо тавозуни мусбати савдои хориҷиро мушоҳида мекунем (мувофиқан +137463 ҳазор доллари ИМА дар соли 2018 ва +128228 ҳазор доллари ИМА дар соли 2023), ки ин омили мусбӣ аст. Аммо ин ҳамон ҳолатест, ки ин тавозун ба интизориҳо ҷавобгӯ нест, зеро он қариб пурра аз содироти ашёи хом ташаккул ёфтааст, на маҳсулоти тайёр.

Маълумоти таҳлилгардида нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук дар таносуб бо воридоти ин навъи маҳсулот

тамоили мусбатро касб намуда, он дар таносуб бо содирот мутаносибан 187,1 фоиз ва 130,9 фоизро ташкил медиҳад, ки ин бо тамоили коҳиши нишондиҳандаи содирот нисбат ба воридот 2,50/1 то 1,57/1 баробар гардид, ки тамоили манфӣ дорад.

Тавре ки дар боло зикр гардида буд, содироти маҳсулоти саноати сабуки кишвар дар тӯли 5 сол, аз соли 2018 то 2023 ҳамагӣ 30,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин суръати хеле пасти афзоиш аст. Ҳиссаи маҳсулоти тайёр (маҳсулоти дӯзандагӣ ва қолинбофӣ, ҷӯроб) дар ҳаҷми умумии содироти маҳсулоти саноати сабук ҳамагӣ 13,0 фоизро ташкил дод, яъне 87,0 фоиз содирот ин ашёи хом ва нимфабрикатҳо, аз ҷумла, нахи пахта - 66,2 фоиз ва калобаи пахтагин - 12,8 фоиз мебошад.

Аз таҳлили маълумоти дар боло овардашуда хулоса баровардан мукин аст, ки барои бамаротиб тағйир додани таносуб байни содирот ва воридот ва аз содироти ашёи хом гузаштан ба содироти молҳои тайёри дорои арзиши изофӣ зарурияти тақвият ва дастгирии бевоситаи соҳибкории истеҳсолиро тақозо намуда, талаб менамояд, ки аз ҳисоби дастгирии ин ниҳод ҷанбаҳои мусбати ин масъала таъмин гарданд.

Тибқи ҳисобҳои муҳаққиқи ватанӣ Маҳкамов Б.Б. дар ҷумҳурӣ «... мувофиқи меъёрҳои миёнаи истеъмоли либос, таъминоти 1 нафар дар либоси истеҳсоли ватанӣ ҳамагӣ 2,5 фоизро ташкил медиҳад» [112, с. 162]. Тамоили мусбатро касб намудан дар сатҳи нишондиҳандаи мазкур бештар либосҳои мактабиро шомил кардан мувофиқи мақсад мебошад. Илова бар ин, дар ин самт то ҳол маҳсулоти воридотӣ дар шакли либосҳои мактабӣ зиёд мебошад. Бо туфайли авҷ гирифтани тиҷорати ҷаҳонӣ дар заминаи баланд гардидани талабот ба маҳсулоти либосворӣ ва нассоҷӣ, истеҳсолот дар ин самт муҳим ва зарурӣ буда, дар кишвар пайгирии он манфиатовар мебошад. Дар таркиби саноати сабук ин навъи маҳсулоти саноатӣ новобаста аз оне ки ба саноати хурд шомил мегарданд, аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии бештарро доро мебошанд.

Тавассути афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар номгӯйи молҳои зикргардида, рушди доимии номенклатураи ҷудокунии молҳо, корбарӣ дар сифати молҳои истеҳсолшуда, ба меъёрҳои рақобат мутобиқ намудани сифати он тавассути қуввaҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон имконпазир мегардад.

Вобаста ба мушаххасоти дар боло зикргардида, истеҳсол ва содироти номгӯйи маҳсулоти саноати сабуки Тоҷикистонро, аз ҷумла: нахи пахта (тонна), калобаи пахтагин (тонна) ва маҳсулоти дӯзандагӣ (ҳазор сомонӣ) дар соли 2023 баррасӣ намуда, вазни хоси содироти ин намуди маҳсулотро дар ҳаҷми умумии истеҳсоли онҳо дида мебароем.

Ҷадвали 3.18. - Истеҳсол ва содироти нахи пахта, калобаи пахтагин ва маҳсулоти дӯзандагӣ дар соли 2023

Номгӯйи маҳсулот	**Ҳаҷми истеҳсол**	**Содирот**	**Вазни таносуби содирот дар ҳаҷми умумии фурӯш бо %**
Нахи пахта (тонна)	127400	95510	75,0
Калобаи пахтагин (тонна)	20339	13132	64,6
Маҳсулоти дӯзандагӣ (ҳазор сомонӣ)	463177	301065	65,0

Сарчашма: Маводҳои оперативии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Намунаҳои возеҳи истифодаи стратегияҳои ба содирот нигаронидашуда, воридотивазкунанда ё сиёсати интегралӣ корхонаҳои зерини соҳа мебошанд (ҷадвали 3.19). Дар шароити имрӯза яке аз иқтидор ва имкониятҳои нерӯи содиротии кишвар аз ҳисоби истифодаи пахта ва дигар маҳсулоти ба он вобаста иборат мебошад. Бинобар ин, таваҷҷӯҳ ба истеҳсоли он дар давоми чанд соли охир зери назорати

давлат, дар заминаи ҳавасмандии баъзе минтақаҳои ҳосилхез ба вуҷуд омадааст. Аз ин хотир, дар соли 2023 вазни таносуби содирот дар ҳаҷми умумии фурӯш аз ҳисоби нахи пахта 75,0 фоиз, калобаи пахтагин 64,6 фоиз ва маҳсулоти дӯзандагӣ 65,0 фоизро ташкил намудааст, ки ин нишондихандаҳо назаррас мебошанд.

Ҷадвали 3.19. - Ҳаҷми фурӯш ва содироти маҳсулоти дӯзандагӣ дар баъзе корхонаҳои соҳа дар соли 2023 (ҳазор сомонӣ)

Номгӯйи корхонаҳо	Ҳаҷми фурӯш	Содирот	Вазни таносуби содирот дар ҳаҷми умумии фурӯш бо %
ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу текстил»	471464	471464	100,0
ҶДММ «Ҷавонӣ»	129655	129293	99,7
ҶСК «Гулистони Душанбе»	4666	947	20,3

Сарчашма: Маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоикистон. Маълумот оид ба ҶСК «Гулистони Душанбе» дар 9 моҳи соли 2024 бо назардошти азнасозӣ дар соли 2023.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, тамоми маҳсулоти дӯзандагии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» ва қариб тамоми маҳсулоти ҶДММ «Ҷавонӣ» ба содирот нигаронида шуда, қариб 80 фоиз маҳсулоти ҶСК «Гулистони Душанбе» дар бозори дохилӣ фурӯхта шуда, ҳамагӣ 20 фоиз ба содирот равона карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки қариб ҳамаи корхонаҳои хурду миёнаи дӯзандагӣ ба бозори маҳаллӣ нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки корхонаҳои калон ба содирот нигаронида шудаанд. Ҳамаи гап дар он аст, ки онҳо бояд ба содирот бароянд, зеро барои хариди ашёи хом ва маводҳое, ки то ҳол дар ҷумҳурӣ истеҳсол нашудаанд, асъори хориҷӣ лозим аст (риштаҳои пахтагин, газворҳои гуногуни абрешимӣ ва

синтетикӣ, аз ҷумла зермонҳои химикатӣ ва рангаҳо, фурнитура ва ғайра).

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиши намунаҳои рушди соҳибкорӣ дар саноати сабуки ҷумҳурӣ, ёдовар шудан бамаврид аст, ки вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ ва сатҳи даромаднокии аҳолӣ, дастгирии соҳибкории хурд дар айни замон мувофиқи мақсад мебошад.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар шакли корхонаҳои калон унсури муҳими сиёсати ба содирот нигаронидашудаи Тоҷикистон буда, ба рушди иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, ба назари мо, маҳз корхонаҳои миёна бояд пайванди муҳими стратегияи рушди иқтисодии Тоҷикистон гардида, ба таҳкими устувории иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат намоянд. Корхонаҳои миёна дар сиёсати интегралии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд. Чунин корхонаҳои истеҳсолӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ мусоидат намуда, чандирӣ ва мутобиқшавии иқтисодро таъмин мекунанд, ки барои рушди устувор муҳим аст. Маҳз корхонаҳои миёна ба тавсеаи доираи молҳои содиротӣ мусоидат мекунанд, ки вобастагиро аз як бахш ё маҳсулот коҳиш медиҳанд.

Дар ҷумҳурии мо ин истеҳсоли нассоҷӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмониро дар бар мегирад. Корхонаҳои миёна аксар вақт аз корхонаҳои хурду калон нигоҳ карда, бисёртар ва зиёдтар омодаанд технологияҳои нав ва навовариҳоро ҷорӣ кунанд, ки ин рақобатпазирии маҳсулотро дар бозорҳои байналмилалӣ афзоиш медиҳад. Бо сабаби чандирии худ, корхонаҳои миёна метавонанд ба тағйирот дар тиҷорати байналмилалӣ тавассути таъсиси шарикии нав ва ворид шудан ба бозорҳои нав зудтар амал кунанд.

Дар маҷмӯъ, маҳз ҳамин намуди соҳибкории истеҳсолӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ ба дастгирии давлат ниёз дорад. Аз ин рӯ, барномаҳо ва ташаббусҳои давлатӣ ҳамчун механизми индикативии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ бояд дар дастгирии корхонаҳои миёна тавассути дастрасӣ ба маблағгузорӣ, омӯзиш ва кор дар бозорҳои байналмилалӣ нақши муҳим дошта бошанд.

ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ

Яке аз масъалаҳои асосие, ки бевосита мо бо он метавонем зиндагии шоиста дошта бошем ва давлат пайваста ба он такя намояд, ин албатта дастгирии бевоситаи соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ мебошад. Чунин тамоюл ба мо имкон медиҳад, ки роҳҳои таъмини саноатикунонии босуръати кишварро таъмин намуда, як қатор имкониятҳо ба дигар соҳаҳо фароҳам оварда шавад.

Фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар саноат дар минтақаҳои кишвар пайгирӣ карда мешавад, аз ҷумла дар вилояти Суғд - 2,3 баробар афзоиш, дар НТҶ – 2,0 баробар афзоиш, дар вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе – 1,6 баробар афзоиш ва дар ВМКБ бошад, пастшавии ҳаҷми истеҳсолот мушоҳида карда мешавад (9,8 фоиз).

Вобаста ба ин, дар самти соҳибкории истеҳсолӣ ва соҳаи саноат натиҷаҳои зерин ба даст оварда шудаанд:

- дар вилояти Суғд - аз рӯйи истихроҷи маҳсулоти энергетикӣ ва ғайриэнергетикӣ (73,5 фоиз ва 80,4 фоиз), истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ (69,4 фоиз), истеҳсоли чарм, маҳсулоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол (50,4 фоиз), коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ (49,3 фоиз), истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасса (45,4 фоиз), истеҳсоли металлургия ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри металлӣ (83,7 фоиз);

- дар вилояти Хатлон аз рӯйи истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (59,8 фоиз), истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ (38,8 фоиз), истеҳсоли кимиёвӣ (53,3

фоиз), истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ (50,4 фоиз), истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ (50,2);

- дар шаҳри Душанбе - аз рӯйи истеҳсоли селлюлозӣ-коғазӣ, фаъолияти нашриётию полиграфӣ (64,5 фоиз), мошинсозӣ (70,5 фоиз).

Аммо дараҷаи технологии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ дар сатҳи на он қадар баланд қарор дорад ва дар сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои пасти технологӣ бартарӣ доранд. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръат ҳануз лозим аст, ки роҳи дарозеро тай кунад. Агар соҳибкории хурд дар ҷумҳурӣ, асосан, ба бозори дохилӣ (воридотивазкунӣ) нигаронида шуда бошанд, корхонаҳои калон ба содирот нигаронидашуда мебошанд.

Хулосаи асосии боби мазкур аз он иборат аст, ки маҳз корхонаҳои миёна, ки истеҳсоли нассоҷӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмониро дар бар мегиранд, бояд дар сиёсати интегралии самти содирот ва ивазкунии воридот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайванди муҳим гарданд. Маҳз корхонаҳои миёна, аксар вақт аз корхонаҳои хурду калон нигоҳ карда, бисёртар омодаанд, ки технологияи нав ва навовариҳоро ҷорӣ карда, рақобатпазирии маҳсулотро дар бозорҳои байналмилалӣ афзоиш диҳанд ва маҳз ин корхонаҳо ба дастгирии давлат бештар ниёз доранд. Аз ин рӯ, механизми индикативии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ бояд дар дастгирии корхонаҳои миёна нақши муҳим дошта, дастрасӣ ба маблағгузорӣ, омӯзиш ва кор дар бозорҳои байналмилалиро таъмин намояд.

БОБИ 4. ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА МУШКИЛОТИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

4.1. Махсусиятҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ

Дар ҷомеаи имрӯза соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз муассиратин ва заринтарин омили асосии рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб ёфта, он дар таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ нақши калидӣ дорад. Истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷомеаи имрӯза яке аз механизмҳои меҳварие мебошад, ки тавассути он дигар соҳаҳои истеҳсолот, махсусан, бунёди корхонаҳои сатҳи гуногун имконпазир мегардад. Бинобар ин, ҳама гуна шахси дорои сармояи муайян наметавонад дар хоҷагии қишлоқ соҳибкор бошад.

Дар самти дастгирии бахши кишоварзӣ ва додани имконият ба бахши хусусӣ, ки татбиққунандаи он шахсони алоҳида маҳсуб меёбанд, давлат ислоҳотро дар самти тағйир додани таркиби соҳа, яъне аз колхозу савхозҳо гузаштан ба хоҷагиҳои деҳқонӣ як таҳаввулоти навро ба миён овард.

Дар робита ба ҳамаи ин, иброз доштан зарур аст, ки дар марҳалаи аввали ба даст овардани истиқлолият соҳаи кишоварзӣ ба як талафоти бузурги техникӣ ва сохторӣ рӯ ба рӯ гардида, таназзули иқтисодӣ ва душворшавии сатҳи зиндагии аҳолиро ба миён овард. Зеро, қисми зиёди ба кор бандбудагон дар кишвар ба соҳаи кишварзӣ дар ҳамоҳангӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ рост меоянд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ аз давраи пайдоиши олам то ба имрӯз асилтарин омили рушди соҳаи кишоварзӣ новобаста аз замон ва вақт замин маҳсуб ёфта, имконияту иқтидорҳо дар дилхоҳ соҳа тавассути замин таъмин карда мешаванд. Илова бар ин, ниҳоди соҳибкорӣ низ дар ташаккули иқтидорҳо ба воситаи замин ниҳоят муҳим ва назаррас мебошад.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ пай бурдан мумкин аст, ки ба миён овардани шароити ҳамгироӣ яке аз механизмҳое мебошад, ки дар сатҳи хоҷагии қишлоқ алоқамандии амалкардҳои истеҳсолиро дар заминаи моликияти дастаҷамъона ба миён оварада, самарабахшӣ ва ҳосилнокиро дар истифодаи мақсадноки замин таъмин менамояд. Дар ин замина, барои ташкили ҳадафҳои ба рушд нигаронидашуда, ки тавассути замин ба даст меоянд, нақши ниҳоди соҳибкорӣ муҳим ва зарурӣ мебошад.

«...Дар миёнаи солҳои 60-уми асри XX комплекси агросаноатии (КАС) Тоҷикистон дар иқтисоди ҷумҳурӣ мавқеи асосиро ишғол мекард, зеро ҳиссаи ӯ зиёда аз 52 фоиз маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, 60 фоиз аҳолии қобили меҳнати дар истеҳсолот машғул ва 50 фоиз озуқавории истеъмолшавандаро ташкил медод» [151, с. 12-13]. Бояд иброз дошт, ки яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ва ба таври доимӣ таъмин намудани бозори дохилӣ аз молҳои истеҳсолшуда, албатта, ин дастгирии КАС мебошад, ки чунин ҳолат аз як тараф метавонад сатҳи бозоргирии маҳсулоти кишоварзиро баланд бардорад ва аз дигар тараф ҳосилнокии меҳнату давраи ҳаёти молҳои кишоварзиро дароз намояд. Дар асоси таҷриба ҳаминро бояд гуфт, ки рушди КАС алалхусус, шакли омезишёфтаи саноат кишоварзӣ буда, он метавонад бо тамоюлҳо ва равишҳои гуногун тақвият дода шаванд. Дар мавриди дигар, мо бар он назарем, ки ҳангоми рушди КАС зарурияти дастгирии соҳа аз нуқтаи назари молиявӣ ва сохторӣ ба миён омада, равишҳои гуногун дар он ташаккул меёбанд. Бинобар ин, давлатро зарур аст, ки ҳамчун ниҳоди масъулиятдор ва дорои имконияти имтиёздиҳӣ ба рушди КАС таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, равишҳои гуногун ва имкониятҳои ба ин монандро ба миён оварад.

Ҳар як соҳаи фаъолият ба худ як равиши махсуси бозсозӣ ва бозофаринӣ ё қобилияти баланди таъсиррасонӣ ва дигаргунсозӣ дорад. Дар таҷриба соҳибкории истеҳсолӣ дорои як қатор махсусиятҳо мебошад, ки ҳамаи онҳо муҳимияти онро дар рушди иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Таҷриба нишон додааст, ки зарурият ба рушди соҳибкорӣ роҳи ягонаи расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат мебошад. Дар муҳити фаъолияти соҳибкорӣ пурмаҳсултарин ва пурмасъулияттарини он соҳибкории кишоварзӣ мебошад, ки дар таъмини шуғли пурмаҳсул ва зиндагии шоистаи аҳолӣ нақши калидӣ дорад ва метавонад бо бартарии худ меҳварияти дигар самтҳоро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд. Аз ин хотир, мо махсусиятҳои соҳибкории кишоварзиро дар доираи омилҳои зерин асосӣ меҳисобем (ниг. расми 4.1).



Расми 4.1. Махсусиятҳои соҳибкории кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма. Аз тарафи муаллиф таҳия шудааст

Дар яке аз чор ҳадафи стратегии кишвар агар чанде, ки дар ду самти он бахши соҳибкорӣ нақши калидӣ дорад, соҳибкории кишоварзӣ аз муҳимтарин унсурҳои он ҳисоб ёфта, нақши он дар рушди ММД ва суботи сартосарии ҷомеа муҳим ва зарур мебошад. Ҳамин махсусиятҳо аст, ки Роҳбари Олии кишварамон ва ҳамчунин, Ҳукумати кишвар ба ин

масъала таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамоянд. Зеро, дар соҳибкории кишоварзӣ афзалиятҳои зиёди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба таври доимӣ вуҷуд доранд.

Мо ба чунин ақида ҳастем, ки баназаргирии меъёрӣ ва доимии татбиқи соҳибкории инноватсионӣ метавонад як қатор имкониятҳои навро дар рушди иқтисодиёти миллӣ ба миён оварад.

Сиёсатҳои қобили эътимоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси бо суръати баланд рушд кардани соҳаи кишоварзӣ гардидааст, ки ҳамаи ин бевосита имкониятҳои нави рушдро дар соҳа фароҳам меоварад. Тибқи маълумоти то солҳои нисбатан наздик ё дар ду даҳсолаи охир фаъолияти хоҷагидорӣ дар шакли колхоз ва совхозҳо ташаккул ва рушд мекарданд. Айни замон, бо шарофати як қатор ислоҳотҳои соҳавӣ бахши соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дастгирии бефосилаи ин соҳа ташкил медиҳад.

Интихоби шакли хоҷагидорӣ бояд ихтиёрӣ бошад. Пеш аз оне ки ягон шакли хоҷагидорӣ ҷорӣ карда шавад, бояд баҳогузории объективона сурат гирад ва андозаҳои пешакии самарбахшии ин шакли ташкили истеҳсолот ҳисоб карда шаванд. Дар ҳама ҳолат самарабахшии низоми ҷоришавандаро танҳо амалия собит мекунад. Дар амал татбиқнамоии шаклҳои мухталифи ташкили истеҳсолот бояд рақобатро ба вуҷуд орад, ки он дар навбати худ ба ҳамон шакли истеҳсолот оварда мерасонад, ки нерумандӣ ва самарабахшии худро исбот кардааст. Айни замон дар хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ истифода бурда мешаванд, ки аз ҳамдигар бо мақоми ҳуқуқӣ, сохтори ташкилӣ, миқёси истеҳсолот, фаъолияти аслӣ, тахассус ва дигар нишонаҳо фарқ мекунанд.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ корхонаҳои навъҳои бозорӣ, аз қабили таовунҳо, корхонаҳои дастаҷамъӣ, хоҷагиҳои фермерӣ, хоҷагиҳои рафиқона, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ бунёд ёфта, тараққӣ мекунанд.

Дар солҳои охир корхонаҳои кишоварзӣ дар манотиқи ҷумҳурӣ ба тарзи зерин ҷойгир шуда буданд (ниг. ба ҷадвали 4.1).

Ҷадвали 4.1. - Сохтори шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон барои соли 2024 (воҳид)

Нишондиҳандаҳо	Хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ	Дигар корхонаҳои кишоварзӣ
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	179818	4627
ВМКБ	4044	129
Вилояти Суғд	67715	1505
Вилояти Хатлон	71792	2385
Душанбе	713	8
НТҶ	35554	600

Сарчашма: [113] .

Дар иқтисодиёти имрӯза яке аз бахшҳои калидии иқтисодиёти миллӣ дар соҳаи кишоварзӣ ин хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд, ки онҳо ба сифати муҳаррики пешбаранда дар ин соҳаи ҳаётан муҳим мавқеи ҳалкунанда доранд. Ва аз маълумоти ҷойдошта низ бармеояд, ки фаъолият ва заминаҳои густариши ин бахши муҳими соҳаи кишоварзӣ хосияти минтақавии рушд дошта, дар ҳар минтақа тамоюли гуногун дорад. Тавре аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда бар меояд, ҳиссаи бештари ин нишондиҳанда ба вилояти Хатлон – 71792 адад, вилояти Суғд – 67715 адад, НТҶ – 35554 адад, ВМКБ - 4044 адад ва ба шаҳри Душанбе - 713 адад рост меояд, ки сатҳи тағйирёбандагии нишондиҳандаҳо дорои хусусиятҳои минтақавӣ, талабот, имконият, иқлим, боду ҳаво, шароит, боркашонӣ ва монанди инҳоро доро мебошад.

Ҷадвали 4.2. - Нишондиҳандаҳои асосии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон дар солҳои 2002- 2023

Номгӯй	2002	2009	2015	2020	2021	2022	2023	2023 нисбати 2002 - %
Шумораи хоҷагиҳои ХД-и ба қайд гирифташуда (воҳид)	14763	37966	140239	179005	167009	172107	176524	11,9 маротиба
Майдони умумии замин (ҳаз. га)	3991,9	5257,3	5127,6	14137,9	14137,9	14137,9	14137,9	354,1
Замини кишт (ҳаз. га)	1688,1	2655,8	2557,1	6978,2	6953,9	6939,9	6947,3	411,5
Майдони кишти кишоварзӣ (ҳаз. га)	189,9	509,9	534,1	553,9	567,2	545,6	549,6	289,4
Ба як ХДФ рост меояд, майдони умумии замин (га)	270,4	138,5	36,6	79,0	84,7	82,1	80,1	29,6
Майдони кишти кишоварзӣ (га)	114,3	70,0	18,2	39,0	41,6	40,3	39,4	34,4
Майдони кишт (га)	12,9	13,4	3,8	3,1	3,4	3,2	3,1	24,1

Сарчашма: [113].

Аз рақамҳои ҷадвалҳои болозикр бармеояд, ки дар давраи таҳқиқотшаванда (солҳои 2002-2023) шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ соли 2023 нисбат ба соли 2002 11,9 маротиба афзоиш ёфта, аз 14763 то ба 176524 воҳид расида, майдони кишти онҳо бошад, дар ин давра аз 189,9 ҳаз. га ба 549,6 ҳаз. га афзудааст (359,9 ҳаз. га ё 2,9 баробар афзоиш).

Ҷадвали 4.3. - Истеҳсоли навъҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ дар гурӯҳҳои гуногуни хоҷагиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2002-2023 (ҳаз. тонна)

Бахши ҷамъиятӣ (колхозҳо, совхозҳо, хоҷагиҳои байнӣ)	Номгӯйи маҳсулоти кишоварзӣ					
	Солҳо	Ғалладона	Картошка	Сабзавот	Обчакорӣ	Пахта
Дар корхонаҳои кишоварзӣ	2002	285,4	28,4	103,5	36,3	383,8
	2009	173,2	28,4	78,7	43,5	72,2
	2010	154	50	79,3	47,9	77,8
	2015	154	71,8	99,2	34,1	45,1
	2020	156,2	100,9	127,5	47,4	92,2
	2021	144,4	126,5	118,3	43,2	93,8
	2022	189,8	174,9	132,3	59,2	100,2
	2023	169,8	182,1	135,9	54,9	99,7
Хоҷагиҳои шахсии ёрирасон	2002	276,1	244,3	307	55,1	__
	2009	454,5	464	674,8	126,3	__
	2010	471,7	495,2	772,8	132	__
	2015	405,8	386,8	817,3	128,1	__
	2020	492,5	365,9	972,4	138,7	__
	2021	499,7	302,2	1081,9	159,7	__
	2022	516,8	315,5	1069,2	163	__
	2023	507,3	347,2	1189,6	168,3	
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	2002	139,1	84	63,1	19,8	131,6
	2009	666,8	198,5	293,4	254,8	223,8
	2010	635,3	214,9	389,9	302,5	232,7
	2015	832,8	428,8	750,1	430,2	224,9
	2020	912,7	555,7	1379,5	570,8	303,8
	2021	942,2	612,6	1397,4	615,9	295
	2022	1049,7	604	1513,3	620,4	304,5
	2023	1077,8	615,6	1700,7	786,7	244,6
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	2002	700,6	356,7	473,5	111,3	515,4
	2009	1294,5	690,9	1046,9	424,6	296
	2010	1261	760,1	1242	482,4	310,5
	2015	1392,6	887,4	1666,6	592,4	270
	2020	1561,4	1022,5	2479,4	756,9	396
	2021	1586,3	1041,3	2597,6	818,8	388,8
	2022	1756,3	1094,4	2714,8	842,6	404,7
	2023	1754,9	1144,9	3026,2	1009,9	344,3

Сарчашма: [113].

Таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли ғалладона, картошка, сабзавот, обчакорӣ, пахта нисбат ба дигарон хеле назаррас аст, яъне таносуби хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсолоти соли 2023 чунин аст, ғалладона 61,4 фоиз, картошка – 53,7 фоиз, сабзавот – 56,2 фоиз, обчакорӣ – 77,9 фоиз, пахта – 71,04 фоиз ва мутаносибан дар хоҷагиҳои шахсии ёрирасон 28,9 фоиз, 30,3 фоиз, 39,3 фоиз, 16,6 фоиз.

Ҷадвали 4.4. - Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар тамоми гурӯҳҳои хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2024)

	1991	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Тамоми гурӯҳҳои хоҷагиҳо							
Чорво ва парранда (дар вазни зинда), ҳаз. тонна	150,7	272,5	300,1	327,7	349	398	416
Шир, ҳаз. тонна	587,2	1000,6	1020,9	1042,6	1046,2	1118,5	1177,4
Тухм, млн. дона	454,3	727	983,1	1053,5	1212,2	1223,7	1265,6
Пашм (дар вазни аслӣ), тонна	4432	7771	8017	8152	8376	8755	9094
Корхонаҳои кишоварзӣ							
Чорво ва паранда (дар вазни зинда), ҳаз. тонна	74	9,5	27,5	40,5	47,3	50,8	39,9
Шир, ҳаз. Тонна	280,6	16,9	17,3	16,8	14,9	13,5	12,3
Тухм, млн. дона	402,6	545,9	800,3	876,8	1010,6	991,3	930,5
Пашм (дар вазни аслӣ), тонна	2314	369	334	300	300	261	170
Хоҷагиҳои аҳолӣ							
Чорво ва паранда (дар вазни зинда), ҳаз. тонна	76,7	249,4	263,5	276,1	288,3	331,6	357,3
Шир, ҳаз. тонна	306,6	949,9	964,4	984,2	1002,3	1054	1109,8

Идомаи ҷадвали 4.4.

Тухм, млн. дона	51,7	171,3	173,9	165,1	184,3	210	296,1
Пашм (дар вазни аслӣ), тонна	2118	6288	6368	6473	6641	6867	7147
Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)							
Чорво ва паранда (дар вазни зинда), ҳаз. тонна	—	13,6	9,1	11,5	13,5	15,3	18,8
Шир, ҳаз. тонна	—	38,8	39,2	41,6	47	51	55,3
Тухм, млн. дона	—	8,5	8,9	11,6	17,3	22,4	39
Пашм (дар вазни аслӣ), тонна	—	566	853	1114	1315	1379	1435

Сарчашма[113].

Аз маълумоти дар ҷадвали боло овардашуда маълум мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар тамоми гурӯҳҳои хоҷагиҳо дар ҷумҳурӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 1991 чунин будааст, аз рӯйи гӯшт – 276,0 фоиз, шир – 200,5 фоиз, тухм – 278,6 фоиз ва пашм – 205,2 фоиз.

Боиси қайд аст, ки дар давраи таҳқиқот дар корхонаҳои кишоварзӣ камшавии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба чашм мерасад, аз ҷумла – истеҳсоли гӯшт тақрибан 46,1 фоиз, шир 95,6 фоиз, пашм – 92,7 фоиз кам гардида, танҳо афзоиши истеҳсоли тухм мушоҳида гардида, ин нишондиҳанда 231,1 фоиз афзудааст. Чи хеле ки аз ҷадвали 4.5 бармеояд, дар соли 2019 корхонаҳои кишоварзӣ ба истиснои пахта ва картошка комилан мавқеи пешсафии худро дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз даст дода, дигар бо хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки аллакай истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти растанипарварӣ, аз он ҷумла пахта гардидаанд, рақобат карда наметавонад.

Ҷадвали 4.5. - Вазни нисбии бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2019 ва 2024, - %

Навъҳои маҳсулот	Тамоми гурӯҳҳои хоҷагӣ	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ
Соли 2019				
Пахта	100	19,7	0	80,3
Ғалладона	100	9,8	30,8	59,4
Сабзавот	100	4,8	41,6	53,5
Картошка	100	8,9	31,9	59,2
Обчакорӣ	100	4,9	18,9	76,2
Ангур	100	3,8	48,3	47,9
Соли 2024				
Пахта	100	34,6	0	65,4
Ғалладона	100	15,4	28,4	56,2
Сабзавот	100	7,5	41,7	50,7
Картошка	100	17,8	27,2	55
Обчакорӣ	100	11	18,2	70,7
Ангур	100	8	41,9	50,1

Сарчашма: Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025. С. 35-37

Дар соли 2024 бошад, дар истеҳсоли маҳсулоти дар ҷадвал инъикосгардида ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ хеле назаррас аст. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли маҳсулот ба ғайр аз истеҳсоли ангур

зиёда аз 50 то 80 фоизро ташкил медиҳад, ки танҳо дар истеҳсоли ангур 47,9 фоиз истеҳсоли ҷумҳурӣ рост меояд.

Тибқи маълумоти оморӣ ва ҷадвали 4.6 ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ аслан дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ хеле назаррас аст (ниг ба ҷадвали 4.6).

Ҷадвали 4.6. - Вазни нисбии бахшҳои мухталифи хоҷагидорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ барои соли 2019 ва соли 2024, %

Солҳо	Навъҳои маҳсулот	Тамоми гурӯҳҳои хоҷагӣ	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ
2019	Гӯшт	100	3,5	91,5	5
2024	Гӯшт	100	9,6	85,9	4,5
2019	Шир	100	1,7	94,4	3,9
2024	Шир	100	1	94,3	4,7
2019	Тухм	100	75,2	23,6	1,2
2024	Тухм	100	73,5	23,4	3,1
2019	Пашм	100	4,7	80,9	14,3
2024	Пашм	100	1,9	78,6	19,5

Сарчашма: [113].

Аз маълумоти ҷадвали 4.6. чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли гӯшт, шир ва пашм дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳиссаи калонро ишғол менамояд, яъне ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли гӯшт 85,9 фоиз, шир 94,3 фоиз ва пашм 78,6 фоиз мебошад. Аммо дар истеҳсоли тухм ҳиссаи онҳо паст аст, танҳо 23,4 фоизро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 4.7. - Таркиби маҷмуи маҳсулоти растанипарварӣ, чорводорӣ ва хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991, 2019 ва 2024 (дар % ба ҳосили ҷамъ)

Номгӯй	Маҷмуи маҳсулот					
	1991		2019		2024	
Гурӯҳи хоҷагӣ	Растани-парварӣ	Чорво-дорӣ	Раста ни-пар-варӣ	Чор во-до-рӣ	Раста-нипар-варӣ	Чор-во-дорӣ
Тамоми гурӯҳҳои хоҷагӣ	100	100	100	100	100	100
Бахши ҷамъиятӣ	12,9	7,3	7,5	7,1	11,3	11,8
Хоҷагиҳои аҳолӣ	87,1	92,7	36,1	88,8	36,1	82,1
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	0	0	56,3	4,1	52,6	6,1

Сарчашма: [113]..

Тибқи маълумоти ин ҷадвал аён аст, ки ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли навъҳои муҳимтарини маҳсулоти чорводорӣ нисбат ба маҳсулоти растанипарварӣ хеле поинтар аст. Сабабаш дар сармояталабии аз ҳад зиёди чорвопарварӣ, ба истиснои чорвои хурди шохдори чарогоҳӣ мебошад. Вобаста ба маълумоти таҳқиқнамудаи мо дар соли 2024 афзалияти бештар дар сохтори соҳаи кишоварзӣ махсусан истеҳсолоти маҳсулоти растанипарварӣ ба андозаи бахши ҷамъиятӣ - 11,3 фоиз, хоҷагиҳои аҳолӣ – 36,1 фоиз ва хоҷагиҳои деҳқонӣ – 52,6 фоизро ташкил намуда, ҳамчун нишондиҳандаи зиёдшавӣ маҳсуб ёфт.

Ҳамчунин, истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бошад, вазни нисбии бахши ҷамъиятӣ 11,8 фоиз, бахши хусусӣ 82,1 фоиз ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 6,1 фоизро ташкил доданд.

Дар асл вазни нисбии бахши ҷамъиятӣ дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти ҳам растанипарварӣ ва ҳам чорводорӣ паст шуда, ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бахши хусусӣ афзудааст.

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки муносибатҳои бозорӣ дастоварди бузурги тамаддуни инсонӣ буда, аммо воситаи асосии ҳалли худбахуди тамоми мушкилотро дар бозор дидан низ на он қадар дуруст аст. Вобаста ба таҳлилҳои анҷомгирифта ва натиҷаҳои бадастомада, аз ҳисоби равишҳои нави таҳлилӣ зарурияти дастгирии бахшҳои калидии кишоварзӣ дар муҳити фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан бахши даромадноки он муҳим ва зарурӣ мебошад.

Дар ҷомеаи имрӯза бо мақсади таъмини ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ба воситаи субъектҳои соҳаи кишоварзӣ, барои бунёд ва рушди шаклҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ андешидани чунин чораҳо муҳим ва зарурист:

- фароҳам овардани шароит барои бунёд ва рушди шаклҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ, хоҷагиҳои хурди хонаводагӣ дар заминҳои наздиҳавлигӣ ва қитъаҳои хурди замин;

- дарёфти роҳҳои ба осонӣ дастрас намудани техника ва технологияҳои арзони кишоварзӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ;

- дар сатҳи зарурӣ фароҳам овардани шароит барои обёрии заминҳо ва обёрикунии қитъаҳои замини ба соҳаи кишоварзӣ нигаронидашуда ва ғ.

Имрӯз, вақте ки дар сиёсат ва амалияи хоҷагидорӣ таъкидот аз мавқеи якказироатии пахта ба мавқеи ҷойгиркунии оқилонаи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ бо назардошти талаботи бозор мекӯчанд, тамоюли аниқи афзоиши майдонҳои кишти зироатҳои ситрусӣ, равғанҳои эфирӣ, токпарварӣ, боғдорӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон новобаста аз оне ки дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди доимии он мушкилот ҷой доранд, ҳамоно масъалаи

таъмини инфрасохтори дорои хосияти субъективидошта бо ёрии фароҳам овардани шароит муҳим ва зарурӣ мебошад. Тавре маълум аст, дар айни замон, механизми ҷамъоварии маълумоти зарурӣ вобаста ба истифодаи захираҳои табиӣ дар самти тақвияти минбаъдаи соҳа имкониятҳои нав ва сердаромадро фароҳам меоварад. Бинобар ин, баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои ҷойдошта дар айни замон тавре ба роҳ монда шавад, ки аҳолӣ ба фаъолияти барои ҷомеа манфиатдор, фаъолияти ба бунёди ба таври худ ҷойҳои иловагии корӣ дар истифодабарии захираҳои меҳнатӣ мусоидаткунанда бояд ҷалб карда шавад.

Бинобар ин, масъалаи аз ҳама муҳими иқтисоди хоҷагии қишлоқ ва ҳақиқатан ба он шомил кардани истеҳсолоти кишоварзии кӯҳӣ дар тамоми ҳудудҳои кӯҳӣ масъалаи рушди шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ ва бад-ин минвол, ба гардиши хоҷагии қишлоқ ҷалб намудани заминҳои нави кишт аз ҳисоби шудгори чарогоҳҳо мебошад.

Вобаста ба тағйирёбӣ дар сохтори давлатдорӣ дар заминаи ташкили мустақилияти давлатдорӣ ва ба таври мустақил пеш бурдани фаъолиятҳои иқтисодӣ бори дигар собит намуд, ки гузариш аз як низоми иқтисодӣ ба низоми нави он, пеш аз ҳама, равишҳои ислоҳотталабро тақозо намуда, аз тарафи дигар заминаҳои нав ва имкониятҳои рушдро дар чаҳорчубаи талаботҳои муайян ба миён меоварад. Агарчанде ки дар марҳилаи аввали ислоҳот таназзул ба назар расад, дар марҳилаҳои минбаъда имкониятҳои рушд фароҳам оварда мешаванд.

Пастравии трансформатсионӣ, махсусан, дар бахши кишоварзии иқтисоди давраи гузариш шадидтар зоҳир мегардад, ки бо мушкилоти гузаронидани дигаргуниҳои бозорӣ дар муносибатҳои аграрии сотсиалистӣ алоқаманд аст. Дар доираи ин масъала гирифтани пеши роҳи коҳишёбии трансформатсионии соҳаи кишоварзии кишвар боиси бо суръати баланд гузаронидани ислоҳотро ба миён овард. Бинобар

ҳамин, дар Тоҷикистон равишҳои нави хусусигардонӣ ва ғайридавлатигардонии моликияти истеҳсолиро ба миён овард.

Рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди давраи гузариши давлатҳои пасазсотсиалистӣ, бахусус, мамолики собиқи шуравӣ ба мушкилиҳои зиёд мувоҷеҳ мешавад, ки сабаби асосии онро низоми муттамаркази иқтисодӣ ва ҷараёнҳои шахшудаи он, ки ба якказироатӣ ва дастгирии ғайрисамараноки давлатӣ ва амсоли онро дар бар мегирад. Дар ин бора Е.В. Лукянова дар мақолаи «Соҳибкории деҳотӣ, анъанаҳо ва дурнамо» ҳақиқатнигорона менависад, ки «Маддоҳони сохти колхозӣ дар ибтидои солҳои 90-ум санадеро (аслан як шиори оддӣ буд) дастак мекарданд, ки «фермер бо панҷшоха мамлакатро хӯронида наметавонад». Аммо дар асл, дар ивази ин фермерҳо хоҷагиҳое мавҷуд буданд, ки ниҳоятдараҷа ғайриоқилона аз техникаи пастсифати худ истифода мебурданд. Ҳамзамон, агар фермери ба харидории комбайн иқтидорнадошта тавонад, ки осонакак аз истеҳсоли ғалладона ба парвариши чорво дар оғилхона, боғдорӣ, занбӯри асалпарварӣ гузарад ё дар ниҳояти кор муфлис шаваду ҷойро барои афроди корчаллонтар холӣ кунад, хоҷагиҳои аз қарздорӣ миллионери шуравӣ ягон роҳи баромад надоштанд. Мо ин ҷо аз ормоникунии бозории хурд дурем, соҳибкории хурд мушкиливу камбудиҳои худро дорад. «...Сухан дар бораи тезиси рушди хоҷагиҳои нисбатан калон ҳамчун ягона шакли оқилонаи ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ меравад, ки мамлакат барои татбиққунии ин тезис қиммати ниҳоят гароне пардохтааст» [224, с. 33].

Рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди давраи гузариши давлатҳои пасазсотсиалистӣ на танҳо бартараф намудани анъанаҳои номатлуби даврони сотсиалистиро дар назар дорад, балки гузаронидани таҳқиқотҳои амиқи хусусиятҳои онро низ тақозо мекунад, ки аз гуногуншаклии истеҳсолоти аграрӣ ва шароити иқтисоди давраи гузариш вобастагӣ дорад.

Дар ин ҷо омилҳои биологӣ ва иқтисодӣ бо ҳам мепечанд, ки аз созиши мувофиқтарини онҳо маҳсулнокии истеҳсолот вобастагӣ дорад. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, аз нуқтаи назари таркибӣ дар самти тақвияти соҳибкорӣ дар сатҳи хоҷагии қишлоқ, ки он бо таъсири омилҳои иқлимӣ ва биологӣ мувоҷеҳ мебошад, талаб менамояд, ки тамоми ҷараёнҳо ба инобат гирифта шуда, ин самт тақвият дода шавад. Дар сатҳи зарурӣ бояд муҳлатҳои гузаронидани чораҳои агротехникӣ ва меъёри додани нерӯҳои органикӣ ва химиявӣ таъмин ва ба замин додани он қатъиян риоя карда шавад.

Аз ин ҷост, ки бо сабаби дарҳампечии омилҳои биологӣ ва иқтисодӣ дар соҳибкории кишоварзӣ ба соҳибкор лозим меояд, ки бар замми қобилиятҳои ташкилотчигӣ, захиравӣ ва инноватсионӣ, боз оид ба асосҳои ибтидоии такрористеҳсоли кишоварзӣ тасаввуроти дуруст ва малакаи дар амалия бурдани онро дошта бошад. Бинобар ин, ҳама гуна одами дорои сармояи муайян наметавонад дар хоҷагии қишлоқ соҳибкор бошад. Ин ҷо ҳарифон метавонанд иддао кунанд, ки соҳибкори дорои имкониятҳои молиявию ғайри он, аммо аз малакаи бурдани истеҳсолоти кишоварзӣ бенасиб, метавонад, ки бо роҳи киро кардани мутахассисон ва деҳқонон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад. Аммо худи ҳаёт дар давраи баъди шуравӣ исбот намуд, ки на ҳар кас метавонад соҳибкори комёбу бомуваффақияти соҳаи кишоварзӣ бошад.

Дар таҷрибаи Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ дар муқоиса бо дигар соҳаҳо осебпазир буда, дар ин замина як қатор мушкилот низ ҷой доранд, ки ҳамаи инҳо бевосита ба таназзули соҳа оварда мерасонанд. Аз ин хотир, дар зери таваҷҷӯҳ қарор додани соҳаи кишоварзӣ бодарназардошти хавфҳои дар ин самт ҷойдошта метавонад ақалиятҳои амнияти озуқаворию кишварро таъмин намояд. Ин ҳолат рушди оммавии соҳибкории кишоварзиро боздошта, ҳамзамон сатҳи бекорӣ дар деҳот афзуда, бо назардошти шаклҳои пӯшидаи он 30-40 фоиз аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад.

Мо чунин пешниҳод менамоем, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ду масъалаи асосӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода шавад: аввал - рушди минтақавии соҳаи кишоварзӣ вобаста ба шаклҳои алоҳидаи соҳа; дуюм - дасигирии доимии бахши соҳибкории кишоварзӣ ва ҳамлу нақли маҳсулоти кишоварзӣ ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ. Дар ин мавриди ҳақ ба ҷониби А. Назаров аст, ки менависад, «...Ташаккул ва рушди кадрҳои агробизнес қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлати ҷавону соҳибистиқлоли мост» [117, с. 7].

Хосияти дигари истеҳсолоти кишоварзӣ дар он аст, ки дар ин соҳа замин воситаи асосии истеҳсолот ба ҳисоб рафта, ин нукта ба рушди соҳибкории кишоварзӣ таъсири вижае мегузорад. Пеш аз ҳама, ин падида сабабгори вобастагии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ аз ҳалли масоили ташаккули бозори замин мебошад. Аз як тараф, соҳибкорӣ аз ҳалли масъалаи замин сахт вобастагӣ дорад ва тарафи дигар – худ рушди бозори заминро ҳавасманд мегардонад.

Таҷрибаи ҷаҳонии рушди муносибатҳои заминдорӣ нишон медиҳад, ки дар хоҷагии қишлоқ омезиши моликият ба қитъаҳои замин ва иҷораи онҳо ба таври кофӣ самарабахш аст. Набудани моликияти хусусӣ ба замин дар иҷоракор, умуман, ба раванди гирифтану азхудкунии самараи муфид аз тарафи соҳибкор монеа намешавад. Аз ин ҷост, ки муносибатҳои заминдорӣ ду роҳи тараққии соҳибкориро дар соҳаи аграрӣ муайян мекунанд, дар асоси муносибати моликият ба замин – заминдорони хусусӣ ҳуқуқҳои худро пурра татбиқ мекунанд, аз он ҷумла, ҳуқуқи хариду фурӯш, ҳадя, гарав, иҷора, интиқол ба мерос ва ғ. Дар робита ба ин, дигар роҳи рушди соҳаи кишоварзӣ ва бахшҳои алоҳидаи он дастгирии доимии кишоварзон ва додани имкониятҳои васеи истифодаи замин бо дарназардошти имкониятҳои инфрасохторӣ ба онҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки вобастагии мустақими байни шакли моликият ба замин ва соҳибкорӣ вуҷуд надорад, аммо ташаккули бозори замин ба

рушди соҳибкорӣ таъсири назаррас дорад. Тахмин меравад, ки ташаккули бозори замин шарти ногузири барқароршавӣ ва тараққии соҳибкории кишоварзӣ мебошад.

Агар дар ин ҳолат сертификатҳои замин объекти хариду фурӯш, гарав, иҷора, интиқол ба мерос бошад, пас шакли моликият ба заминро тағйир надода, онро ба низоми муносибатҳои бозорӣ дохил кардан мумкин аст.

Тибқи назари Масалан, А. Бугаев дар ин робита менависад, ки «...барои ташаккули табақаи соҳибкорони кишоварзӣ – истеҳсолкунандагони муваффақу комёби маҳсулот тағйироти қатъии муносибатҳои заминдорӣ, аз он ҷумла моликияти хусусӣ ба замин шарт нест» [187, с. 18].

Бо ин нуқтаи назар розӣ шудан душвор аст. Иҷораи замин ҳанӯз маънои онро надорад, ки замин объекти хариду фурӯш мешавад, аслан иҷораи замин шакли моликиятро тағйир намедиҳад, балки танҳо ба иҷоракор ҳуқуқи ихтиёрдории ҳосили ба даст овардаашро дар доираи қарордоди басташуда медиҳаду халос. Ҳангоми қарордоди иҷораи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат иҷоракор саъй мекунад, ки аз замин ба бадшавии сифати он нигоҳ накарда, ҳадалимкон фоидаи бештар бигирад, гузашта аз ин, ӯ барои сармоягузорӣ ба замин манфиатдор нест.

Бинобар ин, иҷораи замин дар шакли суннатии он метавонад дар доираи шакли муайяни моликияти ба замин вуҷуддошта, ба ташаккули бозори замин мусоидат накунад. Фикр мекунем, ки барои ташаккули бозори замин ду роҳ имконпазир аст, ё ҷорӣ кардани моликияти хусусӣ ба замин, ё табдил додани ҳуқуқи истифодабарӣ ба объекти муносибатҳои бозорӣ.

Роҳи аввал – моликияти хусусӣ ба замин, чӣ тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, аз нуқтаи назари манфиатҳои умумидавлатӣ ғайрисамаранок буда, барои давлатҳои собиқ шуравӣ дар робита бо

набудани анъанаҳои моликияти хусусӣ ба замин ғайри қобили қабул аст. Бинобар ин, барои давлатҳои ИДМ роҳи дуввум бештар муносибтар аст – таҷзияи муносибатҳои моликияти давлатӣ ба замин ва ба объекти муносибатҳои бозорӣ ворид намудани иқтидори соҳибкорӣ ҳамчун қувваи истеҳсолкунанда дар бахши аграрии иқтисоди мамлакатҳои дорои иқтисоди давраи гузариш шароити заруриро муҳайё мекунад.

Талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ ва зимнан соҳибкорони деҳот ҳам ба қарзҳои кӯтоҳмуддат хеле калон аст, яъне то итмоми сикли истеҳсолӣ (то расидани ҳосил) онҳо дигар даромад надошта, танҳо харҷ мекунанд ва дар чунин шароит, аз сабаби нарасидани воситаҳои гардони худӣ онҳо маҷбур мешаванд, ки ба қарзҳои кӯтоҳмуддат рӯй оранд.

Дар он соҳаҳои хоҷагии қишлоқ (боғдорӣ, ангурпарварӣ, парвариши чорвои ширдеҳ ва ғ.), ки сикли ибтидоии истеҳсолот давомдор ва сермасраф аст, ба қарзҳои дарозмуддат эҳтиёҷ пайдо мешавад. Аз ин ҷо чунин хулоса кардан мумкин аст, бе қарздиҳии имтиёзӣ ва дақиқ бароҳмондашуда соҳибкории деҳотӣ ба таври бояду шояд рушд намекунад.

Ҳамчунин, боз як хусусият – вобастагии натиҷаҳои истеҳсолот аз шароити бодуҳаворо бояд зикр намуд, ки истеҳсолоти кишоварзиро хеле таваккалӣ мекунад. Дар натиҷаи ин, дар корхонаҳои кишоварзӣ низоми «хароҷот-ҳосил» қобили истифода нест. Ҳамчун анъана дар ҳама соҳа ва сохторҳои иқтисодӣ таваккал ва хавфҳо вуҷуд доранд, аммо ҳавфу таваккалҳо дар соҳибкории кишоварзӣ ё дар соҳаи кишоварзӣ бештар ба назар мерасад ва ин соҳа дар таносуб бо дигар соҳаҳои муҳим ба дастгирии бевосита эҳтиёҷ дорад.

Аз ин сабаб, масъалаи рушди босуръати соҳибкории деҳотиро ҳал карда истода, дар як вақт бояд фаъолияти суғуртавиро дар деҳот ҷоннок намуд ва ба соҳибкорони деҳот дастгирии ҳаматарафаи давлатиро дар

шаклҳои мухталифи он (рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ, андозбандии имтиёзнок, қарзҳо ва амсоли он) бояд таъмин кард.

Зарурати рушди низоми суғуртакунонии соҳаи комплекси агросаноати кишвар ба талаботи мустаҳкам кардан ва афзоиши истеҳсоли молҳои кишоварзӣ ва ба ин васила кам намудани шиддати таъсири манфии хавфҳо ва кам намудани сатҳи хароҷоти иловагӣ дар сурати васеъ будани бахши суғуртаи кишвар, ба таври воқеъбинона имконпазир мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки омили аслии осебпазирии баланди кишоварзӣ, махсусан дар бахши соҳибкории ин соҳа, суғуртакунонӣ дар баробари дигар имтиёздиҳӣ яке аз масъалаҳои асосие маҳсуб меёбад, ки сатҳи осебпазирии онро дар миқёси иқтисодиёти кушод коҳиш дода, имкониятҳои рушди онро таъмин менамояд. Ташаккули заминаҳои суғуртакунонӣ метавонад дар пешрафти иқтисодиёти кишоварзӣ саҳм гузошта, рушди онро таъмин намояд.

Натиҷаҳои иқтисодӣ дар арзёбии нишондиҳандаҳои мавҷуда, вобаста ба таҷрибаи байналмилалӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар айни замон яке аз муассиртарин роҳи дастгирии соҳаи кишоварзӣ ин, албатта, суғуртакунии соҳаи аграрӣ мебошад, ки ин метавонад имконият ва ҳавасмандии истеҳсолкунандагонро боло бардорад.

Барои таъмини суботи рушди соҳаи кишоварзӣ ва аз байн бурдани норасоии захираҳои пулӣ ва баланд бардоштани пардохтпазирии онҳо тавассути дастгирии бахши давлатӣ иҷрои чунин масъалаҳо мусоидаткунанда мебошад:

1) ҳиссаҷудокуниҳои мақсаднок аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои дастгирии соҳа;

2) ба ӯҳда гирифтан ё дар доираи салоҳият аз баъзе шаклҳои пардохт озод намудан;

3) аз пардохти андоз ба таври дарозмуддат озод намудани соҳаи кишоварзӣ дар воридоти технологияи соҳа ва ғ.

Дар ин робита, фаъолгардонии бахши суғурта дар соҳаи кишоварзӣ метавонад як имконияти нави коркарднашуда дар самти дастгирии соҳа бошад, ки ин бевосита бояд мавриди пайгирӣ қарор дода шавад.

Дар сурати дуруст пеш бурдани сиёсати аграрии кишвар мутаносибан ба таври баробар дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар соҳаи кишоварзӣ рушд карда, даромади пулии аҳолӣ бамаротиб афзоиш меёбад. Дар робита ба ин, барои рушди баробари минтақавии соҳаи кишоварзӣ дар баробари дастгириҳои давлатӣ дар самти маблағгузорӣ ва имтиёздиҳӣ, ҳамчунин фароҳам овардани шароит ё инфрасохтори роҳу нақлиёт низ муҳим ва зарурӣ мебошад. Дар шароити рушди деҳот аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ масъалаи роҳу нақлиёт ва нигоҳдории маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ муҳим ва зарурӣ мебошанд.

Ҳамин аст, ки нақши инфрасохтори зарурӣ дар масъалаи роҳу нақлиёт ва дигар воситаҳои истеҳсолӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Яке аз масъалаҳои дигаре, ки ба он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад ин, раванди ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии байнисоҳавӣ махсусан, соҳаи саноат бо кишоварзӣ мебошад. Ҳамин заруриятҳост, ки нақши технологияҳои рақамӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад ва ба он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Бо дарназардошти тамоми заруриятҳои мавҷуда имрӯз иқтисоди Тоҷикистон марҳилаи баркароршавиро аз сар гузаронида, дар марҳилаи ҷадиди рушди ба оянда нигаронидашуда қарор дорад ва пешрафтҳои соҳаи кишоварзиро ба таври доимӣ зери назорат дорад.

Иқрори зарурати дастгирии давлатии соҳибкорони деҳот маънои талаби анъанавии ёрии молиявиро надорад. Сухан бояд дар бораи аз нав дида баромадани принсипҳои асосии сиёсати аграрии давлатӣ равад. Банақшагирии мутамарказ ғайрисамарбахшии худро исбот намуд, аммо ин маънои пурра аз танзими давлатии равандҳои муҳим дар деҳот даст кашиданро надорад.

Ин омилҳо дар умқи сиёсати қарзию андозӣ, назорати экологӣ, уҳдадориҳои давлатӣ ва ҳуқуқҳои аз тарафи давлат пешниҳодшаванда дар соҳаи иҷтимоиёт нуҳуфтаанд. Маҳз таъсиррасонӣ ба низоми омилҳо дар соҳаҳои зикршуда метавонад ба бунёди шароите мусоидат кунад, ки дар он фаъолияти соҳибкорӣ шакли ҳадафмандона ва зарурии фаъолнокии ҷамъиятии аҳолии деҳот мегардад.

Соҳибкории кишоварзӣ ҳамеша серсоҳа буда, дар шароитҳои мухталифи хокӣ-иқлимӣ бурда мешавад ва аз ин сабаб бояд дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии ба шароити мушаххаси истеҳоли маҳсулоти кишоварзӣ мувофиқ ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, чунин ҳисобидан, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) шакли мустаснои соҳибкории деҳот аст, норавост. Дар қатори хоҷагиҳои деҳқонӣ ба шаклҳои соҳибкории кишоварзӣ боз метавон хоҷагиҳои шахсии ёрирасон, кооперативҳои кишоварзӣ, агрофирмаҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, корхонаҳои иҷоравӣ ва муштаракро шомил сохт. Тамоми шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии истеҳсолоти кишоварзиро дар ҳолати бо принсипҳои бозорӣ фаъолият доштан, ҳамчун шаклҳои соҳибкории кишоварзӣ баррасӣ намудан мумкин аст ва чун қоида, онҳо бояд субъектҳои баробарҳуқуқи бахши аграрии иқтисод бошанд.

Ин ҷо дар баёни нақш ва аҳаммияти хоҷагиҳои шахсии ёрирасон (ХШЁ) андаке муфассалтар меистем. Самарабахшии истеҳсолотро дар ХШЁ ҳанӯз иқтисодчиёни даврони шуравӣ иқрор мекарданд, дар шароити муосир бошад, нақши ХШЁ дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии деҳот хеле тағйир ёфтааст. Дар солҳои охир барои қисмати умдаи аҳолии деҳот ин хоҷагиҳо аз манбаи иловагии даромад ба манбаи асосӣ табдил ёфтаанд.

Айни замон дар давлатҳои ИДМ, аз он ҷумла, дар Тоҷикистон бештар аз 50 фоиз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ин бахш ё ба таври дигар, ба соҳибкории кишоварзӣ рост меояд. Бо дигар шаклҳои

истеҳсолоти кишоварзӣ баробар кардани мақоми ХШЁ аз ҷиҳати назариявӣ маънои онро дорад, ки онҳо бояд баробари корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар гирифтани қарзҳо ва кӯмакпулиҳои давлат иштирок намоянд.

Аммо чи хеле ки К. Жичкин ва Н. Липатова мунсифона менависанд, «...Механизми иштироки ХШЁ дар гирифтани дастгирии давлатӣ ҳанӯз ба роҳ монда нашудааст» [197, с. 41].

Бо вуҷуди ин, дар Федератсияи Россия дар сатҳи федералӣ ва минтақавӣ дастгирии ХШЁ дар шаклҳои мухталиф амалӣ мешавад. Дар сатҳи федералӣ самти асосии дастгирии ХШЁ ҷуброни қисми хароҷот оид ба пардохти фоизҳои қарзҳои гирифташуда буда, дар сатҳи минтақаҳо шаклҳо ва андозаҳои дастгирӣ тибқи имкониятҳои молиявии минтақаҳо, муносибати ҳукумати маҳал ба онҳо, ҳиссаи ХШЁ дар истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ноҳия муайян карда мешаванд. Низоми таъминоти ХШЁ бо воситаҳои хурди механиконӣ ба роҳ монда мешавад, масъалаи ҳалли мушкилоти ХШЁ аз ҳисоби қитъаҳои замин бардошта мешавад, инчунин, кӯмакпулиҳо барои ҷуброни қисми хароҷоти шаҳрвандон ҳангоми хизматрасониҳои байторӣ ва зоотехникӣ пардохта мешаванд, барои сохтмони манзили зист ва иншооти хоҷагӣ қарзҳо пешниҳод карда мешаванд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун шакли соҳибкорӣ дар қонунгузории давлатҳои собиқ шуравӣ ҳанӯз аниқ муайян карда нашудааст. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», ки 10 майи соли 2002 қабул гардидааст, ду категорияи хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷудо карда шудааст, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои коллективӣ-деҳқонӣ, ки категорияи охир дар асл ҳамон колхоз аст, ки ин ҷо набояд бо аввалӣ омехт. Аз ин ҷо зарурати аниқ муайян кардани аломатҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дар санадҳои меъёрии амалкунанда дарҷ кардани онҳо ба миён меояд.

Ин масъалаи доғи рӯз аст, зеро дар хоҷагии қишлоқ раванди бунёди шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ (кооперативҳо, корхонаҳои хурд, ширкатҳо ва ғ.), ки «…ҳамсони хоҷагиҳои деҳқонӣ вазифаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ба уҳда доранд, рафта истодааст. Дар иртибот ба ин, мо нуқтаи назари А.Петриковро сари ин масъала тарафдорӣ мекунем, Махсусиятҳои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар қонунгузории мамолики тараққикарда эътироф шудааст, ки ба деҳқонон имкон медиҳад, ки барои дастгирии хоси буҷавӣ иддао кунанд. Дар Россия низ бояд чунин кард. Ҳоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) ғайриоилавӣ, ки аз меҳнати кироя дар миқёси калон истифода мекунанд, бояд ба дигар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии истеҳсолот, ба ҳамон шакли аслии худ аз сари нав ба қайд гирифта шаванд» [239, с. 12].

Соҳибкории деҳот, ба ақидаи мо, соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзиро дар деҳа фаро мегирад. Чи хеле ки таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, рушди самарабахш ва бемайлони соҳибкории кишоварзӣ аз сатҳи тараққиёти соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот бисёр вобаста аст.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ вобаста ба равишҳои иқтисодию иҷтимоӣ масъалаи рушди соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот низ, метавонад ба масоили ташаккули соҳибкории кишоварзӣ мусоидат намуда, як ҳамоҳангии комилан пешрафтаро дар сатҳи КАС ба миён оварад. Бинобар ин, тақвияти рушди равишҳои диверсификатсияшудаи соҳибкорӣ дар деҳот метавонад беҳтаргардонии таъминотӣ-маишӣ, молиявию-қарзӣ ва монанди инҳоро дар сатҳи равишҳои навсозишудаи КАС ба миён оварад.

М.М. Войтюк нақш ва аҳаммияти соҳибкории ғайрикишоварзиро дар деҳот таҳқиқ карда, менависад, «...Миқёси носозгории иҷтимоии деҳа ба андозаест, ки гузаронидани чораҳои фаврӣ барои қатъиян дигаргун сохтани вазъият зарур аст. Роҳи баромад аз вазъияти баамаломада – таҳия ва маҷбуран амалигардонии сиёсати дигари

иҷтимоӣ-иқтисодии давлатист, ки мақсадаш – рушди соҳаи иҷтимоиёти деҳа ва тавсеаи бозори меҳнат аз ҳисоби навъҳои ғайрикишоварзии фаъолият мебошад» [190, С. 294]. «...Ташкили онҳоро дар заминаи пешрафти илмӣ-техникӣ ҳамчун қисми раванди инноватсионӣ дар бахши аграрии иқтисоди мамлакат шуморидан мумкин аст» [190, С. 294].

Манофеи фаъолияти самарабахши КАС равиши комплексиро ба рушди соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ дар деҳот, иҷрои кооператсия ва ҳамгироиро натанҳо дар байни худ, балки бо корхонаҳои кишоварзӣ, тайёркунӣ, коркард ва дигар корхонаву ташкилот, рушди соҳаи иҷтимоиёти деҳот ва тавсеаи бозори меҳнатро аз ҳисоби навъҳои ғайрикишоварзии фаъолият тақозо менамоянд.

Дар давраи барқароршавии иқтисоди бозорӣ барои рафъи вазъи мавҷудаи бӯҳронӣ дар хоҷагии қишлоқ, ки аз сабаби вайроншавии низоми робитаҳои густурдаи истеҳсолӣ ва хоҷагии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо шариконашон аз дигар соҳаҳои КАС ва истеъмолкунандагон ба вуҷуд омада буд, дар деҳот ташкил намудани марказҳои ҳаёти иқтисодии деҳа дар шакли сохторҳои соҳибкорӣ зарур аст. Онҳо барои рушду нумӯи иқтидори маҳсулотистеҳсолкунӣ ва тиҷоратӣ-маркетингии иқтисоди хоҷагии қишлоқ асос мешаванд.

4.2. Дигаргунсозиҳои бозории муносибатҳои аграрӣ – омили рушди соҳибкорӣ дар КАС-и Тоҷикистон

Соҳаи аграрӣ дар иқтисодиёти кишвар яке аз сохторҳои асосӣ ва марказӣ маҳсуб ёфта, сатҳи некӯаҳволии мардум ва дар радифи он, зиндагии шоистаи аҳолӣ аз ин бахш вобастагии зиёд дорад. Илова бар ин, дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ метавонад яке аз бахшҳои калидӣ ва асосии иқтисодиёт маҳсуб ёбад. Бинобар ин, дар ин масъала аз давраи пеш то замони имрӯз таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Тибқи сарчашмаҳо «...Дар миёнаи солҳои 60-уми асри XX

комплекси агросаноатии (КАС) Тоҷикистон дар иқтисоди ҷумҳурӣ мавқеи асосиро ишғол мекард, зеро ҳиссаи ӯ зиёда аз 52 фоиз маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, 60 фоиз аҳолии қобили меҳнати дар истеҳсолот машғул ва 50 фоиз озуқавории истеъмолшавандаро ташкил медод» [151, с. 12-13].

Вобаста ба ҳамаи ин, мо бар он назарем, ки рушди бомароми соҳаи кишоварзӣ ва сатҳи ҳамгироии он бо КАС талаб менамояд, ки то чӣ андоза рушди соҳа кишоварзӣ аз микромуҳит дар минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон дар кадом сатҳ сурат мегирад. Вобаста ба ин, тақвияти рушди соҳаи кишоварзӣ аз хоҷагиҳои хурди хонаводагӣ оғоз гардида, метавонад ба марҳалаи рушдёфтаи КАС мубаддал гардад ва ба ҳамин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намудан муҳим ва зарурӣ мебошад.

Пайваста дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва густариши муносибатҳо бо ин соҳа имкон медиҳад, ки тамоми омилҳои мусоидаткунанда ба ин соҳа ба инобат гирифта шуда, дар сатҳи давлат имкониятҳои нави ба манфиати он марбут фароҳам оварда шаванд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки баъди бозсозии харобаҳо ва вайронаҳои иқтисодии пасошуравӣ дар Тоҷикистон баъд аз соли 1991 ва комилан азнавсозии корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва заминҳои бекорхобидаи дар ҳоли биёбоншавӣ қарордошта талаб намуд, ки истеҳсоли тамоми намудҳои молу маҳсулот дар асоси имкониятҳои дохилии кишвар ба роҳ монда шуда, давлат таваҷҷӯҳи худро ба ин самт доимӣ ва самарабахш намояд.

Бояд гуфт, ки тибқи маълумотҳо «...Дар моҳҳои март-апрели соли 1992 дар ҷумҳурӣ ду барномаи дигаргунсозиҳои бозорӣ, барномаи ҳукуматӣ ва барномаи аз тарафи мухолифин пешниҳодгардида бо ҷӯшу хурӯш муҳокима мешуданд. Барномаи мухолифин чораҳои қатъитарро дар назар дошт ҷорӣ кардани моликияти хусусӣ ба замин, барҳам додани колхозу совхозҳо, ташкили сартосарии хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ, озодии пурраи фаъолияти хоҷагидорӣ, аз он ҷумла, фаъолияти берунаи

иқтисодӣ, барҳам додани инҳисороти давлатӣ дар баъзе маҳсулот (аз он ҷумла пахта), бекор кардани идоракунии мутамарказонидашуда ва банақшагирӣ ва амсоли онҳо, ки дар он давра ҳанӯз амалӣ гардонидани онҳо аз имкон берун буд» [142].

Вобаста ба ин, дар соли 1992 олимони иқтисодчӣ Бегматов А. ва Фузайлов С. навишта буданд, ки «...Дар заминаи моддӣ-техникӣ, на шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳанӯз имкон намедиҳанд, ки масъалаи хусусигардонии захираҳои замин дар маърази муҳокима гузошта шавад. Мо тезисро дар бораи он, ки агар пагоҳ моликияти хусусӣ дар истифодабарии замин ҷорӣ гардад, он гоҳ деҳқони мо аз ҷиҳати иқтисодӣ озод мешавад, гумроҳӣ меҳисобем» [185, с. 3-5].

“...Тибқи консепсияи қабулгардидаи ислоҳоти аграрӣ аллакай аз моҳи марти соли 1992 сар карда, бунёди заминаҳои ҳуқуқии дигаргунсозиҳои аграрӣ дар ҷумҳурӣ шурӯъ карда шуд. 5 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)»”[82, с. 112] қабул гардид. Ин қонун барои бунёд ва фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун шакли комилан ҷадиди фаъолияти соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ заминаи ҳуқуқиро фароҳам овард.

«...Мутаассифона, ҷанги бародаркуш раванди гузариш ба муносибатҳои бозориро халалдор намуда, бар замми ин дар рафти задухӯрдҳои мусаллаҳона қисмати умдаи боигарии миллӣ нобуд карда шуда, нооромиҳои сиёсӣ ба раванди рушди ҷамъиятӣ-иқтисодӣ таъсири номатлуб расонида, масъалаи доғи гурезаҳо пайдо шуд. Тамоми талошҳои давлат ба бартарафсозии оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, барқароркунии хоҷагии қишлоқи харобгардида, баргардонидани гурезаҳо ва ба роҳ мондани гуфтушуниди сулҳ бо қувваҳои мухолифин равона карда шуда буд» [142].

«...Моҳи ноябри соли 1995 Иҷлосияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодии Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 1995-2000»-ро қабул кард» [102, с. 14-15], [87, с. 51-52].

Тибқи ҳамин сарчашма «...Тибқи «Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барномаҳои ҳадафмандонаи миллӣ оид ба иҷрои ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонӣ, рушди соҳибкорӣ ва бизнеси хурд, беҳбуд бахшидан ба хоҷагидории пулию молиявӣ, ислоҳоти бахши аграрӣ, бунёди низоми ҳозиразамони ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва монанди инҳо таҳия карда шуданд» [142].

«...Вобаста ба масъалаҳои дар боло зикргардида гуфтан мумкин аст, ки «Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1995-2000» дар як муддати кӯтоҳ, аниқтараш то соли 1998 ҷиҳати барвақттар расидан ба сенарияҳои пешбинигардидаи ин барнома, як қатор тағйироти ҷиддӣ ва ислоҳоти соҳавӣ ба миён омаданд, ки ба рушди масъалаи пешбинигардида мусоидат менамоянд» [142].

Вобаста ба марҳалаҳои ҳассоси гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ, ислоҳоти аграрӣ яке аз механизмҳои асосие маҳсуб меёфт, ки татбиқи онро соҳибкории кишоварзӣ амалӣ менамуд ва он албатта ба дигаргунсозии таркиби иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Дар мувофиқа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи азнавсозии сохтории колхозу совхозҳо ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ» аз 11 октябри соли 1995 барои рушди бомароми соҳаи кишоварзӣ ва бо ғизои хушсифат таъмин намудани аҳолии кишвар, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, агроширкатҳо, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои муштарак ба ҳамин мақсад ташкил гардиданд.

Дар шароити имрӯза барои дастгирии КАС бо роҳи равандҳои ҳамгироишуда таъсири ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба хотири дигаргунсозии маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳаи кишоварзӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Чунин тамоил метавонад дар муҳити нисбатан инкишофёфтаи низоми молиявӣ ва сармоягузориҳои дуруст дар сатҳи зарурӣ бо ҳадафҳои гуногун ба КАС хос ба роҳ монда шавад. Иловатан гуфтан мумкин аст, ки бозсозӣ

ва мукаммалгардонии колхозу савхозҳо масъалае маҳсуб меёбад, ки барои рушди минбаъдаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кишоварзӣ шароит фароҳам месозад.

Дар байни шаклҳои нави хоҷагидорӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро, ки тадриҷан ба зинаи асосии (ибтидоии) сохтории бахши аграрии иқтисод табдил миёбанд, бояд махсус ҷудо намуд. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) муносибатҳои истеҳсолӣ қатъан тағйир меёбанд, шаклҳо ва усулҳои бозории ташкили истеҳсолот истифода бурда шуда, ангезаҳои нав ба нави хоҷагидории самарабахш бо баргардонидани мақоми моликии замин ба деҳқон эҷод мегарданд.

Татбиқи амалии ҳадафҳои ба рушди соҳаи кишоварзӣ нигаронидашуда зарурияти дарки масъулияти баландро тақозо намуда, дар ин замина равишҳои нави ба рушд нигаронидашударо дар самти дастгирии истеҳсолоти кишоварзӣ имконпазир мегардонад. Зеро имрӯз дар аксар хоҷагиҳои кишоварзӣ дар баробари барнома ва стратегияҳо сарчашмаҳои молиявӣ муҳим ва зарурӣ буда, расидан ба мақсадҳои гузошташударо маҳз ҳамин масъала метавонад душвор намояд. Илова бар ин, таваҷҷӯҳи роҳбари давлат ба ин масъала аз аввал ҷой дошта, дастгирии он низ то ҳол аз лиҳози молиявӣ, сохторӣ ва ғайри ин идома дорад. Дар таҷрибаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ «...маъмулан бастани қарордодҳои фючерсӣ оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодабарии додугирифти фючерсӣ ҳангоми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ» аз 8 апрели соли 1996, таҳти №458 ба тасвиб расид» [142].

Чунин иқтидори таъсирбахш метавонад як механизми иловагӣ ва ниҳоят таъсиррасон дар самти рушди соҳаи кишоварзӣ ва дастгирии соҳибкории кишоварзӣ мусоидат намояд. Дар илова бо ин иқдоми таъсирбахш як масъалаи дигар ин дар давоми солҳои 1996-1998 азнавташкилкунии хоҷагии қишлоқ шиддат ёфта, 160 колхозу совхозҳо

барҳам дода шуда, дар заминаи онҳо хоҷагиҳои фючерсӣ бунёд ёфтанд, монополияи давлат дар фурӯши нахи пахта бекор карда шуд ва сертификатҳои оилавии замин барои ҳуқуқи истифодабарии замин ҷорӣ гардида, инчунин, Маркази ҷумҳуриявии дастгирии хоҷагиҳои хусусигардонидашуда созмон дода шуд.

«...Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 апрели соли 1996, «Дар бораи бурдани Китоби қайди назорати субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 марти соли 2001, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2000-2005» аз 1 октябри соли 2002, «Дар бораи Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар давраи то соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 декабри соли 2004, дар маҷмӯъ барои рушди соҳибкорӣ мусоидат намуданд» [121, с. 221-212].

Дар робита ба ин, вобаста ба эътидол овардани вазъияти иқтисодӣ махсусан, дар соҳаи кишоварзӣ, соли 1998 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳо оид ба пурзӯр кардани дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соддагардонии низоми бақайдгирӣ, ҳисоботӣ ва андозбандӣ» барои беҳтар кардани сатҳи дастгирии бахши соҳаи кишоварзӣ татбиқ гардид, ки ҳадаф аз қабули онҳо бори дигар дар доираи омилҳои имконпазир дастгирии соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Дар илова ба ин, 14 августи соли 1997 Агентӣ оид ба рушд ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон дода шуда, он дар соли 2001 ба Агентӣ оид ба сиёсати зиддимонополӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шуд, ки ҳадафи он низ дастгирии бевосита дар самти кишоварзӣ ва соҳибкории кишоварзӣ мебошад. Агентии мазкур барои рушди соҳибкорӣ ҳам дар заминаи қонунгузорӣ ва ҳам дар масоили ҳалли мушкилоти бамиёномада мустақиман дар пешбурди бизнес шароит фароҳам меорад.

Ислоҳоти бозории роҳандозишуда дар хоҷагии қишлоқ ба таҳкими мавқеи бахши ғайридавлатӣ дар истеҳоли озуқаворӣ равона гардидаанд. Вобаста ба татбиқи дастгирии хоҷагиҳои хурди хонаводагӣ ва дигар хоҷагиҳои ёрирасон як қатор чораҳо андешида шуд. Бо ин муносибат «...Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷудо кардани аввал 50 ҳазор, баъдан боз 25 ҳазор гектар замин (9 октябри соли 1995, №342 ва 1 декабри соли 1997, №874) барои тавсеаи хоҷагиҳои шахсии ёрирасон ба тасвиб расиданд. Дар натиҷаи амалигардонии ин фармонҳо, иқтидори истеҳсолии ХШҲ аҳолӣ қариб 1,5 маротиба афзуд, ки ин ба афзоиши истеҳсоли ғалла аз 249,2 ҳаз. тонна дар соли 1995 то 707,7 ҳаз. тонна дар соли 2002, яъне то 2,8 маротиба афзудани он боис шуд» [121, с. 221-212].

Дар марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва як давраи муайян бесубот шудани вазъияти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, ки он то солҳои 1992-1998 идома дошт, ба камшавии ҳаҷми истеҳсолот дар ҳадди 1,5 маротиба боис гардид. Дар ин давра, махсусан, таназзули истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ба таври чашмрас мушоҳида гардид. Дар ин давраи ҳассос ва душвор, ки таназзул ва рукуди иқтисодӣ дар ҳама соҳаҳои муҳими иқтисодӣ ба монанди саноат ва кишоварзӣ тақрибан то солҳои 1998 идома пайдо намуда, дар ин давра ҳаҷми истеҳсолот 384 ҳазор тоннаро ташкил намуд. Ҳоло онки ин нишондиҳанда дар солҳои 80 ум ба 1 млн тонна баробар буд ва таносубан нишондиҳандаи имрӯза қариб се маротиба оз он камтар аст.

Чорвопарварӣ, бахусус, чорвопарварии ҷамъиятӣ ҳанӯз дар буҳрони амиқи кашолёфта қарор дошт. Истеҳсоли гӯшт дар ҷумҳурӣ дар солҳои 1992-1998 аз 70,3 ҳазор то ба 30 ҳазор тонна, яъне 2,5 маротиба поён рафта, истеҳсоли шир бошад, аз 192,4 ҳазор тонна то ба 42,7 ҳазор тонна ё қариб 5 маротиба коҳиш ёфт. Махсусан, вазъи молиявии колхозу совхозҳо якбора бад шуда, онҳо дар натиҷаи ташкили фючерсии низоми истеҳсолот имрӯз дар миқёси астрономӣ қарздоранд (ҳам дар назди спонсорҳо ва ҳам дар

назди буҷет), ки ба хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил ёфтани онҳоро хеле мушкил мегардонад.

Барои дар сатҳи зарурӣ дастгирӣ намудани соҳа соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» дар таҳрири нав қабул карда шуд. Дар қонуни нав ду шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷудо карда шуда буданд: деҳқонӣ ва дастаҷамъӣ-деҳқонӣ. Ба охирин корхонаҳои хурди кишоварзӣ, ки бо принсипи хоҷагидории муштарак ташкил ёфтаанд, шомил мешаванд.

Дар рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нақши калонро Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (АМХДФ) бозидааст, ки соли 2005 дар конфронси муассисон ҳамчун созмони мустақил, соҳибихтиёр ва ғайриҳукуматӣ ташкил ёфта буд. Ҳадаф аз бунёди ин созмон дастгирии ҳаматарафаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорӣ инчунин, ин пеш аз ҳама ғанӣ гардонидани бозори озуқаи дохилӣ, бо ғизои хушсифат таъмин намудани аҳолӣ ва зиндагии шоистаи онҳо мебошад.

Дар Тоҷикистон айни замон шомил ё аъзоёни Ассотсиатсияи миллӣ 245 ассотсиатсия ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ро ташкил намуда, 31 таовуни кишоварзӣ ва зиёда аз 16 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ мебошанд. Вазифаи ин ниҳодҳои соҳаи кишоварзӣ ба василаи як механизми фаъол дар самти рушди соҳаи кишоварзӣ ва додани имконият ба хоҷагиҳои хонаводагӣ мебошад.

«...Новобаста аз оне ки барои тақвият ва рушди корхонаҳои кишоварзӣ аз тарафи ҳукумат як қатор барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ қабул гардида бошанд ҳам, ҳамоно як қатор мушкилот дар ин самт монеи рушди соҳаҳои мазкур буд. Ҳамзамон бо ин, дар қатори мушкилоти зикргардида қарзҳои пардохтношудаи хоҷагиҳои пахтакори Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд. Қарзи онҳо дар назди инвесторҳо дар таърихи 01.01.2006 292,8 млн доллари ИМА-ро ташкил дода, дар соли 2007 бошад, аллакай аз 500 млн доллари ИМА ҳам убур карда буд. Аз маблағи умумии қарз 74,1 фоиз ба хоҷагиҳои вилояти Хатлон, 21,8 фоиз ба хоҷагиҳои

вилояти Суғд, 4,1 фоиз ба хоҷагиҳои навоҳии тобеи марказ рост меояд» [183, с. 105-122].

Пас аз инқилоби иқтисодӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва миёнаи он як муаммои дигаре, ки ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ монеа эҷод менамуд, ин қарзҳои батаъхирафтодаи хоҷагиҳои мазкур буд. Аз ин хотир, вобаста ба ғамхориҳои Роҳбари Олии кишвар ва Ҳукумати кишвар тавассути як қатор имкониятҳои дохилию хориҷӣ моҳи марти соли 2007 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №111 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба бартарафсозии қарзҳои хоҷагиҳои фермерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2009», дар моҳи июл бошад, қарори №312 «Дар бораи танзими қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор ва беҳтар кардани шароити молиявии маҳсулотистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Раҳоӣ аз буҳрони қарзӣ имкон медиҳад, ки забонкӯтоҳии хоҷагиҳои қарздор дар назди қарздиҳанда-инвестор барҳам хурад, он ҳам ба шарте, ки аз дастгирии манбаъҳои дигари қарзи кишоварзӣ ва рушди сарчашмаҳои алтернативии гарав бархурдор бошад.

Ҳамин тавр, барои идома додани раванди дастгириҳо дар самту соҳаҳои кишоварзӣ ва ҳамзамон, паст кардани таъсири шиддати хавфҳо давлат соли 2008 аз ташкили ширкатҳои фючерсии кишоварзӣ ба қарздиҳии мустақими бонкӣ ба ин шакли фаъолияти хоҷагидорӣ гузашт. Ин таҷрибаи нави дастрасӣ ба қарз дар соли 2008 аз минтақаи Суғду Хатлон оғоз гардид.

Дар шароити имрӯза, дар баробари ҳамаи ин, яке аз масъалаҳои асосӣ ва таъсиррасоне, ки бевосита ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ метавонад мусоидат намояд, ин қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ мебошад. Чунин тамоюл метавонад як қатор имкониятҳои нави рушдро дар самти дастгирии бахши кишоварзӣ махсусан, дар сатҳи хоҷагиҳои хонаводагӣ ба миён оварад.

Таъмин намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва танзим намудани воридоти он дар шароити ҳозираи иқтисодӣ, масъалаҳои мубрами рӯз буда, омӯзиш ва таҳлили мушкилоти мавҷуда дар идоракунӣ танзими онро талаб мекунад. Таъмин намудани афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодиёти мамлакатро бе муҳайё намудани шароити муфид барои ташкили инфрасохтори муосир тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин асос, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тавсеаи содирот ва воридоти маҳсулоти кишоварзӣ аҳаммияти махсус дода, барои амалишавии босифати нақшаҳои дарпешгузошта, ки аҳамияти минтақавӣ ва байналмилалӣ доранд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Дар сурати пайгирии доимии равишҳои гуногун дар самти татбиқи сиёсати кишоварзӣ, ин метавонад имкониятҳои ба рушд нигаронидашударо дар сурати мавҷудияти заминаҳои моддӣ-техникӣ ба миён оварад. Вобаста ба ин, агар рушди соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи деҳот таъмин гардад, сиёсати кишоварзӣ то ҳамон андозаи рушд дар минтақаҳои деҳот имконпазир мегардад. Дар ин робита, гуфтан мумкин аст, ки мавҷудияти инфрасохтори истеҳсолӣ бевосита ба шароити техникӣ ва таъмин будани субъектҳои кишоварзӣ бо воситаҳои техникӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Дар айни замон, вобаста ба ҷой доштани як қатор муаммоҳо таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо маводҳои техникӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Зеро, чунин ҳолат метавонад алоқамандии байнисоҳавиро ба миён оварда, рушди КАС-ро дар кишвар ба таври чашмрас тақвият диҳад.

Масъалаҳои мубрами васеъ намудани доираи фаъолияти сохторҳои кишоварзӣ бо фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ яке аз падидаҳои асосие мебошад, ки ба сифати истеҳсоли маҳсулот ва ҳаҷму ҳиссаи он дар сатҳи зарурӣ таъсир мерасонад. Ин метавонад ба василаи як омил ё зуҳуроти таъсиррасон дар соҳаи кишоварзӣ баромад намуда, фондҳо ва имкониятҳои истеҳсолиро васеъ намояд. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз мавҷудияти пояҳои моддӣ-техникӣ вобаста буда,

рушди мутавозинро тақозо менамояд. Зеро, истеҳсолот ва сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ аз мавҷудияти ҳолати техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад. Дар хоҷагиҳои кишоварзии Тоҷикистон норасоии техника ва технологияҳои муосир аз як қатор унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва муҳим вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, таъминоти техникии соҳаи кишоварзӣ барои ташкили КАС-и пешрафта шароит фароҳам меоварад.

Дар робита ба ҳамаи ин, заруриятҳои дастгирии баробари соҳаҳо, вобаста ба сатҳи даромаднокӣ ва хатарнокӣ бояд, ки дастгирӣ дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соҳаҳои дигар бештар бошад. Бинобар ин, маблағгузории имтиёзнок низ агар ба ин соҳа бештар бошад, то ҳамон андоза сатҳи самаранокии соҳа боло меравад. Ҳамин аст, ки ин соҳа мунтазам дар зери кафолати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст. «...Муносибатҳои нави иқтисодӣ дар соҳаи аграрӣ аз корхонаҳои кишоварзӣ тақозо менамояд, ки захираҳои моддии худ, аз он ҷумла, нерӯи истеҳсолии дар ихтиёрашон бударо самаранок истифода намуда, таҷҳизоту техникаи нав харид карда, таҷдиди мунтазами базаи моддӣ-техникии худро таъмин менамояд» [124].

Рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ дар айни замон, бевосита дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва равандҳои ҷаҳонишавию тағйиротҳои куллӣ қарор дошта, он ба таври идомадор пеш меравад. Аз ин хотир, барои мутобиқшавӣ ба тамоми равандҳои дар иқтисодиёт ҷойдошта рушди ин соҳа равишҳои нави методологиро тақозо намуда, дар ин замина ислоҳотро низ ҳамчун омили асосӣ ва муҳим арзёбӣ намудааст. Дар ин марҳила яке аз масъалаҳои асосие, ки бевосита дар самти ислоҳот масъалаи меҳварӣ мебошад, ин бевосита ворид намудани техника ва технологияҳои муосир дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Дар ин радиф, барои кам намудани сатҳи хавфҳо ва дигар норасогиҳои ҷойдошта дар самти имтиёзгирӣ пеш аз ҳама ташкили хоҷагиҳои коллективӣ ё якҷоя ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар робита ба чунин амалкардҳои институтсионалӣ ҷиҳати навсозӣ ва рушди технологияҳои

нави соҳаи кишоварзӣ давлат ба сатҳи маҳсулнок ва сифати маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ин самтро мавриди назари худ қарор дод.

Ворид намудани технологияҳои пурсамар барои таъмини самаранокӣ ва гирифтани фоидаи бештару хароҷоти камтар яке аз масъалаҳои муҳимест, ки аз босамарии техника ва технологияҳои ҳозиразамон вобаста мебошад. Бинобар ин, сатҳи самараи иқтисодии соҳаи кишоварзиро ба воситаи чунин тамоюлҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин кардан имконпазир мебошад.

Новобаста аз оне ки барои навсозӣ ва рушди соҳа як қатор тағйирот ва ислоҳот ба амал омадаанд, ҳамоно як қатор мушкилот низ ҷой доранд, ки бандҳои зеринро дар бар мегиранд:

- сатҳи пасти самаранокӣ вобаста ба ҳосилнокии замин ва муносибат ба он дар раванди нуридиҳӣ ва дигар масъалаҳои муҳими ба ин вобаста дар соҳаи кишоварзӣ;
- инфрасохтори суст инкишофёфтаи нақлиётӣ, бадшавии ҳолати роҳҳо дар минтақаҳои деҳот ва набудани дастрасӣ ба иттилооти бозорӣ;
- сатҳи нокифояи дастрасии деҳқонон ба инфрасохтори зарурӣ ва дар доираи ин нокифоягии малакаи касбии онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар нозукиҳои он;
- дар сурати тамоюли манфиро касб намудани маҳсулоти кишоварзӣ вобаста ба зиёд гардидани ҳаҷми воридот метавонад ба амнияти ғизоии кишвар вобаста ба нархҳо ва як қатор масъалаҳои дигар таъсири манфӣ расонад.

Дар баробари ҳамаи ин, мо бар он назарем, ки яке аз механизмҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ шарикии давлат ба ин бахш буда, дастгирӣ ва ҳамкории он дар доираи салоҳиятҳои мавҷудаи ба рушд нигаронидашуда ба таври доимӣ бошад. Зеро, шарикии давлат метавонад омили асосии рушди соҳаи кишоварзӣ гардида, ба устувории он мусоидат намояд.

Дар муҳити имрӯзаи иқтисодӣ рушди пайвастаи соҳаи кишоварзӣ ба ташаккули инфрасохтори хурди зарурӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар фароҳам гардида, имкониятҳои нави ба ояндаи рушд нигаронидашуда фароҳам мегардад. Дар заминаи рушди соҳаи кишоварозӣ дар сатҳи минтақавӣ тақвият ва рушди агробизнес имконпазир гардида, равишҳои нави тиҷоратӣ ва ҳамзамон ғанигардонии бозори дохилӣ ва нерӯи содиротӣ таъмин мегардад. Дар салоҳиятҳои давлатӣ дастгирии соҳаи кишоварзӣ вазифаи асосии давлат буда, дастгирии мустақим ва ғайримустақим низ бо андешидани як қатор чораҳои зарурӣ вазифаи он мебошад. Зеро давлат дар фароҳам овардани шароити сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ кафили боэътимод буда, ҳавасмандгардонии доимиро метавонад таъмин намояд. Бинобар ин, соҳаи кишоварзӣ ҳамеша ба қарзҳои арзон ва дарозмуддат эҳтиёҷ дорад, ки ин эҳтиёҷ ба таври ҳадафманд танҳо аз ҳисоби захираҳои давлатӣ таъмин карда мешавад. Зеро имконияти маблағгузорӣ ва таҷдиди кӯмакпулиҳо танҳо тавассути давлат таъмин карда мешаванд ва ин роҳи ягонаи бо пул таъминкунии субъектҳои кишоварзӣ дар шароити муосир мебошад.

Маъмултарин равиши идораи босамари КАС ин танзими давлатӣ ва таваҷҷуҳи давлат ба ин самт буда, равишҳои гуногун метавонанд истифода гардида, имкониятҳои нав ба вуҷуд оварда шаванд. Дар ҳамин замина ба маврид қайд гардидааст, ки «...сабабгори танзими давлатӣ ва дастгирии КАС, бахусус, хоҷагии қишлоқ, агар аз як тараф тақозои аҳаммияти ҳаётан муҳим доштани бахши аграрӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ ва дар бисёр мавридҳо манбаи ягонаи истеҳсоли озуқаворӣ бошад, аз тарафи дигар, ба шумори соҳаҳои хеле хатарноки хоҷагии халқ шомил будани истеҳсолоти кишоварзист. Натиҷаи ниҳоии истеҳсолоти мазкур ҳанӯз аз таъсири омилҳои табиӣ-иқлимӣ вобастагӣ дорад, ки онҳо дар навбати худ, хислати мавсимӣ доштани равандҳои истеҳсолии бисёр соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва комплекси агросаноатиро тавлид карда,

хусусиятҳои истеҳсолӣ-технологӣ ва ҳатто иҷтимоӣ-иқтисодии онҳоро боис мешаванд» [142].

Равишҳои гуногуни рушди КАС бевосита ба танзими давлатӣ вобаста буда, имкониятҳои доимиро тақозо менамоянд. Дар ҳамин радиф гуфтан мумкин аст, ки вобаста ба баррасии афзоиши дастгирии давлатӣ ва танзими самарабахши соҳаи кишоварзӣ аз тарафи давлат дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан соҳибкории кишоварзӣ як қатор роҳу воситаҳо ҷой дорад. (Расми 4.1).

Расми 4.2. Роҳҳои таъмин ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир

Сарчашма. Таҳияи муаллиф

Гуфтан мумкин аст, ки аксар кишварҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ ба таври муваффақона амал мекунанд ва дар ҷаҳони иқтисодӣ нерӯи устувори содиротӣ аз ҳисоби маҳсулоти кишоварзӣ доранд, таваҷҷуҳи худро ба соҳаи кишоварзӣ равона намуда, ин соҳаи калидии кишварро пайваста дастгирӣ менамоянд. Дар иловаи ин, сатҳи алоқамандии КАС-ро дар муҳити ҳамгироии доимӣ ба хотири вусъати рушди истеҳсолоти дохилии ба содирот нигаронидашуда роҳандозӣ менамоянд. Вобаста ба ин, аз таҷрибаи давлатҳо пай бурдан мумкин аст, ки дастгирии хоҷагии қишлоқ дар муҳити кишоварзӣ як масъалаи доимӣ мебошад ва илова бар ин пайваста ба дастгирӣ ҷиҳати пӯшонидани хароҷот ниёз дорад. Аз ҳамин лиҳоз, давлат барои танзими дурусти ин муҳит дар сатҳи деҳот аз сиёсати оқилонаи протексионизми аграрӣ истифода мебарад, то молистеҳсолкунандаи ватаниро дар таносуб бо ҳамин табақаи хориҷиҳо дар сатҳи зарурӣ дастгирӣ намуда, онҳоро ҳимоя намояд.

Аз ин хотире, ки бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар тамоми давлатҳои дунё ба сифати муҳаррики асосии пешбаранда маҳсуб меёбад, озодии фаъолият ва дастгирии доимии он низ вазифаи аслии давлатҳо маҳсуб меёбад. Тавре таҷриба нишон медиҳад, дар Тоҷикистон ҳоло ҳам ҳаст ҳолатҳое, ки дар самти дастгирии бахши кишоварзӣ муаммоҳои қарзӣ ва ғайриқарзӣ, ки он ба ҳамлу нақли маҳсулоти кишоварзӣ, хариду фурӯши онҳо монеагӣ ба миён меорад, соҳибкорон дучор мешаванд. Лекин ҳалли чунин масъалаҳо метавонад бо як амалкарди институтсионалӣ роҳи ҳалли худро пайдо намояд.

Ҷадвали 4.8. - Сармоягузориҳои қарзии бонкҳои Тоҷикистон ба хоҷагии қишлоқ (млн. сомонӣ)

Номгӯй	2020	2021	2022	2023	2024	2024 бо % нисбат ба 2020
ҲАМАГӢ	10965	12051	13657	17921	21455	195,7

Идомаи ҷадвали 4.8.

Аз онҳо кӯтоҳмуддат	3405,4	3754,3	4249	4950,5	6335,9	186,1
Дарозмуддат	7560	8296,8	9408	12971	15119	200,0
Аз он ҷумла Корхонаҳои кишоварзӣ	390,1	393,7	492,6	279,6	212,9	54,6
Аз онҳо кӯтоҳмуддат	310,2	378,3	472,3	254,5	151,4	48,8
Дарозмуддат	79,9	15,4	20,3	25,1	61,5	77,0
Таносуби корхо-наҳои кишоварзӣ дар сармоягу-зориҳои қарзӣ (бо %), ҳамагӣ	3,6	3,3	3,6	1,6	1,0	27,9
Аз онҳо кӯтоҳмуддат	9,1	10,1	11,1	5,1	2,4	26,2
Дарозмуддат	1,1	0,2	0,2	0,2	0,4	38,5

Сарчашма: Молияи Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе, 2025, с. 117-118.

Чӣ тавре ки аз маълумоти ҷадвали 4.8. бармеояд, дар давраи мавриди таҳқиқ (солҳои 2020-2024) шабакаи муассисаҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ шуда, сармоягузориҳои қарзии онҳо дар иқтисодиёт дар ин давра аз 10965,4 миллион сомонӣ то 21455,2 миллион сомонӣ расида, ба ҳисоби дигар 1,9 маротиба, махсусан, сармоягузориҳои дарозмуддати қарзии бонкҳо 2 маротиба афзудааст. Сармоягузориҳои қарзии бонкҳо дар хоҷагии қишлоқ бошад, дар солҳои 2020-2024 аз 390,1 миллион сомонӣ ба 212,9 миллион сомонӣ расида, нишондиҳандаи соли 2024 нисбат ба соли 2020 ҳамагӣ 54,6 фоизро ташкил медиҳад.

Дар таҷрибаи имрӯзаи Тоҷикистон новобаста аз оне ки тамоми институтҳои молиявӣ ба соҳаи кишоварзӣ ё соҳибкорони дар ин самт амалкунанда қарз медиҳанд, ҳоло ҳам мушкилот ва норасоиҳо дар ин самт ба таври чашмрас ҷой доранд. Бо ҳамин мақсад гуфтан мумкин аст, ки ҳастанд мушкилоте, ки хизматрасонии қарзиро то як андоза ба ин

бахши калидии иқтисодиёт ғайриимкон мегардонад, агарчанде ки дар ин самт институтҳои қарзии кишвар фаъол ба назар мерасанд. Танҳо мушкилот байни субъектҳои кишоварзӣ ва бонкҳо дар баланд будани шиддати хавф аз тарафи субъектҳои кишоварзӣ ва аз дигар тараф арзиши гарав, ки аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба хотири кам кардани хавф дар сатҳи минималӣ ҳисоб карда мешавад. Чунин ҳолатро низ ба шартҳои қарзӣ рабт додан мумкин аст, ки аксар шартҳо ба ташкили муносибатҳои дутарафа монеа эҷод мекунанд.

Тавре аз сарчашмаҳо бармеояд, «...молистеҳсолкунандагони хурд дар бозор бо корхонаҳои нисбатан калони кишоварзӣ муборизаи рақобатӣ дошта бошанд. Таҷрибаҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и алоҳида нишон медиҳанд, ки дар хоҷагиҳои аз ин шакли қарз истифодабурда ҳаҷми фоидаи гирифташуда нисбат ба хоҷагиҳое, ки аз қарзи хурд истифода набурдаанд, аз 1 то 2,8 маротиба бештар аст ва сатҳи даромаднокӣ зиёда аз 55-60 фоизро ташкил додааст»[142]. Дар иловаи ин таҳлилҳо ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дасгирии молиявии соҳаи КАС дар чанд соли охир ба он боис гардид, ки ҳиссаи ин соҳа дар рушди иқтисодиёти миллӣ назаррас гардад (нигаред ба диаграммаи 4.1.).

Даграммаи 4.1. - Ҳиссаи соҳаи саноат ва кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ барои солҳои 2018-2024



Сарчашма. Дар асоси маълумоти таварруми солонаи БМТ омода карда шудааст.

Рушди соҳаи КАС дар ҷомеаи имрӯза ба сифати муҳаррики асосии пешбаранда маҳсуб ёфта, дар он тарафҳои манфиатдор бахши соҳибкорӣ ин мувозинатро ба таври доимӣ назорат ва таъмин менамоянд. Ҳиссаи ин бахшҳои муҳим дар рушди иқтисодиёт мавқеи калидӣ дошта, ба таври чашмрас назаррас мебошад. Тавре аз маълумоти диаграммаи болозикр бармеояд, агар ҳиссаи бахши саноат дар рушди иқтисодиёт соли 2018 11,2 фоизро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2024 бо суръати баланд ва чашмрас аллакай 20 фоизро ташкил намуда, дар муқоисаи соли таҳлилшаванда 8,8 банди фоиз зиёд буда, суръати рушд ба ҳисоби миёна 16,7 фоизро ташкил намуд.

Дар баробари ин, ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ ҳам назаррас буда, он дар соли 2018 4 фоиз ва дар соли 2024 аллакай ба 10,6 фоиз баробар шуд, ки ин нишондиҳанда комилан назаррас мебошад ва ин масъала дар сатҳи

давлат аҳаммияти зарурӣ дорад. Дар давоми чанд соли охир саҳми соҳаи соҳибкорӣ дар тамоми бахшҳои муҳими давлатӣ зиёд буда, ҳиссаи ин бахш дар рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ - ММД назаррас мебошад. Тавре, ки маълум аст дар заминаи ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ мо метавонем тамоми бахшҳои муҳими соҳа аз он ҷумла, саноати хурд ва соҳибкории кишоварзиро бо риояи тамоми таносубҳо рушд диҳем.

Қайд кардан зарур аст, ки дар соҳаи кишоварзӣ ҷой доранд соҳаҳое, ки онҳо аз як тараф барои рушди соҳа муҳиманд ва аз дигар тараф аз ҳама нуқтаи назар осебпазир мебошанд. Дар Тоҷикистон соҳаи тухмипарварӣ ва зираоатпарварӣ чун дигар соҳаҳои таркибӣ ба дастгирии молиявӣ ва маблағгузориҳои буҷетию имтиёздиҳӣ эҳтиёҷ доранд. Зеро дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ ва дастрасии соҳа ба сарчашмаҳои арзони ва дастраси молиявӣ танҳо тавассути бахши давлатӣ имконпазир мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар таҳияи лоиҳаи буҷет масъалаи банақшагирии маблағгузорӣ ба ин ду самти соҳаи кишоварзӣ баррасӣ ва пешбинӣ карда шавад. Маъмулан, агар дар баъзе қисматҳои соҳаи кишоварзӣ сатҳи даромаднокии баланд эҳсос гардад, ҳамоно ҳолатҳое ҷой доранд, ки дар ин самтҳо низ батадриҷ хавф боло мебошад.

Дар робита ба ин, гуфтан мумкин аст, ки яке аз механизмҳои асосии баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳамзамон, таъмини ҷараёни такрористеҳсол дар сатҳи зарурӣ дастгирӣ намудани бахши КАС ва дар ҳамин муҳит ташкили муҳити ҳамгироии байнидоравӣ ё соҳавӣ мебошад.

ХУЛОСАИ БОБИ ЧОРУМ

Дар сатҳи рушди минтақавӣ ва ё деҳотии соҳаи кишоварзӣ - ин пеш аз ҳама, аз як тараф мушкилофар будани шароити роҳ ё ҳамлу нақл бошад, аз дигар тараф набудани шароити нигоҳдорӣ ва ё корхонаҳои хурди саноатӣ мебошад, ки метавонад то як андоза корро душвор гардонад. Бинобар ин, зарурияти маблағгузорӣ ва ҷалби лоиҳаҳои грантӣ яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки дар ин муҳит шароит фароҳам оварда, ба тақвият ва рушди доимии соҳа мусоидат менамояд.

Вобаста ба муаммоҳои ҷойдошта дар самти бартарафсозии диспаритети нархҳо ва пардохтҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ андешидани як қатор чораҳоро дар сатҳи омилӣ тақозо менамояд, ки бандҳои зеринро дар бар мегирад:

- дастгирии давлатӣ ва танзими сатҳи нархҳо ба истеҳсолкунандагони дохилӣ дар муқобили ҳамон маҳсулоте, ки аз хориҷ ворид мешаванд;

- истифода ё ташкили равзанаи кафолати давлатӣ ба истеҳсоли баъзе масҳсулоти муҳим ва таъсиррасон ба рушди соҳа;

- фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ ва дар заминаи ин додани имконияту имтиёзҳои дарозмуддат ба соҳаи кишоварзӣ;

- дар сатҳи зарурӣ додани имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои саноатие, ки нархи маҳсулоти ба хоҷагии қишлоқ таҳвилшавандаашонро дар муҳити мутавозин дар алоқамандӣ бо молҳои аз хориҷ воридшаванда нигоҳ медоранд;

- ташкили муҳити ҳамгироишудаи КАС бо бонкҳо, давлат ва дигар институтҳои молиявии хориҷӣ;

- дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани таносуби нархи ашёи хоми кишоварзӣ ва нархи маҳсулоти ниҳоии аз он тайёршаванда дар алоқамандӣ бо ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунанда;

- тавсеа додани қарзҳои имтиёзнок, сармоягузориҳои дарозмуддат ва имтиёзҳои андозӣ ва ғ.

Тавре ки аз маълумот ва ҳолати воқеии рушди соҳа пай бурда мешавад, дар чанд соли охир Роҳбарияти Олии кишвари азизамон дар як муҳити идомадор ба дастгирии КАС таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, истеҳсолоти кишоварзиро бо истеҳсолоти саноатӣ дар муҳити ҳамгироишуда мавриди пешбинӣ қарор додааст, ки ин метавонад дар дароз кардани давраи ҳаёти маҳсулотҳои кишоварзӣ мусоидат намояд.

Дар иловаи ин, ба андешаи мо, барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва дигар сохторҳои ёрирасони он зарурияти тақвияти як қатор масъалаҳо ва андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

– якум, пурзур намудани маблағгузориҳои давлатӣ барои рушди соҳа;

– дуюм, додани кафолат ё таҳияи лоиҳаи кафолатии дарозмуддат барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ;

– сеюм, ҳамкорӣ бо КАС дар доираи имкониятҳо ба хотири таъмини бехатарии онҳо ва суботи нархҳо;

– чорум, танзими равандҳои андозӣ ба хотири бартараф намудани тамоми муаммоҳои ба ин самт вобастабуда ва ғ.

Мустақилияти равишҳои навсозишуда дар низоми андозбандӣ ва ба таври мушаххас муайян намудани низоми андозбандии соҳаи кишоварзӣ аз зумраи он масъалаҳое мебошад, ки ба он ба таври доимӣ бояд аҳамият дод. Ҳамзамон бо ин, рушди КАС дар шароити имрӯза хосияти институтсионалӣ дошта, як қатор амалкардҳои мутақобиларо талаб менамояд, то дар сатҳи зарурӣ нишондиҳандаҳо назаррас гарданд. Дар давраи таҳқиқотшаванда (солҳои 2002-2023) шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ соли 2023 нисбат ба соли 2002 - 11,9 маротиба афзоиш ёфта, аз 14763 то ба 176524 воҳид расида, майдони кишти онҳо бошад, дар ин давра аз 189,9 ҳаз. га ба 549,6 ҳаз. га афзудааст (359,9 ҳаз. га ё 2,9 баробар афзоиш).

Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар кишвар 11,9 маротиба афзуда, аз 14763 то 176524 адад ва майдони кишт дар ин давра аз 189,9 ҳазор то

549,6 ҳазор гектар афзудааст. Имрӯзҳо ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли зироатҳои ғалладона 61,4 фоиз, картошка 53,7 фоиз, сабзавот 56,2 фоиз, зироатҳои обёрӣ 77,9 фоиз, пахта 71,04 фоизро ташкил медиҳад, ки ин шаҳодат аз он медиҳад, ки онҳо истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти дар боло зикршуда дар ҷумҳурӣ мебошанд.

Зарурияти тақвияти КАС дар муҳити ҳамгироишудаи соҳаи кишоварзӣ бо саноат имкониятҳои нави рушд ва таъминнокиро дар бозори дохилии мамлакат ба миён меоварад. Аз ин хотир, ташаккул ва заминаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ метавонад ба равишҳои нави КАС мусоидат намуда, сатҳ ва сифати истеҳсолотро дар соҳа дигаргун намояд. Бо ҳамин мақсад фаъолияти онҳо бояд ба таъмини талаботи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар субъектҳои истеҳсолоти кишоварзӣ дар хизматрасонии техникӣ ва таъмини муттасилии пешбурди кишоварзӣ равона карда шавад.

Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи мо дар Тоҷикистон соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ айни замон метавонад бо се равиш рушд намояд:

1) фароҳам овардани шароити ҳаматарафа барои ба таври мукаммал омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳавии бисёрсамта;

2) ташкили инфрасохтори баланбардории ҳосилнокии замин ва соддагардонии бозори замин;

3) муносибати комплексӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ, ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ байни корхонаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард дар самти кластеризатсия ва инноватсия.

Ҳамаи ин амалкардҳо метавонанд хосияти умумӣ дошта, дар он иштироки тамоми табақаҳо ва корхонаву муассисаҳо ба нафъи ин соҳа мебошад. Ҳамчунин, барои таъмини суботи соҳаи кишоварзӣ зарурияти рушди соҳа метавонад бо ташаббусҳои дастаҷамъонаи давлат ва дигар ниҳодҳои дахлдор рушд намояд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои шахсии ёрирасон, кооперативҳои кишоварзӣ, агрофирмаҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, корхонаҳои иҷора, муштарак ва ғайра дар шароити бозор бояд ҳамчун шакли соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисоди миллӣ баррасӣ карда шаванд, аммо афзалиятҳои рушди онҳо бояд пеш аз ҳама, ҳалли ҳадафҳои стратегии рушди кишвар ва истеҳсоли инноватсионӣ бошанд.

БОБИ 5. АФЗАЛИЯТҲОИ СТРАТЕГИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

5.1. Кластеризатсия ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз нуқтаи назари равиши кластерӣ стратегияест, ки ба эҷод ва таҳкими робитаҳои байни корхонаҳо дар минтақаи муайяни ҷуғрофӣ равона шудааст. Тавре маълум аст, равиши кластерӣ ба консепсияи кластерҳо асос ёфтааст, ки рушди ширкатҳои ба ҳам алоқамандро дар асоси ҷанбаҳои асосии зерин ифода мекунанд.

Пеш аз ҳама, ин синергия ва ҳамкории байни соҳибкорон мебошад, ки метавонанд захираҳо, технологияҳо ва донишро дар доираи кластер мубодила кунанд, ки ин ба баландшавии самаранокӣ ва кам шудани харoҷот оварда мерасонад. Ҳамкорӣ бошад, метавонад дар таҳияи муштараки маҳсулот ва технологияҳои нав зоҳир шавад.

Дуюм, кластерҳо барои инноватсия муҳити мусоид фароҳам меоранд ва ба мубодилаи ғояҳо ва технологияҳо мусоидат мекунанд, ки ин раванди таҳияи маҳсулоти навро аз ҷониби соҳибкорон суръат мебахшад.

Сеюм, тамоми ширкату корхонаҳое, ки ба меъёрҳо ва ё муқаррароти мавҷуда ҷавобгӯанд, онҳо ба кластер шомил гардида, метавонанд дар доираи имконият ва иқтидорҳои худ сатҳи рақобатпазирии худро ҳифз намуда, батадриҷ сифати маҳсулот ва хизматрасонии худро боло бардоранд.

Чорум, кластерҳо аксар вақт муассисаҳои таълимиро дар бар мегиранд, ки ба такмили ихтисоси кормандон мусоидат мекунанд. Ин барои таъмини сатҳи зарурии дониш ва малакаҳое, ки барои истеҳсоли рақобатпазир талаб карда мешаванд, муҳим аст.

Панҷум, рушди кластерҳои сохторӣ ва соҳавӣ метавонанд ба таври

мутавозин дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоми имкониятҳои транзитӣ ва сохтории соҳаи кишоварзӣ ва амсоли онро рушд дода, барои фаъолияти минбаъдаи он шароити мусоид фароҳам созад.

Истифода аз механизми каластерӣ ва диверсификатсиякунонии фаъолияти соҳибкорӣ як қатор имконияту имтиёзҳои навро таъмин намуда, инчунин, аз амалигардонии ин усул имкониятҳои нави инновасионӣ ба даст оварда мешавад. Чунин тамоюл метавонад натиҷаҳои дилхоҳро дар масъалаи даромадафзоӣ таъмин намояд.

Ҳолатҳои ҷойдошта равишҳои нави самаранокро талаб намуда, механизмҳои навсозишудаи ба рушд мусоидаткунандаро бо истифода аз фишангҳои ҷойдошта барои рушди соҳа тақозо менамояд.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ эътироф шудааст, ки «...такмили фаъолияти соҳибкорӣ вазифаи махсусан муҳим аст, ки ҳалли он шарти муҳими рушди саноат ва иқтисод дар маҷмӯъ мебошад. Таҳия ва татбиқи шаклҳо ва усулҳои нави муносибатҳои байни корхонаҳо, ҷорӣ намудани имкониятҳои иловагӣ барои бартараф кардани монеаҳо барои рушди тиҷорат аҳаммияти махсус дорад. Дар равандҳои технологии муосири истеҳсолӣ, садҳо таъминкунандагон ва пудратчиён аз соҳаҳо, минтақаҳо ва кишварҳои гуногун иштирок мекунанд, ки бо ҳамдигар мустақиман, инчунин, тавассути низомҳои логистикӣ, машваратӣ ва молиявӣ ҳамкорӣ мекунанд. Дар робита ба ин, ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо хеле мураккаб шуда, қисми муҳими алоҳидаи соҳибкорӣ гардид» [38].

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир яке аз афзалиятҳои стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамгироии равандҳои истеҳсолӣ мебошад. Ҳамгироӣ раванди объективии иқтисодӣ мебошад, ки ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат асос ёфта, ба рушди самараноки ҳамаи унсурҳои ҳамгироӣ равона шудааст.

Ба ақидаи Маджизода А. «...Иқтидори илмӣ дар асосноккунии рушди соҳибкории истеҳсолии муосир, модели кластерии рушди он

мебошад, ки имрӯз ба пурранамоии низоми ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии корхонаҳои инноватсионӣ дар доираи кластерҳо ниёз дорад» [225, с. 178-184].

Ҳамзамон, кластер ҳамчун таваҷҷӯҳ ва модели муосири ташкилии тиҷорат консепсияеро ифода мекунад, ки татбиққунандаи ин моделҳои мақсадноки давлатӣ тавассути дастгирии бахши соҳибкорӣ дар амал татбиқ гардида, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, рушди тиҷорат, ғанигардонии бозор ва беҳтар кардани натиҷаҳои тиҷорат ба кластерҳо муттаҳид мешаванд. Одатан, кластерҳо дар натиҷаи ҳамкории иштирокчиёни гуногун, ки дар як ё якчанд соҳаҳои марбута кор мекунанд, сохта мешаванд ва ба ғайр аз манфиатҳои дар боло зикршуда барои соҳибкории истеҳсолӣ, ҳадафи ба даст овардани таъсири миқёс тавассути афзоиши дастрасӣ ба бозорҳои нав мебошанд. Ғайр аз ин, ширкатҳое, ки ба кластерҳо дохил мешаванд, метавонанд аз эътибори кластер баҳра баранд, ки ин эътимоди муштариён ва шариконро зиёд мекунад.

Аз нуқтаи назари манфиатҳои давлат кластерҳо метавонанд вобаста ба оне, ки хосиятҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ ва пиёда гардидани ҳадафҳои стратегии давлатӣ дар он ифода ёфтаанд, таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар доираи имкониятҳои худ афзоиши маблағгузорӣ ва дигар шаклҳои дастгирии давлатиро ба ин самт ҷорӣ намояд.

Яке аз механизмҳои таҷрибавие, ки дар сатҳи мамлакат метавонад натиҷаи назаррас диҳад ин, албатта ташкили кооперативҳои истеҳсолӣ дар заминаи хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва кластеризатсияи соҳаи кишоварзӣ мебошад. Имрӯз як масъалаи асосие, ки татбиқ ва амалишавии барномаҳоро дар ҳамаи самтҳо, махсусан, бахшҳои воқеии иқтисодиёт метезонад, ин, албатта, раванди ҳамгироӣ махсусан, дар бахши комплекси агросаноат маҳсуб меёбад. Вобаста ба кашфиёти илмӣ дар соҳа ва ҳолати воқеии соҳа гуфтан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон ҳамгироии комплекси агросаноат ҳанӯз дар миёнаҳои асри 20 ҳамчун

масъалаи асосӣ маҳсуб ёфт, ки дар айни замон, он ҳамчун масъалаи асосӣ ва калидӣ ҳисобида мешавад. Ғайр аз ин, дар шароити саноатикунонии босуръат ҳамгироии уфуқӣ ва сониян, ҳамгироии амудӣ чун дигар шаклҳои ҳамгироӣ дорои бартарӣ буда, афзалиятҳои рушди истеҳсоли саноат ва кишоварзиро метавонад пурра таъмин намояд.

Аз таҳлилҳои институтсионалии соҳа ҳаминро пай бурдан мумкин аст, ки дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон бештар аз ҳама ҳамгироии уфуқӣ бештар ба фаъолияти имрӯзаи соҳибкорӣ рост омада, он, асосан, ба якҷояшавии корхонаҳо ва дар доираи ин истеҳсоли шакли якхелаи истеҳсолот бо бартарии муайян ва қобили таваҷҷӯҳ амал менамоянд. Одатан, дар таркиби ин шакли ҳамгироӣ масъалаи васеъкунии доираи фаъолият ва сатҳи истеҳсоли молу маҳсулоти гуногун равона шудааст. Асоситарин ва таъсиррасонандатарин омили рушди иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии агросаноатӣ истифодаи самараноки захираҳо тавассути таъсири миқёс ва синергия дар шакли амудӣ мебошад.

Дар баробари ҳамгироии уфуқии фаъолияти алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ дар истеҳсоли номгӯйи алоҳидаи истеҳсоли молҳои алоҳида ифода менамояд, ҳамгироии амудӣ бошад, ҷараёни фаъолияти корхонаҳо ва истеҳсоли онҳоро дар доираи маҷмуи истеҳсоли молҳои бо технология алоқаманд дар бар мегирад. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки ҳамгироии амудии комплекси агросаноат ин ҷараёне мебошад, ки дар доираи як давраи муайяни технологӣ нигаронида шуда, ин сатҳи ҳамгироӣ кам кардани хароҷот, коркарди аввалияи ашёи хом ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани онро дар бар мегирад.

Вобаста ба шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз механизмҳои асосии рушди ҳамгироии агросаноатӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон кластеризатсия мебошад, ки ин муҳимиятро низ адабиёти иқтисодӣ ифода менамоянд. Чи тавре аз адабиёти иқтисодӣ бармеояд « ....ҳам дар васеъ ва амиқ намудани робитаҳои истеҳсолӣ-технологӣ

байни корхонаҳо, истифодаи якҷояи захираҳо, муттаҳид кардани сармоя ва ҳам дар фароҳам овардани шароити мусоиди амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ, бартараф кардани монеаҳои мутақобила зоҳир мешавад» [200, с. 178-180].

Дар сатҳи зарурӣ рушд накардани субъектҳои соҳаи кишоварзӣ дар алоқаманди бо равишҳо ва талаботҳои КАС ислоҳоти ҷиддиро тақозо намуда, шаклҳои нави ҳамкориҳои ҳамгироишударо тақозо менамояд ва ин масъала пайгириҳои нави инноватсиониро ба таври доимӣ тақозо намуда, метавонад фаъолиятҳои нави хосияти иқтисодидоштаро ба вуҷуд оварад. Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки дар ҳамкории дуруст ба ҷараёнҳои кластерикунонӣ ҳамчун заминаи бунёдӣ тавонем онро бо дигар кишварҳо ҳамоҳанг намуда, механизмҳои муносиби ҳамкориро ба миён оварем. Илова бар ин, иқтидори истеҳсолӣ ва сатҳу сифати молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро ба хориҷиён барои ҳамкорӣ муаррифӣ намоем. Дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ баррасии масъалаи соҳибкорӣ, ки он бо саноату кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои меҳварӣ ҳамгиро мебошад, тафсири он аз нуқтаи назари қонунӣ ва субъективӣ гуногун мебошад.

Барои мисол дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин таърифи моҳияти соҳибкорӣ оварда шудааст: «...Соҳибкорӣ - фаъолияти мустақили ба таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст, мебошад» [20, с. 2-3], яъне, он ба консепсияи 5 ҳарфа (ТМҲНИ) - ташаббус, таваҷҷӯҳ, ҳамгироӣ, навоварӣ, иттилоот комилан мувофиқат мекунад (консепсияи русии «5 И» - инициатива, интерес, интеграция, инновации, информация).

Бо нуқтаи назари Матвеева О.А. розӣ шудан мумкин аст, ки «...Таҷрибаи ҷаҳонии кишварҳои пешрафта боварибахш исбот мекунад,

ки барои рушди ҳамкории иқтисодии сохторҳои соҳибкорӣ бояд ба ҳамкории техникӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва истеҳсолӣ асос ёбад» [38]. Дар асоси гуфтаҳои боло муайян намудан мумкин аст, ки муваффақиятҳои аксар кишварҳои пешрафта дар ин соҳа аз ташкили муҳити ҳамгироии бахши соҳибкорӣ фаъолияти илмӣ-техникӣ маҳсуб меёбад, ки ин алоқамандӣ шароит фароҳам месозад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва зиёд шудани нерӯи содиротии кишвар баръало эҳсос гардад.

Вобаста ба баррасии мукаммал ва васеи моҳияти соҳибкорӣ ва ҳамбастагии онҳо олимони дигар низ ба назарияпардозӣ шуруъ намуда, он аз тарафи Сквортсова Т.А. ва Паршина Е.А. қайд мегардад, ки «...Истифодаи кластерҳои саноатӣ ҳамчун модели ташкилии соҳибкорӣ ба рушди навовариҳо дар истеҳсолоти саноатӣ тавассути кам кардани хароҷоти татбиқи онҳо, эҷоди робитаҳои устувори технологӣ, илмӣ-техникӣ ва дигар робитаҳо байни корхонаҳои тиҷорати хурд ва калон мусоидат мекунад, ки барои тахассус ва кам кардани хароҷоти онҳо имконият фароҳам меорад» [47].

Дар давоми чанд соли охир новобаста аз он, ки давлат ҳанӯз ба масъалаи хусусигардонӣ аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст, аммо дар давоми ду даҳсолаи охир ба ин масъала таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, ба раванди кластерикунонӣ меҳоҳад сатҳи самарнокиро дар ин самт баланд бардорад. Ҳамаи ин ташаббусҳои давлатро дар барномаву маводҳои вазорату идораҳои дахлдор мушоҳида намудан мукин аст. Тибқи иттилоъ ва маводҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қайд гардидааст, ки «Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси саҳми бахши хусусӣ бартарият дорад, алалхусус, дар бахши саноати коркард, ки он рушди кластерҳо ва сиёсати ҷудонопазири инноватсионии давлатӣ мебошад.

Тамоюли дигари хусусияти мусбат доштани ин ҷараёнро, асосан, дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, ки он аз 31 кишвар бо 26 барномаи кластерӣ муваффақ гардидаанд, мушоҳида намудан мумкин аст. «...Барои муайян кардани аҳаммияти рушди кластерҳои истеҳсолӣ барои иқтисоди Аврупо, инчунин, метавон меморандуми кластерии Аврупоро ҳамчун мисол номбар кард, ки дар конфронси Аврупо оид ба рушди кластерҳо ва инноватсияҳо дар Стокголм 23 январи соли 2008 пешниҳод карда шуд. Мақсади асосии ҳуҷҷатҳои қабулшуда афзоиши кластерҳо бо мақсади мусоидат ба баланд бардоштани рақобатпазирии кишварҳои алоҳида ва Иттиҳоди Аврупо дар маҷмӯъ буд» [109, с. 14-17]. Ҳамаи тамоюлҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт хусусияти стратегӣ ва барномавӣ дошта, татбиқи амалии онҳоро давлат ба таври мустақим ва ғайримустақим назорати маҷмӯӣ мебарад.

«....Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) ҳамчун афзалиятҳои рушди минтақаҳо ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудию саноатӣ/кластерҳо (ҳудудҳои индустриализатсия ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, маркази навовариҳо) ва рушди долонҳои иқтисодӣ таъкид шудааст» [31].

Ҳамзамон, дар СМР-2030 «...фароҳам овардани шароит барои дар минтақаҳои кишвар ташаккулдиҳии кластерҳои мухталифи энергетикӣ, саноатӣ, нақлиётию логистикӣ, озуқаворӣ ва таълимӣ, ки унсурҳои ҷудонопазири занҷирҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ ва минтақавии арзиши иловашуда ва омили баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ хоҳанд буд» [31].

Илова бар ин, дар стратегияи мазкур қайд карда мешавад, ки «...ташаккулдиҳӣ ва рушди кластерҳои самти индустриалию инноватсионидошта, ки дар доираи онҳо ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои бахши воқеии иқтисод рушди таҳқиқоти илмӣ ва

фаъолияти инноватсиониро таъмин мекунанд, шомил будан дар кластер дастрасиро ба технологияҳои нав осон мегардонад» [31].

Ҳамвора бо ин, рушди баробари минтақавии КАС дар сатҳи Тоҷикистон ба он далолат менамояд, ки амалкардҳои институтсионалӣ дар сатҳи зарурӣ дуруст ба роҳ монда шуда, ба ин масъала таваҷҷӯҳи махсуси барномавӣ ва сармоягузорию имтиёздиҳӣ ҷорӣ карда шудааст.

Барои ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолии ҷумҳурӣ дар самти кластерикунонии фаъолияти он, дар Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 вазифаҳо дар ин самт муайян карда шудаанд, ки ин хоҳиши давлатро барои таъмини эътимоду боварии соҳибкорон дар интихоби фаъолияти ҳамгироии онҳо инъикос менамояд. Дар барномаи зикршуда ба таври возеҳ муайян карда шудааст, ки афзоиши арзиши иловашудаи молҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси рушди кластерӣ метавонад дар ду бахши асосии иқтисоди миллӣ, яъне КАС ва саноат ба даст оварда шавад. Дар ин барнома ду самти асосии кластеризатсияи иқтисоди миллӣ нишон дода шудааст:

- «...таҳия ва татбиқи чорабиниҳо вобаста ба ташкил ва рушди кластерҳои саноатӣ дар бахшҳои саноати мошинсозӣ, кимиёвӣ, истихроҷи кӯҳӣ, металлургияи ранга ва сиёҳ, масолеҳи саноати сохтмонӣ ва ғайра»;

- «...дар минтақаҳои кишвар ташкил додани кластерҳои азими агросаноатӣ барои коркарди ашёи хоми кишоварзӣ то маҳсулоти ниҳоӣ ва ғайра».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо се санади давлатӣ ба масъалаҳои ташаккул ва рушди кластерҳо бахшида шудаанд. Ин:

- «...Гузориши Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси саҳми бахши хусусӣ, бахусус, дар бахши саноати коркард: таҳлил ва тавсияҳо» соли 2015 омодашуда»[14];

- «...Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 октябри соли 2020, №566 тасдиқ шудааст)» [14];

- «..Стратегияи миллии рушди истеҳсол ва коркарди пахта ва саноати бофандагии кишвар барои давраи то соли 2040 (соли 2023 қабул шудааст), ки пурра ба рушди соҳа дар асоси кластеризатсия ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ бахшида шудааст» [14];

Ба андешаи мо, бо дарназардошти аҳаммияти махсуси кластерикунонии иқтисоди миллӣ дар шароити муосир, бояд чораҳои иловагии стратегӣ ва барномавии сатҳи давлатӣ дар масъалаи кластерикунонии иқтисоди кишвар ба хотири ояндаи рушди устувор ва шароити созанда барои тамоми аҳолии Тоҷикистон фароҳам оварда шавад.

Дар «Консепсияи таъсис ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» таърифи зерини кластер оварда шудааст: «...Зери мафҳуми кластери агросаноатӣ гурӯҳи хоҷагиҳои фермерии ба ҳам алоқаманд, ки ҳамдигарро пурра менамоянд фаҳмида мешавад. Илова бар ин, кластерҳои агросаноатӣ аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ дар як ё якчанд минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойгиранд ва тавассути технологияи умумӣ дар асоси илмӣ ё анъанаҳои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир муттаҳид шудаанд» [14].

Дар ин таърифи мафҳуми кластер қайд карда мешавад, ки барои КАС-и ҷумҳурӣ унсури асосии кластеризатсия чунин шакли ташкилии соҳибкории истеҳсолӣ, ба монанди муттаҳидсозии хоҷагиҳои фермерӣ мебошад. Маҳз дар атрофи ин шакли ташкилии соҳибкорӣ унсурҳои дигари кластер – фаъолият дар соҳаи намудҳои гуногуни хизматрасонӣ ва инкубаторҳои тиҷоратӣ ташаккул меёбанд.

Дар робита ба ин дар манбаи зерин чунин ишора шудааст, ки «...Консепсияи таъсис ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 қайд карда шадааст, ки

кластерҳои агросаноатӣ шакли қонунии тасдиқшудаи шахси ҳуқуқиро надоранд, дар шакли ширкат ё шаклҳои дигари ҳамкории корхонаҳо ба тарзи уфуқӣ ва ё амудӣ барои ҳалли як ва ё якчанд вазифаҳо муттаҳид шудаанд, ки бо қонунгузории граждани пешбинӣ гардида, фаъолият мебаранд. ҳамзамон, ҳама корхонаҳо (иштирокчиёни кластер) ҳангоми бурдани бизнес ё амалигардонии вазифаҳои худ (муассисаҳои таҳсилотӣ ва ташкилоти илмӣ) мустақилияташонро нигоҳ медоранд» [14].

Вобаста ба бандҳо ва мақсадҳои дар консепсия овардашуда муайян кардан мумкин аст, ки тавассути он методологияи дурусти рушди соҳа дар заминаи кластерикунонӣ ва ташкили муҳити ҳамгироишудаи КАС имконпазир мегардад. Илова бар ин, зарурати ташаккули шароити зарурӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун унсури асосӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ ташаккул диҳад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон вобаста ба равандҳои кластерикунонӣ дар соҳаҳои саноат ва рушди ҳамаҷонибаи он бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди истеҳсол, коркарди пахта ва саноати бофандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040» таҳия ва қабул гардидааст (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2023, №593), ки мутобиқи он ба истифода додани маҷмуаҳо (кластерҳо) оид ба коркарди ниҳоии нахи пахта дар шаш шаҳру ноҳияҳои мамлакат зарур аст.

Тавре ки маълумоти ҷадвали 5.1 нишон медиҳад, ба ин ноҳияҳо дохил мешаванд:

1. ш. Кӯлоб - иқтидори истеҳсолӣ 27,1 ҳазор тонна пахта;

2. ш. Душанбе - иқтидори истеҳсолӣ 2,3 ҳазор тонна пахта;

3. н. Қубодиён - иқтидори истеҳсолӣ 16,8 ҳазор тонна пахта;

4. н.Ҷалолиддини Балхӣ - иқтидори истеҳсолӣ 32,8 ҳазор тонна пахта;

5. н. Зафаробод - иқтидори истеҳсолӣ 27,2 тонна пахта;

6. ш. Конибодом - иқтидори истеҳсолӣ 20,4 ҳазор тонна пахта.

Иқтидори умумии он 99,4 нею – 126,6 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Ташаккул ва рушди 6 кластери бофандагӣ-дӯзандагӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки 135 ҳазору 400 ҷойи корӣ таъсис дода шавад [31].

Мувофиқи санади мазкур ҳаҷми риштаи баландсифати истеҳсолшаванда (то 126,6 ҳазор тонна) ба таври назаррас афзоиш дода мешавад [31], ки ин имкон медиҳад истеҳсоли матоъҳои рақобатпазир (633 млн. м^2) таъмин карда шуда, ба нуқтаҳои рушди тамоми иқтисоди миллӣ табдил ёбанд.

Дар асоси ин параметрҳои индикативӣ, имконияти нишон додани дурнамо ва таъсири миқёс ҳангоми ташкили соҳибкории истеҳсолӣ тавассути ташкили кластерии истеҳсоли нахи пахта, ришта ва матоъҳо пайдо мешавад (нигаред ба ҷадвали 5.2).

Тавре ки аз маълумоти саҳифаи минбаъдаи дар ҷадвалҳо овардашуда дида мешавад, истеҳсоли риштаи пахта дар соли 2040 ба 126,6 ҳазор тонна мерасад, ки нисбат ба соли 2020 – 6,1 маротиба ва дар муқоиса бо соли 2024 - 6,9 маротиба зиёдтар аст (мувофиқан дар солҳои 2020 ва 2024 – 20,7 ҳазор тонна ва 18,4 ҳазор тонна); истеҳсоли ришта ба ҳар сари аҳолӣ 9,3 кг/нафарро ташкил медиҳад ва мутаносибан 18,6 маротиба ва 18,6 маротиба зиёд мешавад. Истеҳсоли матоъҳои пахта дар соли 2040 ба 633 млн. м^2 мерасад, ки нисбат ба соли 2020 – 8,55 маротиба ва нисбат ба соли 2024 – 26,6 маротиба зиёд аст (мувофиқан дар солҳои 2020 ва 2024: 7,4 млн. м2 ва 23,8 млн. м2); истеҳсоли матоъҳо ба ҳар сари аҳолӣ 46,5 м^2/нафарро ташкил медиҳад ва мутаносибан 58,1 маротиба ва 19,4 маротиба зиёд мешавад.

Ҷадвали 5.1. - Маълумот дар бораи кластерҳои коркарди пахтаи хом то маҳсулоти тайёр

Нишондиҳандаҳо	Кластери 1	Кластери 2	Кластери 3	Кластери 4	Кластери 5	Кластери 6	Ҳамагӣ
Мавқеи ҷойгиршавӣ	Шаҳри Кӯлоб	Ноҳияи Қубодиён	Ноҳияи Ҷ.Балхӣ	Шаҳри Душанбе	Шаҳри Конибодом	Ноҳияи Зафаробод	
Ноҳияҳои пайвастшуда	Кулоб, Фархор, Ҳамадонӣ, Восеъ	Қубодиён, Шаҳритус, Н. Хусрав	Ҷ.Балхӣ, Ҷайҳун, Дустӣ	Шаҳринав, Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, Рудакӣ	Конибодом, Ашт, Б. Ғафуров	Зафаробод, Спитамен, Ҷ.Расулов	
Майдони кишт (га)	26100	16178	31546	3076	19749	26294	**122943**
Иқтидори заводҳои коркарди пахта дар як сол (ҳаз. тонна)	31,9	19,8	38,6	2,7	24,1	32,1	**149,2**
Иқтидори фабрикаҳои коркарди ришта дар як сол (ҳазор тонна ришта)	27,1	16,8	32,8	2,3	20,4	27,2	**126,6**
Иқтидори истеҳсоли матоъи пахта дар як сол (млн. м^2)	135,5	84	164	11,5	102	136	**633**
Маблағи сармоя- млн. долл. ИМА)	167	163,5	165,9	70,4	163,5	153	**883,3**
Ҳосилнокӣ (сентн/га)	35	35	35	35	35	35	**35**
Ҳосили солонаи нахи пахта (ҳазор тонна)	91,3	56,6	110,4	10,8	69,1	92	**430,2**
Шумораи ҷойҳои корӣ (нафар)	25304	27624	26953	1553	27624	26342	**135400**

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди истеҳсол, коркарди пахта ва саноати бофандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040.

Ҷадвали 5.2. - Пешгӯйӣ ва тағйири миқёси истеҳсоли нахи пахта, ришта ва матоъ тавассути ташкили кластерии соҳибкории истеҳсолӣ

Номгӯ	2020	2024	2040 интизорӣ	2040 нисбат ба 2020	2040 нисбат ба 2024
Риштаи пахта - ҳазор тонна	20,7	18,4	126,6	6,1 маротиба	6,9 маротиба
Шумораи аҳолӣ - ҳазор нафар	9716	10078	13600	1,4 маротиба	1,35 маротиба
Истеҳсол барои як нафар – кг/нафар	0,5	0,5	9,3	18,6 маротиба	18,6 маротиба
Матои пахта - млн. $м^2$	7,4	23,8	633	85,5 маротиба	26,6 маротиба
Истеҳсол барои 1 нафар - $м^2$/нафар	0,8	2,4	46,5	58,1 маротиба	19,4 маротиба

Сарчашма: [113]

Новобаста аз оне ки «Стратегияи миллии рушди истеҳсол, коркарди пахта ва саноати бофандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040» масъалаи рушди кластерҳоро дар ҷумҳурӣ муайян мекунад, аммо аз нуқтаи назари рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ иқтидори рушди онро дар ин самт, дар дигар 10 ноҳияи калоне, ки дар онҳо кишти пахта амалӣ карда мешавад, низ бояд қайд кард. Инҳо шаҳру ноҳияҳои зерин мебошанд: Мастчоҳ, Панҷ, Данғара, Хуросон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Бохтар, Кушониён, Вахш ва Левакант.

Ҳисобҳои дар ҷараёни таҳқиқот гузаронидашуда бо назардошти рушди соҳибкории истеҳсолӣ тавассути ташкили кластерии фаъолият дар минтақаҳои иловагии кишвар тасвири хушбинтарро нишон медиҳанд. Яъне, мо интизорем, ки на 126,6 ҳазор тонна ришта, балки 181,0 ҳазор тонна ришта истеҳсол карда мешавад (ва бо ҳосилнокии на 35 сентн/га, балки воқеитар - 30 сентн/га) ё 43% зиёдтар, аз ин рӯ, на 633 млн. м^2 матоъ, балки 900 млн. м^2 (нигаред ба ҷадвали 5.3).

Ҷадвали 5.3. - Ҷамъоварии умумии пахтаи хом бо ҳосилнокии 30 сентнер/га ҳангоми васеъ кардани соҳибкории истеҳсолӣ дар ноҳияҳои иловагии кишвар

Минтақа	Майдони кишт, га	Ҷамъоварии умумм пахтаи хом ҳазор тонна	Натиҷаи нахи пахта (35%) ҳазор тонна	Натиҷаи ришта (95%) ҳазор тонна
Тоҷикистон	181480	544 = 100%	190	181
Суғд	57119	172 ё 31,6%	60	57
Хатлон	121694	364 ё 66,9%	127	120
Душанбе ва НТҶ	2667	8 ё 1,5%	3	2

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти оморӣ

Тибқи ҳисобҳои мо, истеҳсоли риштаи пахта дар соли 2040 ба 181 ҳазор тонна мерасад, ки нисбат ба соли 2020 – 8,7 маротиба ва нисбат ба соли 2024 - 9,8 маротиба зиёд аст; истеҳсоли ришта ба ҳар сари аҳолӣ 13,3 кг/нафарро ташкил медиҳад ва мутаносибан нисбат ба солҳои 2020 ва 2024 – 26,6 маротибагӣ зиёд мешавад.

Истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ дар соли 2040 ба 900 млн. м^2 мерасад, ки нисбат ба соли 2020 - 121 маротиба ва нисбат ба соли 2024 – 27,6 маротиба зиёд аст; истеҳсоли матоъҳо ба ҳар сари аҳолӣ 66,2 м^2/нафарро ташкил медиҳад ва мутаносибан 82,8 маротиба ва 27,6 маротиба зиёд мешавад. Ин ҳаҷми хеле калони истеҳсоли ришта ва матоъ мебошад, ки метавонад афзоиши назарраси истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагии тайёрро таъмин кунанд. Агар ба назар гирем, ки барои як сокини мамлакат дар як сол на камтар аз 1000 сомонӣ маҳсулоти дӯзандагӣ харидан лозим аст, ҳисоб кардан душвор нест, ки ҳаҷми маҳсулоти дӯзандагӣ 13,6 миллиард сомониро ташкил медиҳад (ин нисбат ба соли 2023 - 39 маротиба зиёд аст).

Ҷадвали 5.4. - Пешгӯйии истеҳсоли нахи пахта, ришта ва матоъ ҳангоми васеъкунии соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои иловагии кишвар

Номгӯй	2020	2024	2040 интизорӣ	2040 нисбат ба 2020	2040 нисбат ба 2024
Риштаи пахта - ҳазор тонна	20,7	18,4	181	8,7 маротиба	9,8 маротиба
Шумораи аҳолӣ - ҳазор нафар	9716	10078	13600	1,4 маротиба	1,35 маротиба
Истеҳсоли ришта барои як нафар – кг/нафар	0,5	0,5	13,3	26,6 маротиба	26,6 маротиба
Матои пахтагӣ - млн. м^2	7,4	23,8	900	121,1 маротиба	37,8 маротиба
Истеҳсоли матоъ ба сари аҳолӣ - м^2/нафар.	0,8	2,4	66,2	82,8 маротиба	27,6маротиба

Сарчашма: [113]

Ҳамин тариқ, кори мақсаднок ва доимӣ оид ба ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ тавассути таъсиси кластерҳои бофандагӣ ва дӯзандагӣ рақобатпазирии баланди маҳсулоти ватаниро дар бозорҳои дохиливу ҷаҳонӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда, барои рушди доимии фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон заминаи мусоиди фаъолият аз лиҳози молиявӣ ва дигар имкониятҳои бо пул вобастабуда фароҳам оварда шавад. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва расидан ба пешниҳодҳои дар хулоса овардашуда мо метавонем тавассути кластеризатсияи рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ ноил гардем.

5.2. Рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ

Ҷаҳони навин бо фаъолиятҳои нави мураккаб ва самарбахш, ки дар он баъзеҳо муваффақ ва баъзеи дигар номуваффақ мешаванд, пеш рафта, бартарии худро бо технологияҳои рақамӣ нишон медиҳанд. Иқтисоди рақамӣ як марҳилаи нав дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он технологияҳои рақамӣ ба воситаи асосии эъҷод, паҳн ва истеъмоли молҳо ва хидматҳо табдил меёбанд. Дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ, иқтисоди рақамӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ, оптимизатсияи равандҳо ва эҷоди маҳсулоти инноватсионӣ уфуқҳои нав мекушояд.

Иқтисоди рақамӣ доираи васеи мафҳумҳо ва технологияҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла интернети ашё (IoT), маълумоти калон, зеҳни сунъӣ (AI), ҳисобкунии абрӣ ва блокчейнҳо. Консепсияҳои асосии назариявии иқтисоди рақамӣ чунин назарияҳоро дар бар мегиранд:

1. Назарияи иттилоот ба он асос ёфтааст, ки иттилоот як захираи калидӣ дар иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Дар саноат он дар шакли

таҳлили маълумоте, ки аз сенсорҳо ва дастгоҳҳо гирифта шудааст, зоҳир мегардад ва имконият медиҳад, ки қарорҳои асоснок қабул карда шавад.

2. Назарияи эффектҳои/таъсири шабакавӣ нишон медиҳад, ки арзиши маҳсулот ё хидмат бо афзоиши шумораи корбарон меафзояд. Дар саноат он метавонад дар платформаҳо ва экосистемаҳои муштарак зоҳир шавад, ки дар он ширкатҳо метавонанд маълумот ва захираҳоро мубодила кунанд.

3. Назарияи инноватсия, ки аҳаммияти равандҳои инноватсиониро барои рақобатпазирӣ таъкид мекунад. Иқтисоди рақамӣ ба навовариҳои босуръат мусоидат намуда, бо тағйиротҳои доимии муҳити берунӣ ва дохилии бозор мутобиқ шаванд.

Аз ин рӯ, барои истифодаи бомуваффақияти технологияҳои рақамӣ аз тарафи соҳибкорони истеҳсолӣ методологияи муайянро риоя кардан лозим аст. Чунин методология арзёбии равандҳо, технологияҳо ва захираҳои мавҷударо дар бар мегирад. Ин барои муайян кардани кадом соҳаҳо рақамисозиро талаб мекунад ва кадом технологияҳоро татбиқ кардан мумкин аст, кӯмак мекунад.

Бо васеъ шудани доираи муносибатҳои иқтисодӣ ва суръати доимии рушди иқтисодиёт, бо ёрии рақамикунонӣ таъмини рушди устувори иқтисодиёт ба қатори он масъалаҳое дохил мешаванд, ки истифодаи он бояд ба таври доимӣ амалӣ карда шавад. Зеро, рақамикунонӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ ва махсусан, дар навсозии истеҳсолот нақши калидӣ дошта, он бевосита ба пешрафти доимӣ дар такористеҳсол метавонад мусоидат намояд. Илова бар ин, метавон гуфт, ки дар давоми чанд соли охир рақамикунонии истеҳсолот субъектҳои гуногуни иқтисодиро ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил намудааст ва он ҳамчун заминаи асосии пешрафт низ маҳсуб меёбад. Дар айни замон, новобаста аз баъзе муаммоҳои ҷузъӣ, мушаххасоти зарурӣ ва таъсиргузор низ ҷой доранд, ки ҳамаи онҳо бевосита метавонанд меҳварияти афзалиятҳои рақамикунонии

истеҳсолотро дар сатҳи зарурӣ густариш диҳанд. Бинобар ин, мо дар таҳқиқоти илмии худ меҳварияти рақамикунонии истеҳсолотро бо афзалиятҳои зерин муайян намудем (нигаред ба расми 5.1.).

Расми 5.1. - Бартарият ва афзалиятҳои рақамикунонии истеҳсолот дар муҳити имрӯзаи иқтисодӣ

Сарчашма. Муаллиф таҳия намудааст

Таъмин намудани рушди мунтазам тавассути рақамикунонӣ, махсусан, дар соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ метавонад як механизми асосӣ ва ҳамқадам шудан бо тағйироти ҷаҳонӣ бошад. Зеро, рақамикунонии иқтисодиёт як қатор афзалиятҳо дорад, ки ҳамаи онҳо ба устуворӣ ва сатҳи рақобатпазирии истеҳсолкунандагон таъсири мусбат мерасонанд. Бинобар ин, дар муҳити рақамикунонӣ як қатор афзалиятҳоро дидан мумкин аст. Ҷаҳони муосирро бидуни истифодаи

технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки ин заруриятҳо пурра дар расми маззкур инъикос ёфтаанд. Дар баробари ин, метавонад самаранокии нерӯи кориро низ таъмин намуда, пешрафтҳои гуногунро дар ин замина фароҳам оварад. Тавре маълум аст, сарфаи вақти корӣ ба сатҳи самаранокӣ ва коҳиши хароҷоти иловагӣ низ мусоидати ҳаматрафа менамояд. Зеро, яке аз омилҳои калидӣ ва ҳавасмандгардии кормандон ин, сарфаи вақти корӣ мебошад, ки ба нерӯи зеҳнии онҳо мусоидат менамояд.

Дар баробари ҳамаи ин, имконияти вақти корӣ низ яке аз масъалаҳои меҳварӣ ва калидӣ буда, он бо истифодаи технологияҳои рақамӣ бо кам намудани шумораи коргарон аз як зина ва ба зинаҳои дигар тақсим намудани онҳо мусоидат менамояд. Албатта, афзалияти дигари он, рушди истеҳсолот мебошад, ки он ҳадафи асосии давлат ва дигар сохторҳои ба фаъолияти истеҳсолӣ машғулшуда мебошад. Дар баробари рушди истеҳсолот, ин тамоюл метавонад фаъолияти бурунмарзии истеҳсолкунандагонро дар сатҳи зарурӣ густариш дода, ба воситаи имконият ва иқтидорҳои ин технологияҳо як қатор имкониятҳои навро метавон фароҳам овард.

Иқтисоди рақамӣ аллакай дар соҳаҳои гуногуни саноат истифода мешавад. Ҳамин тавр, масалан, ширкатҳои ба монандит Ford ва Tesla ашёҳои интернетиро (IoT) барои назорат кардани ҳолати мошинҳо ва ҷамъоварии маълумот дар бораи рафтори корбарон истифода мебаранд. Ин ба беҳтар шудани сифати маҳсулот ва таҳияи хусусиятҳои нав имкон медиҳад. Корхонаҳои ба монанди Siemens ва General Electric низомҳои интеллектуалии истеҳсолиро ҷорӣ мекунанд, ки зеҳни сунъиро барои оптимизатсияи равандҳо ва пешгӯйии вайроншавии таҷҳизот истифода мебаранд, то ки вақти бозистиро коҳиш медиҳанд.

Дар комплекси агросаноат ашёҳои интернет (IoT) барои ҳалли муаммоҳои ҷойдошта ва дар сари вақт ошкорсозии норасоиҳо нақши

калидӣ бозида, равишҳои нави назоратиро дар соҳаи истифодашаванда ба миён меоварад.

Аммо, сарфи назар аз бартариҳои возеҳ, татбиқи технологияҳои рақамӣ дар саноат ба як қатор мушкилот ва дархостҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Сармоягузории аввалия ба рақамикунонӣ метавонад назаррас буда, маблағгузории муайянеро талаб кунад, ки ин метавонад барои корхонаҳои хурду миёна монеа шавад. Мутахассисоне, ки дорои малакаҳои зарурӣ барои кор бо технологияи рақамӣ мебошанд, метавонанд дар норасоӣ бошанд. Инчунин, мутахассисоне, ки дорои малакаҳои касбии кор бо технологияҳои рақамӣ мебошанд, хеле кам ҳастанд, ки ин ҳам барои татбиқи босифати технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолот монеагиҳоро ба вуҷуд меорад.

Иқтисоди рақамӣ имкониятҳои навро барои саноат кушода, ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки самаранокиро афзоиш дода, хароҷотро коҳиш диҳанд ва маҳсулоти инноватсионӣ эҷод кунанд. Бо вуҷуди ин, татбиқи бомуваффақияти технологияҳои рақамӣ равиши ҳамаҷонибаро аз ҷумла, таҳлили вазъи кунунӣ, муайян кардани ҳадафҳо, интихоби технология ва таҳсили/омӯзиши ҳайати кормандонро талаб мекунад. Намунаҳои татбиқи бомуваффақияти қарорҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталиф тасдиқ мекунанд, ки рақамикунонӣ қисми ҷудонашавандаи раванди муосири истеҳсолӣ мегардад. Дар баробари ин, мушкилот ва масъалаҳои марбут ба татбиқи технологияҳои рақамӣ бояд ба назар гирифта шаванд, то рушди бомуваффақият ва устувори онҳо таъмин карда шавад.

Вақтҳои охир масъалаҳои трансформатсияи рақамӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан, барои соҳибкории истеҳсолӣ мавзуи хеле муҳим гардида истодааст. Ин раванд воситаи муҳим барои беҳгардонии шароити фаъолияти тиҷорат гардида, имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти ширкатҳо дар шароити номуайянӣ баланд бардошта шавад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди фаъолияти соҳибкорӣ,

масалан, истифодаи интернет ҳамчун шабакаи тақсимот, сатҳи фурӯшро нисбат ба ширкатҳое, ки дар фазои интернетӣ мавҷуд нестанд, хеле баланд мебардорад.

«...Таҷриба нишон медиҳад, ки новобаста аз андозаи ширкатҳои таъсисёфта, камолоти рақамии соҳибкорӣ сол аз сол меафзояд» [249, с. 21]. Дар шароити муосир омили асосии ба даст овардани бартарии рақобатӣ ба низоми фаъолияти соҳибкорӣ ҷорӣ намудани принсипи фарҳанги рақамӣ мебошад ва ин имкон медиҳад, ки ҳамаи омилҳои истеҳсолот самараноктар муттаҳид ва якҷо карда шаванд, ҳосилнокии тиҷорат баланд бардошта шавад ва суръати мутобиқшавии кормандони ширкатҳо ба тағйироти технологии беруна зиёд карда шавад. «...Маҳз барои ҳамин аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 28 декабри соли 2024 қайд карда шуд, ки ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисод пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025–2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд» [42].

Дар шароити имрӯза тамоми муҳаққиқони воқеӣ дар ҳама соҳаҳо бояд «иқтисоди рақамӣ»-ро дар сатҳи касбӣ ва аёниятҳои мавҷуда дарк намуда, имконияту иқтидори истифодаи онро дар сатҳи миёнаи касбӣ дарк намоянд.

Дар шароити муосир афзоиши шабеҳи робитаҳои иттилоотӣ асоси иқтисодиёти рақамӣ мебошад, ки асоси моддии онро технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) ташкил медиҳанд. Маҳз ҳаминро соли 1995 мутахассиси соҳаи тиҷорат/бизнес ва консалтингии канадагӣ Доналд Тапскотт дар назар дошт, вақте ки ӯ истилоҳи наверо пешниҳод кард, ки тамоюлҳои дар иқтисоди ҷаҳонӣ рухдодаро тавсиф мекунад, яъне иқтисоди рақамӣ (digital economy).

Технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, аммо амиқии таъсир ва суръати тағйирот дар ҳар як соҳа ё кишвар гуногун аст.

Дар заминаи мавзӯи таҳқиқоти мазкур бояд таъкид кард, ки иқтисодиёт, пеш аз ҳама, низоми муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодиёт мебошад. Масалан, иқтисодиёти анъанавӣ (аналогӣ) маҷмуи муносибатҳоест, ки дар низоми истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол ташаккул меёбанд. Дар ин ҳолат, истифодаи компютерҳо, интернет, телефонҳои мобилӣ ба соҳаи истеъмол дахл дорад. Аммо иқтисодиёти нав ё ба таври дигар иқтисоди рақамӣ қисми муносибатҳои иқтисодиро ифода мекунад, ки тавассути технологияҳои нав, ба монанди интернет, алоқаи мобилӣ, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ миёнаравӣ карда, асос меёбад.

Дар асоси ин, ба андешаи мо, метавон хулоса кард, ки иқтисоди рақамӣ ба соҳибкории рақамӣ асос ёфтааст, яъне на танҳо дар асоси технологияҳои нав, балки бизнес-моделҳои нави тиҷорат, роҳҳои нави ҳамкории иштирокчиёни бозор, шаклҳои нави рақобат ва салоҳиятҳои нав. Аз ин рӯ, соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси истеҳсоли рақамӣ аз истеҳсоли автоматикунонидашуда фарқ мекунад, зеро дар он форматҳои ягонаи маълумот дар тамоми давраи ҳаёти маҳсулот мушоҳида карда мешаванд (мисолҳо чопи 3D, сканкунии/рубардории 3D, тарроҳии рақамӣ ва робототехника).

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар асл панҷ самти асосии рушди иқтисоди рақамӣ мавҷуданд:

1. Кадрҳо ва таҳсилот;
2. Инфрасохтори иттилоотӣ;
3. Амнияти иттилоотӣ;
4. Ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ва захираҳои технологӣ;
5. Танзими меъёрӣ.

«...Таҳқиқотҳои муосир нишон медиҳанд, ки ба даст овардани бартарии рақобатӣ аз ҷониби соҳибкорон дар иқтисоди рақамӣ танҳо бо як роҳ имконпазир аст – ворид намудани инноватсия» [188, с. 60-67], [189, с. 21-26], [93, с. 360]. Банақшагирии ҳамгирошудаи фаъолияти рақамӣ дар раванди тиҷорат бошад имкон медиҳад, ки дороиҳо самараноктар истифода шаванд ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ баланд бардошта шавад [61]. Ҳамин тариқ, рақамикунонӣ афзалияти асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ мегардад, зеро он самаранокӣ, чандирӣ ва рақобатпазирии ширкатҳоро ба таври назаррас афзоиш медиҳад.

Бартариҳои рақамикунонӣ барои соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба назари мо, шаш афзалияти асосиро дар бар мегирад.

1. Тавассути рақамикунонӣ ва электронинамоии ҷараёни амалиёт босамаргардонии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ. Вобаста ба ин, иброз доштан зарур аст, ки дар шароити ҷараён гирифтани равандҳои рақамикунонӣ дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳон моро водор менамояд, ки мо низ дар тамоми бахшҳо барои ташкили кори босамари субъектҳои соҳибкорӣ ба ин ҷараён пайваст гардем. Бо иловаҳо бояд гуфт, ки истифодаи робототехника, низомҳои идоракунии истеҳсолот ва ашёи саноатии интернетӣ имкон медиҳад, ки дақиқӣ ва суръати амалиётро бо кам кардани хароҷот баланд бардорад.

2. Ташаккули фабрикаҳои ҳушманд ва индустрияи/саноати 4.0. Амалия нишон медиҳад, ки консепсияи «Индустрияи/саноати 4.0» татбиқи технологияҳоро ба монанди зеҳни сунъӣ, маълумоти калон ва ашёҳои интернетӣ барои сохтани ба истилоҳ «фабрикаҳои ҳушманд» дар бар мегирад. Дар чунин корхонаҳо низомҳо ба таври худкор маълумотро барои оптимизатсияи равандҳо дар вақти воқеӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил мекунанд, ки ин ба истеҳсоли чандиртар ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии талабот оварда мерасонад.

3. Оптимизатсияи занҷираи таъминот тавассути рақамикунонӣ, ки

ба беҳтар кардани идоракунии занҷираи таъминот тавассути платформаҳои рақамӣ, пайгирии ҳаракати молҳо ва банақшагирии автоматӣ мусоидат мекунад. Ин боиси кам шудани хароҷот, суръатбахшии логистика ва кам шудани хатари қатъи таъминот мегардад.

4. Афзоиш тавассути рақамикунонии сифати маҳсулот. Чунин тамоюл имконияти ба таври маҷозӣ омӯзиши тамоми амасъалаҳое, ки ба сифат ва идоракунии маълумот мусоидат менамоянд, имкониятҳои васеъро фароҳам мегардонад. Ин миқдори камбудиҳо ва баргардонидани маҳсулотро коҳиш медиҳад.

5. Ноил шудан ба фардикунонӣ ва чандирии истеҳсолот. Технологияи рақамӣ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки маҳсулоти бештар фардӣ истеҳсол кунанд, ки ба талаботи инфиродии муштариён ҷавобгӯ бошанд. Моделҳои истеҳсоли чандирӣ имкон медиҳанд, ки бе талафоти ҳосилнокӣ гузариши зуди байни намудҳои гуногуни маҳсулот амалӣ карда шавад.

6. Таъмини амнияти киберӣ. Гап дар сари он аст, ки бо афзоиши истифодаи технологияи рақамӣ аҳаммияти ҳифзи маълумот низ меафзояд. Интегратсияи/ҳамгироии низомҳои киберамниятӣ ба ҳифзи маълумоти истеҳсолӣ ва молиявӣ мусоидат мекунад, ки ин ҷанбаи муҳими рақамикунонӣ ва ба даст овардани рақобатпазирӣ дар раванди фаъолияти соҳибкорӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, бояд қайд кард, ки рақамикунонӣ на танҳо тамоюли технологӣ, балки зарурати соҳибкории истеҳсолӣ мебошад, ки мехоҳад дар иқтисоди ҷаҳонӣ рақобатпазир ва устувор боқӣ монад. Имрӯз рақамикунонии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти муҳимест, ки дар муқоиса бо дигар кишварҳо дар марҳилаи ибтидоии рушд қарор дорад. «...Аммо тавре ки таҳқиқот нишон медиҳад, ҳоло Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои соҳибкории кишвар

иқтидори рақамикуниро барои баланд бардоштани самаранокӣ, ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии саноат эътироф мекунанд» [253, с. 67-68].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҷанбаҳои асосии рақамисозӣ дар соҳибкории истеҳсолии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ташаббусҳои Ҳукуматро дар соҳаи татбиқи барномаҳои рақамӣ барои ҳавасмандгардонии рақамисозӣ дар саноат дар бар мегиранд. Тибқи «...Барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 мебошад, ки ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, истеҳсолоти саноатӣ нигаронида шудааст»[7].

Тавре ки маълум аст, ҳадафи барномаи мазкур фароҳам овардани шароит барои гузариш ба иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва беҳтар намудани сифати маҳсулот мебошад. Айни замон, дар сохтори Вазорати саноат ва технологияҳои нав «Маркази зеҳни сунъӣ ва инноватсия» фаъолият мекунад, ки ба ширкатҳои саноатӣ дар татбиқи зеҳни сунъӣ ва ҳалли инноватсионӣ дар соҳаҳои саноат кӯмак хоҳад кард.

Баъзе ширкатҳои бузурги истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузориро ба технологияҳои автоматикунонӣ ва идоракунии равандҳои истеҳсолӣ тавассути ҳалли рақамӣ шурӯъ карданд. Мисол метавонад «ТАЛКО» (заводи алюминийи Тоҷикистон) бошад, ки ба навсозии иқтидорҳои истеҳсолии худ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир барои баланд бардоштани самаранокӣ ва устуворӣ тавассути ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунӣ кӯшиш мекунад.

Заводи сементи Сангтӯда технологияи муосирро барои идоракунии равандҳои истеҳсолӣ ва назорати сифати семент истифода мебарад. Заводи «Тоҷиктекстил» ҳамчун яке аз истеҳсолкунандагони пешбари нассоҷии кишвар бо истифода аз ҳалли рақамӣ низомҳои ERP (Enterprise

Resource Planning - барномаҳои ҳамаҷониба барои идоракунии тамоми равандҳои тиҷоратӣ)-ро барои идоракунии равандҳои истеҳсолӣ ва занҷираҳои таъминот ҷорӣ мекунад.

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр корхонаҳо барои баланд бардоштани самаранокии раванди бевоситаи истеҳсолот технологияҳои рақамиро фаъолона истифода мебаранд. Масалан, Маркази агроинноватсионии Тоҷикистон - ҶСК «Агроинвест» оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ барои назорат ва таҳлили ҳосил ва идоракунии равандҳои коркард кор мекунад. Заводи коркарди меваю сабзавот «ФрутТаҷ» ба равандҳои бастабандӣ ва ҷудокунӣ, инчунин, низомҳои идоракунии сифат автоматизатсияро ҷорӣ мекунад.

Қайд кардан хеле муҳим аст, ки маҳз тиҷорати/бизнеси миёна ва бузурги истеҳсолӣ дар Тоҷикистон ба истифодаи низомҳои идоракунии истеҳсолот, инчунин, гузаронидани экспертизаи муфассали касбии фаъолияти соҳибкорӣ таъмин карда шавад. Аммо барои соҳибкории хурд истифодаи чунин воситаи таъмини рақобатпазирӣ аз сабаби мушкилоти техникӣ ва арзиши баланд ҳанӯз фоидаовар нест.

Намунаи ширкатҳои хитойӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки чӣ гуна метавон ба ҳалли рақамӣ дар соҳибкории истеҳсолӣ сармоягузорӣ кард ва фаъолона истифода бурд. Масалан, ширкатҳое ба монанди «Huawei» ва ZTE, технологияҳои муосир ва ҳалли рақамиро, аз ҷумла, ашёҳои интернетиро (IoT), автоматизатсия ва идоракунии маълумотро барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои истеҳсолӣ ҷорӣ мекунанд. Бисёре аз ширкатҳои хитойӣ дар лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда, технологияҳои рақамиро барои идоракунии лоиҳаҳо, мониторинг ва таҳлили маълумот ҷорӣ карда, истифода мебаранд. Ширкатҳои агросаноатии Чин қарорҳои рақамиро дар соҳаи кишоварзӣ, аз қабили низомҳои идоракунии зироат ва мониторинг татбиқ мекунанд, ки ба баланд

бардоштани ҳосилнокӣ ва муқовимат ба тағйирёбии иқлим мусоидат мекунанд. Муҳим он аст, ки қарорҳои рақамӣ ба як қисми муҳими фаъолияти истеҳсолии ширкатҳои чинӣ дар Тоҷикистон табдил ёфта, ба беҳтар шудани самаранокӣ ва рақобатпазирӣ мусоидат мекунанд. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба равандҳои худ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокӣ шурӯъ мекунанд.

Инчунин, қайд кардан муҳим аст, ки барои соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар қадами муҳим дар рақамикунонӣ - татбиқи технологияҳо барои идоракунии занҷираҳои таъминот мебошад. Тавре ки дар боло қайд кардем, платформаҳои рақамӣ ба оптимизатсияи логистика, коҳиш додани хатарҳо ва афзоиши шаффофият дар ҳама марҳилаҳои истеҳсол ва интиқол мусоидат мекунанд.

Барои дастгирии рақамикунонӣ инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ бояд рушд ёбанд. Дар давоми ду панҷсолаи охир суръати истифодаи технологияҳои рақамӣ махсусан, дар ичрои корҳо ва хизматрасониҳои молиявӣ тавассути дастгоҳҳои ҳушманд ва алоқаи мобилӣ як қатор имкониятҳои навро ба миён оварда, раванди истифодаи босуръати платформаҳои рақамиро низ ба миён овардааст.

Ҳамзамон, барои рақамикунонии муваффақ омодасозии кадрҳои баландихтисос муҳим аст. Имрӯз барномаҳои таълимии марбут ба технологияҳои иттилотӣ ва рақамӣ дар сатҳи муассисаву корхонаҳои сатҳи гуногун ба таври назаррас ба роҳ монда шуда, барои оммафаҳмии он чарабиниҳои таълимӣ ва методӣ идома доранд.

«...Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити гузариши рақамӣ, кормандони корхонаҳои онҳо яке аз муҳимтарин захираҳои истеҳсолӣ мебошанд, ки бояд дар раванди татбиқи ғояҳои тиҷоратии соҳибкорон салоҳиятҳои рақамӣ дошта

бошанд ва ба талаботе, ки стандартҳои касбӣ дар ин соҳа пешниҳод мекунанд, ҷавобгӯ бошанд» [230, с. 13-17].

Аз ин рӯ, тағйироти рақамӣ дар соҳибкории истеҳсолӣ ногузир мутахассисони баландихтисосро дар соҳаи коркарди маълумоти зиёд ва истифодаи технологияҳои нав талаб мекунад. Вобаста ба истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, дар баробари истифодаи моҳиронаи он боз соҳибкоронро зарур аст, ки вобаста ба тақвияти фаъолияти худ дар самти технологияҳои ҳушманд тасаввуроти кофӣ дошта бошанд.

Дар шароити муосир рушди нокифояи инфрасохтори рақамӣ, бахусус, дар минтақаҳои дурдасти кишвар, барои ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта дар сатҳи тиҷорати хурду миёна монеаи муайян мебошад. Ҳамзамон, сатҳи пасти огоҳии баъзе соҳибкорон дар бораи манфиатҳои рақамикунонӣ низ барои рушди иқтисоди рақамӣ маҳдуд аст.

Таҷрибаи мушкилоти солҳои охир вобаста ба ҷаҳонишавии равандҳои технологӣ ва шиддат гирифтани гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ моро водор ба он менамояд, ки марҳала ба марҳала ба иқтисодиёти рақамӣ гузашта, ин тамоюлро то соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ - саноат, кишоварзӣ, хизматрасонӣ бо мурури замон ҷорӣ намуда, аз рӯйи он пайваста назорат намоем.

Таҳлили шарҳи «Индикаторҳои иқтисоди рақамӣ-2020» нишон медиҳад, ки сохторҳои соҳибкорӣ тиҷорати рақамии худро, пеш аз ҳама, дар соҳаҳое, ба монанди телекоммуникатсия (индекси рақамикунонӣ 41%), технологияҳои иттилоотӣ (индекси рақамикунонӣ 35%), саноати коркард (индекси рақамикунонӣ 35%) ҷамъ мекунанд [93, С. 360]. Дар навбати худ, индекси рақамикунонии тиҷорати хурд ва миёна ба 50% мерасад (2020) [37].

Дар заминаи таҳқиқоти мазкур бояд таъкид кард, ки иқтисоди рақамӣ пеш, аз ҳама, ба платформаҳои гуногуни рақамӣ вобаста ба

соҳаҳо асос ёфта, дар он имкониятҳои истифода ва дигар бартариятҳои умумӣ инъикос ёфтаанд.

Дар шароити имрӯза бо суръати баланд гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ вобаста ба тақвияти доимии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ин муҳит масъалаҳои зеринро пай бурдан мумкин аст:

а) вусъати доимии тиҷорати электронӣ дар қолабҳои нави фосилавӣ ё ба таври маҷозӣ анҷом додани хариду фурӯш ё огаҳӣ аз сифати маҳсулот;

б) роҳандозии маргетинги маҷозӣ ва бо ин роҳ тақвиятбахшии муносибатҳои тиҷоратӣ дар шаклҳои гуногун;

в) ва аз ҳама муҳим вусъати раванди сармоягузорӣ ба ширкату корхонаҳое, ки корҳои илмию таҳқиқотиро амалӣ мекунанд ва натиҷаи таҳқиқоти онҳо ба вусъати истеҳсолот мусоидат менамояд.

«...Ҳамзамон, дар шароити тағйирёбии рақамӣ барои соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ ин самтҳо омилҳои ёрирасони рушд мебошанд, ки имкон медиҳанд, ки тавассути коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ, инчунин, оптимизатсияи истеҳсолот бартариҳои рақобатӣ ба даст оранд» [99, с. 212]. Дар ин ҳолат, ҳосилнокии ҳадди ниҳоии чунин омили истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ба монанди қобилияти соҳибкорӣ пайваста меафзояд.

Гап дар ин аст, ки ҳосилнокии ниҳоии омили қобилияти соҳибкорӣ, дар шароити рақамикунонии иқтисод бо якчанд омилҳои асосӣ тағйироти назаррасро аз сар мегузаронад. Пеш аз ҳама, ин афзоиши дастрасӣ ба иттилоот аст, зеро рақамикунонӣ ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки ба миқдори зиёди иттилоот ва таҳлил дастрасӣ пайдо кунанд. Ин ба қарорҳои огоҳона ва беҳтар кардани банақшагирии стратегӣ мусоидат мекунад, ки метавонад ҳосилнокии ҳадди аксарро афзоиш диҳад.

Дуюм, автоматикунонии равандҳо ва вазифаҳои муқаррарӣ соҳибкоронро барои кори эҷодӣ ва стратегӣ озод мекунад. Ин имкон

медиҳад, ки ҳосилнокии онҳо афзоиш ёбад, зеро онҳо метавонанд ба навоварӣ ва рушд тамаркуз кунанд.

Сеюм, платформаҳои рақамӣ ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки бо хароҷоти кам ба бозорҳои байналмилалӣ ворид шаванд. Ин имкониятҳоро барои тиҷорат васеъ мекунад ва ҳосилнокии ҳадди аксарро тавассути дастрасӣ ба муштариён ва захираҳои нав афзоиш медиҳад.

Чорум, рақамисозӣ ба моделҳои нави тиҷорат, аз қабили обунаҳо, краудфандинг ва қарорҳои платформавӣ мусоидат мекунад, ки барои соҳибкорон имкониятҳои нав фароҳам меорад ва метавонад ҳосилнокии онҳоро ба таври назаррас афзоиш диҳад.

Панҷум, воситаҳои электронӣ ба истифодабарандагон имкониятҳои универсиалиро дар самти муошират, хизматрасонӣ, интиқоли пулӣ ва як қатор масъалаҳои дигар фароҳам сохта, равишҳои ба ҷомеаи имрӯза асосёфтаро пешниҳод менамоянд.

Шашум, рақамикунонӣ ба зудтар навоварӣ ва ҳалли эҷодӣ мусоидат мекунад, ки метавонад ҳосилнокии қобилияти соҳибкориро ба таври назаррас афзоиш диҳад.

Ҳамин тариқ, дар шароити рақамикунонии иқтисод ҳосилнокии ҳадди ниҳоии омили истеҳсолоти ҷамъиятиро барои баланд бардоштани самараи иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам менамояд. Дигаргунсозии рақамӣ таваҷҷӯҳи афзояндаи соҳибкории истеҳсолиро ба рақамикунонӣ ва автоматизатсия дар бахши истеҳсолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба беҳтар шудани рақобатпазирии онҳо дар бозор мусоидат мекунад.

Барои корхонаҳои саноати коркард истифодаи низомҳои идоракунии истеҳсолот (ERP) барои идоракунии занҷираҳои таъминот, ҷараёнҳои молиявӣ ва равандҳои истеҳсолӣ, инчунин, истифодаи платформаҳои рақамӣ барои идоракунии фармоиш ва ҳамкорӣ бо муштариён муҳим аст. Барои соҳибкории истеҳсолӣ дар КАС истифодаи

технологияҳои рақамӣ барои назорат ва идоракунии равандҳои коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани низомҳои идоракунии маълумот барои таҳлили ҳосил ва оптимизатсияи таҷрибаҳои агрономӣ, инчунин, автоматикунонии равандҳои бастабандӣ ва ҷобаҷогузории маҳсулот тавассути технологияҳои муосир самаранокии баландтаринро нишон медиҳанд.

«...Дар ҳошияи ин, қайд кардан хеле муҳим аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ 28 декабри соли 2024 қайд карданд, ки «Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад» [42].

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси маҳзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили маҳзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии маҳзанҳои маълумот.

Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ» [42].

Ҳамин тариқ, ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурии мо саривақтӣ ва зарурати истифодаи технологияҳои рақамиро барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, беҳтар кардани сифат, оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ нишон медиҳанд.

5.3. Сармоягузорӣ ба иқтисоди «сабз» ҳамчун афзалияти стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Гузариш ба низомҳои нави иқтисодӣ ва бехатар дар шароити ҷаҳонишавии ҳодисаҳои обу иқлим ва дигар масъалаҳои ба ҳаёт ва саломатии аҳолӣ зарур тақозо менамояд, ки Тоҷикистон дорои чунин имкониятҳо буда, ҳарчӣ зудтар дар ҳудуди 90 дар 100 ба иқтисодиёти «сабз» гузарад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳаи кишоварзӣ фаъолияти асосии иқтисодӣ ва манбаи даромади аксарияти аҳолӣ мебошад, ҷорӣ намудани таҷрибаҳои сабз дар бахши аграрии иқтисоди миллӣ афзалияти стратегӣ мегардад. Илова бар ин, гуфтан мумкин аст, ки Тоҷикистон яке аз татбиққунандагони асосии консепсияи иқтисодиёти «сабз» маҳсуб ёфта, дорои имкониятҳои васеи захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ мебошад, ки ин масъала ба баландгардии самари иқтисодиёти миллӣ, махсусан, дар соҳаи кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Бо чунин имконият ва иқтидорҳои захираҳои гидроэнергетикӣ имкониятҳои рушди соҳаи кишоварзӣ имконпазир мегардад. Агарчанде ки як қатор мушкилот низ ҷой дошта бошанд, аммо чунин имтиёз метавонад ба рушди соҳаи кишоварзӣ, махсусан, иқтисодиёти аз лиҳози экологӣ безарар мусоидат намояд. Ин усулҳо на танҳо ба нигоҳ доштани захираҳо, балки ба беҳтар шудани сифати

замини коркард мусоидат мекунанд, ки дар дурнамои дарозмуддат ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таъсири мусбӣ мерасонанд.

Тибқи сарчашмаҳо «...маҳз барои ҳамин, дар «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сентябри соли 2022, №482 тасдиқ шудааст, дар бахши аграрии иқтисоди миллӣ вазифаи гузариши 30 фоизи хоҷагиҳо ба обёрии қатрагӣ, рақамикунонӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза (органикӣ) гузошта шудааст»[23].

Гузариш ба шаклҳои муосири технологияҳои рақамӣ аз як тараф ба муҳити экологӣ ва тақвияти иқтисодиёти сабз мусоидат менамояд ва аз дигар тараф босамаргардонии фаъолияти субъектҳои кишоварзиро метезонад. Дар навбати худ, маҳсулоте, ки бо технологияи сабз истеҳсол карда мешаванд, метавонанд ҳам дар бозорҳои дохилӣ ва ҳам дар бозорҳои байналмилалӣ рақобатпазиртар шаванд. Сертификатсияи маҳсулоти органикӣ барои деҳқонони тоҷик имкониятҳои нави содиротиро фароҳам меорад. Бо дарназардошти талаботи афзоянда ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дорад, ки дар бозори маҳсулоти органикӣ ҷойгоҳи худро ишғол намояд, ки ин метавонад ба манфиатҳои назарраси иқтисодӣ оварда расонад.

Ҷорӣ намудани таҷрибаҳои «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии маҳаллӣ мусоидат мекунад. Ин, ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳтар кардани шароити кор ва афзоиши даромади деҳқононро дар бар мегирад. Кишоварзии «сабз», инчунин, ба рушди ҷомеаи маҳаллӣ мусоидат намуда, ба деҳқонон имкон медиҳад, ки дар иқтисод фаъолтар иштирок карда, дар қабули қарорҳо дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти ба онҳо алоқаманд иштирок кунанд.

Мо чунин пешниҳод менамоем, ки дар сатҳи минтақавӣ рушди кишоварзии «сабз» вусъат дода шуда, истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар сатҳи самаранок густариш дода шаванд. Ин технологияҳо

метавонанд барои мутобиқшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим ва баланд бардоштани устувории кишоварзӣ кӯмак расонанд. Сармоягузорӣ ба таҳқиқоти илмӣ ва рушд дар соҳаи агрономия ва экология метавонад боиси эҷоди усулҳои нави самараноки соҳаи кишоварзӣ гардад.

Барои татбиқи бомуваффақияти стратегияи кишоварзии «сабз» иштироки фаъолонаи давлат дар таҳия ва татбиқи барномаҳо ва ташаббусҳои дахлдор зарур аст. Ин метавонад маблағгузорӣ, омӯзонидани деҳқонон, ташкили инфрасохтор ва дастгирии таҳқиқотро дар бар гирад. Сиёсати давлатӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии он бояд масири рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзиро муайян намуда, равишҳои ба рушд нигаронидашударо ба миён оварад, ки тавассути онҳо ҳама табақаҳои манфиатдор баҳра баранд.

Афзалияти стратегии барои рушди кишоварзии «сабз» ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки на танҳо сифати зиндагии аҳолиро беҳтар намояд, балки мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам гардонад. Қайд кардан зарур аст, ки кишоварзии «сабз» бояд роҳи минбаъдаи рушди устувори иқтисодӣ бошад, то дар доираи он таваҷҷӯҳ ба истеҳсолоти аз лиҳози экологӣ тоза бартарии бештар дода шавад. Ҳамчунин Тоҷикистон дар доираи таҳияи стратегияи муайяни соҳавӣ татбиқи афзалиятҳои онро ба таври доимӣ пайгирӣ менамояд.

Тибқи ин пешниҳодҳои мо дар “Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037”, чунин омадааст, ки «...дар давраи гузариши кишвар ба рушди устувор ва аз ҷиҳати экологӣ тоза соҳибкории истеҳсолӣ нақши калидиро ишғол мекунад. Ҳиссаи саноати коркарди бепартов то 80% дар соҳа зиёд карда шавад, корхонаю коргоҳҳо барои коркарди партовҳо ва нуқтаҳои қабули партовҳои сахти маишӣ барои коркарди минбаъдаи онҳо, инчунин, корхонаҳо дар самти истеҳсол ва васлкунии воситаҳои нақлиёти барқӣ ва истеҳсоли саноатии панелҳо ва таҷҳизоти офтобӣ таъсис дода шаванд» [23].

Дар шароити имрӯза аксар маврид истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди истеҳсолот ҷанбаҳои муҳими экологӣ дошта, истифодаи дурусти онҳо маводҳои ифлоскунандаи ҳаворо тоза менамоянд. Дар низоми умумии муҳити иқтисодӣ фаъолияти соҳибкорӣ ба сифати як ташаббус ва пешсафони асосӣ дар татбиқи ҳадафҳои ба рушд нигаронидашуда маҳсуб меёбанд ва соҳибкорон кӯшиш менамоянд, ки барои даромади максималии худ ҳамеша ба равандҳои инноватсионӣ такя намоянд.

Бояд қайд кард, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи иқтисоди «сабз» диққатро ба масъулияти экологии тиҷорат ҷалб мекунад. Ин, истифодаи захираҳои барқароршаванда, коркарди партовҳо ва кам кардани таъсир ба табиатро дар бар мегирад. Ширкатҳое, ки чунин таҷрибаҳоро амалӣ мекунанд, метавонанд ҳам дар бозорҳои дохилӣ ва ҳам дар бозорҳои байналмилалӣ бартариҳои рақобатӣ ба даст оранд. Дар «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» аҳаммияти таъсиси кластерҳо ва шабакаҳои ҳамкорӣ байни корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои илмӣ ва мақомоти давлатӣ таъкид шудааст. Ин ба ҳамкории мубодилаи дониш, технология ва захираҳо мусоидат мекунад, ки дар навбати худ раванди гузариш ба иқтисоди «сабз»-ро метезонад.

Дар ҷомеаи имрӯза нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар баробари доштани ҷанбаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ аз як қатор имконияту имтиёзҳои дигар бархурдор буда, тавассути имконияту иқтидори он рушди бомароми иқтисодиёти «сабз» дар амал татбиқ мегардад.

Ҳамаи ин заруриятҳоро ба инобат гирифта, давлат «...Стратегияи рушди иқтисоди (сабз) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037», вазифаҳоеро ба монанди: пешбурди иқтисоди (сабз) дар саноатикунонии кишвар ва таҳлили ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди (сабз) дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза (органикӣ) муайян кардааст» [23].

Агар дар заминаи саноатикунонии босуръати кишвар дар стратегияи зикршуда мақсад гузошта шуда бошад, ки арзиши иловашудаи маҳсулоти саноатӣ тавассути рушди муносибатҳои кластерӣ дар истеҳсолоти бепартов афзоиш дода шавад. Ҳамчунин, дар стратегияи мазкур чунин ишора шудааст, ки «...диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ дар заминаи технологияи навоварона ва таҳкими устуворii занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулот ва ғайра» [23].

«...Стратегияи рушди иқтисоди (сабз) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» ҳамчун воситаи индикативии банақшагирии рушди кишвар, самтҳои асосии рушди соҳибкории истеҳсолиро дар ин самт далелан муайян менамояд. Дар стратегияи мазкур зарурати амалишавии тадбирҳои зерин қайд карда шудааст» [23]:

- «...такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои рушди соҳаҳои растанипарварӣ, чорвопарварӣ ва моҳипарварӣ бо дарназардошти ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз»«[23];

- «...афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза (органикӣ)» [23];

- «...тақвияти содироти маҳсулоти кишоварзии органикӣ бо ворид шудан ба низоми умумии бархӯрдории тиҷорати Иттиҳоди Аврупо (GSP+) ва Британияи Кабир (UK GSP)» [23];

- «...афзоиши масоҳати гармхонаҳо бо истифода аз технологияҳои муосир, боғу токзорҳои интенсивӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ» [23];

- «...татбиқи технологияҳои «сабз» ва инфрасохтори «сабз» дар истеҳсолоти агросаноатӣ бо ҷорӣ намудани стандартҳо дар ин самт» [23];

- ҷорӣ намудани технологияи муосири селексияи растаниҳо ва ҳайвоноти кишоварзӣ, нигоҳдории ҳосилхезии хок, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои об[23];

- «...васеъ ҷорӣ намудани обёрии қатрагӣ бо истифода аз технологияҳои муосир дар ҳамаи ноҳияҳои кишвар» [23];

- «...ҷорӣ намудани истеҳсоли таҷҳизот барои обёрии қатрагӣ дар Тоҷикистон» [23];

- «...ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории «сабз» ба соҳаи кишоварзӣ» [23];

- «...тақвияти механизми субсидия додан ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин» [23];

- ташкили агрокластерҳои «сабз» дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;

- «...рақамикунонӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ ва масъалаҳои гендерӣ дар соҳаи кишоварзӣ татбиқ карда мешаванд» [23].

Тавре маълум аст, дар вилояти Хатлон дар заминаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ, ба монанди ҶСК ва ҶДММ, низоми обёрии қатрагӣ ҷорӣ карда шудааст. Ин усул аз ҷониби «...ширкатҳои ҶСП «Ҷунтай Хатлон Син Силу», ҶДММ «Водии Заррин» ва ҶСП «Ҷунтай Данғара Текстил Син Силу» амалӣ карда мешавад, ки дар ноҳияҳои Кӯшониён, Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ, Ҷайҳун, Ёвон ва Данғараи вилояти Хатлон фаъолият мекунанд. Аммо, дар соҳибкории аграрӣ истифодаи усули обёрии қатрагӣ то ҳол суст рушд мекунад. Дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2022 161 ҳазор гектар майдони боғу токзор мавҷуд буда, ҳамагӣ 845 гектари онро боғҳои интенсивӣ бо истифода аз усули обёрии қатрагӣ ташкил медиҳад» [31].

Дар маҷмӯъ, ҳаракат ба сӯйи иқтисоди «сабз» муайян кардани масъалаҳои ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолиро барои ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи экологӣ ва андешидани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми тамғагузории экологиро дар бар мегирад. Аз ин ҷиҳат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси таҳия ва қабули лоиҳаи қонун «Дар бораи маҳсулот» масъалаи муҳим буда, давраи ҳаётии молу маҳсулот, бастабандӣ, тамғагузорӣ, ихтиёрдорӣ ва нобудсозии онро ба

танзим дароварда, барои соҳибкории истеҳсолӣ роҳро барои ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар фаъолияти он боз мекунад.

Таҳлили масъалаҳои ташаккули иқтисоди «сабз» дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар кишвари мо барои коҳиш додани рафтори девиантии соҳаи соҳибкорӣ бояд, ки нисбати рӯзномаи сабз чорабиниҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат таҳия карда шаванд.

Пеш аз ҳама, ба назари мо, дар самти рафъи норасоии иттилоот ва навсозии низоми таълими иқтисодӣ ва экологӣ дар кишвар амалҳои кӯтоҳмуддат заруранд.

Дар шароити нави хоҷагидорӣ баҳодиҳӣ ва арзёбии иқтисоди «сабз» дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи нав буда, дар ин самт корҳои зиёди илмӣ ва сохторӣ корбарӣ шуда истодаанд. Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ зарурияте ба миён меояд, ки алоқамандӣ бо ҳокимияти қонунгузор вобаста ба иҷрои тавсияҳои Конфронси «Рио+20» ва фаҳмидани аҳаммияти консепсия ва стратегияи гузариш ба иқтисоди «сабз» муҳим ва зарурӣ буд.

Вобаста ба Стратегияи рушди «сабз» таҷрибаи дигар кишварҳо дар пешбурди воситаҳо ва усулҳои банақшагирии стратегии фаъолияти истеҳсолӣ ҳангоми таҳияи стратегияи рушди корхона донишҳои маҳдуд ва номукаммал доранд.

Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот гуфтан мумкин аст, ки амалҳои кӯтоҳмуддат барои ворид кардани соҳибкории истеҳсолӣ ба татбиқи Стратегияи иқтисоди «сабз» бояд, ки ташаккули фарҳанги экологии рафтори соҳибкоронро дар кишвар дар бар гирифта, роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегиро муҳаё намояд.

Вобаста ба ин пайгирии масъалаҳои зерин барои татбиқи ин раванд муҳим ва зарурӣ мебошад:

- Дар самти прогресси илмӣ-техникӣ ва тағйироти замони муосир бозбинии нақшаҳои амалкунандаи таълимии муассисаҳои МТТ ва ММ

кишвар ба самти тақвияти таваққӯҳ ба мавзуъҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сармояи табиӣ ва таъмини рушди тасаввуроти кӯдакон дар бораи инсон, ҷомеа, экология, тарзи ҳаёти солим ва соҳибкории экологӣ;

- вобаста ба талаботи замони муосир тибқи стандартҳои давлатии таълимӣ барои таъмини рушди устувор, аз қабили баинобатгирии шароити иқлимӣ, сарфакорӣ дар ҳама самту соҳа ва сохторҳо бодарназардошти риояи меъёрҳои экологӣ ва ғайри он;

- татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти ҷорисозии «Экология ва рушди устувор» ва «Иқтисоди соҳибкорӣ» дар тамоми муассисаҳои олии кишвар ва ташкили лабораторияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин самт ва пайгирии сиёсати давлат дар самти ташкили ихтисоси «иқтисоди сабз»;

- дар амалияи истеҳсолот вобаста ба меъёрҳои экологӣ истифода намудани таҷрибаи муваффақи хориҷӣ дар кишвар ва ғ.

Пешбурди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисоди «сабз» дар самти ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолӣ дар татбиқи афзалиятҳои соҳавии дар боби гузашта зикргардида бояд чорабиниҳои миёнамӯҳлатро низ пешбинӣ намояд.

Пеш аз ҳама, ин тавре ки дар боло қайд карда шуд, бо масъалаҳои «сабзгардонии/кабудизоркунии» кишоварзӣ ҳамчун самти самараноки фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ алоқаманд аст. «...Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ, ки дар мисоли хоҷагиҳои алоҳидаи кишоварзӣ гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки технологияҳои «сабз»-и кишоварзӣ метавонанд ҳосилнокиро, хусусан, дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ба таври назаррас баланд бардоранд»[142]. Ҳамзамон, «кабудизоркунии» бахши хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ тавассути таблиғот ва паҳн кардани усулҳои пешбурди кишоварзии устувор, метавонад роҳи аз ҳама самараноки паст кардани сатҳи камбизоатӣ гардад.

Муҳити васеъ ва имкониятҳои бемаҳдуди иҷрои вазифаҳои ҷойдошта дар сатҳи имкониятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ баназаргирии масъалаҳои зеринро ҳамчун зарурият дар назар дорад;

- истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва иқтидорҳои истеҳсолии дар ин замина ҷойдошта;

- истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва иқтидорҳои инсонӣ дар самти истеҳсолоти самаранок;

- арзёбии дурусти захираҳо ва дар заминаи он рушди самтҳои афзалиятноки истеҳсолот;

- дар сатҳи дастрас ва қобили имконият истифода намудани технологияҳои рақамӣ ва ғ.

Барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии кишвар бояд, ки дар муайян намудани ҳолати техникӣ ва мансубияти фондҳои асосии низомҳои обёрии мамлакат, фаъолияти вазорату идораҳои масъул ҷонноку фаъолтар карда шуда, мустаҳкам намудани фаъолияти онҳо ба ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мусоидат карда шавад.

Дар ин замина, механизми банақшагирии индикативӣ дар ҷумҳурӣ метавонад дар соддагардонии равишҳои умумииқтисодӣ, махсусан дар соҳаи саноат, кишоварзӣ ва бахши соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат намуда, дар бунёди пойгоҳҳои нави идоракунӣ вобаста ба рушди истеҳсолоти дохилӣ ва имкониятҳои содиротӣ мусоидати ҳаматарафа менамояд.

Аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқотии мо, таъкид кардан муҳим аст, ки дар консепсияи иқтисоди «сабз» яке аз механизмҳои бозории ҷорӣ намудани талабот ба идоракунии муҳити зист дар ҷараёни фаъолияти соҳибкорӣ, сертификатсияи экологӣ ва тамғагузории экологӣ мебошад. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҳама гуна ҳавасмандгардонии низоми тамғагузории маҳсулоти экологӣ танҳо ҳамон вақт метавонад дар бозор мустаҳкам шавад, вақте ки ҳадафҳои

ҳифзи табиат дар мадди аввал меистанд ва ба сатҳи баландтарини техника равона карда мешаванд.

Аз ин рӯ, ҳадафи сертификатсия ва тамғагузории экологӣ ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолӣ барои татбиқи технологияҳои «сабз» ва истеҳсолти экологӣ мебошад, ки дар ин самт давлатҳои дунё ва махсусан Тоҷикистон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда истодааст.

Дар шароити имрӯза тамғагузории экологӣ - аз байни гурӯҳҳои маҳсулоти якхела ҷудо кардани маҳсулоте мебошад, ки дар ҳама марҳилаҳои давраи ҳаёт ба муҳити атроф таъсири камтар мерасонад. Яке аз механизмҳои дар амал татбиқ намудани иқтисодиёти “сабз”, ин пеш аз ҳама риояи меъёрҳои бехатарии экологӣ буда, дар он имкониятҳои ба рушди устувор нигаронидашуда дар сатҳи зарурӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Тадбирҳою чорабиниҳои дарозмуддат оид ба пешбурди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварамон дар соҳаи иқтисоди «сабз» бояд ба масъалаи ҳифз ва истифодаи устувори сармояи табиӣ ҳамчун омили муҳимтарини истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар шароити муосир равона карда шаванд.

Дар ин замина, дар доираи механизми банақшагирии индикативӣ дар ҷумҳурӣ, ба андешаи мо, зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ Стратегияи нигоҳдорӣ ва рушди сармояи табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи дарозмуддат таҳия ва татбиқ карда шуда, дар он парвариши зироатҳои алтернативӣ, бо мақсади гузариш ба истеҳсоли онҳо дода шавад.

Инчунин, бо назардошти талаботи имрӯза, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиии кишвар механизми субсидия ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳод карда шавад. Аз ин рӯ, механизми банақшагирии индикативӣ дар ҷумҳурӣ бояд, ки муносибати мулоҳизакорона, фарққунанда ва марҳилавӣ ба ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории истеҳсолиро бо

назардошти хусусиятҳои истеҳсолӣ-технологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиӣ-географии минтақаҳои ҷумҳурии мо дар бар гирад.

Ҷанбаи алоҳидаи ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд ба ташаккули фондҳои махсуси молиявӣ рабт дода шавад. Ба андешаи мо, дар заминаи таҷрибаи хориҷӣ ва он имконияту имтиёзҳои иқлимию экологие чун бештар аз дигар давлатҳо дар мо муҳайё мебошад, зарурияти андешидани чунин чораҳо ҳатмист;

- боназардошти ҳама имкониятҳое, ки онро Тоҷикистон доро мебошад, рушд додани «Соҳибкории сабз» дар минтақаҳои алоҳида;

- тақвияти нерӯи зеҳнии сабз ва бозсозии минтақаҳои имконияти сайёҳидошта ҷиҳати ташкили манбаъҳои даромади иловагӣ ба аҳолӣ ва буҷети давлат;

- ташкили имкониятҳои нав ва имконпазири рушди «Саноати сабз», истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тоза ва дароз кардани давраи ҳаёти онҳо;

- барои ёрии амалӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ истифодаи «Техника ва тенологияи сабз», ки бидуни таъсири манфӣ расонидан ба муҳити экологӣ ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамоянд.

Дар маҷмӯъ, иқтисоди «сабз» барои соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурии мо имкониятҳои нав фароҳам меорад. Тавре натиҷаҳои «...Форуми иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2024 таҳти сарпарастии «Имкониятҳои нав барои рушди соҳибкорӣ» баргузор гардида буд, татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» натанҳо ба беҳтар шудани вазъи экологии кишвар, балки ба ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сабз ва дар ниҳоят ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкории ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард» [34].

ХУЛОСАИ БОБИ ПАНҶУМ

Афзалияти асосии стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кластерикунонии фаъолияти истеҳсолӣ ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ дар иқтисодиёти миллӣ мебошад. Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи рақобатпазириии истеҳсолоти экологӣ тавассути нерӯи соҳибкории истеҳсолӣ зарурияти кластерикунонӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Дар шароити муваффақиятҳои нави таълимӣ тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ прогресси илмӣ-техникӣ самаранок мегардад.

Яке аз механизмҳои асосие, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногун натиҷа дод, албатта, ин кластеризатсия бо истифода аз равишҳои нави ҳамгироӣ мебошад, ки дар баланд бардоштани самараи иқтисодии КАС дар Тоҷикистони муосир мусоидати ҳаматарафа менамояд.

Дар шароити имрӯза барои татбиқи равишҳои нав ва муосиркардашудаи кластерӣ барои фароҳам овардани имкониятҳои нави рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва дар баробари ин рушди КАС талаб менамояд, ки аз имкониятҳои агроиқлимӣ ва захираҳои бойи табиии минтақаҳои кишвар дар сатҳи самаранок истифода намуда, кушиш намоем, ки механизмҳои нави татбиқи иқтисодиёти рақамиро дар сатҳи зарурӣ истифода намоем.

Имрӯзҳо, ба андешаи мо, зарур аст, ки бо дарназардошти аҳаммияти махсуси кластерикунонии иқтисоди миллӣ дар шароити муосир, бо дарназардошти манфиатҳои умумимиллӣ дар Тоҷикистони рӯ ба рушд барномаҳои махсуси давлатӣ дар самти кластерикунонии иқтисоди миллӣ дар фазои васеи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ қабул карда шавад.

Афзалияти дигари стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун

омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ баромад мекунад. Дар шароити имрӯза муҳити фаъолияти соҳибкорӣ васеъ буда, дар заминаи имкониятҳои рақамӣ метавон баъзе шаклҳои дигари онро низ, ки тамоми шаҳрвандон новобаста аз қобилият метавонанд иштирок намоянд, ташкил намуд. Ҳамзамон бо ин, рақамикунонии фаъолияти истеҳсолӣ афзалияти калидӣ мебошад. Тавассути дастгоҳҳои рақамӣ дар муҳити соҳибкории истеҳсолӣ метавон як қатор имкониятҳои самарабахшро ба миён оварда то дар он суръатбахшии истеҳсол, ҳосилнокии меҳнат ва як қатор имкониятҳои дигар фароҳам оварда шаванд.

Дар баробари ҳамаи ин гуфтаҳо дар Тоҷикистон рушди кишоварзии «сабз» низ мвофиқи мақсад буда, дар он нигоҳдории меъёрҳои экологӣ, хоку иқлим ва монанди инҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ тақвият дода мешавнд.

Ин усулҳо на танҳо ба нигоҳ доштани захираҳо, балки ба беҳтар шудани сифати хок мусоидат мекунанд, ки дар муҳлати дарозмуддат ба рушди устувори бахши кишоварзӣ мусоидат мекунанд.

Паҳншавии принсипҳои иқтисоди «сабз» дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар низ аҳаммияти муҳим дорад. Соҳибкории истеҳсолӣ муҳаррики асосии ҷорӣ намудани технологияҳо ва усулҳои инноватсионӣ мебошад, ки ба коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист мусоидат мекунад. Рушди истеҳсолоти «сабз» ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ мусоидат мекунад. Ин омилҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши «сабз» ба беҳтар шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Ҳамчунин, соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи иқтисодиёти «сабз» ба масъулияти экологии тиҷорат диққат медиҳад ва дар татбиқи стратегияи иқтисодёти «сабз» дар Тоҷикистон нақши муҳим мебозад.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

1. Арзёбии равишҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ниҳоди фаъоли иқтисодӣ, ки имконият ва иқтидори бозсозӣ ва бозофаринӣ дорад, баррасӣ гардида, дар ин замина, дарёфти андешаҳои нави илмӣ марбут ба равишҳои нисбатан пешрафтаи фаъолияти соҳибкорӣ, бунёди равишҳои нави фаъолият ва истеҳсолоти марбут ба ин соҳа, ҳамчунин, азхудкунии истеҳсолот ва як қатор масъала ва омилу механизмҳои хоси дигарро дар худ таҷассум менамояд, ки дар раванди таҳқиқот мо онро баррасӣ намудем. Мустақилияти рушди соҳибкорӣ аз нуқтаи назари илмӣ, методӣ ва амалӣ метавонад ба василаи як омили пешрафта ҳиссагузор будани худро дар муҳити васеи иқтисодӣ бо таъмини рушди он собит намояд. Ташкили шаклҳои мустақилиятшудаи фаъолияти соҳибкорӣ барои тақвияти равандҳои тиҷоратию истеҳсолӣ тавассути барнома ва стратегияҳои муайян имконпазир мебошад, ки ба он тамоми шахсони манфиатдор тавонанд иштирок варзанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки моҳияти соҳибкорӣ бештар дар омезиши тамоми вазифаҳои ба ӯ хос ба таври маҷмӯӣ зоҳир мегардад, вале амалишавии онҳо ба дастгирии давлатӣ, танзими давлатии соҳибкорӣ ва интихобу татбиқи ҳадафҳои миллии рушди кишвар вобаста аст [2-М, 6-М, 18-М].

2. Дар сатҳи баррасӣ ва арзёбиҳои илмӣ бар василаи масъалаҳои муҳимтарини назариявию методологии омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ, масъалаи асоснок гузаронидани таснифоти намуд ва шаклҳои он мебошад. Дар ин росто, муайян намудани афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба вазъи кунунӣ ва рушди ояндаи фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар ва ҳам ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ манфиатдор мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ хусусияти мураккаб дорад ва онро ҳамчун натиҷаи ҳамбастагии дастгирии бевоситаи давлатӣ ва соҳаҳои бахши воқеии иқтисоди миллии кишвар,

инчунин ҳамчун асоси таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва рушди устувор бояд баррасӣ кард [2-М, 16-М, 22-М].

3. Дар илми иқтисодӣ соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун навъи фаъолияти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси истифодаи комплексии омилҳои истеҳсолот бо мақсади фурӯши минбаъдаи молҳои дорои шакли моддӣ ба дигар субъектҳои бозор, амалӣ карда мешавад. Лекин аз нуқтаи назари сохтор, мақсад ва манфиатҳои ҳар як иқтисоди миллӣ моҳияти он дар истеҳсоли маҳсулот, ҷустуҷӯ ва ташаккули талабот ба мол зоҳир меёбад. Ҳаракати сармоя дар раванди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ҳатман се марҳиларо мегузарад: марҳилаи шакли пулии сармоя, марҳилаҳои шакли истеҳсолӣ ва молӣ, ки дар марҳилаи охирин, пас аз анҷоми раванди истеҳсолӣ, ба нуқтаи ибтидоии худ, яъне ба шакли пулӣ бармегардад ва ҳаҷми он нисбат ба сармояи аввалияи сарфкардашуда бо андозаи фоидаи соҳибкор зиёд мешавад. Дар шароити муосир барои соҳибкории истеҳсолӣ ноил шудан ба чунин натиҷаи мақсаднок имконпазир аст, ба шарте ки он талошҳои худро дар раванди истеҳсоли молҳо ба фаъолияти инноватсионӣ равона кунад [1-М, 2-М, 6-М, 17-М].

4. Коркардҳо ва натиҷаҳои бадастоварда ба он далолат доранд, ки диверсификатсияи фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон роҳи ягонаи расидан ба натиҷаҳои назарраси ба рушд нигаронидашуда мебошад. Имрӯзҳо самтҳои муҳими рушди соҳибкорӣ, дар маҷмӯъ масъалаҳои кластерикунонӣ, рақамисозӣ ва иқтисоди «сабз» мебошанд. Таъкид дар таснифоти намуд ва шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар ин самтҳо, имконияти фаҳмиши беҳтарро дар самти чӣ гуна, масалан, кластерҳо ба муттаҳид кардани захираҳо ва кӯшишҳо кӯмак мерасонанд, рақамисозӣ барои навоварӣ имкониятҳои нав мекушояд ва иқтисоди «сабз» ба муҳити устувортар ва масъулиятноки соҳибкорӣ мусоидат мекунад, ба миён меорад. Ҳамаи ин ҷанбаҳо барои муайян намудани афзалиятҳои

рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир муҳим мебошанд [17-М, 23-М, 27-М].

5. Таҷрибаи гузариши кишварҳои собиқ низоми сотсиалистӣ ба муносибатҳои бозорӣ нишон медиҳад, ки мавҷудияти хароҷоти баланди транзаксионӣ ва фидусиарӣ бояд мавриди пайгирӣ ва назорати қатъӣ қарор гирифта, дар он имкониятҳои нав бо механизмҳои нав дар муҳити омилҳои имконпазир ташаккул дода шаванд. Дар самти дастгирии бахши соҳибкории истеҳсолӣ дастгирии бахши давлатӣ муҳим ва зарурӣ буда, дар ин замина манфиати соҳибкорон бо давлат ба ҳам алоқамандӣ ва ҳамбастагии зич доранд. Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки тавсеаи амалияи банақшагирии индикативӣ дар иқтисоди миллӣ тавассути таҳия ва қабули барномаҳои рушди давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, натанҳо татбиқи ҳадафҳои миллии рушди кишварро дар маҷмӯъ таъмин менамояд, балки соҳибкории истеҳсолиро барои истифодаи васеи воситаи идоракунӣ, ба монанди банақшагирии тиҷорат дар муҳити тағйирёбандаи дохилӣ ва хориҷӣ ҳавасманд мекунад [18-М].

6. Таҳқиқоти рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ ё ба таври дигар, дуршавии эҳтимолӣ аз вектори бозории рушд ва ҳамзамон, принсипҳои рушди стратегии кишвар имкон медиҳад, ки субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд»-и иқтисодиёти миллӣ баррасӣ карда шаванд. Чунин равиши институтсионалӣ ба таҳлили субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки ду марҳилаи институтсионализатсияи онҳо ё ба таври дигар, ҷалб кардани онҳо ба фаъолияти ба манфиати кишвар ҷавобгӯро ҷудо кардан мумкин аст.

Марҳилаи аввал – дарёфти роҳҳои имконпазири дастгирии бахши соҳибкории истеҳсолӣ тавассути механизмҳои молиявӣ, сохторӣ ва имтиёзӣ, ба хотири рушди иқтисодиёти миллӣ ва зиндагии шоистаи аҳолӣ;

Марҳилаи дуюм – банақшагирӣ ва ояндабинӣ дар самти истеҳсолоти ояндадор ва дар заминаи ин пешгуйии ҳолатҳои бӯҳронӣ ва истифодаи механизмҳои зиддибӯҳронӣ дар сурати мувоҷеҳ шудан ба он. Ҳамчунин, кафолати ҳифзи иҷтимоии корфармоён ва кормандон, ташаккули низоми миллии молиявӣ ва устувории қурби пули миллӣ [18-М, 21-М].

7. Баррасӣ ва арзёбии зарурияти мавҷудияти субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд» ва афзори асосии пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ дар қолаби ба низом даровардашудаи институтсионалӣ. Дар адабиёти махсуси иқтисодӣ ба асосноккунии назариявии интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир равишҳои гуногуни консептуалӣ мавҷуданд, яъне: модели назариявии идоракунии стратегии корхона; назарияи давраи ҳаётии маҳсулот ва консепсияи муносибати бисёрфакторӣ ба омӯзиши падидаҳои иқтисодӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки дар нисбати иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявии интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд бо равишҳои назариявӣ, аз қабили: назарияи захиракунӣ ва сафарбарсозии захираҳо, ҷойивазкунии молҳои воридотӣ, корбарӣ бо усулҳои рақобатпазирӣ, истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва навсозии онҳо. Бинобар ин ва бо дарназардошти тамоюл ва тағйиротҳои ҷаҳонишавӣ дар сатҳи мутавозин якқатор самтҳои интихобшудаи афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолии кишварро қайд кардан мумкин;

